*В последние годы наблюдается распространение понятия цифровой экономики, а в перспективе она сможет вытеснить из нашей жизни материальную составляющую. Анализ различных определений показывает, что данный вид экономики следует рассматривать как киберфизическую систему. При этом многие субъекты экономики полагают, будет ли вероятность того, что цифровая экономика позволит эффективно развиваться бизнесу или сможет воздействовать на внутреннюю и внешнюю среду международного бизнеса.*

*В статье рассмотрено развитие цифровой экономики в отечественных социально-экономических системах, а также понятие цифровой экономики, модификация сферы информационно-коммуникационных технологий (ИКТ), преимущества цифровой модификации всех хозяйствующих субъектов, цифровая модель экономики в развитии сферы услуг в Таджикистане, подходы отечественных ученых к понятию “бытовых услуг”, влияние различных факторов на бытовые услуги, особенности IT-рынка в Таджикистане и определение приоритетов для дальнейшего развития цифровой экономики Таджикистана. В условиях рыночных отношений цифровая экономика является составной частью информационной (цифровой) среды, формируемой в соответствии с потребностями реального сектора экономики и запросами социума, изменяющихся под воздействием технологических инноваций.*

***Ключевые слова:*** *цифровизация, цифровые технологии, цифровая экономика, цифровая экосистема, трансформация экономики, классификация бытовых услуг, IT -рынок, IT -услуги, IT -индустрия, концепция цифровой экономики*

В последние годы наблюдается распространение понятия цифровой экономики, а в перспективе она сможет вытеснить из нашей жизни материальную составляющую. Анализ различных определений показывает, что данный вид экономики следует рассматривать как киберфизическую систему. При этом многие субъекты экономики полагают, будет ли вероятность того, что цифровая экономика позволит эффективно развиваться бизнесу или сможет воздействовать на внутреннюю и внешнюю среду международного бизнеса.

В последние годы произошла модификация сферы информационно-коммуникационных технологий (ИКТ), где не могут воздействовать на всевозможных направлениях функционирования субъектов экономики, а при помощи Интернета они смогут реализовывать свою продукцию (услуги) в любом направлении мира. При минимальных вложениях, можно открыть компанию и развиваться быстро. ИКТ позволяют минимизировать издержки, а также повысить результативность и

продуктивность труда в сферах и отраслях экономики. Однако учитывая цифровую экономику предприятий и организаций на рынке, становится трудней, потому что возрастает ненадежность и появляется не конкретность при принятии стратегических решений. Также, модификация технологии цифровой экономики позволит создать инновационные рыночные требования для бизнеса. Поэтому предприятиям и организациям необходимо разработать и внедрить инновационные конкурентные стратегии и повысить эффективность конкурентной борьбы на основе результативного использования цифровых ИКТ [10, 19].

При изучении экономической литературы нами были выделены преимущества цифровой модификации всем хозяйствующим субъектам:

1. Совершенствование процессов. Инновационные технологии автоматизируют процессы, где можно результативно применить имеющиеся ресурсы.

2. Разработка и внедрение инновационной технологии для получения дохода.

3. Создание персональной и привлекательной инфраструктуры для обслуживания и удовлетворения потребностей клиентов.

Предприятия, организации и другие сектора экономики, стремительными темпами стали использовать инновационные технологии цифрового процесса, потому что это требование современного рынка, где необходимо быть конкурентоспособными.

Нами были изучены работы зарубежных и отечественных авторов, где были предложены понятие цифровой экономики и выявлено отличие каждого исследователя (табл. 1).

**Таблица 1. Понятие зарубежных и отечественных ученых о цифровой экономики**

| Авторы | Понятие |
|---|---|
| I. Российские ученые | |
| Асанов Р.К. [1] | это экономика, основанная на производстве электронных товаров и сервисов высокотехнологичными бизнес-структурами и дистрибуции этой продукции при помощи электронной коммерции |
| Бондаренко В.М. [4] | это целостная, системная, комплексная проблема нахождения той модели отношений между людьми, которая совместима с технологиями четвертой промышленной революции, то есть с цифровыми технологиями и другими высокими технологиями XXI века, и в своем формировании, развитии и реализации должна обеспечивать достижение объективно заданной цели. |
| Варламов К.В. [5] | это уклад, в котором происходит системный и последовательный перевод в цифровой<br><br>вид традиционных форм деловых и производственных отношений, форм взаимодействия населения и |

| | |
|---|---|
| | предприятий с государством |
| Грибанов Ю.И. [6] | это новая хозяйственная реальность, характеризующаяся следующими обстоятельствами: то есть завершающий этап глобализации, в котором происходит оцифровка всех мировых богатств и ресурсов; осуществляется формирование новых каналов внутри и вне системных взаимодействий на основе платформ; происходит смена модели расчета эффективности – от произведенных богатств к выполненным транзакциям; намечается смена парадигмы управления: от иерархии управленцев к иерархии алгоритмов и платформ. |
| Лапидус Л.В. [11] | это совокупность отношений, складывающихся в процессе производства, распределения, обмена и потребления, основанных на онлайн-технологиях и направленных на удовлетворение потребностей в жизненных благах, что, в свою очередь, предполагает формирование новых способов и методов хозяйствования и требует действенных инструментов государственного регулирования |
| Стародубцева Е.Б., Маркова О.М. [18] | это совокупность отраслей, связанных с появлением новых технологий и развитием робототехники, в которых применяются цифровые платформы, новые технологии, робототехника, смарт-технологии и др. |
| II. Отечественные ученные | |
| Раджабов Р.К., Саидова М.Х., Джабборов А., Исоков А.А. [16] | эта часть экономических отношений, которая опосредуется Интернетом, сотовой связью и информационно-коммуникационной технологией |
| Ашурова Т.А. Бадалов М.Т. [2] | это экономическая деятельность, в которой ключевым фактором производства являются цифровые данные, обработка больших объемов информации и использование аналитических результатов, и по сравнению с традиционными формами управления может повысить эффективность различных видов производства, технологий, оборудований, складов, продаж, транспортировки и услуги. |

| | |
|---|---|
| Тулиев М.С. [20] | это внедрение цифровых технологий в деятельность различных хозяйств, действующих в системе народного хозяйства и государственных структурах в режиме реального времени, дополненное широким использованием Интернета и информационно-коммуникационных технологий. |
| Исмоилов Ш.М. Худжакулов Р.Б. [7] | цифровая экономика в широком смысле означает простое использование информационных технологий в производстве, управлении, коммуникациях. |

Изучив понятия вышеперечисленных авторов, выявлено, что упор сделан на информационную компьютерную технологию (Интернет).

Необходимо отметить, что нынешняя цифровая экономика определяется по трём уровням (рис. 1).




**Рисунок – 1. Уровни взаимодействия национальной цифровой экономики**

Автор работы [15] о цифровой экономики, отметил ее систему управления инновационными средствами и методами обработки данных, которая является одной технологической платформой. Также были выявлены инновационные принципы экономических технологий, такие как разработка инновационных бизнес-моделей, взаимосвязь информационных технологий, их методов и снижение издержек. Однако эти принципы в процессе реального сектора экономики характерны для традиционного экономического уклада инструменты анализа и прогнозирования не всегда будут эффективны в глобальной цифровой среде, поэтому трансформация экономики требует применения во всех хозяйствующих процессах мощнейших инструментов и методов сбора и анализа данных [10].

Таким образом, благодаря информационным технологиям происходит непосредственное управление взаимодействием между потребителем и производителем, т.е. потребитель может самостоятельно управлять оказываемыми на него маркетинговыми влияниями. В концепции классического маркетинга реализация подобного управления представляется невозможной, однако с развитием цифрового

маркетинга потребитель зачастую выступает тем регулирующим звеном, которое осуществляет настройку каналов коммуникаций и взаимодействия производителя с ним, а маркетологи могут лишь отслеживать это осуществляемое потребителем управление и реагировать на него, что в очередной раз подтверждает необходимость высокой степени гибкости в маркетинговой стратегии новых товаров. Развитие информационных технологий приводит компании к необходимости развития цифрового маркетинга.

Развитие программы цифровой экономики переводит нас на взаимодействие с потребителем в рамках цифрового пространства, однако до конца не определено, хранит ли в себе цифровое пространство достаточно информации о потребителях.

Особое внимание в создании ЦЭ было уделено Всемирным банком [21]. В таблице 2 нами приведены различные ее определения.

***Таблица 2. Основные понятия цифровой экономики [12]***

| № | Авторы | Определение |
|---|---|---|
| 1. | Правительство Австралии | Глобальная сеть экономических и социальных видов деятельности, которые поддерживаются благодаря таким платформам, как интернет, а также мобильные и сенсорные сети |
| 2. | Всемирный банк | Система экономических, социальных и культурных отношений, основанных на использовании цифровых информационно-коммуникационных технологий |
| 3. | Оксфордский словарь | Экономика, которая главным образом функционирует за счет цифровых технологий, особенно электронных транзакций, осуществляемых с использованием Интернета |
| 4. | BCS, Великобритания | Ведение бизнеса на рынках, опирающихся на Интернет и/или Всемирную паутину |
| 5. | ОЭСР (Организация экономического сотрудничества и развития ) | Рынки на основе цифровых технологий, которые облегчают торговлю товарами и услугами с помощью электронной коммерции в Интернете |
| 6. | Исследовательский центр журнала | «Economist» и компания IBM Экономика, способная предоставить высококачественную ИКТ инфраструктуру и мобилизовать возможности ИКТ на благо потребителей, бизнеса и государства |

| | | |
|---|---|---|
| 7. | Правительство Великобритании | Производство цифрового оборудования, издательская деятельность, медийное производство и программирование |

***Источник: Составлено по данным онлайн опроса Аналитического центра при Правительстве Российской Федерации с 12 по 25 января 2017г. //Цифровая экономика - на пути к долгосрочной стратегии. https://www.crn.ru/news/detail.php?ID=116780***

Исходя из этого, нами определено, что в цифровую модель экономики входят элементы: электронная коммерция; банкинг; платежи; интернет-реклама; интернет-игры, которые способствуют росту плодотворности труда, конкурентоспособности предприятий и организаций, снижению издержек производства, росту занятости, своевременному удовлетворению потребностей человека, снижению бедности и др.

Ф. Ловелоком была предложена классификация услуг (табл. 3), которая определяет услуги [17].

***Таблица 3. Классификация услуг Ф. Ловелока***

| № | Основные классы услуг | Сферы услуг |
|---|---|---|
| 1. | Осязаемые действия, направленные на тело человека. | Здравоохранение, пассажирский транспорт, салоны красоты и парикмахерские, спортивные заведения, рестораны и кафе. |
| 2. | Осязаемые действия, направленные на товары и другие физические объекты. | Грузовой транспорт, ремонт и содержание оборудования, охрана, поддержание чистоты и порядка, прачечные, химчистки, ветеринарные услуги. |
| 3. | Неосязаемые действия, направленные на сознание человека. | Образование, радио и телевизионное вещание, информационные услуги, театры, музеи. |
| 4. | Неосязаемые действия с неосязаемыми активами. | Банки, юридические и консалтинговые услуги, страхование, операции с ценными бумагами. |

Классификацию услуг также можно провести, сравнивая степень их неосязаемости (рис. 2).



***Рисунок – 2. Сравнение услуг по степени их неосязаемости***

Совокупность всех видов ВЭД, входит в сферу услуг (сегмент бытовые услуги). При этом, РБУ необходима поддержка государства, где необходимо внести изменения в законодательстве, а также валютных курсов.

В применении инновационно-технологических управленческих решений в сфере обслуживания бытовых услуг лежит создание маркетингового процесса для роста объёма осуществления этих услуг населению [8].

При определении потребителей РБУ необходимо выявить их особенности:

- неопределенность уровня качества услуг до ее потребления;
- не всегда удаётся определить цену услуги, здесь требуется дополнительное общение с потребителем услуги;
- рынок бытовых услуг имеет спрос с признаками выраженной сезонности.

Существуют различные подходы отечественных ученых к понятию «бытовые услуги» (табл. 4).

***Таблица 4. Подходы отечественных ученых к понятию «бытовых услуг»***

| Авторы | Характеристика |
|---|---|
| Исмоилова Д.М. [8] | БУ – это труд, воплощающий в той или иной потребительной стоимости, которая способна удовлетворить личные потребности людей |
| Фозилханов Д.О. [22] | БУ - представляют собой результаты деятельности субъектов по оказанию услуг в материальной и нематериальной форме по удовлетворению потребностей общества с целью повышения благосостояния населения |
| Саломова У.Т. [17] | БУ - воздействуют на повышение производительности труда работников, которые улучшают социально-бытовые |
| Бабаева П.М. [3] | БУ - результаты деятельности экономических агентов, направленных на оказание услуг коллективного и индивидуального характера, как в материальной, так инематериальной форме с целью получения прибыли и удовлетворения личных и общественных потребностей |

Социально-значимые бытовые услуги, оказываемые жителям, это, прежде всего, персональные (индивидуальные) услуги первой необходимости, которые необходимы для удовлетворения физиологических и социально-культурных потребностей человека, в первую очередь социально уязвимым.

В нынешних условиях потребителями СБУ являются жители, у которых имеется высокий и средний уровень дохода и это позволяет обеспечить на этом рынке сбалансированность между спросом и предложением. Анализ функционирования СБУ в Таджикистане, показал, что у жителей республики уровень жизни ниже планки, при этом они стараются всё делать своими силами.

В Республике Таджикистан на сегодняшний день произошел рост объёма бытовых услуг, а также качества обслуживания. Данные объёма платных услуг в 2020

году составляли 13205,2 млн. сомони, а объём бытовых услуг составлял 4253,8 млн. сомони, следовательно, объём платных услуг по сравнению с 2010 годом возрос в 2,46 раза, а объём бытовых услуг в 2,02 раза. Это говорит о тенденции роста сферы услуг и его сегмента бытовых услуг.

При изучении рынка сферы услуг, нами также были выявлены факторы, которые влияют на развитие РБУ




***Рисунок 3 - Факторы, влияющие на развитие рынка бытовых услуг***

Важно отметить, что на РБУ значительные услуги выполняют индивидуальные предприниматели, которые вынуждены повышать тарифную плату, потому что им необходимо платить за аренду помещения, а также для получения кредитов в банках. Из-за этих проблем им приходится минимизировать свои финансовые ресурсы для приобретения материалов, а это все сказывается на уровне качества оказания услуг.

Республика Таджикистан от индустриально-аграрной экономики переходит к информационно-сетевой экономике. Это позволяет создать новый бизнес, а также разработать и внедрить инновационные продукты и технологии.

Цифровая культура позволить более эффективно использовать инновационные информационные технологии на РБУ.

В «…Послании Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона парламенту Республики Таджикистан, от 26.12.2019, было отмечено, что правительству необходимо принять меры, для роста валового внутреннего продукта Республики Таджикистан к 2020г. до восьмидесяти семи целых и четыре сотых миллиарда сомони, темп роста должен быть повышен до семи целых восьми сотых процента, а доходная часть бюджета в объеме 26 миллиардов сомони. Использование цифровизации позволит получить эти результаты…» [13].

На основе «…Концепции цифровой экономики в Республике Таджикистан» от 30.12.2019г., №642, был разработан и принят проект «…Программы Среднесрочного развития на 2021-2025 годы» от 16 июня 2021 года № 4, где был сделан акцент на цифровую экономику [9, 14].

ИКТ цифровой экономики, это основа управленческой деятельности, которая играет важную роль в кадровом вопросе, то есть некоторые профессии станут не востребованы. Поэтому при разработке программы цифровой экономики Республики Таджикистан важно учесть допустимые риски.

Следовательно, использование цифровых технологий в сфере бытовых услуг позволит приблизиться к ожидаемым требованиям клиентской базы, а также создадут необходимые условия для оказания качественного бытового обслуживания населения в Республике Таджикистан.

## Литература


1. Асанов Р.К. Формирование концепции «цифровой экономики» в современной науке/ Р.К. Асанов// Социально-экономические науки и гуманитарные исследования. – 2016. – № 15. – С. 143-148.
2. Ашурова Т.А., Бадалов М.Т. Идоракунии тағйирот дар ташаккул ва рушди мутахассисони касбӣ барои кадрҳои иқтисодиёти рақамӣ [Захираи электронӣ]. – Реҷаи вуруд: https://www.hgu.tj/ru/news/media/item/192.html (Вақти даромад: 11.09.20201).
3. Бабаева П. М. Повышение социально-экономической эффективности бытового обслуживания населения в условиях рыночных отношений (на материалах Республики Таджикистан): диссертация ... к.э.н: 08.00.05 / П. М. Бабаева; [Место защиты: Таджикский государственный университет коммерции], 2019. -145с.
4. Бондаренко В.М. Мировоззренческий подход к формированию, развитию и реализации «цифровой экономики»/ В.М. Бондаренко// Современные информационные технологии и ИТ-образование. -2017. -Т.13, №1. -С. 237-251.
5. Варламов К.В. Российская Венчурная компания, 06.07.2017 [Электронный ресурс]. –Режим доступа: https://www.rvc.ru (дата обращения: 08.09.2021)
6. Грибанов Ю.И., Репин Н.В., Руденко М.Н. Развитие информационной инфраструктуры управления предприятием на основе ИТ-аутсорсинга/ Ю.И. Грибанов, Н.В. Репин, М.Н. Руденко. -М.: Креативная экономика, 2019. -220с. -С.69
7. Исмоилов Ш.М. Перспективы развития цифровой экономики в условиях Республики Таджикистан/ Ш.М. Исмоилов, Р.Б.Худжамкулов, М.Д.Лутфуллоев // Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. – 2020, №3 (84). С.41-46.
8. Исмоилова Д.Н. Формирование системы управления рынком бытовых услуг. Автореф. дисс. … канд. экон. наук:08.00.05/Д.Н. Исмоилова – Душанбе: 2004, -С. 9.
9. Концепции цифровой экономики в Республике Таджикистан, от 30.12.2019г., №642
10. Қурбонов М.А., Исматуллои Ш. Таҳлили ташакулёбии самтҳои тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ М.А. Қурбонов, Исматуллои Ш.// Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. -2020. Т. 2. -№ S1-4 (80). -С. 251-255.
11. Лапидус Л. В. Цифровая экономика: управление электронным бизнесом и электронной коммерцией: монография (стереотипное издание)/ Л. В. Лапидус. - Москва: Москва, 2020. -381с. – С. 74.
12. Онлайн опрос Аналитического центра при Правительстве Российской Федерации с 12 по 25 января 2017г. //Цифровая экономика - на пути к долгосрочной стратегии. https://www.crn.ru/news/detail.php?ID=116780
13. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона парламенту Республики Таджикистан (г. Душанбе) от 26.12.2019.
14. Программа Среднесрочного развития на 2021-2025 годы, от 16 июня 2021 года № 441.

15. Паньшин Б.Н. Факторы актуальности и понятие цифровой культуры/ Relevance factors and the concept of digital culture / B. N. Panshin // Тенденции экономического развития в XXI веке: материалы II Междунар. науч. конф., Минск, 28 февр. 2020г. / Белорус. гос. ун-т ; редкол.: А. А. Королёва (гл. ред.) [и др.]. – Минск : БГУ, 2020. – С. 574-578.
16. Раджабов Р.К,. Цифровая экономика: состояние и перспективы развития в Республике Таджикистан. / Р.К. Раджабов, М.Х. Саидова, А.И. Джабборов, А Исоков. // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических и социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «Сино», 2017, № 2/8 - С.107-112.
17. Саломова У.Т. Исследование факторов, влияющих на формирование спроса на услуги бытового сектора потребительского комплекса Таджикистана/ У.Т. Саломова//Творчество молодых инновационному развитию Казахстана. Материалы межд. науч. техн. конф. студентов, магистров и молодых ученых (9-10 апреля 2015г.). – Усть-Каменогорск: ВКТТУ, 2015. – ч.5. 428-430с.
18. Стародубцева Е. Б. Цифровая трансформация мировой экономики / Е. Б. Стародубцева, О. М. Маркова // Вестник АГТУ. Экономика. 2018. №2. С.7–15.
19. Стародубцева Е.Б., Маркова О.М. Цифровая трансформация мировой экономики/ Е.Б. Стародубцева, О.М. Маркова // Вестник АГТУ. Серия: Экономика. - 2018. -№2. -С.7-15.
20. Тулиев М.С. Вопросы моделирования оказания электронных услуг в условиях цифровой экономики [Текст] / М.С. Тулиев, Р.С. Исаев // Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. - 2020. - № 2 (83). - С. 39-47.
21. Урманцева А. Цифровая экономика: как специалисты понимают этот термин/ А. Урманцева // РИА Новости. https://ria.ru/ science/20170616/1496663946.html.
22. Фозилханов Д.О. Формирование и развитие рынка бытовых услуг в сельских территориях Таджикистана/ Автореферат дисс.…канд.экон. наук:08.00.05/Д.О.Фозилхонов – Душанбе, 2009. –23с.

## АСОСИ НАЗАРИЯВИИ ХИЗМАТРАСОНИИ МАИШӢ БА АХОЛӢ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАШТАН БА ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

**ҚУРБОНОВ МАҲМАРАСУЛ АБДУҚОДИРОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисод, дотсент,
директори парки технологии "ТОҶ"-и ДДТТ.
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2, ДДТТ.
Тел.: (+992) 936-00-01-86. E-mail: kmahmarasul@gmail.com
**ИСМАТУЛЛОИ ШЕРХОН,**
унвонҷӯ, сармутахассиси шуъбаи магистратураи
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: 900-85-85-13 E-mail: ismatullo_0492@mail.ru

*Солҳои охир паҳншавии мафҳуми иқтисодиёти рақамӣ мушоҳида мешавад ва дар оянда он метавонад ҷузъи моддиро аз ҳаёти мо берун намояд. Таҳлили таърифҳои гуногун нишон медиҳанд, ки ин навъи иқтисодиёт бояд ҳамчун системаи киберфизикӣ ба назар гирфта шавад. Дар баробари ин, бисёре аз субъектҳои иқтисодӣ боварӣ доранд, ки оё эҳтимолияти иқтисоди рақамӣ имкон медиҳад, ки тиҷорат ба таври назаррас рушд намояд ё ба муҳити дохилӣ ва хориҷии тиҷорати байналмилалӣ таъсир расонанд.*

*Дар мақола рушди иқтисоди рақамӣ дар системаҳои иҷтимоию иқтисодии миллӣ, инчунин мафҳумҳои иқтисодиёти рақамӣ, тағир ёфтани соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК), афзалиятҳои рақамикунонии тамоми субъектҳои хоҷагӣ, амсилаи рақамии иқтисодиёт дар рушди соҳаи хизматрасонӣ дар Тоҷикистон, равишҳои олимони ватанӣ ба мафҳуми "хизматрасонии маишӣ", таъсири омилҳои гуногун ба хизматрасонии*

*маишӣ, усусиятҳои бозори ТИ дар Тоҷикистон ва муайян намудани афзалиятҳои рушди минбаъдаи иқтисодиёти рақамӣ дар Тоҷикистон. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ иқтисодиёти рақамӣ ҷузъи ҷудонашавандаи муҳити иттилоотӣ (рақамӣ) мебошад, ки мутобиқи талаботи бахши воқеии иқтисодиёт ва ниёзҳои ҷомеа ташаккул ёфта, таҳти таъсири навовариҳои технологӣ тағйир меёбад.*

***Калидвожаҳо:*** *рақамикунонӣ, технологияҳои рақамӣ, иқтисодиёти рақамӣ, экосистемаи рақамӣ, трансформатсияи иқтисодӣ, таснифоти хизматрасонии маишӣ, бозориТИ, хизматрасонии ТИ, саноати ТИ, консепсияи иқтисодиёти рақамӣ.*

## THEORETICAL BASIS OF PROVIDING CONSUMER SERVICES TO THE POPULATION IN THE CONDITIONS OF TRANSITION TO THE DIGITAL ECONOMY

**KURBONOV MAKHMARASUL ABDUKODIROVICH,**
Candidate in Economics, Associate Professor,
Director of the Technological Park "TOJ" of TSUC. 734061,
Republic of Tajikistan, Dushanbe, 1/2, Dehoti str. TSUC.
Phone: (+992) 936-00-01-86. E-mail: kmahmarasul@gmail.com
**ISMATULLOI SHERKHON,**
postgraduate student, leading specialist of the Magistracy Department of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 900-85-85-13. Email: ismatullo_0492@mail.ru

*In recent years, it has seen the spread of the concept of the digital economy, and in the future it will be able to displace the material component from our lives. The analysis of various definitions shows that this type of economy should be considered as a cyber-physical system. Meanwhile, many economic actors believe whether there will be a chance that the digital economy will allow business to develop effectively or will be able to influence the internal and external environment of international business.*

*The article discusses the development of the digital economy in domestic socio-economic systems, as well as the concept of the digital economy, modification of the field of information and communication technologies (ICT), the advantages of digital modification of all economic entities, the digital model of the economy in the development of the service sector in Tajikistan, the approaches of domestic scientists to the concept of "consumer services", the influence of various factors on consumer services, the specifics of the IT market in Tajikistan and the determination of priorities for the further development of the digital economy in Tajikistan. The digital economy is an integral part of the information (digital) environment in the conditions of market relations, which formed in accordance with the needs of the real sector of the economy and the needs of society, changing under the influence of technological innovations.*

***Key words****: digitalization, digital technologies, digital economy, digital ecosystem, economic transformation, classification of consumer services, IT market, IT services, IT industry, the concept of digital economy.*

УДК: 332

# РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ СОҲИБКОРӢ ДАР ДЕҲОТИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ

**КАҶКУЛОЕВ АБДУХОЛИҚ ФАТҲУЛОЕВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи
иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.
ш. Кӯлоб, к. Сафарова 16,
Тел: (+992) 988-01-96-66.E-mail: kholiq8989@mail.ru
**САФАРОВА САРВИНОЗ ЗОИРШОЕВНА,**
доктoранти PhD - и кафедраи иқтисодиёти
корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.
ш. Кӯлоб, к. Сафарова 16,
Тел.: (+992) 935-52-92-22. E-mail: kaf8989@mail.ru

*Мафҳуми инфрасохтор серпаҳлу буда, дар соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ хусусияти хоси худро дошта, олимон нисбати мазмуну мундариҷаи он ақидаҳои мухталиф доранд. Дар мақолаи мазкур масоили рушди инфрасохтори соҳибкорӣ танҳо дар деҳоти минтақаи Кӯлоб баррасӣ гардидааст. Дар шароити муосир барои таҳлилу баррасии масоили рушди соҳибкории деҳот, масъалаи номукаммалии инфрасохтори соҳа муҳим арзёбӣ мегардад. Чунки маҳз ташаккулёбӣ ва рушди инфрасохтори мувофиқ метавонад ба рушди соҳибкорӣ дар деҳот мусоидат кунад. Ба ақидаи муаллифон инфрасохтори соҳибкорӣ ин маҷмӯи институтҳо ва ё ташкилоту муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусие мебошанд, ки барои ҳимояи манфиатҳои субъектҳои соҳибкорӣ хизмат карда, барои фаъолияти хоҷагидорӣ ва баландбардории самаранокии он шароитҳои мусоид фароҳам меорад. Хусусан, диққати асосӣ ба се навъи инфрасохтори соҳибкорӣ: молиявию қарзӣ, ташкилӣ-техникӣ ва иттилоотию таҳлилӣ (машваратӣ) равона гардидааст. Дар қисми хотимавии мақола муаллифон барои беҳтар сохтани инфрасохтори соҳибкорӣ дар деҳот пешниҳодоти муфид намудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *инфрасохтори соҳибкорӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, минтақаи Кӯлоб, марказҳои машваратӣ, соҳибкории кишоварзӣ, деҳот, қарз.*

Дар шароити иқтисоди бозорӣ бо дарназардошти ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат ва афзалиятҳои иқтисоди минтақавӣ вазифаи муҳимтарин барои рушди шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ муҳайё сохтан ва ё ташкили системаи самараноки инфрасохтори соҳибкорӣ ба шумор меравад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ инфрасохтор рушди мунтазам ва устувори соҳаҳои алоҳидаро бо роҳи фароҳам овардани маҷмӯи шароитҳои мусоиди иқтисодӣ таъмин менамояд. Яъне, инфрасохтор ин сармояи ҷамъиятии кумаккунанда, таҳкурсӣ ва асоси иқтисоди миллӣ ба шумор меравад.

Тадқиқи механизмҳо ва омилҳои ташаккули соҳибкории хурду миёна дар деҳот дар шароити бӯҳрони иқтисодиёти кишоварзӣ (фалаҷшавии инфрасохтори соҳа) яке аз вазифаҳои муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити муосир барои таҳлилу баррасии масоили рушди соҳибкории деҳот масъалаи номукаммалии инфрасохтори соҳа рузмарра ба шумор меравад. Чунки маҳз ташаккулёбӣ ва рушди инфрасохтори мувофиқ метавонад барои ташкили соҳибкорӣ дар деҳот мусоидат кунад. Инфрасохтори соҳибкорӣ барои рушди соҳибкорӣ дар миқёси мамлакат шароитҳои мусоид фароҳам меорад.

Мафҳуми «инфрасохтори соҳибкорӣ» диққати олимони зиёдро ҷалб карда, дар тадқиқотҳои илмии олимони соҳаи иқтисодӣ ба таври васеъ истифода гардидааст. То ҳол, ақидаи ягона ва ё як мафҳуми мукаммали «инфрасохтори соҳибкорӣ» дар маҷмуъ дида намешавад. Ақидаҳои ҳар як олими соҳа бо хусусиятҳои гуногун фарқ мекунанд.

Дар айни замон мафҳуми «инфрасохтори соҳибкорӣ»-е, ки аз ҷониби Шепеленко Г.И. баён шудааст то андозае қобили қабули доираи васеъи олимони соҳа мебошад. Ба ақидаи вай «инфрасохтори соҳибкорӣ» - ин маҷмуи ташкилоту муассисаҳои сохташуда ва ё амалкунандае мебошанд, ки барои ташаккулёбӣ ва рушди соҳибкории хусусӣ дар ташкили фаъолияти соҳибкорӣ, таъмини иттиллооти лозима, машваратҳои ҳуқуқӣ, маркетингию идорӣ, дастгирии моддӣ-техникӣ, молиявӣ ва дигар захираҳо дар асоси шартномаҳои бозорӣ, шароитҳои мусоид фароҳам меорад [10, с.36].

Калимаи «инфрасохтор (инфраструктура)» аз ду калимаи лотинӣ: infra – зер ва structura – сохт, ташкил ёфта ба маънои соҳаи фаъолияте фаҳмида мешавад, ки ба дигар навъҳои фаъолияти иқтисодӣ хизмат мекунад. Аз рӯи моҳият мафҳуми инфрасохтор шабеҳи мафҳуми соҳаҳои муҳайёкунандани хидматҳост, ки хизматрасониҳоро дар шакли моддӣ ва ғайримоддӣ фароҳам меорад [3, с.38].

Дар иқтисоди нақшавӣ ду намуди инфрасохторро фарқ мекарданд: **истеҳсолӣ** (нақлиёт, алоқа, хоҷагии манзилию комуналӣ) ва **иҷтимоӣ** (тандурустӣ, маориф, идоракунӣ). Ин ду намуди инфрасохтор аз ҷониби давлат таъсис дода шуда, идора карда мешуд.

Баъди гузаштан ба иқтисоди бозорӣ хусусигардонии моликияти давлатӣ ба он сабаб гашт, ки қисме аз инфрасохтор хусусӣ гардонида шуда, ба инфрасохтори бозорӣ табдил ёфтанд. Яъне, хизматрасониҳое ба миён омаданд, ки хоси иқтисоди бозорӣ буданд. Аз қабили амалиётҳои молию пулӣ, маблағгузорю миёнаравӣ ва ғайра [3, с.38].

Ба акидаи мо инфрасохтори соҳибкорӣ ин маҷмӯи институтҳо ва ё ташкилоту муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусие мебошанд, ки барои ҳимояи манфиатҳои субъектҳои соҳибкорӣ хизмат карда, барои фаъолияти хоҷагидорӣ ва баланбардории самаранокии он шароитҳои мусоид фароҳам меорад. Мураккабии инфрасохтор ҳамчун як система ба вазифаҳо ва уҳдадориҳои гуногуне, ки қисмҳои таркибии он анҷом медиҳад вобастагӣ борад.

Дар илми иқтисодӣ аслан се навъи инфрасохтори соҳибкориро фарқ мекунанд: молиявию қарзӣ, ташкилӣ-техникӣ ва иттиллоотию таҳлилӣ (машваратӣ).

Инфрасохтори молиявию қарзиро муассисаҳое, ташкил медиҳанд, ки маблағҳои муваққатан озодро ҷамъоварӣ намуда, онҳоро ба қарзҳои хусусияти гуногундошта табдил медиҳанд, яъне: бонкҳо, биржаҳои фондию асъорӣ, ташкилотҳо ва фондҳои сармоягузорӣ, муассисаҳои қарзӣ, суғуртавию замонатӣ, иттиҳодияҳои қарзӣ ва фондҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ.

Ба инфрасохтори ташкилӣ-техникӣ биржаҳои молӣ, муассисаҳои савдо, ширкатҳои лизингӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкорон (хоҷагидорон), коммуникатсияи нақлиётӣ ва воситаҳои алоқа тааллуқ доранд. Гуруҳе аз ин ташкилотҳо ба сифати пайвасткунандаи алоқаҳои бозорӣ баромад мекунад (ба монанди ассостсиатсиҳо, палатаҳои савдо ва ғ.), гуруҳи дигар бошад ин муассисаҳои давлатию маъмурӣ (нозироти сифат ва стандарт, нозироти андоз (додани иҷозатномаҳо, шаҳодатномаҳо, патент, пардохти андозҳо) ва ғ.) мебошанд.

Инфрасохтори иттиллоотию таҳлилӣ (машваратӣ)-ро бошад маҷмуи ташкилоту муассисаҳои иттилоотӣ, машваратӣ (хусусан расонидани машваратҳои ҳуқуқӣ), марказҳои хизматрасонии соҳибкорӣ, бизнес-инкубаторҳо, ташкилотҳои аудиторӣ (хусусӣ) ва ғайраҳо ташкил медиҳанд. Вазифаҳои муассиса ва ташкилотҳои номбурдае, ки дар ин инфрасохтор дохил мешаванд аз расонидани машварату маслиҳатҳои тиҷорӣ ва ҳуқуқӣ, омода кардани мутахассисон барои ташкили соҳибкории хурду миёна, омӯзиши динамикаи тағйирёбии бозор ба соҳибкорон, омӯзиши пешгӯӣ намудан ва

моделсозии мақсадҳо, коркарди нақшаи хуби маркетингӣ дар бозор, таҳия ва роҳандозӣ намудани бизнес-накашҳои соҳибкорӣ ва ғайраҳо иборат аст.

Инфрасохтор дар ташкилу роҳандозии фаъолияти соҳибкорӣ ва ташаккулёбии ин бахши иқтисодиёт дар шароити бозор мусоидат намуда, барои ҳавасманд намудани субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ фазои мусоиди ташкилӣ-иқтисодӣ фароҳам меорад. Объектҳои инфрасохтори болозикр ҳам ба соҳибкории хурду миёна хизмат мерасонанд ва ҳам ба соҳибкории калон. Аммо шаклҳои хурду миёнаи соҳибкорӣ дар дастрасӣ ба воситаҳои молиявии қарзӣ, ашёи хом, маводҳо, таҷҳизоту технологияи замонавию пешқадам, амволи манқул ва ғайраҳо ба инфрасохтори мусоид эҳтиёҷи бештар доранд. Маҳз барои ҳамин фаъолияти объектҳои инфрасохтори соҳибкорӣ бештар барои мусоидат кардан ба соҳибкории хурду миёна равона карда шудааст, ки қобили қабул аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирии ҳамаҷонибаи фаъолияти соҳибкорӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва муҳайё намудани шароити мусоид барои субъектҳои соҳибкорӣ, инчунин ҷалби бештари сармояи мустақим ба ҷумҳурӣ, яъне барои ташаккули инфрасохтори соҳибкорӣ корҳои назаррас ба анҷом расонида шудааст. Солҳои охир инфрасохтори соҳа то андозае устувор гардонида шуда, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, муассисаҳои давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ва «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра таъсис дода, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ тавассути қабул кардани чандин қонунҳои танзимкунанда ва мукаммалгардониии қонунгузории соҳа устувор карда шудаистодааст [4, с.86, 126].

Маҳз дар соли 2019 чандин форум ва вохӯриҳои сатҳи минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ барои фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорию соҳибкорӣ баргузор гардидаанд, ки дар рушду такомули инфрасохтори соҳибкорӣ таъсири мусбӣ расонидаанд. Хусусан Форуми байналмилалии сармоягузорӣ, ки дар шаҳри Кӯлоб тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба татбиқи тадбирҳо дар самти таъмини рушди босуботи иқтисодии кишвар, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ санаи 14 июни соли 2019 баргузор гардид аз ҷумлаи ин тадбирҳост. Дар кори форум беш аз 400 нафар, аз ҷумла соҳибкорону сармоягузорони ватаниву хориҷӣ, масъулини мақомоти давлатӣ, намояндагони ҳамватанони бурунмарзӣ, мутахассисону коршиносон ва намояндагони васоити ахбори омма иштирок намуданд. Дар маҷмӯъ дар доираи форум 9 санади ҳамкорӣ, байни соҳибкорон ва намояндагону сармоягузорони хориҷӣ ба имзо расонида шуданд.

Инчунин бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №95 «Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, дар ин самт корҳои назаррас ба анҷом расонида шудаистодаанд.

Ҳоло дар маркази шаҳрҳои калонтарини ҷумҳурӣ объектҳои инфрасохтори инноватсионии соҳибкорӣ аз ҷониби бахши хусусӣ ва ташкилотҳои хориҷӣ ташаккул меёбад. Мактабҳои олӣ, бизнес-инкубаторҳо ва барномаҳои акселератсионӣ рӯз аз рӯз фаъолияти худро дар самти мукаммалсозии инфрасохтори соҳибкорӣ ва баргузории семинар-машваратҳо, бизнес-тренингҳо, омӯзишҳо васеъ намудаистодаанд. Якчанд

муассисаҳо ва бизнес-инкубаторҳо ба монанди: 55Startups, Public Fund Accelerate Prosperity, Стартап Чойхона дар ин самт пешсафанд. Мақсади асосии ин ташкилотҳо ва ё бизнес-инкубаторҳо кумак намудани соҳибкорони навкор ва ё ҷавон дар амалӣ намудани мақсадҳо ва бизнес-нақшаҳои инноватсионии онҳо мебошад. Ба монанди:

- фаъолияти иттиллоотӣ-таҳлилӣ;
- имконият додан ба соҳибкорони навкор дар амалӣ намудани мақсадҳояшон;
- ҷалби мутахассисон бо мақсади таҳийяи консепсияҳои соҳибкорӣ, мукаммалсозӣ ва фаъолгардонии бизнес-нақшаҳо;
- дастгирӣ дар самти навҷорисози техникию истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноатӣ;
- машваратҳои ҳуқуқӣ ва андозию бухгалтерӣ;
- ташкил ва баргузории семинарҳо, мизҳои мудаввар, ҳамоишҳо ва ярмаркаҳо дар байни соҳибкорон бо мақсади табодули афкор ва муаррифии имкониятҳои соҳибкорон;
- дастгирии молиявӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва бефоиз;
- кӯмак кардан дар ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва ғайраҳо мебошад.

Инчунин дар рушду инкишофи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми Барномаи рушди СММ (ПРООН) ва Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон (НАДЖТ) низ назаррас аст [11, с.19].

Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон (НАДЖТ) яке аз институтҳои ҷамъиятии шаҳрвандон ба шумор рафта, мақсади асоии фаъолияташ дастгирӣ намудани занон дар самти дастрасӣ ба захираҳо, маълумотҳо ва рушди малакаҳои касбии онҳо дар самти соҳибкорӣ дар шароити бозор мебошад. Муассисаи мазкур аз соли 1995 таъсис ёфта, дар 9 шаҳру навоҳии мамлакат аз ҷумла вилояти Хатлон шуъбаҳои худро таъсис дода фаъолияти назаррас дорад.

Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон (НАДЖТ) саҳми арзандаи худро дар рушди инфрасохтори соҳибкорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ бо роҳи омӯзиш, баргузории озмуну чорабиниҳои гуногун, семинару машваратҳо, маслиҳатҳо, маблағгузориҳо ва ғ. гузоштааст.

Метавон гуфт, ки ҳама чорабиниҳо ва корҳои анҷомдодаи давлату ҳукумат шаҳодат аз он медиҳад, ки инфрасохтори соҳибкорӣ оҳиста-оҳиста ташаккул меёбад. Аммо дар сатҳи маҳал ва шароити деҳот субъектҳои соҳибкорӣ ба муаммоҳо ва мушкилотҳое рӯбарӯ гаштаанд, ки олимони соҳа, институтҳо ва ҳукумати мамлакатро мебояд ба ин қишри ҷомеа диққати бештар диҳанд.

Бояд қайд кард, ки дар натиҷаи андешидани тадбирҳои судманд ва фароҳам овардани шароити мусоид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ба назар мерасад. Дар сатҳи мамлакат шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар маҷмӯъ ба 323 674 адад расидааст, ки ин нишондод нисбат ба соли 2018-ум 10 238 адад ва ё 3,3 % зиёд мебошад (диаг. 1).




**Диаграммаи 1. Динамикаи афзоиши шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ дар солҳои 2018-2019**

Аз шумораи умумии соҳибкорони инфиродӣ 292 570 адад 104179 адад бо патент, 34 276 нафар бо шаҳодатнома фаъолият мекунанд, хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад 154 115 ададро ташкил медиҳад. Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбати шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ дар мамлакат 46,7% - ро ташкил медиҳад. Ин гувоҳи аз он медиҳад, ки ба истиснои дигар намудҳои фаъолият танҳо хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки яке аз шаклҳои маъмултарин ва хоси деҳот ба шумор меравад наздики 47%-и шумораи умумии субъектҳои соҳибкориро дар ҷумҳурӣ ташкил медиҳад. Мақсади интихоби маърӯзаи мо бештар ба рушди инфрасохтори соҳибкории кишоварзӣ такя мекунад.

Рушди инфрасохтори молиявию қарзӣ яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёт, вусъат додани истеҳсолоти ватанӣ, устувор намудани иқтидори содиротӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад. Пешниҳоди маблағгузориҳои қарзӣ барои рушди соҳибкорӣ, ҳамчун самти афзалиятнок дар кишвар ба ҳисоб меравад. Аз ҳаҷми умумии қарзҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар нуҳ моҳи соли 2019 ба соҳаҳои иқтисодӣ дода шудааст 3,9 млрд. сомонии он ба соҳаи соҳибкорӣ рост меояд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 34,1 % зиёд мебошад. Инчунин 2,3 млрд. сомонии он бошад ба соҳибкории истеҳсолӣ равона шудааст.

Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи қарзҳои додашуда вобаста ба соҳаҳо аз ҳаҷми умумии қарзҳо ба соҳаҳои саноат 14,4 %, кишоварзӣ 6,9 %, сохтмон 19,7 %, нақлиёт 1,0 %, савдои хориҷӣ 21,1 %, истеъмолӣ 19,4 %, миёнаравии молиявӣ 2 %, хизматрасонӣ 13,6 %, ҷамъиятӣ 0,4 % ва дигар соҳаҳо 1,5 % дода шудааст [7].

Чи тавре, ки дар диаграммаи 1 мушоҳида кардем 46.7%-и шумораи умумии субъектони соҳибкориро маҳз хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил медиҳад. Пас суоле ба миён меояд, ки дар сурати аз ҳиссаи қарзҳои додашуда вобаста ба соҳаҳо танҳо 6,9%-и онҳо ба соҳаи кишоварзӣ равона гаштан оё мушкилоти молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳалли худро меёбад? На, ҳеҷ гоҳ.

Қобили тазаккур аст, ки бо мақсади беҳтарсозии муҳити соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ, ки ба рушди иқтисод ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад, аз ҷониби Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз оғози фаъолият то имрӯз ба 179 субъекти соҳибкории ҷумҳурӣ то имрӯз дар маҷмуъ ба маблағи 254,8 миллион сомонӣ қарзҳои

имтиёзноки давлатӣ дода шудааст. Дар 9 моҳи соли 2019 бошад барои амалишавии ҳамагӣ 11 лоиҳаҳои соҳибкорон ба маблағи 28 миллиону 861 ҳазор сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо шудааст, ки ин ҳолат боиси нигаронист. Чунки дар ҳоле, ки дар ҷумҳурӣ рӯз аз рӯз шумораи субъектҳои соҳибкорӣ афзоиш меёбад як фонди муттамарказ қобилияти бартараф кардани мушкилоти молиявии соҳаро дар маҷмуъ надорад. Пас бояд намояндагиҳои фонди болозикр дар минтақаҳои мамлакат таъсис дода шавад. Инчунин барои рушди инфрасохтори молиявию қарзии соҳибкорӣ дар деҳоти мамлакат дар маркази шаҳру ноҳияҳо механизмҳои нави маблағгузорӣ ҷорӣ карда шавад.

Минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар қисми ҷанубии кишвар бо ҳудуди 10 ҳазор км$^2$ ҷойгир шудааст. Аҳолии он ба 1-уми январи соли 2018-ум 1170,9 ҳазор нафарро ташкил дода, заминҳои кишти кишоварзии он 181,1 ҳазор гектарро ташкил медиҳанд (ҷадвали 1) [5,с.79].

Минтақаи Кӯлоб дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз минтақаҳои кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини талаботи аҳолии ҷумҳурӣ бо маводи озуқаворӣ нақши муҳим дорад. Бинобар ин, рушди инфрасохтори соҳибкорӣ дар минтақаи Кӯлоби муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро зиёда аз 74%-и аҳолии минтақа дар деҳот зиндагӣ карда, ба шаклҳои хурду миёнаи соҳибкорӣ дар соҳаҳои мухталиф машғул мебошанд.

**Ҷадвали 1**

**Тамоюли рушди нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 2013-2017**

| | Нишондиҳандаҳо | СОЛҲО | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2017 / 2013, мар |
| 1 | Ҳудуди минтақаи Кӯлоб (ҳаз.км$^2$) | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | - |
| 2 | Аҳолии минтақаи Кӯлоб (ҳаз.нафар) | 1071,5 | 1093,6 | 1118,5 | 1145,0 | 1170,9 | 1,1 |
| 3 | Зичии аҳолӣ дар 1 км$^2$ нафар) | 117,7 | 120,8 | 123,9 | 126,5 | 129,5 | 1,1 |
| 4 | Миқдори шаҳрҳо (адад) | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | - |
| 5 | Миқдори ноҳияҳо (адад) | 8 | 8 | 8 | 8 | 8 | - |
| 6 | Миқдори ҷамоатҳо(адад) | 55 | 59 | 61 | 64 | 64 | 1,2 |
| 7 | Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолии минтақа (бо ҳаз.сомон) | 728 | 692 | 515 | 525 | 570 | 0,8 |
| 8 | Маблағгузории асосӣ ба рушди иқтисодии минтақа (бо млн.сомонӣ) | 585 | 883 | 887 | 127 | 829 | 1,4 |

***Сарчашма:*** *Комилов Н.Б. Такмили механизми танзими давлатии истифодаи оқилонаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон). Дис. барои дар. дар. н.и.и. – Кӯлоб, 2019. – 182 с.*

Дар шароити деҳот фаъолияти соҳибкорӣ бояд дар самти самаранок истифодабарии захираю имкониятҳо бо мақсади баланбардории азишҳои иҷтимоӣ-

иқтисодӣ экологӣ амалӣ карда шавад. Хусусан дар самти сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ, варзиш, савдо, хизматрасониҳои иттиллоотӣ-машваратӣ ва ғ. амалӣ намудани соҳибкорӣ яке аз проблемаҳои асосии деҳотро ҳал мекунад, яъне аҳолии деҳотро ба ҷои кор таъмин менамояд.  Масалан барои рушди соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар деҳоти минтақай Кӯлоб (яъне ташаккул ва рушди агротуризм) самтҳои афзалиятноки он: сайёҳии кӯҳию варзишӣ, экологӣ, варзиши лижаронии кӯҳӣ, сайёҳии шикор, моҳидорӣ, сайёҳии таърихию фарҳангӣ; сайёҳии солимгардонӣ-санаторӣ, истироҳатӣ ва сайёҳии динию зиёратӣ бояд рушд дода шавад.

Рушди инфрасохтори сайёҳӣ, таҳияи маҷмӯи тадбирҳо оид ба мусоидат дар устувор намудани базаи моддии сайёҳӣ, тезонидани сохтмони иншоотҳои нав, ташкилдиҳии базаи сайёҳӣ ва аз нав ҷиҳозонидани лагерҳои партофташуда ҳамчун иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла ҷудо намудани қитъаи замин ҷиҳати бунёди базаи сайёҳӣ ва ғ. метавонад ба рушди соҳибкории сайёҳи дар деҳоти имнтақаи Кӯлоб заминаи мусоид фароҳам орад.

Яке аз шаклҳои маъмултарини фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳоти минтақаи Кӯлоб соҳибкории кишоварзӣ мебошад, ки дар шакли хоҷагиҳои деҳқонӣ, кооперативҳо ва хоҷагиҳои хонавода ба роҳ монда шудааст. Инчунин соҳибкории агросаноатӣ, яъне коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ низ солҳои охир дар минтақа тамоюли афзоиш дорад. Айни ҳол шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар минтақа ба 27296 адад расидааст, ки нисбат ба шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонии мамлакат 17,7%- ро ташкил медиҳад (диаг. 2).




***Диаграммаи 2. Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар минтақаи Кӯлоб дар соли 2019***
***Сарчашма:*** *Маълумотҳои Кумитаи идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Бо мақсади баланд бардоштани малакаи касбии соҳибкорон, дастгирии ғояҳои нави соҳибкорони навтаъсис ва ҷавонон, ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон, содироткунандагон ва ҷорӣ намудани усулҳои нави пешбурди соҳибкорӣ, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2018, №624 дар сохтори Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон» (Бизнес-инкубатори Тоҷикистон) таъсис дода шуд. Айни ҳол муассисаи мазкур дар шаҳрҳои калонтарини мамлакат, аз ҷумла шаҳри Кӯлоб фаъолият намудаистодааст. Яъне Муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон» бояд ба соҳибкорон барои хариди техника, воситаи нақлиёт кӯмак намуда, семинар ва курсҳои омӯзишӣ ташкил намояд. Аммо, муассисаи болозикр вазифаҳо ва уҳдадориҳои худро пурра иҷро намекунад.

**Марказҳои машваратию иттилоотӣ.** Ба ақидаи мо дар маркази ҳар як ноҳияи минтақаи Кӯлоб бояд марказҳои иттиллоотию машваратии рушди соҳибкорӣ таъсис дода шаванд, ки ба соҳибкорони деҳот пайваста иттиллооти лозима ва машваратҳои саривақтиро оид ба тағйиру иловаҳое, ки дар қонунгузории мамлакат роҳандозӣ мешавад, инчунин ҳолати бозор хабардор шаванд. Зеро, паст будани саводнокии ҳуқуқӣ, надоштани маҳорату малакаи соҳибкорӣ, огоҳ набудан аз ҳисобдории молиявию муҳосибӣ, сарфаҳм нарафтан ба санъати менеҷмент ва маркетинги соҳибкорӣ мушкилотҳои асосии соҳибкорони деҳот ба шумор меравнд.

**Инфрасохтори ирригатсионӣ ва нақлиётӣ.** Дигар мушкилоти инфрасохторие, ки ба рушди соҳибкорӣ дар деҳоти минтақаи Кӯлоб монеа эҷод мекунад ин фалаҷ будани инфрасохтори ирригатсионӣ ва нақлиётии роҳҳои аҳамияти маҳаллидошта мебошад. Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар тамоми миқёси мамлакат, аз ҷумла минтақаи Кӯлоб инфрасохтори ирригатсионии соҳаи кишоварзӣ ва нақлиётии маҳаллӣ фарсуда гашта, ба таҷдиду азнавсозӣ ниёз дорад. Дар шароити маҳдудияти имкониятҳои молиявии давлату ҳукумат барои такмилу азнавсозии ирригатсионии соҳаи кишоварзӣ ва нақлиётии маҳаллӣ метавон механизми Шарикии давлат ва бахши хусусиро ба кор бурда, бо ҷалби сармояи бахши хусусӣ ин муаммоҳоро ҳал намуд.

**Инфрасохтори молиявӣ-қарзӣ ва телекоммуникатсионӣ.** Яке аз шартҳои асосие, ки ба рушди соҳибкории хурду миёна дар деҳот мусоидат мекунад ин мавҷудияти инфрасохтори мукаммали молиявӣ-қарзӣ ва телекоммуникатсионӣ мебошад. Масалан аксарияти соҳибкорон мехоҳанд пардохтҳо ва хариду фурӯши худро тавассути амалиётҳои ғайринақдӣ ба роҳ монанд, ки дар сурати набудани инфрасохтори мукаммали молиявӣ-қарзӣ ва телекоммуникатсионӣ субъектҳои соҳибкори деҳот ба мушкилӣ дучор мешаванд. Айни ҳол ҳарчанд дар марказҳои маъмурии деҳоти минтақа (яъне ҷамоатҳои деҳот) филлиал ва намояндагиҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ амал кунанд ҳам, вале номукаммалии инфрасохтори телекоммуникатсионию алоқа пайваста ба фаъолияти онҳо таъсири манфии худро мерасонанд.

**Системаи андоз ва низоми андоз.** Дигар омиле, ки ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот таъсири бади худро мегузорад ин номукаммалии системаи андозбандӣ башумор меравад. Яъне дар Ҷумҳурии мо ҳарчанд дар самти андозбандӣ корҳои зиёд, ислоҳоти назаррасе анҷом дода шуда бошад, ҳам механизми андозбандии фаъолияти соҳибкорӣ то ҳол мураккаб боқӣ мемонад.

Ҳамин тавр, як қатор мушкилот ва муаммоҳои дигареро метавон зикр кард, ки ҳалли онҳо барои рушду инкишофи инфрасохтори соҳибкорӣ дар деҳоти минтақаи Кӯлоб мусоидат хоҳанд кард:

- фалаҷ гаштани инфрасохтори ирригатсионӣ ва нақлиётӣ дар деҳот;
- мавҷуд набудани ташкилотҳои лизингӣ дар деҳот, ки дастрасии соҳибкоронро ба техникаю таҷҳизоти лозима мушкил мегардонад;
- дастнорас будани қарзҳои имтиёзноки давлатӣ ба соҳибкорони деҳот;
- мавҷуд набудани инфрасохтори бозори фурӯш, алоқаҳои маркетингӣ, сардхонаҳо дар деҳот;
- шумораи ниҳоят ками корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар деҳоти минтақа;
- вайроншавии заминҳои кишт ва ғайримақсаднок истифода бурдани заминҳои аҳамияти истеҳсолию кишоварзидошта;
- паст будани дараҷаи тахассусмандӣ ва касбияти соҳибкорони деҳот;

- набудани барномаҳои комплексии рушди босуботи фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва ғайра.

Яке аз роҳҳои асосии рушду инкишофи инфрасохтори соҳибкорӣ дар деҳоти минтақаи Кӯлоб ташкили кластерҳои агроозуқаворӣ (кластерикунонии иқтисодиёти деҳот) ба шумор меравад. Зеро, ки ташкили кластерҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ барои баланбардории самаранокии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории кишоварзӣ дар деҳот мусоидат мекунад. Ин имконият медиҳад, ки кишоварзон маҳсулоти истеҳсолнамудаи худро беталаф ва харҷи кам фурӯхта, барои такрористеҳсоли маҳсулот воситаҳои молиявиро саривақт дастрас намоянд. Тибқи маълумотҳои Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи ҷумҳурӣ аллакай барои таъсиси чунин кластерҳо дар вилояти Суғд ва шаҳрҳои Кӯлобу Ҳисор лоиҳаҳои “Созишномаи қолабӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корпоратсияи байналмилалии исломӣ оид ба маблағгузории тиҷорат (ITFC)” (барои ҷалби 150 млн. доллари амрикоӣ) ва “Созишномаи оид ба пешниҳод намудани кумаки техникӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки Исломии Рушд ва Корпоратсияи исломӣ оид ба рушди бахши хусусӣ” тарҳрезӣ ва бо тартиби муқarrargardida аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд [Маълумотҳои Кумитаи 3].

Бояд қайд кард, ки барои такмилу инкишофи инфрасохтори соҳибкорӣ дар деҳоти минтақа анҷом додани чораҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

- таъсис додани ассотсиатсияҳои молистеҳсолкунандагон дар шакли сохтори истеҳсолӣ-тиҷоратӣ дар деҳот (ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, марказҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзӣ) [9, с.175];

- ташкили қитъаҳо ва сеххои нав барои истеҳсолу коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;

- ҷустуҷӯ намудани роҳҳои гуногуни фурӯш, барпо нмаудани алоқа бо ташкилотҳои саноатӣ, иштирок кардан дар ярмаркаҳо, харидуфрӯш ва дигар чорабиниҳо;

- зиёд намудани номгӯй ва фурӯши маҳсулот, азхудкунии шаклҳои нави фаъолият аз ҷониби ташкилотҳои коркардкунанда ва хизматрасон;

- ташкили бизнес-тренингҳо, семинарҳо ва корҳои ташфиқотию омӯзишӣ дар байни соҳибкорони деҳот, инчунин ташкил намудани вохӯриҳо байни соҳибкорони деҳот ва соҳибкорони муваффақе, ки дар марказҳои маъмурӣ ва шаҳрҳо фаъолият мекунанд.

Дар маҷмӯъ барои фароҳам овардани шароити мусоид барои рушду инкишофи соҳибкорӣ дар деҳоти минтақаи Кӯлоб корҳои зиёдеро мебояд баанҷом расонид. Зеро ба он нигоҳ накарда, ки аз ҷониби ҳукумати мамлакат барои таъмини рушди босуботи иқтисодии кишвар, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ тадбирҳои зиёд андешида мешавад, инфрасохтори соҳибкорӣ дар деҳоти мамлакат, хусусан деҳоти минтақаи Кӯлоб номукаммал боқӣ монда, андешидани чораҳо ва тадбирҳои болозикрро тақозо мекунад.

**Адабиёт**

1. Акимова О.Е., Волков С.К. Особенности мотивации предпринимательской деятельности в сфере туризма в сельских территориях // Региональная экономика: теория и практика. – М.: «Финансы и кредит», 2013. - №40 (319). – Стр. 32-42.

2. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 // Қарори МН МО ҶТ №678 аз 28.12.2016. – Душанбе, 2016. - 253 саҳ.

3. Галочкина О.А., Разумова И.В. Инфраструктура предпринимательства: сущность и виды//Вестник экономики, права и социологии. - №1, 2012. – С.38-40.

4. Каджкулоев А.Ф. Региональные особенности размещения и развития малого и среднего предпринимательства в АПК региона//Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) Университет). - Душанбе, 2017. - № 1(57). - С.170-177.

5. Комилов Н.Б. Такмили механизми танзими давлатии истифодаи оқилонаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон). Дис. барои н.и.и. – Кӯлоб, 2019. – 182 с.

6. Кулакова Л.М. Роль сельского предпринимательства в территориальном развитии // Материалы международной конференции, посвященной 60-летию КарНЦ РАН. Северная Европа в XXI веке: природа, культура, экономика. - Петрозаводск: Изд-во КарНЦ РАН . Электронный ресурс: https://bookucheba.com/evropyi-ameriki-istoriya/rol-selskogo-predprinimatelstva-territorialnom-3486.html. ДО: 20.10.2019 15:44

7. Маълумотҳои Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2019.

8. Национальный доклад о ходе реализации стратегических документов страны в контексте ЦРУ // МЭРТ РТ. – Душанбе, 2018. – 96 с.

9. Низамова Т.Д., Каджкулоев А.Ф. Эффективность развития предпринимательства в АПК региона. Монография. – Душанбе, ТНУ, 2018. – 174 с.

10. Шишкин С.Н. Государственная поддержка предпринимательской деятельности как специфическая форма государственного регулирования экономики//Предпринимательское право. – 2011. – №4. – С.35-43.

11. Эрман М.А., Крицын А.А., Ступин Р.С. Исследование инраструктуры развития предпринимательства Республики Таджикистан. (По результатам рабочей поездки экспертов Бизнес-инкубатора НИУ ВШЭ 16-20 октября 2017 год). – Душанбе, 2018. – 53 с.

## РАЗВИТИЕ ИНФРАСТРУКТУРЫ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СЕЛЬСКИХ МЕСТНОСТЯХ КУЛЯБСКОГО РЕГИОНА

**КАДЖКУЛОЕВ АБДУХОЛИК ФАТХУЛОЕВИЧ,**
кандидат экономических наук, дотсент
кафедры экономики предприятий и предпринимательства
Кулябского государственного университета имени Абуабдуллоха Рудаки.
г. Куляб ул. Сафарова 16,
Тел.: (+992) 988-01-96-66. E-mail: kholiq8989@mail.ru
**САФАРОВА САРВИНОЗ ЗОИРШОЕВНА,**
PhD докторант кафедры экономики
предприятий и предпринимательства
Кулябского государственного университета имени Абуабдуллоха Рудаки.
г. Куляб ул. Сафарова 16,
Тел: (+992) 935-52-92-22. E-mail: kaf8989@mail.ru

*Понятие инфраструктура, по сути, является многогранной, в каждой области народного хозяйства имеет свою специфику, и ученые по-разному смотрят на его содержание. В статье рассматриваются проблемы развития инфраструктуры предпринимательства только в сельской местности Кулябского региона. В современных условиях для исследования и анализа проблемы развития сельского предпринимательства считается важной проблема несовершенства инфраструктуры отрасли. Так как, лишь*

*формирование и развитие соответствующей инфраструктуры сможет способствовать развитию сельского предпринимательства. По мнению авторов, инфраструктура предпринимательства это совокупность институтов или государственные, общественные и частные структуры и организации, которые служат для защиты интересов субъектов предпринимательства, создают благоприятные условия для хозяйственной деятельности и повышения их эффективности. В частности их основное внимание направлено на три вида инфраструктуры предпринимательства: финансово-кредитная, организационно-техническая и информационно-аналитическая (консультационная). В заключительной части статьи авторы вносят полезные предложения по совершенствованию инфраструктуры предпринимательства в сельской местности.*

***Ключевые слова:*** *инфраструктура предпринимательства, дехканские хозяйства, Кулябский регион, консультационные центры, сельское предпринимательство, сельская местность, кредит.*

## DEVELOPMENT OF BUSINESS INFRASTRUCTURE IN RURAL AREAS OF KULYAB REGION

**KAJKULOEV ABDUKHOLIK FATKHULOEVICH**,
Candidate in Economics,
Associate Professor of the Department of Economics
of Enterprises and Entrepreneurship,
Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.
Kulob, 16, Safarova str.,
Phone: (+992) 988-01-96-66. E-mail: kholiq8989@mail.ru
**SAFAROVA SARVINOZ ZOIRSHOEVNA**,
PhD doctoral student of the Department of
Economics of Enterprises and Entrepreneurship,
Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.
Kulob, 16, Safarova str.,
Phone: (+992) 93 552 9222. E-mail: kaf8989@mail.ru

*The concept of infrastructure, in fact, is multifaceted, in each area of the national economy it has its own specificity and scientists have different opinions about this concept. The article examines the problems of developing the business infrastructure just in rural areas of Kulyab region. In modern conditions, for the study and analysis of the problem of rural entrepreneurship, the imperfection of the infrastructure in this area is important. Since, only the formation and development of the appropriate infrastructure can contribute to the development of rural entrepreneurship. According to the authors, the business infrastructure is a set of institutions or public, social and private structures and organizations which serve to protect the interests of business entities, create favorable conditions for economic activity and increase their efficiency. Particularly their attention is focused on three types of business infrastructure: financial and credit, organizational and technical, and information and analytical (consulting). In the final part of the article, the authors make suggestions for improving the infrastructure of entrepreneurship in rural areas.*

***Key words:*** *infrastructure of entrepreneurship, dekhkan farms, Kulyab region, consulting centers, rural entrepreneurship, rural area, credit.*

УДК: 657

# ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА АСОСҲОИ ИЛМИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОРӢ

**ҚОДИРОВА ГУЛМО ТОЛИБОВНА**,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи менеҷменти
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-22-29-01. E-mail: kodirova.gulmo@mail.ru

*Барои дарк кардани вазъи муосир ва дурнамои рушди соҳаҳои фаъолияти инсонӣ, аз ҷумла баҳисобгирии муҳосибӣ донистани таърихи ташаккул ва рушди он зарур аст. Баҳисобгирии муҳосибӣ чун соҳаи фаъолият ва чун илм таърихи тӯлонии худро дорад, ки солҳои охир таваҷҷуҳи зиёд ба омӯзиши он дар байни муҳаққиқон ба назар мерасад.*

*Мақола ба омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ ва илмии ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва дар ин асос муайян кардани дурнамои рушди он бахшида шудааст.*

*Таҳқиқот дар доираи мақолаи мазкур ба омӯзиш ва арзёбии муҳтавои асарҳои таърихӣ, интишороти даврӣ оид ба таърих, вазъи муосир ва дурнамои баҳисобгирии муҳосибӣ асос меёбад. Дар ин маврид асарҳои зиёди олимон ва муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ таҳқиқ ва таҳлил карда шудаанд. Масъалаҳои ташаккул ва рушди таърихии баҳисобгирии муҳосибӣ чун соҳаи фаъолият ва чун илм дар алоқамандӣ бо ҳодисаҳои таърихӣ ва муҳтавои адабиёти замонҳои гуногун ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Марҳилаҳои таърихии ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар асарҳои олимони хориҷӣ ҷудо гардидаанд, шарҳ дода шудаанд. Диққати муҳим ба рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, ҳамгироӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт дода шудааст. Тасдиқ карда шудааст, ки марҳилаи муосири рушди баҳисобгирии муҳосибӣ бо ташаккули низоми ҳамгирои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андозро дар бар мегирад, алоқаманд аст.*

*Бо вуҷуди набудани адабиёти таърихӣ оид ба ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар сарзамини тоҷикон кӯшиш карда шудааст, ки дар асоси таҳқиқи адабиёти хориҷӣ ва асарҳои илмии муосири муҳаққиқони ватанӣ каме ҳам бошад, ба масъалаи ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар сарзамини таърихии тоҷикон равшанӣ андохта шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *баҳисобгирии муҳосибӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ, ҷаҳонишавии иқтисодиёт, ҳамгироии ҷаҳонии иқтисодиёт, рақамикунонии иқтисодиёт, марҳилаи таърихии рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, марҳилаи муосири рушди илмӣ ва амалии баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии муҳосибии ҳамгиро.*

Баҳисобгирии муҳосибӣ чун соҳаи илм моҳият ва сохтори далелҳои фаъолияти хоҷагидориро меомӯзад, ҳадафи он шарҳ додани муҳтаво ва алоқамандии байни мафҳумҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки бо ёрии онҳо ин далелҳо дарк карда мешаванд. Вай чун соҳаи фаъолият раванди муташаккил ва ҳадафноки гирифтани иттилоот оид ба далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, коркард ва ба истифодабарандагон пешниҳод кардани онро дар шакли ҷамъбасткардашуда ифода менамояд. Ба қавли дигар, баҳисобгирии муҳосибӣ бо ташаккули иттилооти молиявии саҳеҳ ва пурра алоқаманд буда, тамоми ҷиҳатҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро фаро мегирад. Дар ин маврид ҳамаи далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ гардида, аз ҷониби муҳосиб мутобиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор бояд ба ҳисоб гирифта шаванд.

Баҳисобгирии муҳосибӣ чун соҳаи фаъолияти инсон таърихи тӯлонӣ дорад, вале чун соҳаи илм вай нисбатан нав аст.

Раванди ташаккул ва рушди таърихии баҳисобгирии муҳосибӣ мураккаб ва бисёрҷабҳа мебошад. Вай замоне арзи ҳастӣ намудааст, ки «... одамон нав акнун худро дар ҷомеа мешинохтанд. Инсон олоти меҳнатро эҷод намуда, ба кор кардан шуруъ кард ва зарурати пешбурди баҳисобгирии натиҷаҳои меҳнат низ ба миён омад» [26, с.66]. Бешубҳа, инсон аз замонҳои аввали ҳастии худ ба меҳнат кардан шуруъ кардааст. Бино бар ин, таърихи баҳисобгирӣ бо таърихи фаъолияти меҳнатии инсон ҳамрадиф аст.

Баҳисобгирӣ аз бақайдгирӣ ва навишти содаи натиҷаҳои фаъолияти меҳнатии инсон бо ченакҳои аслӣ то ба бақайдгирӣ, мураттабсозӣ, коркард, ҷамъбасткунӣ ва шарҳдиҳии таҳлилии иттилоот оид ба фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ бо ченаки ягонаи пулӣ тавассути маҷмӯи мураккаби амалиёти баҳисобгирӣ ва таҳлилӣ дар шароити муосири иқтисодӣ расидааст. Имрӯз баҳисобгирии муҳосибиро чун забони тиҷорат эътироф намудаанд, чунки вай иттилоотеро оид ба фаъолияти тиҷоратии субъекти хоҷагидорӣ бунёд менамояд, ки барои ба ҷо овардани таҳлили фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, қабули қарорҳои идоракунии муносиб ҳам барои роҳбарият ва ҳам барои шарикони тиҷоратии он зарур аст.

Дар шароити имрӯзаи ҳамгироии ҷаҳонии иқтисодиёт, тамоюли субъектҳои хоҷагидорӣ ба рушди инноватсионии фаъолият ва иқтисодиёти рақамӣ ташкил ва пешбурди муносиби баҳисобгирии муҳосибӣ мубрамии хосаро касб намудааст. Муҳимии масъалаи мазкурро дараҷаи камолоти идоракунии иқтисодиёти миллӣ, рушди муносибатҳои бозорӣ, истифодаи шаклҳои гуногуни моликият дар фаъолияти хоҷагидорӣ, бунёди корхонаҳо бо иштироки сармояи шарикони хориҷӣ ва муҳим аз ҳама – гузариши низоми баҳисобгирии муҳосибии миллӣ ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) боз ҳам қавитар мегардонад. Бино бар ин, дарк кардани заминаҳои таърихӣ ва асосҳои илмии ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ барои мукаммалгардонии назария ва амалияи муосири он чун низоми доимо рушдёбанда имкон медиҳад.

Масъалаи омӯзиши заминаҳои таърихӣ ва асосҳои илмии баҳисобгирии муҳосибӣ аз оғози ташаккулёбии он чун илм ҳамеша мавриди диққат ва омӯзиш буд. Талошҳо ба хотири таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои таърихӣ ва илмии баҳисобгирии муҳосибӣ хоса дар солҳои баъдӣ дар байни олимони хориҷӣ ба нуқтаи авҷи худ расидаанд. Онҳо дар асарҳои худ ба паҳлӯҳои мухталифи таърихи баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун илм ва соҳаи фаъолияти касбӣ таваҷҷуҳ намуда, масъалаҳои мубрами зиёдеро муайян ва ҳал намудаанд. Дар ин самт асарҳои муҳаққиқон М.Д. Акатева [1], И.Н. Богатая [4], М. Гаффикин [28], В.В. Ковалев [11], К. Кристенсон [27], М.И. Кутер [12], С.Ф. Легенчук [14], Р. Маттессич [29], Л.К. Никандрова [17], В.Ф. Палий [18], О.В. Рожнова [19], Я.В. Соколов [21], Е.С. Хендриксен, М.Ф. Ван Бреда [24]–ро метавон хоса қайд кард.

Дар асарҳои олимони муосири соҳаи баҳисобгирии муҳосибии тоҷик Қ.Х. Барфиев (Қ.Х. Хушвахтзода) [2; 25], М.У. Бобоев [3], Б.Ҳ. Каримов [6; 7; 8; 9], С.Ф. Низомов [15; 16], Д.А. Розиев [20], Р.С. Тоҳирова [23] ва дигарон танҳо баъзе масъалаҳои рушди таърихӣ ва илмии баҳисобгирии муҳосибӣ баррасӣ шудаанд. Дар мақолаи олимон Қ.Х. Хушвахтзода ва Б.Ҳ. Каримов бо унвони «Пайдоиш ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар олами Ислом» [26] дар асоси таҳқиқи амиқи муҳтавои асарҳои зиёди олимон ва муҳаққиқони ҷаҳонӣ доир ба таърихи ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ оид ба асолати шарқӣ доштани илми баҳисобгирӣ қайд карда

шудааст: «Баъзе муҳаққиқон далели дар Аврупо (Италия) пайдо шудани илм ва соҳаи фаъолияти муҳосибиро зери шубҳа қарор дода, иброз медоранд, ки боби китоби Лука Пачоли «Дар бораи ҳисоб ва катибаҳо», ки дар он навишти дутарафа ва дигар ҷиҳатҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ шарҳ дода шудаанд, инчунин, дигар асарҳо оид ба пайдошавии баҳисобгирии муҳосибӣ аз таҷрибаи пешини пешбурди баҳисобгирӣ аз мамлакатҳои Шарқ маншаъ мегиранд».

Муҳаққиқони арсаи ҷаҳонии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ Э.С. Хендриксен ва М.Ф. Ван Бреда дар китоби беназири худ «Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ» дар ин бора борҳо таъкид намудаанд. Онҳо бо умед изҳор намудаанд, ки хонандаи китоби онҳо ва он шахсе, ки бо ёрии ин китоб баҳисобгирии муҳосибиро меомӯзад, бо сарчашмаҳои ин илми қуҳан ва наҷиб ошно шуда, аҳамияти мероси тамаддунҳои бузурги Осиё ва Африқоро барои рушди илми баҳисобгирии муҳосибии муосир дарк хоҳад кард [24, с.27]. Дар воқеъ, бо мурури мутолиаи китоби мазкур ба хонанда равшан мегардад, ки баҳисобгирии муҳосибии муосир «маҳсули дастҳои зиёд ва сарзаминҳои зиёд» аст ва «... таърих гувоҳ аст, ки фарҳанги мо (аврупоиҳо – шарҳи муаллиф) қариб ба куллӣ аз фарҳангҳои халқҳои дигар маншаъ мегирад. Вай инчунин шаҳодат аз он медиҳад, ки инсоният танҳо дар айёми сулҳ ва таҳаммулпазирии этиқодҳо ба дастовардҳои беназири зеҳнӣ ва иҷтимоӣ ноил гардидааст. ... то он ки аврупоиҳо аз пусти ҳайвонҳо ва кулбаҳои худ берун баромаданд, дар Шарқи Миёна ва Шарқи Дур аллакай иқтисоди рушдёфта мавҷуд буд...» [24, с.29].

Э.С. Хендриксен ва М.Ф. Ван Бреда хоса аз баромади шарқии асосҳои баҳисобгирӣ ёдовар шуда, қайд менамоянд, ки замоне «дар Бағдод маркази илмии ҳазораи аввал пайдо шуд. Арабҳо аз Ҳинд яке аз кашфиётҳои асосии афкори инсонӣ – мафҳуми сифрро овараданд» [24, с.29]. Яке аз намояндагони маркази илмии Бағдод Абӯ Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Мӯсо Ал-Хоразмӣ (Ал-Хоразмӣ)-и тоҷик буд, ки соли 783 дар шаҳри Хива таваллуд шуда, соли 819 ба Бағдод сафар кардааст. Ӯ дар муддати зиёда аз 30 соли ҳаёти худ дар Бағдод ба корҳои илмию таҳқиқотӣ дар соҳаҳои риёзиёт, ҳандаса ва нуҷум машғул шудааст.

Китобҳои машҳури Ал-Хоразмӣ «Китоби мухтасар дар бораи алгебра ва муодилаҳо» («Китоб-ул-мухтасар-фи-ҳисоб-ул-ҷабр-вал-муқобала») ва «Китоб дар бораи ҳисоби ҳиндӣ» («Китоб-ул-ҷамъ-ва-т-тафриқ би ҳисоб-ул-Ҳинд») минбаъд дар паҳншавии ададҳои бо ном арабиасоси 0, 1, 2, ..., 9 ва низоми даҳии навишти ададҳо аввал дар Хилофати Араб ва пас дар Аврупо ва тамоми ҷаҳон мусоидат намудаанд. Бояд гуфт, ки Лука Пачоли – асосгузори илми баҳисобгирии муҳосибӣ низ дар китоби худ «Ҷамъи арифметика, геометрия, таълимот оид ба мутаносибӣ ва таносубҳо» (соли 1494) истифодаи ададҳои арабиасосро тарғиб кардааст.

Тавре аз омӯзиши асарҳои зиёд доир ба таърих ва методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ бармеояд, рушди баҳисобгирии муҳосибӣ бо гузариш аз як қолиб (ғоя)-и илмӣ ба қолиби дигари илмӣ (қолиб – аз англисӣ «paradigm»), дигаршавии муҳтавои қолибҳои илмӣ – ҳаракати пешравандаи илми муҳосибӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Тавре олими рус Я.В. Соколов қайд мекунад, ин гуфтаро ҳанӯз дар соли 1976 М.К. Уэллс дар такя ба омӯзиши асарҳои Т. Кун тасдиқ кардааст: «Вай (яъне М.К. Уэлс) нишон дод, ки баҳисобгирӣ бо роҳи инқилоб рушд мекунад, ки дар алангаи он як қолиб қолиби дигарро месӯзонад» [21, с.374].

Қолиб (парадигма) гуфта, назарияи қатъии илмӣ фаҳмида мешавад, ки дар низоми мафҳумҳои ифодакунандаи хосиятҳои муҳими воқеият таҷассум ёфтааст. Ин

тарҳи ғоявии аввалӣ, амсилаи гузориши масъалаҳо ва ҳалли онҳо, усулҳои таҳқиқотии дар марҳилаи муайяни таърихӣ дар ҷомеаи илмӣ ҳукмронбуда мебошад [10].

Дар рушди таърихии худ баҳисобгирии муҳосибӣ шумораи зиёди марҳилаҳоро аз сар гузаронидааст. Ба ақидаи муҳаққиқи рус Я.В. Соколов, метавон шаш марҳилаи таърихии рушди баҳисобгирии муҳосибиро ҷудо намуд [22, с.8-12]. Марҳилаи аввалӣ, ки фитрӣ ном гирифтааст, давраи солҳои 4000-500 то солшумории навро фаро мегирад. Дар он замон фикри муҳосиб ниҳоят сода буд, вай мехост ҳама чизеро, ки мебинад ва ҳама ҳама чизеро, ки бо он кор мекунад, дар баҳисобгирӣ инъикос кунад. Дар ин маврид ба аниқии инъикос кардани чизҳо диққати муҳим дода мешуд. Ҳамин тавр мафҳуми меҳварии баҳисобгирии муҳосибӣ – далели фаъолияти хоҷагидорӣ (амалиёти хоҷагидорӣ) пайдо шуд. Асоси баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳама давру замон далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мебошанд. Умуман, далели фаъолияти хоҷагидорӣ – ин ҳамон чизе мебошад, ки мутобиқи барномаи назора ё дастурамал бояд муҳосиб онро дар ҳуҷҷати аввалии баҳисобгири ба қайд гирад. Ҳар як воҳиди амволи хоҷагидорӣ, ки дар ихтиёри корхона қарор дорад, бояд дар баҳисобгирии муҳосибӣ сабт карда шавад. Ҳамин тавр мафҳуми дигари баҳисобгирӣ – барӯйхатгирӣ ва якҷоя бо он – ҳисобҳои ашёвӣ (ҳисобҳои баҳисобгирии ашё) пайдо шуд. Ҳар як далели фаъолияти хоҷагидорӣ, ки ӯҳдадориҳои ҷонибҳоро ба миён меорад, ҳамчунин бояд дар баҳисобгирӣ инъикос карда шавад ва ин ба пайдо шудани ҳисобҳои ҳисобикуниҳо боис шуд.

Марҳилаи дуюмӣ дар рушди баҳисобгирии муҳосибӣ арзишӣ ном дошта, давраи солҳои 500 то солшумории нав – 1300 (солшумории нав)-ро дар бар мегирад ва ба пайдо шудани пул дар асри 5 солшумории куҳна вобаста мебошад. Пайдо шудани пул ба корбурди усули баҳодиҳӣ дар баҳисобгирӣ боис шуд. Акнун ҳамаи далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар баҳисобгирӣ аввал ба таври аслӣ ва сипас (ё ҳамзамон) бо пул ифода карда мешуданд. Дар ин маврид дар баҳисобгирӣ мушкилоти чӣ гуна бо пул ифода намудани объекти баҳисобгирии бо ченаки аслӣ ифодагардида ба миён меояд (бо нархи харид, нархи бозорӣ, нархи фурӯш). Ҳамин тавр баҳисобгирӣ ба ду намуд ҷудо мешавад: патримоналӣ (ба баҳисобгирии амвол авлавият дода мешавад) ва камералӣ (ба инъикоси воридшавӣ ва хориҷшавии пул авлавият дода мешавад). Пул дар баҳисобгирии патримоналӣ чун ченаки арзиш ва дар баҳисобгирии камералӣ – чун воситаи пардохт баромад мекунад. Дар марҳилаи мазкури рушди баҳисобгирӣ ҳисобҳо ҳам бо ченаки аслӣ ва ҳам бо ченаки пулӣ бурда мешуданд.

Марҳилаи сеюмӣ дар рушди баҳисобгирӣ диграфӣ ном дошта, давраи солҳои 1300-1850-ро фаро мегирад. Хоҳиш ва зарурати ошкор намудани натиҷаи молиявии фаъолият ба ҷудошавии баҳисобгирии патримоналӣ ба намудҳои униграфӣ (навишти сода, яктарафа) ва диграфӣ (навишти дутарафа) боис шуд. Акнун ҳисобҳои сармояи худӣ, фоида ва зарар пайдо шуданд. Марҳилаи мазкур бо пайдошавии мафҳуми «навишти дутарафа» алоқаманд аст. Соли 1494 Лука Пачоли дар китоби худ «Ҷамъи арифметика, геометрия, таълимот оид ба мутаносибӣ ва таносубҳо» (боби XI «Дар бораи ҳисоб ва катибаҳо») тарзи навишти дутарафаро шарҳ дод. Навишти дутарафа (ё худ баҳисобгирии диграфӣ) инқилобе дар баҳисобгирӣ гардида, ба рушди минбаъдаи афкори муҳосибии назариявӣ мусоидат намуд ва имрӯз ҳам асоси низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидориро ташкил медиҳад. Маҳз ҳамин лаҳзаи таърихиро метавон чун нуқтаи сароғози рушди илмии баҳисобгирии муҳосибӣ эътироф кард. Вале, тавре Э.С. Хендриксен ва М.Ф. Ван Бреда қайд мекунанд, то лаҳзаи арзи ҳастӣ намудани китоби Лука Пачоли дар соли 1494 тамоми механизми муосири ҳисобдорӣ аллакай маълум буд ва кор мекард [24, с.28].

Марҳилаи чорум – марҳилаи назариявию амалӣ ном дошта, давраи солҳои 1850-1900-ро дар бар мегирад. Дар марҳилаи мазкур баҳисобгирии диграфӣ бо ду самт рушд мекунад: аз диди ҳуқуқӣ ва аз диди иқтисодӣ. Дар ин мавридд дар баҳисобгирии муҳосибӣ таснифи илмии ҳисобҳо ба ҷо оварда шуда, ҳисобҳо барои баҳисобгирии ҳисобикуниҳо бо дебиторҳо ва кредиторҳо, ҳисобҳои натиҷавӣ ва мутақобил (мутақобили дороиҳо ва мутақобили уҳдадориҳо) пайдо шуданд.

Дар марҳилаи панҷум – марҳилаи илмии рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, ки давраи солҳои 1900-1950-ро фаро мегирад, дигаршавии сифатии баҳисобгирии муҳосибӣ ба амал меояд: аз таркиби он тавозуни муҳосибӣ ҷудо мешавад. Вобаста ба ин дар баҳисобгирии муҳосибӣ ду самти таҳқиқоти илмӣ пайдо мешавад: ҳисобдорӣ (пешбурди ҳисобҳо) ва тартибдиҳии тавозун (ҳисобот). Ин ду самти мазкури таҳқиқот бо ду ҷиҳати усули навишти дутарафа алоқаманд аст: динамикӣ (баҳисобгирии гардишҳо) ва статикӣ (баровардани бақияҳои ҳисобҳо). Тавозуни муҳосибии статикӣ дар навбати худ заминаи ташаккули назорати дохилӣ, аудит, баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз гардид. Дар марҳилаи мазкур баҳисобгирии масрафҳо ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) аҳамияти муҳим пайдо мекунад.

Таҳқиқоти илмии минбаъда дар самти баҳисобгирии камералӣ ба рушди усулҳои нави баҳисобгирии масрафҳо, ки ҳоло бомуваффақона ба кор бурда мешаванд, оварданд, чун: директ-костинг, стандарт-костинг, баҳисобгирии масрафҳо аз рӯйи марказҳои масъулият, баҳисобгирии масрафҳо аз рӯи вазифаҳои идоракунӣ – усули АВС (Activity based costing – арзиши аслии ба фаъолият асосёфта). Истифодаи усулҳои мазкури баҳисобгирии масрафҳоро метавон чун оғози рушди самти нави баҳисобгирии муҳосибӣ - баҳисобгирии идоракунӣ баррасӣ намуд. Баъдтар таҳқиқи динамикии тавозуни муҳосибӣ ба густариши баҳисобгирии идоракунӣ мусоидат кард ва имкон дод, ки дар таркиби он на танҳо усулҳои баҳисобгирии масрафҳо ва ҳисобкунии арзиши аслӣ, инчунин усулҳои банақшагирӣ (буҷетикунонӣ) ташаккул ва рушд ёбанд.

Марҳилаи шашум (муосир)-и рушди баҳисобгирӣ аз соли 1950 оғоз гардида, то имрӯзро дар бар мегирад. Акнун баҳисобгирии муҳосибӣ чун илми иқтисодии дорои мавзуъ (предмет), усул (метод), асосҳои назариявӣ ва методологӣ ташаккул ёфтааст. Нақши баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми идоракунии иқтисодиёти субъектҳои хоҷагидории муосир комилан муайян гардид. Дар марҳилаи мазкур аз низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ намудҳои алоҳидаи он – баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз қатъиян ҷудо шуданд. Ҳамчунин қоидаҳои байналмилалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ – СБҲМ, технологияҳои иттилоотии муҳосибӣ ва барномаҳои компютерии баҳисобгирии муҳосибӣ (чун 1С:Бухгалтерия) ва баҳисобгирии идоракунӣ (Microsoft Axapta, Oracle Business Intelligence SE One) пайдо шуда, дар низомҳои хоҷагидорӣ бомуваффақона татбиқ гардиданд.

Дар марҳилаи муосири рушди илмӣ ва амалии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии ҷаҳонӣ ва татбиқи СБҲМ бархурди бинишҳои олимон-назариячиёни соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки намояндагони мактабҳои илмии муҳосибии англоамерикоӣ ва «шӯравӣ» мебошанд, бештар ба назар мерасад. Имрӯз ҳолате ба миён омадааст, ки дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибии мамлакатҳои пасошӯравӣ қоидаҳо, принсипҳо ва стандартҳои дар асоси амсилаи англоамерикоии баҳисобгирӣ коркардшуда татбиқ карда мешаванд, вале назарияи умумии баҳисобгирии муҳосибӣ асосан бетағйир боқӣ мондааст ва ба равиши

анъанавии «шӯравӣ» мувофиқ аст. Дар натиҷаи ин мувофиқат накардани асосҳои назариявии баҳисобгирӣ бо амалияи пешбурди он дар асоси қоидаҳои миллӣ ба миён меояд. Ба ақидаи муҳаққиқи украинӣ С.Ф. Легенчук сабаби ин мушкилотро дар шароит ва хусусиятҳои ташаккули таърихии назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ метавон дарёфт кард [14, с.53].

Имрӯз баҳисобгирии муҳосибӣ тамоми аломатҳои асосгузори рушди илмиро доро мебошад, чун соҳаи омӯзиш, мафҳумҳо, назария, дастаи усулҳои пешниҳод кардани маълумот, соҳаи густурдаи манфиатҳо ва корбурди иттилооти дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бунёдшаванда. Акнун вай чун соҳаи ба мувофиқа омадани манфиатҳои давлат ва тиҷорат дар шароити рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ баррасӣ мешавад. Баҳисобгирии муҳосибиро чун илм на танҳо мавҷудияти мавзуъ, инчунин доштани усул дар намуди амалҳои қатъиян муайяни ҷамъоварӣ ва пешниҳодкунии маълумот муайян мекунад. Дар ин маврид манфиатҳои истифодабарандагони иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ба андозаи назаррас тафовут доранд ва худи баҳисобгирии муҳосибӣ имрӯз ҳамаи эҳтиёҷоти иттилоотии ин истифодабарандагонро бо ҳаҷми пурра қаноатманд карда наметавонад.

Мукаммалгардонӣ ва рушди техника, технология, пайдошавии намудҳои нави техникаи ҳисоббарори компютерӣ, инчунин масъалаҳои мубрами нав дар идоракунӣ ва таъминоти иттилоотии он соҳаи корбурди баҳисобгирии муҳосибиро густариш додаанд. Ҳоло самтҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ мавҷуд мебошанд, ки таркиби онҳо доимо васеъ мешавад.

Баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми хоҷагидории муосир чун бахши низоми ягонаи баҳисобгирӣ-иттилоотие рушд мекунад, ки баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз, инчунин баҳисобгирии стратегӣ, оморӣ, экологӣ, фаврӣ-техникӣ ва дигар намудҳои баҳисобгириро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо муҳтавои худро дошта, ҳадафҳои худро пайгирӣ мекунад. Ягонагии ин низом дар асоси баҳисобгирии аввалӣ чун сарчашмаи маълумот барои ҷамъоварӣ, батартибдарорӣ ва ҷамъбасткунии минбаъдаи иттилоот мутобиқи вазифаҳо ва талаботи ҳар як намуди баҳисобгирӣ таъмин карда мешавад. Ҳамзамон рушди мутаносиби баҳисобгирии муҳосибӣ ҳангоми муайян намудани ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки боз ҳамон истифодабарандагон пешниҳод менамоянд, имкон дорад.

Зарурат барои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ бо эҳтиёҷоти рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва ҳар як субъекти хоҷагидорӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад. Масъалаҳои рушди иқтисодиёти миллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ аз диди рушди босубот самтҳои навро дар баҳисобгирии муҳосибӣ ба миён оварданд, ки дар адабиёти иқтисодӣ ва фаъолияти амалӣ мавриди баҳс қарор гирифтаанд. Хоса ин дахл дорад ба самтҳои нави идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ ва мувофиқан ба баҳисобгирии идоракунӣ, ки имрӯз аз диди назария ва амалия баррасӣ мешавад. Дар назария ҳадафҳо, вазифаҳо, объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ ба таври гуногун маънидод карда мешаванд, дар амалия усулҳои нав, назарияҳои асоснок, инчунин корбурди олоти риёзии гуногун ба миён меоянд.

Дар баҳисобгирии муҳосибии муосир иттилооте бунёд мегардад, ки ба баҳисобгирии идоракунӣ имкон медиҳад то яке аз мақомҳои асосиро дар низоми идоракунии хоҷагидорӣ ишғол намояд. Мафҳуми «баҳисобгирии идоракунӣ»-ро акнун мебояд дар шакли васеътар, - чун асоси идоракунӣ маънидод кард. Баҳисобгирии идоракунӣ акнун чун низоми ҷамъоварӣ ва маънидодкунии иттилоот оид ба даромадҳо, хароҷот ва арзиши аслии маҳсулот баррасӣ карда мешавад, ки наздиктар ба

мафҳуми «контроллинг» аст. Ин низоми густурдаи ташкили баҳисобгирӣ ба хотири назорати фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ мебошад [5, с.177].

Дар шароити муосир фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ бо доимо дигаршавии омилҳои муҳити берунӣ ва дохилӣ алоқаманд мебошад. Омилҳои берунӣ, ки бо равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт, пурзӯршавии мубориза‌и рақибона дар бозор, дигаршавии хосияти талабот, рушди низоми ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, масъалаҳои экологӣ алоқаманд мебошанд, усулҳо ва равишҳои комилан навро ба идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ ва низоми баҳисобгирии муҳосибӣ талаб менамоянд.

Ҳамин тавр, равиши ҳамгиро ба идоракунӣ дар низомҳои хоҷагидорӣ бояд нисбат ба сарчашмаи асосии иттилооти идоракунӣ – баҳисобгирии муҳосибӣ ба кор бурда шавад. Ҳадафи асосии низоми баҳисобгирии муҳосибии ҳамгиро бунёди иттилоот барои идоракунии фаврӣ, ҷорӣ ва ояндабинӣ бо роҳи тамаркузи вазифаҳои идоракунӣ дар марказҳои қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад. Ҳалли вазифаҳои дар назди низоми баҳисобгирии муҳосибии ҳамгиро гузошташуда дар алоқамандӣ ва фаъолияти байниҳамдигарии ҳамаи зернизомҳои баҳисобгирӣ, ки имрӯз дар назария ва амалия чун баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз номбар мешаванд, имкон дорад.

Имрӯз дар баробари таҳқиқи ҷиҳатҳои таърихии пайдошавии баҳисобгирии муҳосибӣ ва рушди он масъалаҳои вазъи ояндаи баҳисобгирии муҳосибӣ низ ба омӯзиш ниёз доранд. Вақтҳои охир дар адабиёти соҳа интишороти зиёде ба назар мерасанд, ки касро аз ояндаи баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун соҳаи фаъолияти касбӣ ба ташвиш меоранд. Тавре профессори Донишгоҳи молиявии назди Ҳукумати Федератсияи Россия К.Н. Лебедев қайд мекунад, «Масъалаҳои ояндаи ҳисобдорӣ ва пешбурди баҳисобгирӣ ҳар як соҳибкасберо, ки тақдири худро бо баҳисобгирии муҳосибӣ (амалия, илм, таҳсилот, танзимкунии инҳо) ҳамбаста намудааст, нигарон мекунанд. Масъала ду ҷониб дорад, яке – вокуниш нишон додан ба дигаргуниҳои ногаҳонӣ, дигаре – пешакӣ омода будан ба онҳо» [13, с.136].

Дарвоқеъ, таҳқиқот дар соҳаи дурнамои баҳисобгирии муҳосибӣ ҳам аз ҷиҳати назария ва ҳам аз ҷиҳати амалия мубрам мебошанд. Аммо, шояд мо хавотир нашавем, чунки ҳоло дар ҳамаи субъектҳои хоҷагидории муосир ба кормандони соҳаи муҳосибӣ, аудит ва таҳлили иқтисодӣ эҳтиёҷ ҳаст. Эҳтиёҷ ба муҳосиби бо тарзи анъанавии меҳнати дастӣ коркунанда, ки гузарониши амалиёти хоҷагидориро ба ҳисобҳо ба таври дастӣ ба ҷо меорад, албатта бо паҳншавии саросарии технологияҳо ва барномаҳои компютерии муҳосибӣ маҳв мешавад. Вале эҳтиёҷ дар субъектҳои хоҷагидорӣ ба муҳосибони дорандаи малакаҳои хуби кор бо технологияҳои компютерии муосир ва донишҳои муносиб беш аз пеш афзӯн мешавад.

Дар баробари ин, «масъалаҳои дарк намудани нақш ва мақоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва иқтисодиёти рақамӣ, таҳқиқи дигаргуниҳо дар муҳтаво, пояҳои методологӣ ва консептуалии баҳисобгирии муҳосибӣ бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт ниҳоят мубрам гардидаанд» [7, с.118].

Равандҳои рақамикунонӣ ба беҳгардонии назарраси ҳам хосиятҳои иттилооти баҳисобгирӣ ва ҳам ба имконияти истифодабарии он таъсир мерасонанд. Таҳқиқи натиҷаҳои рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ тавассути таҳлили барномаҳои компютерии муҳосибӣ, пойгоҳҳои додаҳо ва принсипҳои намо ва бунёди онҳо нишон

медиҳанд, ки рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамзамон ба ду ҷиҳати он таъсир мерасонад:

- технологияи гирифтан ва ҷамъоварӣ намудани иттилооти зарурӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва минбаъд ба истифодабарандагони манфиатдор пешкаш намудани он – технологияҳои иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ;
- методологияи банизомдарории иттилоот, худи баҳисобгирии муҳосибӣ ва методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ.

Технологияҳои гирифтан ва ҷамъоварӣ намудани иттилооти зарурӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва ба истифодабаранда додани он – ин низомҳои иттилоотии муосир мебошанд, ки асосан тавассути бунёд намудан ва истифодабарии пойгоҳҳои додаҳо амалӣ карда мешаванд. Онҳо доимо мукаммал мегарданд ва рушди онҳоро метавон аз диди рушди техника, пайдо шудани пояҳои нави техникии ба рушди эҳтиёҷоти нави иттилоотӣ мусоидаткунанда ва аз диди мукаммалгардонии худи низомҳои иттилоотии компютерӣ баррасӣ кард.

Методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ ба корбурди ҳамзамони чунин технологияҳои баҳисобгирии таърихан ташаккул ва рушдёфта асос меёбад:

- тарзҳои назораи аввалӣ (барӯйхатгирӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ);
- тарзҳои ченкунии арзишӣ (ҳисобкунии арзиши аслӣ ва баҳодиҳӣ);
- тарзҳои банизомдарорӣ ва батартибдарорӣ (ҳисобҳои муҳосибӣ ва навишти дутарафа);
- тарзҳои ҷамъбасткунӣ (тавозуни муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ).

Агар дар натиҷаи истифодабарии баҳисобгирии муҳосибии рақамӣ ҳар як далели фаъолияти хоҷагидорӣ дар намуди дастаи аломатҳо ва лозимиҳо (реквизитҳо), аз ҷумла аломатҳои ҳисобҳо ва тарафҳои онҳо (дебет ва кредит) ба пойгоҳи додаҳо ворид шавад (ба феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ гузаронида шавад), пас имкони истифодабарии зиёда аз ду ҳисоб пайдо мешавад. Аз ҳисоби зиёдшавии аломатҳо ё лозимиҳо, ки дар мавриди мазкур ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисобҳои таҳлилӣ, ҳисобҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва иттилооти дигар мебошанд, ин иттилоотро метавон ба низом даровarда, сипас ҷамъбаст кард ва ҳамин тавр, ба истифодабарандагон дар намуди нисбатан муфассал, таҳлилбоб ва мусоид пешкаш намуд.

## Адабиёт

1. Акатьева М.Д. Исторические аспекты формирования учетных парадигм и их современная оценка [Текст] / М.Д. Акатьева // Международный бухгалтерский учет. – 2017. – Т. 20. - № 19. – С. 1104-1114
2. Барфиев К.Х., Собиров Н.М. Совершенствование бухгалтерского учета и отчетности в аграрном секторе экономики Республики Таджикистан на основе МСФО [Текст] / К.Х. Барфиев, Н.М. Собиров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2013. - № 2/2 (107). – С. 30-34
3. Бобоев М.У. Опыт применения МСФО в Республике Таджикистан [Текст] / М.У. Бобоев / Перспективы развития бухгалтерского учета, анализа, аудита и налогообложения в условиях интернационализации экономики / Сборник статей VI Международной научно-практической конференции (Екатеринбург, 24 апреля 2015 года). – Екатеринбург: Издательство Уральский государственный экономический университет, 2015. – С. 126-133
4. Богатая И.Н., Евстафьева Е.М. Исследование современных тенденций развития бухгалтерского учета и отчетности в Российской Федерации [Текст] И.Н. Богатая, Е.М. Евстафьева // Международный бухгалтерский учет. – 2013. - № 5 (167). – С. 2-16

5. Гульпенко К.В., Тумашик Н.В. Теоретические аспекты развития учета [Текст] / К.В. Гульпенко, Н.В. Тумашик // Проблемы современной экономики. – 2009. - № 4 (32). – С. 177-180
6. Каримов Б.Х., Каримиён М.Б. Современное состояние бухгалтерского учета в Республике Таджикистан: монография [Текст] / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён. – Душанбе: ИПС, 2018. – 390 с.
7. Каримов Б.Ҳ. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 3 (34). – С. 115-119
8. Каримов Б.Ҳ. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. - № 4. – С. 169-179
9. Каримов Б.Х., Кодирова Г.Т. Развитие системы бухгалтерского учета в условиях глобализации [Текст] / Б.Х. Каримов, Г.Т. Кодирова // Государственное управление. – 2021. - № 3 (52). – С. 38-49
10. Кирьянова З.В. Теория бухгалтерского учета: учебник [Текст] / З.В. Кирьянова / 2-е изд., перераб. и доп. - М.: Финансы и статистика, 1998. - 192 с.
11. Ковалев В.В. Бухгалтерский учет как наука и практика [Текст] / В.В. Ковалев // Вестник Санкт-Петербургского университета. – 2003. - Сер. 5. – Вып. 1 (№ 5) – С. 120-131
12. Кутер М.И. Теория бухгалтерского учета: учебник [Текст] / 3-е изд., перераб. и доп. / М.И. Кутер. – М.: Финансы и статистика, 2004. – 592 с.
13. Лебедев К.Н. Будущее учета в свете преспектив совершенствования планирования [Текст] / К.Н. Лебедев // Международный бухгалтерский учет. – 2017. – Т. 20. – Вып. 3. – С. 135-149
14. Легенчук С.Ф. Тенденции развития теории бухгалтерского учета в англоязычных странах [Текст] / С.Ф. Легенчук // Международный бухгалтерский учет. – 2010. - № 8 (140). – С. 53-63
15. Низомов С.Ф. Реформа бухгалтерского учета в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы развития [Текст] / С.Ф. Низомов // Аудит и финансовый анализ. – 2010. - № 2. – С. 73-76
16. Низомов С.Ф., Шобеков М. Проблемы внедрения МСФО в Таджикистане и пути их преодоления [Текст] / С.Ф. Низомов, М. Шобеков // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2015. - № 2-1 (9). – С. 216-221
17. Никандрова Л.К. Формирование учетной системы хозяйствующих субъектов: теория, методология, практика: монография [Текст] / Л.К. Никандрова. - М.: МГУП, 2010. - 240 с.
18. Палий В.Ф. Актуальные вопросы теории бухгалтерского учета [Текст] / В. Ф. Палий // Бухгалтерский учет. - 2005. - № 3. – С. 45-48
19. Рожнова О.В. Финансовый учет. Теоретические основы, методологический аппарат [Текст] / О.В. Рожнова. – М.: Экзамен, 2003. – 192 с.
20. Розиев Д.А. Заминаҳои таърихӣ ва асосҳои ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ [Матн] / Д.А. Розиев // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. - № 4. - С. 98-103
21. Соколов Я.В. Бухгалтерский учет: от истоков до наших дней [Текст] / Я.В. Соколов. – М.: Аудит, ЮНИТИ, 1996. – 638 с.

22. Соколов Я.В., Соколов В.Я. История бухгалтерского учета: учебник [Текст] / Я.В. Соколов, В.Я. Соколов. – М.: Финансы и статистика, 2004. – 272 с.
23. Тохирова Р.С. Бухгалтерский учет инновационной деятельности на предприятиях текстильной промышленности Республики Таджикистан [Текст] / Р.С. Тохирова // Аудит. – 2021. - № 10. – С. 34-38
24. Хендриксен Е.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета: пер. с англ. [Текст] / Е.С. Хендриксен, М.Ф. Ван Бреда / Под ред. проф. Я.В. Соколова. - М.: Финансы и статистика, 2000. - 576 с.
25. Хушвахтзода Қ.Х., Розиев Д.А. Пояҳои ғоявии бунёдкунии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Д.А. Розиев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. - 2020. - № 4 (72). - С. 108-118
26. Хушвахтзода Қ.Х., Каримов Б.Ҳ. Пайдоиш ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар олами Ислом [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 10. – Қисми 2. - С. 66-71
27. Christenson Ch. The methodology of positive accounting [Text] / Ch. Christenson // The accounting review. – Jan.1983. - Vol. 58. – No. 1. - P. 1-22
28. Gaffikin M. Creating a science of accounting: accounting theory to 1970 [Text] / M. Gaffikin // Accounting & Finance Working Paper. School of Accounting & Finance, University of Wollongong. - 2005. – No. 05/08. - P. 1-20
29. Mattessich R. Foundational research in accounting: professional memoirs and beyond [Text] / R. Mattessich // Spanish Journal of Accounting History. - December 2006. - № 5. - P. 1-168

# ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ И НАУЧНЫЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В ХОЗЯЙСТВУЮЩИХ СУБЪЕКТАХ

**КОДИРОВА ГУЛМО ТОЛИБОВНА,**
кандидат экономических наук, доцент,
заведующий кафедрой менеджмента
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 918-22-29-01. E-mail: kodirova.gulmo@mail.ru

*Для осознания современного состояния и перспективы развития сфер человеческой деятельности, в том числе и бухгалтерского учета необходимо знание истории их формирования и развития. Бухгалтерский учет как сфера деятельности и как наука имеет длительную историю, большой интерес к изучению которой в последние годы наблюдается среди исследователей и ученых.*

*Статья посвящена изучению исторических и научных аспектов формирования и развития бухгалтерского учета и на этой основе определению перспектив его развития.*

*Исследование в рамках данной статьи основано на изучении и оценке содержания исторических произведений, периодических изданий об истории, современном состоянии и перспектив развития бухгалтерского учета. При этом было исследовано и анализировано большое количество произведений зарубежных и отечественных ученых и исследователей. Вопросы формирования и исторического развития бухгалтерского учета как сферы деятельности и как науки исследованы во взаимосвязи с историческими событиями и содержанием литературы различных периодов. Дается толкование исторических периодов формирования и развития бухгалтерского учета, выделенных в работах зарубежных ученных. Особое внимание уделено развитию бухгалтерского учета в условиях*

*глобализации, интеграции и цифровизации экономики. Подтверждено, что современный период развития бухгалтерского учета связан с формированием интегрированной системы бухгалтерского учета, кототрая включает в себя финансовый, управленческий и налоговый учет.*

*Несмотря на отсутствие исторической литературы о формировании и развитии бухгалтерского учета на таджикской земле, делается попытка на основе исследования зарубежной литературы и современных научных трудов отечественных исследователей хоть в какой-то мере осветить вопросы формирования и развития бухгалтерского учета на исторической земле таджиков.*

***Ключевые слова:*** *бухгалтерский учет, хозяйствующие субъекты, глобализация экономики, мировая экономическая интеграция, цифровизация экономики, исторический период развития бухгалтерского учета, современный период научного и практического развития бухгалтерского учета, интегрированный бухгалтерский учет.*

## HISTORICAL BACKGROUND AND SCIENTIFIC BASIS OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF ACCOUNTING IN ECONOMIC ENTITIES

**QODIROVA GULMO TOLIBOVNA,**
Candidate in Economics, Associate Professor,
Head of the Department of Management of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 918-22-29-01. E-mail: kodirova.gulmo@mail.ru

*To understand the current state and development prospects of the spheres of human activity, including accounting, it is necessary to know the history of their formation and development. Accounting as a field of activity and as a science has a long history, a great interest in the study of which has been observed in recent years among researchers and scientists.*

*The article is devoted to the study of the historical and scientific aspects of the formation and development of accounting and, on this basis, to determine the prospects for its development.*

*The research within this article is based on the study and assessment of the content of historical works, periodicals about history, the current state and prospects for the development of accounting. Herewith, a large number of works of foreign and domestic scientists and researchers have been studied and analyzed. The issues of the formation and historical development of accounting as a field of activity and science are highlighted in conjunction with historical events and the content of the literature of various periods. There is given an interpretation of the historical periods of the formation and development of accounting, highlighted in the works of foreign scientists. Particular attention is paid to the development of accounting in the context of globalization, integration and digitalization of the economy. It was confirmed that the modern period of development of accounting is associated with the formation of an integrated accounting system, which includes financial, management and tax accounting.*

*Despite the lack of historical literature on the formation and development of accounting in the Tajik land, there is made an attempt, based on the study of foreign literature and modern scientific works of domestic researchers, at least to some extent highlight the formation and development of accounting in the historical land of Tajiks.*

***Key words:*** *accounting, economic entities, globalization of the economy, world economic integration, digitalization of the economy, the historical period of the development of accounting, the modern period of scientific and practical development of accounting, integrated accounting.*

УДК: 311:338.

# ТАҲЛИЛИ ИҚТИСОДӢ - ОМОРИИ ҚОБИЛИЯТИ ХАРИДОРИИ ПУЛИ МИЛЛӢ (СОМОНӢ)

**ИМАТЧОЕВ ЗИНАТШО ХИЗМАТЧОЕВИЧ**,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи омори
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.
Тел.: (+992) 988-25-65-81.
**ҶУРАХОНОВ ОЛИМҶОН ҲАЙБУЛЛОЕВИЧ,**
ассистенти кафедраи менеҷменти
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир,33.
Тел.: (+992) 987-27-74-74. E-mail: jurakhonov.7474@mail.ru

*Қобилияти харидории пул нишондиҳандаи муҳимест, ки суботи бо ҳар як воҳиди пулӣ ба даст овардани миқдори муайяни мол ва хизматҳо дар муҳлатҳои муайяни вақт нишон медиҳад. Аз тарафи дигар ҳамчун ифодакунандаи ҳолати гардиши пулӣ барои кишварҳо, бахусус барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир сатҳи таъминоти пулии иқтисодиёт мебошад. Мақолаи мазкур ба иқтисодӣ - омории қобилияти харидории пули миллӣ (сомонӣ) бахшида шудааст. Аз таҳқиқоти гузаронидашуда бармеояд, ки қобилияти харидории пули миллӣ падидаи муҳими иқтисодӣ буда, таъсиррасонии маҷмуи муносибатҳоро дар раванди истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва муносибатҳои пулию қарзӣ тавсиф менамояд. Бояд қайд намуд, ки сатҳ ва динамикаи қобилияти харидории пули миллӣ (сомонӣ) ин омили таъсиррасонест ба суръати маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, сатҳи рушди сохторҳои молиявӣ, пулҳои захиравӣ, сатҳи таваррум, самаранок истифодабарии ҳаҷми пул барои пешниҳоди қарз ба иқтисодиёт, майлнокии субъектҳои хоҷагидор ба пасандоз, фаъолияти самараноки бонкӣ дар бозори пулии дохилӣ ва сатҳи эътимоднокии аҳолӣ ба низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин қобилияти харидории пул имконияти аҳолиро барои хариди ин молҳо нишон медиҳад. Қобилияти харидории пул бо арзиши категорияҳои гуногуни молу хизматҳо, инчунин бо сатҳи таваррум сахт алоқаманд мебошад. Аз ин хотир, таъмини қобилияти харидории пули миллӣ, хусусан, андозагирии он яке аз ҷанбаҳои муҳими тадқиқоти назарияи пулӣ баҳисоб меравад. Дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллифон қобилияти харидории пули миллӣ тавассути усулҳои намояи (индекси) нархҳои истеъмолӣ (ИПЦ) ва намояи Дефлятори ММД (Индекс-дефлятор), инчунин дар асоси муодилаи мубодилаи И. Фишер андозагирӣ карда шуда, дар доираи ҳисобҳо таҳлили қобилияти харидории пули миллӣ дар солҳои 2010-2019 ба роҳ монда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *пули миллӣ, қобилияти харидории пули миллӣ, қурби мубодила, рушди иқтисодӣ,намояи нархҳои истеъмолӣ, намояи Дефлятори ММД, назарияи пул, суръати гардиши пул.*

Бояд қайд намоем, ки дар шароити иқтисоди ҷаҳонишавӣ қобилияти харидории пули миллӣ аз маҷмӯи шароит ва омилҳо, хусусан бо таъмини воқеии молҳо ва хизматҳо вобастагии зич дорад. Зеро, ки таъмини бозори дохилй бо ҳаҷми ҷисмонии молҳо ва хизматҳои истеҳсоли худй ва хориҷй бо нархҳои бозорӣ хариду фурӯш карда мешавад. Аз ин лиҳоз, пули миллӣ бо ду бузургии (параметри) калидӣ - қобилияти харидории дохилӣ ва берунӣ тавсиф карда мешавад.

Моҳияти иқтисодии қобилияти хиридории дохилии пули миллӣ бо ҳаҷми ҷисмонии молҳо ва хизматҳо, ки аз рӯи арзиши муайяни номиналӣ дар дохили мамлакат харид шудаанд, ифода меёбад. [6.С.150] Агар дар сатҳи мамлакат нархи ягон намуди мол ва ё хизмат боло равад, он гоҳ метавон гуфт, ки арзиши пул ё воҳиди пулӣ ё ин ки қобилияти харидории онҳо коҳиш ёфтааст. Аз ин лиҳоз, қобилияти харидории пулро метавон ҳамчун нисбати баръакси онҳо ба арзиш ё

Дар миқёси мамлакат сатҳи нархҳо (тavварум) тибқи назарияи миқдори пул (сиёсатимонетарӣ ) ҳамчун нисбати ҳаҷми ҷисмонии молҳо, ки барои фурӯш дар

бозори дохилии мамлакат ворид шудаанд, ба ҳаҷми пули дар муомилоти дохилӣ ҷой дошта бо назардошти суръати муомилоти онҳо ҳисоб карда мешавад.

Бояд қайд намоем, ки то ин ҷониб дар адабиёти муосири иқтисодию оморӣ тарзҳои андозагирии қобилияти харидории дохилии пули миллӣ муайян карда нашудаанд. Аз он ҷумла бо ақидаи Р.К.Раҳимов«…дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назар ба дигар мамлакатҳо бо мақсади таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ нишондиҳандаи васеъи ҳаҷми пул, ки бо **М2** ҷамъи амонатҳо дар асъори хориҷӣ истфода мегарданд».[8.С.6-7] Аз ин хотир, онҳоро метавон бо истифодаи ифодаҳоиомори риёзӣ андозагирӣ намуда, нишон дод. Яъне, мо метавонем формуларо бо тариқи зайл ифода намоем:

дар ин ҷо: $$Қ.х.д = \frac{1}{\frac{M\,x V}{A^p}}$$ (1) [3.С.470].

қобилияти харидории дохилӣ:

Нисбати гардиши (муомилоти) дохилии пул *(MxV)* ба маҷмӯи ҳаҷми пешниҳоди молҳо (Ар), ки дар махраҷ касри қисми рости муодилаи (р) оварда шудааст, сатҳи умумии нархҳоро дар мамлакат нишон медиҳад. Ҳамзамон, сатҳи қобилияти харидории дохилии пул бо формулаи зерин ифода меёбад:

$$K_{Х.Д} = \frac{1}{p},$$ (2) [3.С.470].

Муодилаи овардашуда нишон медихад, ки қобилияти харидории дохилии пул, баръакси бузургии сатҳи умумии нархҳо дар мамлакат мебошад. Динамикаи кобилияти харидории дохилии пулро метавон бо ёрии индеси он (Iқ .х) ҳисоб намуд.

$$I_{к.х.у} = \frac{1}{\frac{M_1 \times V_1}{\overset{p}{А_1}} : \frac{Mo \times Vo}{\overset{p}{А_0}}} = \frac{1}{P_1 : P_0}$$ (3) [3.С.470].

Инчунин дар бештари маврид индекси қобиляти харидории пулро ($Қ_{х.п}$), баракси индекси нарх $(J)_р$ ҳисоб намуд:

$$K_{Х.п} = I/Jp,\ J_{П.ң.} = I/J_{р.}$$ (4)

$$J_p = \sum_{i=1}^{n} p_{i1}q_{i1} : \sum_{i=1}^{n} p_{io}q_{i1}$$ (5)

Дар инҷо, $P_{io}P_{i1}$ - нархи мол ва хизматрасонӣ дар давраи ҷорӣ ва базисӣ;
$q_{i1}$-ҳаҷми мол ва хизматрасонӣдар давраи ҷорӣ.[10.С.279].

Акнун бо ёрии истифодаи формулаҳои дар боло нишон дода шуда, (1,2,3, 4,5) кобилияти харидории дохилии пули миллиро дар солҳои 2011 ва 2019 ҳисобменамоем.

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои ҳисобкунии қобиляти харидории дохилии пули миллӣ (сомонӣ ) дар солҳои 2011 - 2019**

| т/р | Нишондиҳанда | Солҳо | |
|---|---|---|---|
| | | 2011 | 2019 |
| 1. | Маҷмуи махсулоти дохилӣ бо нархҳои амалкунанда мутобиқи солҳо, млн.сомонӣ | **30071,1** | **77354,7** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2. | Маҷмуи махсулоти дохилӣ бо нархҳои муқоисашаванда, млн.сомонӣ | 5683,4 | 5801,6 |
| 3. | Содирот млн.сомонӣ | **459243,9** | **1174,4** |
| 4. | Воридот млн.сомонӣ | **151114,8** | **3349,3** |
| | Содироти холис млн.сомонӣ | -308129,1 | 2174,9 |
| 5. | Ҳаҷми пул (М4) млн.сомонӣ | 4 458,0 | 22155 |
| 6. | Миқдори гардиши пул (М4), маротиба | 5,5416 | 3,494 |
| 8. | Ҳаҷми истеъмолоти дохилӣ, млн.сомонӣ | 33314,9 | 62541,4 |
| 9. | Сатҳи нархҳо, % | 104,3 | 105,2 |
| 7. | Сатҳи қобилияти харидории дохилии пули миллӣ, % | 94,43 | 94,97 |

Маълумот барои таҳлил аз Тоҷикистон: 25- соли истиқлолияти давлатӣ, маҷмӯаи оморӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2016, Омори солонаи ҶумхурииТоҷикистон (2020), Бюллетени омори бонкӣ: декабр 2010/12 (183), декабр 2019/4 (237) истифода шуда, нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 1 овардашуда ҳисоб карда шуданд. [1 ва 5,7,9 саҳ. 66-69. саҳ.219-220]

Дар солҳои муқоисашавандаи 2011-2019 ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо нархҳои муқоисашавандаи соли 2011 ба миқдори 118,6 млн. сомонӣ афзудааст. Ҳаҷми содироти молҳо ба кишварҳои хориҷии дур ва наздик коҳиш ёфта, миқдори камшавии он -458,06 млн. сомониро ташкил медиҳад. Ҳаҷми воридоти молҳо аз кишварҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ коҳиш ёфта, ва нишондиҳандаи мазкур - 147,7 млн. сомонӣ баробар аст. Фаркияти байни ҳаҷми содирот ва ҳаҷми воридот, содироти холисро ташкил дода, бо аломати манфӣ ба андозаи 2174,9 млн. сомонӣ баробар гардид.

Ҳаҷми пул (М4) дар ҳамин давраи муқоисашаванда ба андозаи 17697 млн. сомонӣ афзудааст. Афзоиши мазкур имконият дод, ки суръати гардиши (муомилоти) пул (М4) ба андозаи -2,047 коҳиш ёбад. Ҳаҷми истеъмолоти дохилӣ ба андозаи 24 779,2 млн. сомонӣ афзудааст.

Сатҳи намояи нархҳо (инфлиятсия) дар соли 2019 андозаи 8,0 фоизро ташкил дода дар муқоиса ба соли 2018 ба андозаи 1,9 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин имконият дод, ки қобилияти харидории дохилии пули миллӣ ба андозаи 0,54 банди фоизӣ афзун гардад.

Бояд қайд намоем, ки барои ба даст овардани устувории пули миллӣ танҳо нигоҳ доштани қобилияти харидории дохилии он кифоя нест. Инчунин, аҳамияти муҳимро таъмини таҳкимии қобилияти харидории беруниро низ дорад. Зеро ҳар як мамлакати соҳибистиқлол метавонад афзалиятнокии тақсимоти байналмиллалиро танҳо бо роҳи воридшавӣ ба робитаҳои иқтисодии хориҷӣ бо мамлакатҳои дигари олам истифода намояд. Самаранокии онҳо бевосита аз бузургии қобилияти харидории берунии пули миллӣ вобаста мебошад.

Моҳияти иқтисодии қобилияти харидории берунии пули миллӣ бо ҳаҷми ҷисмонии молҳо ва хизматҳо, ки дар эквиваленти арзиши он аз дигар мамлакатҳои ҷаҳон харид мешавад, ифода меёбад.

Айни замон, дар назария ва амалияи пули миллӣ ва андозагирии қобилияти харидории берунии он дар байни олимон ва иқтисодчиён баҳсу мунозираҳои зиёд ҷой дорад. Як қатор муҳаққиқони иқтисоддон зери мафхуми қобилияти харидории берун -

ақидаи қурби пули миллиро нисбати дигар асъори хориҷӣ дастгири менамоянд. Дигарон ақида доранд, ки таносуби меъёри (ставкаи) фоизи воситаҳои молиявӣ бо пули миллӣ ва хориҷӣ ифода меёбанд, маънои қобилияти харидории берунии пули миллиро дорад.

Агар қобилияти харидории берунии пули миллӣ нисбат ба асъори кадом як мамлакат, яъне дар асоси дутарафа баҳо дода шавад, он гоҳ вай метавонад нисбати асъори мамлакатҳои сеюм баланд ё паст арзёбӣ гардад. [11.С.54].

Бинобар баҳои дақиқӣ ва мнтиқии қобилияти харидории берунии пули миллӣ дар асоси бисёртарафа, яъне ба ҳисоби миёна нисбат ба гурӯҳ, ё ин ки сабаби асъории дигар мамлакатҳо - шарикони асосии савдо бо кишвари мо дода мешавад.

Зеро Ҷумхурии Тоҷикистон амалиёти иқтисодии хориҷиро бо дигар мамлакатҳо бо асъори гуногун мегузаронад. Аз ҷиҳати методологияи оморӣ ба сифати вазнҳо ҳангоми ҳисобкунии миёнаи бисёртарафа, ё ин ки самаранокии қурб ҳиссаи мамлакатҳои ҳамшарикони савдо дар ҳаҷми умумии содирот ва воридоти Ҷумхурии Тоҷикистон истифода бурда мешавад. Ҳамин тавр, қобилияти харидории берунии пули миллӣ дар ҳаммонандии қобилияти харидории дохилӣ ҳамчун бузургии баръакс нисбат ба сатҳи миёнаи арзиши молҳо ва хизматҳо, ки аз хориҷа ба кишвари мо ворид шудаанд ва онҳо бо пули миллӣ аз нав ҳисоб карда шудаанд, муайян карда мешавад Яъне:

$$K_{Х.Б} = \frac{1}{P_б}, \qquad (4)$$

дар ин ҷо:

Қхб - қобилияти харидории берунӣ;

Рб - нархи миёнаи молҳо ва хизматҳое, ки бо пули миллӣ аз нав ҳисоб карда шудаанд.

Нархи молҳо ва хизматҳои воридшуда ба дохили кишвар, ки бо асъори хориҷӣ ифода ёфтаанд, зарур аст ҳар яке аз онҳоро бо асъори миллӣ аз нав ҳисоб намоем. Барои ин нархи онро бо асъори хориҷӣ бояд ба қурби асъор бо воҳиди асъори мамлакатҳои воридкунанда тақсим намуд. Мисол, қурби 1 сомонӣ дар таърихи 6 сентябри соли 2019 ба 0,1050 доллари ИМА баробар аст ва қурби мубодилавии сомонӣ - 9,1685 сомонӣ барои 1 доллари ИМА муқаррар шудааст. Болоравии қурби асъор афзоиши арзиши пули миллӣ ва пастшавӣ - камшавии арзиши онро нишон медиҳад. Афзоиши қурби мубодилавии сомонӣ тамоили пастшавии арзиши он ва пастшавй, баръакс болоравии арзиши пули миллиро ифода менамояд.

Ҷумхурии Тоҷикистон молҳо ва хизматҳоро аз кишварҳои ИДМ ва хориҷии дур ворид менамояд. Тибки маълумотҳои омори расмӣ сохтори ҷуғрофии воридоти Ҷумхурии Тоҷикистон дар соли 2019 аз кишварҳои хориҷии дур ва ИДМ чунин аст: ИДМ (аз ҳаҷми умумии воридот) - 52,9%, аз он ҷумла: Русия - 30,5%, Қазоқистон - 16,2%, Туркманистон - 3,1% Украина - 1,1%, Қирғизистон - 0,7% ва дигар кишвархои ИДМ - 1,3%. Аз кишварҳои хориҷии дур - 47,1%, аз он ҷумла: Чин - 22,2%, Эрон - 3,6%, Туркия - 3,9%, Швейтсария 3,1%, Литва - 2,4%, Олмон - 1,3%, Аморати Муттаҳидаи Араб - 1,2%, ИМА - 1,1% ва дигар кишварҳои хориҷии дур - 8,3%.[1. ва 5,7, саҳ. 66-69.]

Вобаста аз ҳиссаи молҳо ва хизматрасониҳои мамлакатҳо - ҳамшарикони савдо дар ҳаҷми умумии воридоти Ҷумхурии Тоҷикистон қобилияти харидории сомонӣ

нисбати ҳар як мамлакат бо таври куллӣ фарқ, менамояд. Азбаски таварруми пул (инфлиятсия) сатҳи миёнаи тағйирёбии нархҳоро дар ин ё он мамлакат андозагирӣ менамояд, бинобар он саҳви калон нест, ки ба ҷои нархҳои миёнаи молҳо ва хизматҳои воридшаванда, аз кадом мамлакате набошад, мумкин аст, нишондиҳандаи таварруми пули ҳамин мамлакатро истифода бурд.

Бо ҳамин тарз, мумкин аст сатҳи миёнаи нархҳои молҳо ва хизматҳои содироти ва воридотиро бо роҳи аз нав ҳисобкунӣ бо пули миллӣ муайян намоем. Албатта, ин бо усули миёнаи арифметикӣ, ё ин ки миёнаи баркашидашуда нисбати таварруми пул дар мамлакатҳои мухталиф мутобиқан ба курби асъор аз рӯи ҳиссаи ин ё он мамлакат дар маҷмӯи гардиши савдои хориҷии ҷумҳурӣ ҳисоб карда мешавад.

Яъне:

$$\overline{P_б} = \sum \left[ \frac{P_1}{W_1} \times \frac{Y^i}{\sum^{Yi}} \right] \qquad (5)$$

ё ин ки

$$\overline{P_б} = \mathop{\Pi}_{t-I}^{n} \left[ \frac{P^i}{W^i} \right]^{Y^i} \qquad (6)$$

дар ин ҷо:

*Pi* - сатҳи миёнаи нарх дар мамлакати хориҷие (i), ки бо пули миллии ҳамин мамлакат ифода ёфтааст;

Wi - қурби мубодилавии пули миллӣ нисбат ба асъори (i) мамлакат (мисол: USD/TJS);

yi - хиссаи i мамлакат дар маҷмӯи гардиши савдои хориҷии Ҷумхурии Тоҷикистон.

Бо намуди умумӣ ($P_б$) - ро метавон бо тарзи зерин навишт:

$$\overline{P_6} = \left[ \frac{\overline{P_1}}{\overline{\overline{W_1}}} \right] \qquad (7)$$

Таносуби байни қобилияти харидории берунии пули миллӣ нисбат ба қобилияти харидории дохилӣ ҳамчун бузургии миёнаи баркашида шуд - қурби асъори самарабахши (бисёртарафаи) воқеиро ифода менамояд. Нишондиҳандаи мазкур, зиёд будани қобилияти харидории беруниро нисбат ба қобилияти харидории дохилии пули миллӣ тавсиф менамояд. [6.С. 554]. Ба ибораи дигар, қурби асъори самарабахши (бисёртарафа) қобилияти харидории пули миллиро бо воҳидҳои қобилияти харидории дохилии он андозагирӣ менамояд. Вобаста ба ин чи тавре, ки М.Блауг менависад, «пул қобиляти харидории худро аз даст додааст- мутобиқ ба назария, сабаби асосии он таъғирёбии нарх, ё инки қобиляти харидории пул, ки М (ҳаҷми пул) таъсиррасон аст, ба маҷмӯи талабот ба мол ва хизматрасонӣ MV, ҳамзамон бо воситаи MV такондиҳандаи нарх ва сатҳи истеҳсолот аст.».[2.С.589].

Қурби асъори самарабахши (бисёртарафаи) воқеӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\frac{K_{х.б}}{K_{х.Д}} = \frac{\overline{P_{g.1}}}{\overline{P_{б.1}}} = \left[ \frac{P_{g.i} \times W_i}{P_{б.}i} \right] = r \qquad (8)$$

Қх.б – қобилияти харидории берунии сомонӣ;

Қх.д – қобилияти харидории дохилии сомонӣ;

*Pgj* – сатҳи миёнаи нархҳо (индекс-дефлиятор) дар Ҷумхурии Тоҷикистон;

*Рб.i* - сатҳи миёнаи нархҳо (индекс-дефлиятор) дар мамлакати хориҷии (i);
r- қурби асъори самарабахшии (бисёртарафаи) воқеӣ.

Аз рӯи формулаи додашуда чунин хулоса бароварда мешавад:

**1.** Агар r = 1 бошад, он гоҳ қобилияти харидории берунии пули миллӣ ба қобилияти харидории дохилӣ баробар мешавад, яъне:

Қх.б = Қх.д V r= 1; (9)

**2.** Агар r> 1 бошад, он гоҳқобилияти харидории берунии пули миллӣ нисбат бақобилияти харидории дохилӣ зиёд аст, яъне:

Қх.б>Қх.д Vr> 1; (10)

3. Агар r < 1 бошад, он гоҳқобилияти харидории берунии пули миллӣ нисбат бақобилияти харидории дохилӣ паст аст, яъне:

Қх.б<Қх.д V<1; (11)

Тавре, ки дар боло қайд карда шуд, дар ИДМ шарикони савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан кишварҳои Русия, Қазоқистон ва Қиргизистон ба ҳисоб мераванд. Аз ин хотир, қурби асъори самарабахшии (бисёртарафаи) воқеиро нисбати шарикони савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон - Русия, Қазоқистон ва Қиргизистон дида мебароем.

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои ҳисобкунии қурби асъори самарабахши ( бисёртарафаи ) воқеӣ дарсоли 2019**

| т/ | Нишондиҳанда | Соли 2019 |
|---|---|---|
| 1. | Гардиши савдои хориҷииҶумҳурииТоҷикистон. млн. долл. ИМА | 4523,7 |
| 2. | Ҳиссаи шарикони савдо воридот бо %: | |
| | Русия | 30,1 |
| | Қазоқистон | 22,1 |
| | Қирғизистон | 1,3 |
| 3. | Қурби расмии асъори хориҷӣ. сомонӣ: | |
| | 1 рубли Русия | 0,1560 |
| | 10 тангаи Қазоқистон | 0,2541 |
| | 10 соми Қирғизистон | 1,3910 |
| 4. | Индекси нархҳои истеъмолӣ, %: | |
| | Русия | 102,4 |
| | Қазоқистон | 103,2 |
| | Қиргизистон | 101,1 |

1.Нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе соли 2019. [5. саҳ. 46-59.]

2. Маҷмӯаи омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2020, саҳ.219-220. [7. саҳ. 66-69.]

Аз рӯи маълумоти овардашудаи ҷадвали 2 бо ёрии формулаи (8) қурби асъори самарабахши (бисёртарафаи) воқеии сомониро ҳисоб намудем, ки натиҷаи он чунин аст:

Русия: r=0,1104 Қазоқистон:

r=0,2135 Қирғизистон:

r=1,1575

Тавре, ки ҳисоби қурби асъори самарабахшии (бисёртарафаи) воқеии сомонӣ (r) нишон дод, вобаста аз шарикони Ҷумҳурии Тоҷикнстон - Русия ва Қазоқистон қобилияти харидории берунии сомонӣ нисбат ба қобилияти харидории дохилӣ паст буда, мутаносибан ба 0,1104 ва 0,2135 баробар аст. Баръакс, вобаста аз шарики савдои ҷумҳурӣ - Қиргизистон, қобилияти харидории берунӣ назар ба дохилӣ зиёд аст ва r= 1,1575. Албатта, афзоиши қурби асъори самарабахшии (бисёртарафаи) воқеӣ (r) маънои баландшавии қобилияти харидории берунии ҳар як воҳиди пулро дорад.

Пули (динамикаи) сатҳи нархҳо (Р) нишондиҳандаи муҳими раванди таваррум (инфлиятсия) баҳисоб меравад. Аз лиҳози муодилаи мубодилаи И. Фишер пуёи (динамикаи) сатҳи нархҳо (Р) натиҷаи муассири тағйирёбииҳаҷми пул, суръати гардиши (муомилоти) пул ва ҳаҷми ҷисмонии (физикии) истеҳсолот ба ҳисоб меравад [4.С.477].

Акнун дар асоси маълумотҳои ҷадвали 1 ва истифодаи формулаҳои дар боло оварда шуда таъсирбахши омилҳо, яъне афзоиши ҳаҷми пул (М4), суръати гардиши (муомилот) ҳаҷми пул (М4) ва ҳаҷмиҷисмонии (физикии) маҳсулотро (молу хизмат) ба сатҳи пуёи (динамикаи) сатҳи нархҳо (индекси инфлиятсия) ҳисоб менамоем:

1.Индекси инфлиятсия

(Jinf) = (Jp-1) x 100% = (0,993-1) x 100 = - 0,7%.

Дар соли 2019 нисбат ба соли 2013 намояи (динамикаи) сатҳи нархҳо дар иқтисодиёти кишвар ба андозаи- 0,7 фоиз коҳиш ёфтааст.

Таъсирбахши омилҳои афзоиши ҳаҷми пул (М4), суръати гардиши (муомилот) ҳаҷмипул (М4) ваҳаҷмиҷисмонии (физикии) молу хизматҳоро ба тағйирёбии намояи (динамикаи) сатҳи нархҳо (индекси инфлиятсия) андозагирӣ менамоем:

**якум,** аз ҳисоби тағйирёбии пуёи (динамикаи) ҳаҷми пул (М4): Jinf,M = (Jm-1) *x* 100 = (2,231-1)·100 =123,0 %

**дуюм**, аз ҳисоби тағйирёбии суръати гардиши (муомилот) ҳаҷми пул (М4):

Jinf,v - (Jv-1) x Jm x 100 = (0,855-1) · 2,231· 100=-32,3 %. сеюм, аз ҳисоби тағйирёбии ҳаҷми ҷисмонии (физикии) маҳсулот (молухизматҳо):

**сеюм,** аз ҳисоби тағйирёбии ҳаҷми ҷисмонии (физикии) маҳсулот (молу хизматҳо):

$$Jin_{,Q} = \left(\frac{I}{J_Q} - 1\right) \times J_M \times J_V \times 100 = \left(\frac{1}{1{,}908} - 1\right) * 2{,}231 * 0{,}855 * 100 = -90{,}77$$

**чорум,**аз ҳисоби ҳарсеи омилҳо:

Jinf = AJp =(AJp,M + AJp,v + AJp,Q) =123,0-32,3-90,77= -0, 07 %.

Ҳамин тавр натиҷаи тахлил нишон дод, ки афзоиши ҳаҷми пул (М4) ба афзоиши сатҳи нархҳо (инфлиятсия) сабаб гардида андозаи он 123 фоизро ташкил медиҳад. Баръакс коҳишёбии суръати гардиши (муомилот) ҳаҷми пул (М4) ва афзоиши истеҳсолот (истеҳсол ва пешниҳоди молу хизматҳо) мутаносибан ба пастгардонии сатҳи нархҳо (инфлиятсия) таъсиррасонида, андозаи онҳо дар маҷмӯъ -90,77 фоизро ташкил намуда, сатҳи векеии таваррум чӣ тавре қайд намудем ба 7,0 % баробар гаштааст. Тибқи консепсияи монетаристҳо риоя нагардидани мувозинати тарафҳои чап ва ростӣ баробарии мубодила (MV>PQ) ба афзӯдани нархҳо ва таваррум оварда мерасонад. Аз баробарии мубодилавии Фишер бар меояд, ки тарафи чапи он (MV) гардиши пул ва тарафи рости баробарӣ (PQ) ҳаҷми ММД-ро дар сатҳи макроиқтисод

дар бар гирифтааст. Нобаробари дар ифодаи Фишер аз номувозинатии гардиши пул ва ҳаҷми ММД дар ин давра шаҳодат медиҳад, ки мувофиқан ин нобаробари ба таваррум оварда мерасонад: [11. саҳ. 80-89.]

яъне, $J_M \cdot J_V = J_Q \cdot J_P$; $2,231\cdot0,855 = 1,908\cdot1,045$; $1,9<>1,9$:

Хулоса мавзуи мазкур мубрамияти рӯз баҳисоб рафта, чунин ибрози ақидаро дар охир дуруст ҳисобидем;

1. Ҳарчанд таҳқиқот дар давраи ҳасос (COVID-19) бароҳ монда шудааст, ки айни замон дар тамоми ҷаҳон ҳукумфармост, аммо зарурияти ҳамкориҳоро бо шарикони савдо, аз онҷумла мамлакатҳои ИДМ баҳри устувор гаштани қобилияти харидории пули миллӣ афзоиш дод.

2. Тамоми омилҳо тахти контрол (назорати доимӣ) қарор бояд, гирифта шавад, ба хотире, ки ҳангоми қурби пули миллӣ паст гардад, ба ҳолати устувор гардонидан гарон мегардад.

3. Тадбиқи баробарии олими шинохта Фишер дар ин давра зарур ҳисобида мешавад, ҳангоми нобаробар гаштан, ноустувори дар тамоми соҳаҳо ба назар хоҳам расид.

Дар охир бояд, қайд намоем, ки устувории қобилияти харидории пули миллӣ яке аз рукнҳои рушди иқтисодиёт ва танзими сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо пул баҳисоб меравад. Тибқи таҳқиқот, агар чунин ҳолат, яъне сиёсати пулию қарзӣ хуб ба роҳ монда шавад, бевосита интизорияти устувории пули миллӣ дар оянда дар назар аст.

## Адабиёт


1. Бюллетени омори бонкӣ: Декабр 2019, № 12(246), саҳ. 142.
2. Блауг М. Экономическая мысль в ретроспективе. // Пер. с англ., 4-е изд. – М.: М. Блауг Дело Лтд, 1994. – С.589.
3. Елисеева И. И., Юзбашев М. М. Общая теория статистики:учебное пособие /И. И.Елисеева, М. М. Юзбашев–М.:ИНФРА – М, 1998.с.236.
4. Макконнелл К.Р., Брю С.Л. Экономикс: принципы, проблемы и политика./ К.Р. Макконнелл, С.Л. Брю //Том 1. Пер с 13-го англ. Изд. – М.: ИНФРА-М, 2003. – С. 279.
5.Нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе соли 2020. Саҳ. 42-43.
6.Нурсеит Н.А.Обеспечение устойчивости национальной валюты: теория и практика валютной политики. // Н.А. Нурсеит Алма-Аты,2004.230-238.
7. Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2019, саҳ.225-232.
8. Рахимов Р.К. Теория и практика денежно-кредитной политики./ Р.К. Рахимов //Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2007. – № 2. – С. 6-7.
9. Тоҷикистон: 25- соли истиқлолияти давлатӣ, маҷмӯаи оморӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2016, саҳ.219-220.
10. Харрис Л. Денежная теория./ Л. Харрис // – М.: Прогресс, 1990. – С. 150-156.
11. Холов Р.Ш. Таҳлили сохтории таъсири омилҳо ба сатҳ ва динамикаи монетизатсияи иқтисодиёт. //Р.Ш. Холов Паёми молия ва иқтисод (маҷалаиилмӣ) №1(9) Душанбе 2020с.138-144.

# ЭКОНОМИКО-СТАТИСТИКОЕ АНАЛИЗ ПОКУПАТЕЛЬНОЙ СПОСОБНОСТИ СОМОНИ

**ИМАТЧОЕВ ЗИНАТШО ХИЗМАТЧОЕВИЧ,**
кандидат экономических наук,
дотсент, заведующий кафедрой статистики
Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14.
Тел.: (+992)988-25-65-81
**ДЖУРАХОНОВ ОЛИМДЖОН ХАЙБУЛЛОЕВИЧ**,
ассистент кафедры менеджмента
Академия государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33,
Тел.: (+992) 987-27-74-74. E-mail: jurakhonov.7474@mail.ru

Покупательная способность *денег – это очень важный показатель, который означает возможность денежной единицы государства обмениваться на продукцию, выпущенную в этой стране.*

С другой стороны, как индикатор состояния денежного обращения для стран, особенно для Республики Таджикистан в настоящие время, уровень обеспечения денежной массы в экономике. Статья посвящена экономической статистике покупательной способности национальной валюты (сомони).

Исследование показывает, что покупательная способность национальной валюты является важным экономическим явлением и описывает влияние всей совокупности отношений в процессе общественного производства и денежных отношений.

Следует отметить, что уровень и динамика покупательной способности национальной валюты (сомони) является фактором, влияющим на уровень валового внутреннего продукта, уровень развития финансовых институтов, резервные деньги, инфляцию, эффективное использование денег для кредитования для экономики, склонность к сбережениям, эффективная банковская деятельность на внутреннем денежном рынке и уровень доверия населения к банковской системе.

*Также она отражает возможность населения покупать эти продукты. Покупательная способность денег тесно связана со стоимостью разных категорий товаров услуг, а также с уровнем инфляции. Обеспечение покупательной способности национальной валюты, в частности её измерение, является важным аспектом исследования теории денег. В данной статье покупательная способность денег измеряется методами индекса потребительских цен и индексом дефлятора ВВП и на основе расчетов И. Фишера приводится анализ покупательной способности денег за 2010-2016 годы.*

***Ключевые слова****: национальная валюта, устойчивость национальной валюты, курс конвертации, экономический рост, индекс потребительских цен (ИПЦ), индекс Дефлятора ВВП, теория денег, скорость обращения денег.*

# ECONOMIC AND STATISTICAL ANALYSIS OF THE PURCHASING CAPACITY OF SOMONIA

**IMATCHOEV ZINATSHO KHIZMATCHOEVICH,**
Candidate of Economic Sciences,
Dotsent - Head of the Department of Statistics of the
Tajik State Financial and Economic University.
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14.
Phone: (+992) 988-25-65-81

**JURAKHONOV OLIMJON HAIBULLOEVICH,**
assistant of the department of management of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
Tajikistan, Dushanbe, st. Saida Nosira- 33,
Phone: (+992) 987-27-74-74. E-mail: jurakhonov.7474@mail.ru

*The purchasing power of money is a very important indicator, which means the possibility of a state's monetary unit being exchanged for products manufactured in that country. On the other hand, as an indicator of the state of money circulation for countries, especially for the Republic of Tajikistan in the present time, the level of money supply in the economy. The article is devoted to the economic statistics of the purchasing power of the national currency (Somoni).*

*The study shows that the purchasing power of the national currency is an important economic phenomenon and describes the impact of the entire set of relations in the process of social production and monetary relations.*

*It should be noted that the level and dynamics of the purchasing power of the national currency (Somoni) is a factor influencing the level of gross domestic product, the level of development of financial institutions, reserve money, inflation, effective use of money for lending for the economy, the inclination of savings, efficient banking on The domestic money market and the level of public confidence in the banking system.*

*It also reflects the ability of the population to buy these products. The purchasing power of money is closely related to the cost of different categories of goods services, as well as the level of inflation. Providing the purchasing power of the national currency, in particular its measurement, is an important aspect of the study of the theory of money. In this article, the purchasing power of money is measured by the methods of the consumer price index and the GDP deflator index, and based on I. Fisher's calculations, the purchasing power of money for 2010-2015 is analyzed.*

***Key words:*** *national currency, stability of the national currency, conversion rate, economic growth, consumer price index (CPI), GDP deflator index, money theory, velocity of money circulation.*

УДК: 001.8

# ТАҲЛИЛИ ИДОРАКУНИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИ БУҶЕТӢ ВА ТАКМИЛИ ОНҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**СОЛЕҲЗОДА АШУРБОЙ АБДУЛВОҲИД,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 17,
Тел.: (+992) 901-60-70-70. E-mail: ashurboy@mail.ru
**АМОНОВА ДИЛОРОМ АБДУВАХИДОВНА,**
асисстент, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 17,
Тел.: (+992) 985-39-99-99. E-mail: diliy-99@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур масоили назариявии ташакулёбии муносибатҳои байни буҷети баррасӣ гардида механизми татбиқи он дар модели концептуали оварда шудааст. Инчунин дар асоси таҳлил, вазъи кунуни ва муаммоҳои мавҷудаи муносибатҳои байни буҷетӣ муайян карда шуда роҳҳои асосии ҳалли онҳо пешниҳод гардидаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *муносибатҳои байни буҷетӣ, дотатсия, субсидия, субвенсия, қарзи буҷетӣ, буҷети маҳаллӣ, трансфертҳои буҷетӣ, худмаблағгузорӣ, сарчашмаҳои худӣ.*

Гузариш аз низоми марказонидашудаи идоракунӣ ба иқтисодиёти бозорӣ ислоҳоти муайянро дар соҳаи буҷетӣ пешбинӣ менамояд. Махсусан дар шароити амалисозии принсипи бозории худмаблағгузорӣ ва худидоракунӣ дар минтақаҳо, ин муаммо боз ҳам шиддатнок мегардад. Баъзан зарурияти ғайримарказонии сиёсати буҷетӣ ба миён меояд. Дар баробари ин, нақши калидиро амалнамоии муттавозуни ҳамаи звенаҳои низоми буҷетӣ, истифодабарии усулҳои буҷетӣ ва танзимнамоии рушди минтақавӣ мебозанд. Яке аз элементҳои муайяни сиёсати буҷетии мамлакат дар умум ва воҳидҳои маъмурии минтақавии он, низоми муносибатҳои байнибуҷетӣ, принсипҳо ва механизмҳои амалисозии онҳо баромад менамоянд.

Муносибатҳои байнибуҷетӣ – ин маҷмӯи муносибатҳо миёни мақомотҳои ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ ва мақомотҳои идоракунии давлатии фондҳое, ки ба таъминсозии ҷараёни буҷетӣ равона карда шудаанд мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди дилхоҳ мамлакати унитарӣ муносибатҳои байнибуҷетӣ бо хусусиятҳои хос дар риояи принсипҳои зерин асос меёбанд:

- тақсимнамоӣ ва алоқамандсозии хароҷотҳои буҷетҳо аз рӯи сатҳҳои муайяни низоми буҷети давлатии ҷумҳурӣ;
- тафриқаандозии мунтазам ва тақсимнамоӣ аз рӯи меъёрҳои танзимшавандаи даромадҳо миёни сатҳҳои гуногуни низоми буҷетии даромадҳои танзимшаванда ва миёни низомҳои сатҳҳои гуногун;
- баробарсозии сатҳҳои минималии таъминнокии буҷетии минтақа;
- баробарии ҳамаи буҷетҳо дар муносибатҳои тарафайн бо буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.




***Расми 1.*** *Механизмҳои асосии татбиқи муносбатҳои  байни буҷети дар  Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дар фаъолияти амалии мақомотҳои молиявии ҷумҳурӣ дар муддати якчанд даҳсолаҳо таҷрибаи танзимнамоии хуби муносибатҳои байнибуҷетӣ дар намуди ҳиссаҷудокуниҳои фоизӣ аз андозҳои давлатие, ки дар ҳудуди маҳалли мазкур дар даромади буҷетҳои маҳаллӣ ташкил меёбад, ба миён омадааст. Ҳиссаҷудокуниҳои мазкур аз рӯи санадҳои маъмурие, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ, барои соли навбатии молиявӣ» пешбинӣ мегардад асос ёфтаанд, ки мақсади таъминсозии муттавозунии буҷети вертикалиро доро мебошад.

Дар адабиёти молиявӣ-иқтисодӣ як қатор дидгоҳҳо нисбат ба ташкилнамоии даромади буҷетҳои минтақавӣ аз ҳисоби сарчашмаи мазкур вуҷуд дорад. Баъзе олимон ва таҷрибадорон мустаҳкамгардонии  100 фоизаро аз рӯи буҷетҳои маҳаллӣ ҷонибдорӣ менамоянд, ки  гӯё манфиати мақомотҳои маҳаллиро дар ҷамъоварии сариватӣ ва пурра ҷоннок мегардонад.

Ба андешаи мо чунин андеша бо сабабҳои зерин қобили қабул нест:

Якум – низоми амалкунанда дар манфиатпазирии дугона ва назорати (ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ) мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ асос ёфтааст;

Дуюм, ин манфиати мақомотҳои ҳокимияти маҳаллиро оид ба ҷуброн сохтани сарчашмаҳои даромади дохилӣ маҳдуд сохта хусусияти меросбарии онҳоро дар истифодабарии даромадҳои моҳиятан ба онҳо марбут набуда ҷоннок мегардонад;

Сеюм бо ҳалли масъалаи афзунсозии сарчашмаҳои худӣ муаммои мазкур фавран ҳал мегардад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ якчанд олатҳои молиявие истифода карда мешаванд, ки дорои самараи баробарсозӣ, ҳавасмандгардонӣ ва ғайра мебошанд.

Ҳаҷми ҷараёнҳои молиявие, ки дар айни замон ба миён меоянд, зарурияти коркарди назарияи пешниҳоди намудҳои гуногуни трансфертҳои байнибуҷетиро дар мувофиқа аз натиҷаи ниҳоӣ тақозо менамоянд.

Ҳар намуди трансферт хусусиятҳои хоси худии захираҳои молиявиро дар сатҳи ин ё он минтақа пешбинӣ менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин пешбинӣ менамояд, ки ҳамаи субъектҳои ҷумҳурӣ дар доираи трансфертҳои байнибуҷетӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ воситаҳоро дар мувофиқа бо қонунгузории ҷумҳуриявӣ ба даст меоранд. Дар баробари ин ҳамаи минтақаҳо дар доираи ӯҳдадориҳои ҷумҳуриявӣ ва дар мувофиқа бо салоҳиятҳои буҷетӣ дар қисмати маблағгузории рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ҳуқуқ доранд ба субсидияҳо ва субвенсияҳо аз ҳисоби воситаҳои фондҳое, ки барои маблағгузорӣ оид ба боби «трансфертҳои байнибуҷетӣ» равона гардидаанд такя намоянд, ба истисноИ фонди дастгирии молиявии минтақаҳо (ФДММ).

Дар мувофиқа аз таҳлили муносибатҳои байнибуҷетӣ ва трансфертҳои байнибуҷетӣ, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки трансфертҳои байнибуҷетӣ, дар доираи муносибатҳои байнибуҷетӣ амалӣ карда мешаванд. Аз ҳамин сабаб «трансфертҳои байнибуҷетӣ» ва меъёрҳои дар онҳо мавҷуда муносибатҳои байнибуҷетиро танзим менамоянд. Пешниҳоди трансфертҳои байнибуҷетӣ дар шаклҳои гуногун амалӣ карда мешаванд, ки асоситаринашон инҳо мебошанд: дотатсия, субвенсия, субсидия, қарзҳои мақсадноки буҷетӣ.

Дар назария ва амалияи фаъолитяи мақомотҳои молиявӣ таҳти мафҳуми дотатсия чунин трансфертҳои байнибуҷетиеро мефаҳманд, ки дар асоси бебозгашт ва бемӯҳлат, бе муқаррарсозии самт ва шароитҳои истифодабарии онҳо пешниҳод карда мешаванд, фаҳмида мешавад. Дотатсия барои баробарнамоии таъминнокии буҷетӣ дар асоси баҳогузории ҳисобии таъминнокии буҷетҳои маҳаллӣ, дар мувофиқа аз сатҳи рушд ва сохтори иқтисодиёт, ва инчунин аз омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, иқлимӣ ва дигар омилҳо ва шароитҳое, ки ба арзиши хизматрасониҳои давлатӣ таъсир мерасонанд ҷудо карда мешаванд. Оид ба хусусият ва асоснокии дотатсия сухан ронда метавон таъкид сохт, ки он дар нишондиҳандаҳои объективии базавӣ асос ёфтааст, ки барои ҳаҷми ҳисобии намуди мазкури трансфертҳои буҷетӣ истифода карда мешавад. Кӯмаки минималӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ, ки барои таъминсозии баробарнамоии минималии буҷетӣ ҷудо карда мешавад, аз рӯи меъёрҳои хароҷотҳои молиявӣ бо мақсади маблағгузории хароҷотҳо, ки меъёрҳои минималии таъминнокии давлатиро таъмин месозанд ҷудо карда мешаванд. Меъёри хароҷотҳои молиявӣ оид ба хизматрасониҳои давлатӣ ва меъёрҳои минималии таъминнокии буҷетӣ аз ҷониби ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

Дотатсияҳо инчунин захираҳои ғайримақсаднок ба ҳисоб рафта мақомотҳои маҳаллӣ метавонанд онҳоро аз рӯи дидгоҳи худ дар доираи салоҳиятҳои ба онҳо пешниҳодгардида истифода намоянд. Дотатсия метавонад дар асоси тарзи ягона ҳисоб карда шавад, масалан дар вобастагӣ аз шумораи аҳолӣ, иқтидори андозӣ ва талаботҳо оид ба хароҷотҳо. Онҳо метавонанд бо кӯшиши гирандагони андозӣ чунин алоқамандӣ дошта бошанд, ҳангоме, ки афзоиши маблағи андозҳои маҳалли ҷамъшаванда ба афзоишёбии ҳаҷми дотатсия ба мақомотҳои маҳаллӣ ҷудо карда мешавад.

Дотатсияҳо, нисбат ба андозҳои ҳиссавӣ кафолатнок мебошанд, чунки дотатсияҳоро ба таҳияи ҳарсола гирифтор намудан осон буда онҳо метавонанд дар ҳолати вазниниҳои буҷетӣ манъ карда шаванд. Ин ба дотатсияҳое, ки аз ҷониби давлат ҷудо карда мешаванд тааллуқ дорад, аз ҷумла ба дотатсияҳое, ки мақомотҳои маҳалии поёнӣ аз мақомотҳои сатҳи болоӣ ба даст меоранд.

Ҳамин тавр, мавҷуд набудани функсияи ҳавасмандсозандаи дотатсия ҳамчун монеа дар самти соҳаи истифодабарӣ ва рушд хизмат мерасонад. Аз ҳамин сабаб, дар айни замон трансфертҳои буҷетӣ дар намуди дотатсия дар ҳаҷми маҳдуд қабул карда мешаванд, ҳангоме ки барои пӯшонидани таъминсозии минималии буҷетҳои маҳаллӣ объектҳои субвенсияшаванда ва субсидияшаванда истисно дониста мешаванд.

Нисбат ба дотатсияҳо ҳангоми пешниҳоди субвенсияҳо, мақомоте, ки онҳоро ҷудо месозад на танҳо ҳамасола маблағи умумии онҳоро дар вобастагӣ аз имкониятҳои худ ва меъёрҳое, ки ба ӯ имконияти ҳаҷми субвенсияҳо аз рӯи дидгоҳи худ муайян сохтанро фароҳам меоранд ҳисоб менамояд, балки инчунин таъиноти онҳоро низ муқаррар месозад.

Субвенсияҳо – ин трансфертҳои мақсаднок буда, мақомотҳои маҳаллии онҳоро ба даст оранда метавонанд онҳоро танҳо барои маблағгузории намудҳои муайяни хароҷотҳо ё меъёри хароҷотҳо истифода намоянд. Аз сабаби онки таъиноти чунин трансфертҳо метавонад нисбатан ҷиддӣ муайян карда шавад, буҷетҳои маҳаллӣ озодиро бисёр ё кам оид ба истифодабарии воситаҳое, ки ба онҳо ҷудо карда шудааст соҳиб мегарданд. Ҳамин тавр, масалан субвенсияҳо барои рушди инфрасохтори роҳ озодии калони интихобро соҳиб мебошанд, нисбат ба субвенсиҳои барои муқаррарсозии нишонакҳои роҳ ҷудо карда мешаванд.

Субвенсияҳо метавонанд, зудтар ҳамчун маблағи тақозогардида ҷудо карда шуда, мақомотҳои маҳаллии идоракунӣ метавонанд онҳоро барои маблағгузории дилхоҳ лоиҳаи дахлдор бо муқарраroти мушаххаси субвенсияи мазкур истифода намоянд. Аз дигар тараф, давлат ё дигар мақомоти ҳокимият метавонад талаб намояд, то ки буҷетҳои маҳалии субвенсияро ба даст оварда дар лоиҳаҳо барои маблағгузорӣ иштирок намоянд, ки барои онҳо ин субвенсия ҷудо гардидааст. Дар ин сурат субвенсия метавонад ҳамчун ҷуброни қисм-қисми хароҷотҳои мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ аз назар гузаронида шуда, ҳаҷми субвенсия метавонад бо ҳаҷми иштироки молиявии мақомоти мазкур дар лоиҳа алоқаманд бошад. Агар ҳадди ниҳоӣ муқаррар нагардида бошад, онгоҳ ҳиссаи иштироки он аз арзиши умумии лоиҳаи маблағгузоришаванда вобастагӣ дошта, ҳаҷми субвенсияҳо фоизи муайянро аз ин арзиш ташкил медиҳад, агар ҳадди ниҳоии иштирок муқаррар гардида бошад, онгоҳ ҳамаи хароҷотҳои зиёдгардидаи мақомотро – гирандаи субвенсия худаш пурра онҳоро пардохт месозад.

Ҳамин тавр, пешниҳоди субвенсияҳо метавонад аз рӯи маҳдудияти ҷиддӣ ё баръакс, бо пешниҳоди озодии калон ба мақомотҳои маҳалии минтақавӣ то он адозае, ки тафовут пурра миёни субвенсия ва дотатсия аз байн меравад, пайгирӣ карда мешавад.

Субвенсияҳо – ин трансфертҳои мақсадноке мебошанд, ки мақомотҳои ҳокимияти давлатии минтақавӣ ба даст оварда, онҳоро танҳо барои маблағгузории намудҳои муайян ё меъёрҳои хароҷотӣ истифода менамоянд. Азбаски таъиноти чунин трансфертҳо нисбатан заиф ва қавӣ муайян карда мешавад, мақомотҳои минтақавӣ озодии нисбатан калонро оид ба истифодабарии воситаҳои ба онҳо ҷудо гардидаро ба даст меоранд. Дар мувофиқа бо Қонуни ҶТ «Дар бораи молияи давлатӣ» трансфертҳои байнибуҷетӣ ҳамчун воситаҳое баррасӣ мегарданд, ки аз ҷониби як низоми буҷетӣ ба дигараш интиқол дода мешаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурӣ ҳамзамон ҳамаи намудҳои трансфертҳои буҷетӣ истифода карда мешаванд:

дотатсия – барои таъминсозии тавозуни буҷетии мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ;

субвенсия – воситаҳои буҷетие, ки ба буҷети сатҳи дигар дар асоси бебозгашт, бемӯҳлат барои пӯшонидани хароҷотҳои муайяни мақсаднок ҷудо карда мешавад;

субсидия – воситаҳои буҷетие, ки ба буҷети сатҳи дигар дар шароити маблағгузории ҳиссавии хароҷотҳои мақсаднок интиқол дода мешаванд;

қарзи буҷетӣ (ссудаи буҷетӣ) – пешниҳоди воситаҳо ба шахсони ҳуқуқӣ ё дигар буҷет дар асоси бозгашт мебошад.

Дар айни замон назария ва амалия се усули асосии танзимнамоии байнибуҷетиро ҷудо менамояд: усули сарикасӣ; усули пӯшонидани ҷудоии ҳисобии молиявӣ; усули баробарсозии сатҳи таъминнокии буҷетӣ. Таҳлили муносибатҳои байни буҷетӣ дар мисоли вилояти Хатлон ва Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон нишон дод, ки дар ташаккули қисмати даромади буҷетҳои вилоятҳои мазкур нақши трансфертҳои буҷетӣ аз қабили дотатсия ва субсидия хеле назаррас мебошад, ки дар ҷадвалҳои 1 ва 2 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1**

**Динамикаи ҳаҷм ва таркиби даромади миёнаи буҷети минтақаҳо ва вилояти Хатлон дар солҳои 2010-2019**

| НИШОНДИҲАНДАҲО | | СОЛҲО | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2010 | | 2015 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | |
| Даромади буҷети минтақаҳо-ҳамагӣ | I | 1640,1 | 100 | 4204,1 | 100 | 5323,5 | 100 | 5782,9 | 100 | 6768,6 | 100 |
| | II | 416,3 | 31,0 | 1100,4 | 26,1 | 1432,2 | 26,6 | 1466,0 | 25,3 | 1706,4 | 25,2 |
| Даромади худӣ (вобастакардашуда) | I | 321,9 | 19,6 | 714,8 | 17,1 | 889,5 | 16,7 | 1062,0 | 18,4 | 1209,5 | 17,9 |
| | II | 48,2 | 11,5 | 116,9 | 10,6 | 141,5 | 10,0 | 157,8 | 10,8 | 182,9 | 10,7 |
| Ҳиссаҷудокуни аз андозҳои давлатӣ | I | 1025,7 | 62,6 | 2680,6 | 63,4 | 3545,0 | 66,5 | 3895,9 | 67,4 | 4607,7 | 68,1 |
| | II | 217,7 | 52,1 | 510,8 | 46,4 | 747,0 | 52,8 | 847,2 | 57,8 | 983,1 | 57,6 |
| Трансфертҳои буҷетӣ | I | 292,5 | 17,8 | 808,7 | 19,2 | 889,0 | 16,7 | 825,0 | 14,3 | 951,4 | 14,1 |
| | II | 150,4 | 36,4 | 472,7 | 43,0 | 532,8 | 37,2 | 461,0 | 31,4 | 540,3 | 31,7 |

***Сарчашма:* *Аз тарафи муаллиф дар асоси коркарди буҷети тасдиқгардида ва ҳисоботи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст.***

***Эзоҳ:*** *I. Ҷумҳурии Тоҷикистон-ҳамагӣ; II. вилояти Хатлон.*

Чуноне, ки аз маълумотҳои ҷадвали 1 дида мешавад, маблағи умумии даромади буҷети минтақаҳо дар соли 2019-6768,6 млн. сомониро ташкил намудааст, ки он нисбат ба нишондиҳандаи мазкур дар соли 2008-7,3 маротиба, соли 2010-4,1 маротиба, соли 2015-1,6 маротиба, соли 2017-1,3 маротиба ва соли 2018-1,2 маротиба зиёд мебошад.

Дар ин давра даромади умумии буҷети вилояти Хатлон аз 261,7 млн сомонии соли 2008 то ба 1706,4 млн. сомонӣ дар соли 2019 расидааст, ки он нисбат ба соли 2008-6,5 маротиба; соли 2010-4,1 маротиба; соли 2015-1,5 маротиба; соли 2017-1,2 маротиба ва соли 2018-1,2 маротиба зиёд мебошад.

Лекин дар даҳ соли охир вазни хосси даромади буҷети вилоят дар миқёси ҷумҳурӣ аз 27,1,% соли 2008 ва 31,0% соли 2010, дар соли 2015-26,1%, соли 2017-26,6%, соли 2018-25,3%, соли 2019-25,2%-ро ташкил намудааст, ки ин нисбат ба минтақаҳои дигар бо суръати суст афзудани даромади буҷети вилояти Хатлонро нишон медиҳад.

Дар баробари афзоиши даромади умумии буҷети минтақаҳо дар ёздаҳ соли охир ба миқдори 5,73 маротиба, маблағи воситаҳои худӣ ба ҳисоби миёна 3,26 маротиба афзудааст, ки ин – 2,47 маротиба кам мебошад. Ин нишондиҳанда дар вилояти Хатлон мутаносибан: 5,62; 3,31; ва 2,31 маротибаро ташкил менамояд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки чи дар сатҳи ҷумҳурӣ ва чи дар вилояти Хатлон дар масъалаи пурзур намудани базаи андозбандии аз ҳисоби сарчашмаҳои худӣ буҷетҳои минтақавӣ ягон хел кор бурда намешавад ва ин нишондиҳанда ба ҷое ки афзояд, коҳиш ёфта истодааст.

Исботи гуфтаҳои болоӣ вазни хосси даромад аз ҳисоби сарчашмаҳои худӣ дар миқёси минтақаҳои ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон шуда метавонад. Агар дар соли 2008 вазни хосси воситаҳои худии буҷетҳои минтақавӣ ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ 29,4% ташкил карда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2010-19,6%; соли 2015-17,1%; соли 2017-16,7%; соли 2018-18,4% ва соли 2019-17,9%-ро ташкил намудааст. Дар вилояти Хатлон вазни хосси воситаҳои худӣ дар соли 2008-16,3%; соли 2010-11,5%; соли 2015-10,6%; соли 2017-10,0%; соли 2018-10,8% ва соли 2019-10,7%-ро ташкил намудааст. Агар ба ибораи дигар гӯем, дараҷаи воситаҳои худии буҷетҳои минтақавӣ дар дувоздаҳ соли охир дар ҳаҷми умумии даромади буҷети минтақаҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ ба 1,8 маротиба ва дар вилояти Хатлон 1,7 маротиба коҳиш ёфтаанд, ки ин ягон роҳи ҳимоя надорад.

Ҳолати ҷойдошта боз як бори дигар исбот менамояд, ки асоси молиявии худидоракунӣ ва худмаблағгузорӣ барои таъмини вазифаҳои ба ўҳдаи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузошта ниҳоят нокифоянд ва аксарияти онҳо бо умеди кӯмаи молиявӣ аз марказ фаъолият менамоянд.

Аҳамияти муҳимро дар ин ҷода таҳлили ҳаҷм ва сохтори даромадҳои буҷетҳои ВМКБ дар панҷ соли охир мебозанд, ки яке аз объектҳои таҳилӣ мо ба шумор меравад. (ниг. ба ҷадвалӣ 2).

**Ҷадвали 2.**

**Динамикаи ҳаҷм ва таркиби даромади миёнаи буҷети минтақаҳо ва ВМКБ дар солҳои 2012-2019**

| Нишондиҳандаҳо | С О Л Ҳ О |
|---|---|

| | | 2014 | | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Даромади буҷети минтақаҳо-ҳамагӣ | I | 4112,1 | 100 | 5077 | 100 | 5322,5 | 100 | 5782,9 | 100 | 6768,6 | 100 |
| | II | 195 | 4,7 | 239,2 | 4,7 | 240,9 | 21,6 | 249,5 | 4,3 | 279,8 | 4,1 |
| Даромади худӣ (вобастакардашуда) | I | 600,6 | 14,6 | 793,5 | 15,6 | 938,5 | 17,6 | 1062,1 | 18,3 | 1209,5 | 17,8 |
| | II | 4,6 | 2,3 | 6,2 | 2,6 | 6,4 | 2,6 | 8,9 | 2,9 | 12,6 | 3,2 |
| Ҳиссаҷудокуни аз андозҳои давлатӣ | I | 2716 | 100 | 3294 | 100 | 3495,5 | 100 | 3895,9 | 100 | 4607,7 | 100 |
| | II | 479,2 | 17,6 | 605,2 | 18,6 | 747,1 | 21,4 | 665,4 | 17,0 | 758,5 | 16,4 |
| Трансфертҳои буҷетӣ | I | 7974 | 18 | 809 | 14,9 | 889 | 16,2 | 821 | 21,0 | 947 | 20,5 |
| | II | 157,8 | 80,5 | 159,3 | 69,7 | 175,1 | 71,3 | 174,1 | 70,1 | 191,3 | 74,3 |

***Сарчашма:*** ***Аз тарафи муаллиф дар асоси коркарди буҷети тасдиқгардида ва ҳисоботи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст.***

***Эзоҳ:*** *I. Ҷумҳурии Тоҷикистон-ҳамагӣ; II. ВМКБ.*

Аз таҳлили ҷадвали 2 мушоҳида намудан мумкин аст, ки даромади буҷети минтақаҳо дар маҷмӯъ дар соли 2019, 6768,6 млн. сомониро ташкил дод, ки ин рақам нисбати соли таҳлилии 2014, -0,6 маротиба кам шудааст. Инчунин нисбати солҳои таҳлилии пештара низ кам гардидааст.

Дар давраи таҳлилӣ даромади буҷети Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон бо суръати баланд афзоиш ёфтаанд. Масалан агар соли 2014 даромади буҷети вилоят 195 млн. сомониро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2019 ба 279,8 млн. сомонӣ омада расидааст ё ин ки 143,5 % афзоиш ёфтааст. Даромади худи бошад дар соли 2014 дар умум 600,6 млн. сомонӣ ё ин ки (14,6%) ташкил медод, вале дар соли таҳлилии 2019 ба 1209,5 ё ин ки 17,8% омадар расидааст. Дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон бошад ин нишондиҳандаҳо чунинанд (2014 – 4,6; 2,3: 2019 – 12,6; 3,2).

Ҳисаҷудокуни аз андозҳои давлатӣ бошад дар солҳои таҳлилӣ дар умум соли 2014, 2716,0 млн сомониро ташкил додаанд, ки инҳо дар соли 2019 ба 4607,7 млн. сомони омада расидаанд яъне дар маҷмӯъ ҳисаҷудакуни аз андозхои давлатӣ дар солҳои 2014-2019 дар маҷмӯъ 169,7 % афзоиш ёфтаанд. Дар ВМКБ бошад ҳисаҷудакуни аз андозхои давлатӣ дар солҳои 2014-2019 низ хеле зиёд шудаанд. Агар дар соли 2014 ҳисаҷудакуни аз андозхои давлатӣ барои вилоял 479,2 млн. сомониро ташкил дода бошад, пас ин рақам дар соли 2019 ба 758,5 млн. сомонӣ омада расид яъне дар маҷмӯъ аз соли 2014 то соли 2019, 158,3 % зиёд шудаанд ва дар трансфертҳои

буҷетӣ низ дар умум кам шудаанд (7974,0; 974,0) вале дар ВМКБ бошад баръакс (157,8; 191,3) афзоиш ёфтааст.

Ҳамин тариқ, дараҷаи афзоиши даромади умумии буҷети минтақаҳо (7,1 маротиба) нисбат ба афзоиши дараҷаи воридоти субвенсия аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети минтақаҳо (3,1 маротиба) таносуби 2,29/1 ташкил менамояд, ки ин дар сатҳи ҷумҳурӣ коҳишёбии маблағи воридшавии субвенсия ба буҷети минтақаҳо шаҳодат медиҳад. Лекин дар вилояти Хатлон ин мутаносиби (5,4/5,6=0,76/1)-ро ташкил менамояд, нишондиҳандаи суръати баланди субвенсия аз буҷети вилояти Хатлон нисбат ба афзоиши даромади буҷети вилоят мебошад, ки чораандешии заруриро талаб менамояд.

Ба ҳамин тариқ, чуноне ки аз натиҷаи таҳлилҳо бармеояд, масъалаи такмили механизми дастгирии молиявии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии вилояти Хатлон ва ВМКБ дар давраи амалисозии Стратегияи миллии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш меояд.

Дар мувофиқа бо гуфтаҳои дар боло зикргардида метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки барои такмилдиҳии муносибатҳои байнибуҷетӣ функсияи ҳавасмандсозанди муносибатҳои байнибуҷетӣ на танҳо таъсири дастгириёбанда, балки дар навбати аввал асосноксозии амиқ ва маҳдуд дар асоси мунтазами ваколатҳои хароҷотӣ, ӯҳдадориҳои хароҷотии ба онҳо дахлдорро тақозо месозад: сарчашмаҳои даромадӣ, ва инчунин механизми нисбатан мӯътадили танзимнамоии байнибуҷетӣ, ки хусусияти меросбарии мақомотҳои ҳокимияти маҳаллиро истисно медонад ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт**


1. Васильев В.В. Статья: Финансовые дотации: выравнивание или стимулирование? "Финансы", 2009, № 4.
2. Савранская О.Л. Правовое регулирование финансовых основ местного самоуправления. М., 2010г. oglib@mail.ru
3. Алёшина А.В. Особенности распределения полномочий по расходам между уровнями бюджетной системы РФ.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2017 13:21, шаҳри Душанбе.
5. Мамадризоева Н.М. Теория и практика межбюджетных отношений в Таджикистане // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе: Сино, 2014. - №2/6(144). - С.108 –102.
6. Литовченко В.П. Государственные и муниципальные финансы: учеб. пос. / Литовченко В.П., В.И. Соловьев. Под ред. д-ра экон. наук, профессор В.П. Литовченко. М., 2006. – 139 с.
7. Джовидон Д. Совершенствование межбюджетных отношений в Республике Таджикистан / Д. Джовидон // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2015. № - 2-8 (181). - С.181-183.
8. Давлатшоев О.Х. Совершенствование механизма бюджетно-налогового регулирования экономики / О.Х.Давлатшоев // Вестник Таджикского национального

университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2013. -№ 2-4 (114). -С.26-30.

9. Давлатшоев О.Х. Совершенствование межбюджетных отношений в условиях обеспечения устойчивого развития экономики / О.Х. Давлатшоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2013. - № 2-5 (117). - С. 191-193.

10. Ачилова М.А. Бюджетная система Республики Таджикистан: состояние, проблемы и перспективы развития / М.А.Ачилова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. - 2017. - № 4 (73). - С.121-131.

## АНАЛИЗ УПРАВЛЕНИЯ МЕЖБЮДЖЕТНЫХ ОТНОШЕНИЙ И ИХ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**СОЛЕХЗОДА АШУРБОЙ АБДУЛВОХИД**
кандидат экономических наук, дотцент
Таджикисий национальный университет,
734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17,
Тел.: (+992) 901-60-70-70 E-mail: ashurboy@mail.ru
**АМОНОВА ДИЛОРОМ АБДУВАХИДОВНА,**
асисстент, Таджикисий национальный университет,
734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17,
Тел.: (+992) 985-39-99-99. E-mail: diliy-99@mail.ru

*В статье рассматриваются теоретические вопросы формирования межбюджетных отношений, и приводится механизм его реализации в концептуальной модели. Также на основе анализа выявлено текущее состояние и существующие проблемы межбюджетных отношений и предложены основные пути их решения.*

***Ключевые слова:*** *межбюджетные отношения, дотация, субсидия, субвенция, бюджетный долг, местный бюджет, бюджетные трансферты, самофинансирование, собственные источники*

## ANALYSIS OF MANAGING INTERBUDGETARY RELATIONS AND THEIR IMPROVEMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**SOLEKHZODA ASHURBOY ABDULVOKHID**
Candidate in Economics, Associate Professor,
Tajik National University,
734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki ave.,
Phone: (+992) 901-60-70-70. E-mail: ashurboy@mail.ru
**AMONOVA DILOROM ABDUVAKHIDOVNA,**
assistant, Tajik National University,
734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki ave.,
Phone: (+992) 985-39-99-99. E-mail: diliy-99@mail.ru

*The article discusses the theoretical issues of the formation of inter-budgetary relationship and given the mechanism of its implementation in the conceptual model. Also, on the basis of the analysis, the current state and existing problems of inter-budgetary relations were revealed and the main ways of their solution were proposed.*

***Key words:*** *inter-budgetary relations, grant, subsidy, subvention, budget debt, local budget, budget transfers, self-financing, own sources.*

УДК:33.339.3

# СОҲАИ ПАРАНДАПАРВАРӢ АСОСИ ТАЪМИНОТИ АҲОЛӢ БО МАҲСУЛОТИ ПАРҲЕЗӢ

**ҲАКИМОВ ЗАФАРҶОН ҶАБОРОВИЧ**,
номзади илмҳои иқтисодӣ,
докторанти Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи
системвии рушди кишоварзии АИКТ.
Тел.: (+992) 935-77-56-77. E-mail: Zafarh@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур соҳаи парандапарварӣ асоси таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти парҳезӣ баррасӣ гардидааст. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки соҳаи парандапарварӣ яке аз соҳаҳои муҳими кишоварзӣ мебошад, ки дар байни соҳаҳои бо истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ машғул буда, аз ҳама зудинкишофёбанда мебошад ва маҳсулоти хӯроквории арзишнок – гӯшти парҳезӣ ва тухм истеҳсол намуда, ҷузъи ҷудонашудаи сохтори амнияти озуқаворӣи соҳа дар ҷумҳурӣ мебошанд. Пешниҳод карда мешавад, ки дар давраи таҳқиқот истеҳсоли маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ, махсусан гӯшти паранда дар кишвар ба истеҳсолкунандагон фоидаи зиёд овардаанд. Муҳимтарин шарти баланд бардоштани маҳсулнокии парандагон ин таъмин намудани онҳо бо хӯрокаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *парандапарварӣ, гӯшт, тухм, самаранокӣ, иқтисодиёти бозоргонӣ, озуқаворӣ, таъминот, маҳсулоти парҳезӣ.*

Дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ самаранокии соҳаи парандапарварӣ дар ҷумҳурӣ истифодабарии технологияҳои пуриқтидор мебошад, ки барои баланд бардоштани маҳсулнокии парандагон, коҳиш додани арзиши аслии хароҷот ба як сентнери маҳсулот, мусоидат менамояд. Яке аз омилҳои асосие, ки ба маҳсулнокӣ, сифати маҳсулот, саломатии парандагон таъсир мерасонад ва самаранокии истеҳсоли маҳсулоти тухм ва гӯшти парандаро таъмин менамояд, ғизои пурра мебошад. Дар сохтори арзиши аслии тухм ва гӯшти паранда хӯрока 60-70% - ро ташкил медиҳад. Кам кардани истеъмоли хӯрокаи паранда барои як воҳиди маҳсулот ва баланд бардоштани самаранокии азхудкунии онҳоро метавон чунин ба даст овард: аввалан, бо истифода аз воситаҳои ғизоии баландсифат ва дуруст омода намудани хӯрока барои ғизодиҳӣ; дуюм, бо истифодаи хӯрокаҳои омехтаи оптималӣ барои гурӯҳҳои муайяни парандагон ва сеюм, интихоби реҷаи муносиб ва усулҳои ғизодиҳӣ.

Инчунин, бояд қайд кард, ки барои маҷмааҳои парандапарварӣ хӯрокаҳое заруранд, ки ба талаботи технологияҳои истеҳсолоти саноатӣ ҷавобгӯ мебошанд. Чунин талабот бо хӯрокаи омехтаи истеҳсолшуда ба роҳ монда шудааст. Ба ин талабот хӯрокаҳои дар корхонаҳои худӣ истеҳсолгардида ҷавобгӯ мебошанд. Бинобар ин, роҳбарияти корхонаи паррандапарвариро зарур аст, ки истеҳсоли хӯрокаро дар корхонаи худ ба роҳ монад [1].

Мавриди зикр аст, ки нақши муҳимро истифодабарии меъёри ғизоии мутамарказонидашудаи ғизоӣ, пеш аз ҳама дар мубодила бо энергия ва сафедаҳо, инчунин аминокислотаҳои ивазнашаванда мебозад, зеро истифодаи хӯрокаи мувозинатии хӯрокаи омехта ҳосилнокии нигоҳубин ва парвариши парандаро беҳтар менамояд.

Ҳамзамон, бояд тазаккур дод, ки самаранок истифодабарии технологияи нави баландихтисос яке аз роҳҳои паст намудани арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшударо меорад, дар натиҷа фоидаи ҳадди аксар ба даст даровarda мешавад.

Бояд зикр кард, ки рушди муносибатҳои бозоргонӣ ҳар як субъекти хоҷагидориро водор месозад, ки ба истеҳсоли маҳсулоти босифат ва рақобатпазир машғул шуда, роҳҳои кам кардани хароҷот ва сердаромад намудани соҳаро дарҷ менамояд. Ҳамзамон зиёд кардани истеҳсоли маҳсулот, роҳи ҳалли масъалаи даромаднокии соҳа нест, ки барои ноил гардидан ба даромади зарурӣ бояд маҳсулоти истеҳсолшуда хушсифат ва дар бозор рақобатпазир бошад. Ба ақидаи мо, барои ҳалли ин масъала, ташкили дурусти баҳисобгирии хароҷот ва дуруст муаяйн кардани арзиши аслии он хеле муҳим аст. Рушди фаъолияти хоҷагиҳо ба фароҳам овардани шароит бахри ташкили механизми бозорӣ мусоидат менамояд.

Тадқиқотҳои гузаронида шуда аз он шаҳодат медиҳад, ки асоси рушди самаранокии соҳаи парандапарвариро дар ҷумҳурӣ технологияҳои интенсивӣ, ки барои баланд бардоштани маҳсулнокии маҳсулоти паранда бо кам намудани хароҷоти хӯрока ва меҳнат барои як воҳиди маҳсулот мусоидат мекунанд, ба ҳисоб меравtotheиvanд. Дар муқоиса бо дигар соҳаҳои чорводорӣ, парандапарварӣ дар шароити бозор қисми муҳимми иқтидори истеҳсолии худро нигоҳ дошт ва дар маҷмӯъ ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулотро кам намуд.

Таҳлилҳо нишон додаанд, ки парандапарварӣ яке аз бахшҳои тезрас, сермаҳсул ва сердаромади кишоварзӣ мебошад. Ин соҳа аҳолиро бо маҳсулоти серғизою парҳезӣ (тухм ва гӯшт) ва саноати сабукро бо ашёи хом (болу пар, партовҳои соҳа) таъмин менамояд, ки ин хусусиятҳои фаъолияти он мебошад [2].

Қобили зикр аст, ки тухм ва гӯшти паранда қобилияти тезҳазмшавӣ дошта, ғизонокии хуб дорад. Тухми паранда дар меъдаи одам то 98% ҳазм мешавад ва истеъмоли як дона тухми мурғ метавонад талаботи шабонарӯзии инсонро бо витаминҳо ва маводҳои минералии аз ҷиҳати биологӣ фаъол то 30% таъмин намояд. Парандапарварӣ ҳамчун соҳаи зудинкишофёбанда ва самаранокии баланди иқтисодӣ дорад, ин имконият медиҳад, ки дар мӯҳлати кӯтоҳ истеҳсоли маҳсулоти барои ҷумҳурӣ ниҳоят зарурии сафедадору парҳезӣ (тухм ва гӯшт) зиёд шуда, инчунин сатҳи таъминоти озуқаворӣи аҳолӣ баланд бардошта шавад. Ин на танҳо бо таҷрибаи кори хоҷагиҳои махсусгардонидашудаи ҷумҳурӣ, балки дар амалияи мамлакатҳои бешумори хориҷӣ, ки дар онҳо суръати истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ нисбат ба дигар соҳаҳои чорводорӣ баландтар аст, тасдиқ ёфтааст.

Дар мақола далел оварда мешавад, ки тухми мурғ аз давраҳои қадим то ҳол чун ғизои беҳтарини парҳезӣ истифода бурда мешавад. Дар таркиби он 13% сафеда, 12% равған, 1% модаҳои маъданӣ, 0,7 – 1,5 % моводи қанддор инчунин миқдори зиёди витаминҳои А, В, Д, Е макро ва микроэлементҳои барои организми одам муҳим мавҷуд аст. Гӯшти мурғ аз ҷиҳати парҳезиаш аз гӯшти дигар намудҳои чорвои хонагӣ фарқ мекнад. Дар таркибаш 20-25% сафеда, 15 – 17% равған дорад.

Маҳсулоти парандапарвариро бо дигар бахшҳои чорводорӣ муқоиса карда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки бо сарфи ками хӯрок ва маҳсулоти серсафедаю ғизонокаш аз дигар намуди чорво ба куллӣ фарқ менамояд, ки ин хусусияти асосии соҳа мебошад. Сарфи хӯрок ва ғизонокии он дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1

Сарфи хӯрок ва ғизонокии он [3]

| | Сарфи хӯрок, воҳиди хӯрок | | Баромади вазни холиси | Дар 1 кг гӯшт мавҷуд аст | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ба 1 кг | ба 1 кг | | энергия, | сафеда |

| | вазнаф-зункунӣ | истеҳсоли гӯшт | гӯшт, % | ккал | % |
|---|---|---|---|---|---|
| Чорвои калони шохдор (гов) | 8 | 14 | 55 | 1700-2100 | 19-20 |
| Гӯсфанд | 6 | 10 | 58 | 1700-2100 | 16-20 |
| Моҳӣ | 5 | 6 | 82 | 800-1500 | 16-20 |
| Мурғ | 2 | 2,5 | 80 | 1600-2400 | 18-20 |
| Бедона | - | 2,8-3 | - | 1680 | 11,9 |
| Тухми мурғ,1кг | - | 3-4 | - | 1570 | 12,7 |
| Шири гов, 1 кг | - | 1-1,5 | - | 520 | 3,2 |

Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвал бармеояд, ки ба 1 кг истеҳсоли гӯшти паранда 2,5-3 кг хӯрок сарф мешавад, ки ин нисбат ба дигар намуди чорво ( моҳӣ, гӯсфанд, гов) 3,5-11,5 кг ё 2,4-5,6 маротиба камтар буда, баромади вазни холиси гӯшт 80 %-ро ташкил менамояд, ки ин нисбатан ба чорво 22-25% зиёд аст. Арзиши ғизонокии гӯшти паранда бошад, аз чорво фарқе надорад. Арзиши умумии ғизонокии (калориянокӣ) гӯшти чӯҷаи фарбеҳи навъаш олӣ 2,5 маротиба баландтар аз гӯшти чӯҷаи фарбеҳиаш миёна зиёдтар аст.

Ҳамчунин, дар мақола қайд шудааст, ки аҳамиятнокии умумихалқӣ баланд бардоштани сифатнокии маҳсулоти кишоварзӣ на танҳо бо роҳи баланд бардоштани арзиши истеъмолии он ва самаранокии истеҳсолот маҳдуд карда мешавад. Сифати олӣ – ин ҳифз намудани захираҳои меҳнатӣ ва моддӣ, афзоиши имкониятҳои содиротӣ ва дар ниҳоят қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти пурраи аҳолӣ мебошад.

Сифати маҳсулот ҳам дар марҳилаи истеҳсол ва ҳам фурӯши он ташаккул меёбад. Ба баланд бардоштани сифати маҳсулот омилҳои асосии зерин таъсир мерасонанд: кадом навъ будани паранда, миқдор ва сифати воситаҳои асосии маҳсулот, истифодабарии технология ва ташкили равандҳои истеҳсолӣ, сатҳи стандартизатсия ва низоми самти фаъолияти иқтисодии истеҳсолот ва омода намудани маҳсулот[4].

Муносибати экологӣ ба мафҳуми сифатнокӣ нишон медиҳад, ки на танҳо хусусиятҳои технологӣ ва молии маҳсулот, балки дараҷаи истифодабарии онҳо барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти инсонӣ омӯхта шаванд.

Баланд бардоштани сифатнокии маҳсулот бо масъалаи муқаррар намудани нишондодҳои миқдории ченкунии он, алоқаманд аст. Дар шароити кунунӣ, ҳангоми банақшагирӣ, нархгузорӣ, муайян намудани арзёбии самаранокии иқтисодии маблағгузориҳои сармоявӣ, бе истифодаи арзиши истеъмолӣ амал намекунад. Дар амал ду усули чен кардани арзиши истеъмолӣ истифода бурда мешавад (масалан, дар гӯшти паранда таъм, ғизонокӣ ва калориянокӣ ба инобат гирифта мешавад). Ин усули баҳисобгирӣ ҳангоми банақшагирии истеҳсолот аҳамияти муҳим дорад. Муайян карда шудааст, ки як тонна маҳсулот метавонад навъ ва сифатҳои гуногун дошта бошад, яъне арзиши истеъмолии нобаробар дорад. Масалан, як тонна гӯшти парандаи парваришнамудаи вазнаш аз ҳама зиёд ва аз миёна пасттар. Бинобар ин, дар соҳаи кишоварзӣ, вазифаи банақшагирии истеҳсолот яке аз вазифаҳои зарурӣ, на танҳо бо шумораи маҳсулот, балки бо арзиши истеъмолии он ба ҳисоб меравад [5].

Нишондиҳандаҳои сифатнокӣ барои баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ аҳамияти калон доранд. Арзёбии корҳое, ки аз ҷониби хоҷагиҳо дар шакли ҳаҷми маҳсулоти фурӯхташуда бо тонна, дона бе назардошти хусусиятҳои истеъмолии ин маҳсулот хоҷагиҳоро дар шароити нобаробар мегузорад. Хоҷагиҳое, ки маҳсулоти хушсифатро истеҳсол мекунанд, ба ҷамъият арзишҳои истеъмолии бештарро медиҳанд.

Дар шароити муосир, пешрафти илму технология ҳамаи унсурҳои раванди истеҳсолиро ба амал меорад ва аксаран ба омилҳои асосӣ таъсир мерасонад, ки беҳтар намудани сифати маҳсулот, раванди технологӣ, воситаҳо ва олоти меҳнат, дараҷаи тахассусии қувваи корӣ ва ғайраро таъмин мекунанд. Аз ин ҷо, арзёбии сифати маҳсулот бояд аз нуқтаи назари техникӣ, молиявӣ, иқтисодӣ ва экологӣ дида баромада шавад. Бинобар ин, танҳо ба чунин арзёбии фарогир имкон медиҳад, ки тағйироти сифатии нишондиҳандаҳо, хусусиятҳои истеъмолӣ, самаранокии иқтисодии беҳтар кардани сифати маҳсулотро ба роҳ монем.

Ҳамаи ин ба таври возеҳ исбот менамояд, ки манфиати соҳаи парандапарварӣ нисбат ба дигар соҳаҳои чорводорӣ беҳтар дида мешавад ва зарурати ҳалли ҳамаи мушкилот дар рушди соҳа имконпазир аст [6]. Яке аз самтҳои муҳимтарини амалӣ намудани вазифаҳои зикргардида - истифодаи пурраи захираҳои ҷамъовардаи иқтидори соҳаи парандапарварӣ, дастовардҳои охирини илм, техника, технология ва таҷрибаи ҷаҳонӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки барои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ, самарабахшона истифода бурдани захираҳои моддию техникӣ ва меҳнатӣ, низоми самарабахшона пеш бурдани соҳа, ки ба шароити ҷумҳурии муносибанд ва дар асоси комёбиҳои илм ва таҷрибаи пешқадам кор карда шудаанд, мусоидат хоҳад кард [7]. Гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ шаклҳои гуногуни хароҷот ва нархро ба вуҷуд овард. Дар ин асос, яке аз омилҳои муҳими иқтисоди бозоргонӣ нарх ва стратегияи нархгузорӣ мебошад, ки манбаи асосии маълумот барои қабули чораҳо барои рушди соҳа мебошад. Чунин қонуният дар нархи гӯшти гов ва шир дида мешавад.

Дар шароити Тоҷикистон аз се ду қисми аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ, алалхусус тухм дар шаҳрҳои калон ниҳоят муҳим аст[8]. Бо ин мақсад таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифати парандапарварӣ ва пешгирии баландшавии нархи он дар шаҳрҳои калони кишварамон, андешидани чунин тадбирҳо пешниҳод мегардад:

- дар ҷумҳурӣ бештар намудани корхонаҳои истеҳсоли хӯроки омехта барои парандаҳо вобаста ба намуд, синну маҳсулнокии онҳо;
- ба роҳ мондани истифодаи васеъи иловаҳои ғайрианъанавӣ ва хӯрокҳои маҳаллӣ дар истеҳсоли хӯроки омехта барои паранда;
- истифодаи таҷҳизотҳои барқ ва сӯзишворӣ сарфакунанда;
- истифодаи кроссу зотҳои сермаҳсули ба шароити иқлимию истеҳсолии Тоҷикистон мутобиқ;
- таъсиси дӯконҳои махсуси фурӯши маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ ва фаъолияти онҳо дар минтақаҳои аҳолии шаҳр;
- рушди ҳамкориҳои истеҳсолкунандагону корхонаҳои захираҳи маҳсулот ва таъмини саривақтии бозор бо маҳсулоти тозаю арзон.

Дар ҳалли ин масъалаҳо истифодаи нерӯи илмию техникӣ ва ҳамгирои онҳо бо хоҷагидорон бояд нақши ҳалкунанда бозад [9].

Ҳамин тариқ, татбиқи пешниҳодҳои таҳиягардида дар хоҷагиҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти паранда, инчунин тағйир додани сохтори хӯрокадиҳӣ ва гузаштан ба барориши бетаваққуфи чӯҷаҳо да паст намудани арзиши аслии гӯшт ва тухм. Комилан муайян шудааст, ки бо ин роҳ, маҳсулнокӣ ва даромаднокии соҳа баланд мешавад, инчунин, манфиатнокии фаъолияти хоҷагидорӣ низ ба қуллаҳои баланд мебароял ва зисту зиндагии аҳолии деҳот беҳтар мегардад.

**Адабиёт**

1. Бесерабов Б.Ф., Парандапарварӣ ва технологияҳои истеҳсоли тухм ва гӯшти паранда / Б.Ф. Бесерабов, Т.А. Столяр ва дигарон.-М. «Колос», 1994.-С. 272.
2. Пигарев Н.В. Машғулиятҳои амалӣ оид ба парандапарварӣ ва технологияи истеҳсоли тухм ва гӯшти паранда / Н.В. Пигарев ва дигарон.-М.: Колос, 1996
3. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КВД “Саноати парандапарварии Тоҷикистон” Душанбе, с.2018.
4. Бобылева Г. Перспективы развития мясного птицеводства в условиях глобализации экономики / Г. Бобылева АПК: экономика, управление.-М.: 2013.-№3.-72-80.
5. Бобоазиззода Ш.А. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли тухм дар соҳаи парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.А. Бобоазиззода, З. Валиев // Маводҳои сменари илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳлили ҳади ақали сабади истеъмоли дар ҶТ-2016.-С. 76-72.
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Барномаи рушди соҳаи парандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2015», шаҳри Душанбе, №451 аз 3 октябри соли 2006.
7. Ахмадов Т. Комилов Д.К. Загребный А.В. Интенсификация производства продуктов животноводства в условиях **Та**джикистана. – Душанбе, Тадж. НИИЖТИ., 1990.
8. Комилзода Д.Қ. Низоми илмии пешбурди парандапарварӣ. Дар китоби «Низоми илмии пешбурди соҳаи кишоварзии Тоҷикистон», Душанбе ,2009, с.597-615.
9. Мадаминов А.А Технологияи ҳифзи захираҳо – асос барои баланд бардоштани самаранокӣ // Кишоварз, 2018.-№1 (77).-С.57-60

## ПТИЦЕВОДСТВОДЧЕСКАЯ ОТРАСЛЬ ОСНОВА ОБЕСПЕЧЕНИЯ НАСЕЛЕНИЯ ДИЕТИЧЕСКОЙ ПРОДУКЦИЕЙ

**ХАКИМОВ ЗАФАРДЖОН ДЖАБОРОВИЧ,**
кандидат экономических наук,
докторант Института экономики и
системного анализа развития сельского хозяйства ТАСХН,
Тел.: (+992) 935-77-56-77. E-mail: Zafar h@mail.ru

*В данной статье рассматривается птицеводческая отрасль как основа обеспечения населения диетической продукцией. Исследования показали, что птицеводство является одной из важных отраслей сельского хозяйства, которая является одной из наиболее динамично развивающихся отраслей по производству мясной продукции и ценных пищевых продуктов - диетического мяса и яиц, являющихся неотъемлемой частью структуры продовольственной безопасности республики. Было отмечено, что за исследуемый период производство птицеводческой продукции, особенно птичьего мяса в стране, принесло производителям*

*значительную выгоду. Важнейшим условием повышения продуктивности птиц является обеспечение их научно-обоснованным кормом.*

***Ключевые слова**: птицеводство, мясо, яйца, эффективность, рыночная экономика, продовольствие, обеспечние, диетическая продукция.*

## POULTRY INDUSTRY AS THE BASE OF PROVIDING THE POPULATION WITH DIETARY PRODUCTS

**HAKIMOV SAFARJON JABOROVICH**,
Candidate in Economics, doctoral student at the
Institute of Economics and Systemic Analysis
of Agricultural Development of TAAS
Phone: (+992) 935-77-56-77. E-mail: Zafar h@mail.ru

*The article examines the poultry industry as the base for providing the population with dietary products. The studies showed that poultry industry is one of important spheres of agriculture which is one of the most dynamically developing industries for the production of meat products and producing valuable food products - dietary meat and eggs, which are an integral part of the food security structure of the republic. It was noted that during the study, the production of poultry products, especially poultry meat in the country, brought significant benefits to producers. The most important condition for increasing the productivity of birds is their scientifically based feeding.*

***Key words:** poultry, meat, eggs, efficiency, market economy, food, provision, dietary products.*

УДК: 658.8

# УСУЛҲО, ФУКНСИЯ ВА ВАЗИФАҲОИ ИДОРАКУНИИ МАРКЕТИНГ

**РАҲМОНОВ ДИЛОВАР РАҲМОНОВИЧ,**
муаллими калони кафедраи идоракунии молияи давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33.
Тел.: (992) 931-80- 63-11. E-mail: dilik_tj@bk.ru

*Дар мақола усулҳои идоракуниро ҳамчун роҳи ноил гардидан ба мақсад ва ҳалли вазифаҳои маркетинг дониста онҳоро ба усулҳои назарияи идоракунӣ, таҳлили иқтисодӣ ва моделсозӣ, оморӣ, ҷомеашиносӣ, психологӣ, математикӣ тақсим карда шудааст. Ба фаъолияти маркетингӣ таҳлили бозор, идоракунии талабот, баҳодиҳии самтҳои қавӣ ва заифии ширкатҳо ва рақибон, баҳодиҳии имконият ва таҳдидҳо, мавқеи ширкат ва молҳо дар бозор, баҳодиҳии рақобатпазирии ширкат ва мол, банақшагирӣ ва буҷети маркетинг, сохтори ташкилии хадамоти маркетинг дохил карда шудааст, ки он имкон медиҳад, ки роҳҳои татбиқи чорабиниҳои маркетингӣ нисбат ба субъектҳои фаъолияти маркетингӣ аз ҳамдигар фарқ карда шаванд.*

*Муаллиф қайд намудааст, ки усулҳои фаъолияти маркетингӣ аз вазифаҳои он вобастагӣ дорад, ки ба шаш вазифаи умумӣ ва понздаҳ вазифаи мушаххаси маркетинг шомил карда шудааст.*

*Дар намуди матритса функсияҳои фаъолияти маркетингиро таҳия намуда, ки дар он вазифаҳои умумӣ ба таври уфуқӣ ва вазифаҳои мушаххас ба таври амудӣ нишон дода шудааст, ки дар бурриши онҳо объектҳои таъсири вазифаҳои умумӣ ва мушаххас ҷойгир шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *усулҳо, идоракунӣ, вазифаҳо, маркетинг, назарияи идоракунӣ, таҳлили иқтисодӣ, моделсозӣ, оморӣ, ҷомеашиносӣ, психологӣ, математикӣ, фаъолияти маркетингӣ, таҳлили бозор, идоракунии талабот, баҳодиҳӣ, рақибон, имконият, таҳдидҳо, мавқеи ширкат, молҳо, бозор, буҷети маркетинг, сохтор, роҳҳои татбиқ, вазифаи умумӣ, вазифаи мушаххас.*

Технологияҳои зиёди маркетингӣ вуҷуд доранд, ки ба ҳалли мушкилоти ҳамкории субъектҳои хоҷагидор бо бозор нигаронида шудаанд. Ин пеш аз ҳама, таҳлили бозор, идоракунии талабот, баҳодиҳии самтҳои қавӣ ва заифи ширкатҳо ва рақибон, баҳодиҳии имконият ва таҳдидҳо, мавқеи ширкат ва молҳо дар бозор, баҳодиҳии рақобатпазирии ширкат ва мол, банақшагирӣ ва буҷети маркетинг, сохтори ташкилии хадамоти маркетинг ба ҳисоб меравад.

Онҳоро тавассути истифодаи усулҳои идоракунӣ ба низом даровардан мумкин аст. Дар луғати инсиклопедии Россия «усул – роҳи ноил гардидан ба мақсад ва ҳалли вазифаи мушаххас буда, функсия – зуҳури берунии хосияти объект дар ин низом мебошад" [8]. Дар ҳамон ҷо, усулҳои маркетинг ба усулҳои умумиилмӣ ва илмҳои мушаххас тақсим мешаванд. Дар байни усулҳои умумилмӣ – таҷрибавӣ ва баҳодиҳии коршиносон ва дар байни усулҳои илмҳои мушаххас бошад, усулҳои назарияи идоракунӣ, таҳлили иқтисодӣ ва моделсозӣ, оморӣ, ҷомеашиносӣ, психологӣ, математикӣ муҳим мебошанд. Равишҳои мазкурро ҳамчун усулҳои фаъолияти маркетингӣ, яъне роҳҳои ноил гардидан ба мақсадҳои дар доираи маҷмӯи чорабиниҳои мушаххаси маркетингӣ татбиқшаванда, баррасӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст. Ғайр аз ин, методологияи истифодаи воситаҳои маркетинг дар комплекси агросаноатӣ (КАС) дар маҷмӯъ, ҳангоми ба низом даровардани усулҳои маркетинг, нисбатан

мукаммал мегардад. Системаи зерини усулҳои фаъолияти маркетингиро дар КАС пешниҳод менамоем (расми 1).

**УСУЛҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКЕТИНГӢ ДАР КАС**

| | |
|---|---|
| Усулҳои иттилоотӣ | таҳлили бозор; таҳлили эҳтиёҷот; таҳлили системаи маркетинг; таҳлили идоракунии маркетинг; таҳлили муҳити рақобат; баҳодиҳии самтҳои қавӣ ва заиф; баҳодиҳии имконият ва таҳдидҳо; таҳлили давраи ҳаётии молҳо; гурӯҳбандии бозор; омӯзиши усулҳои маркетинг ба кормандон; таблиғ; робита бо ҷомеъа; назорат ва аудити фаъолияти маркетингӣ. |
| Усулҳои пешгӯиву банақшагирӣ ва лоиҳакашӣ | пешгӯии талабот ва эҳтиёҷот; пешгӯии рафтори харидорон; пешгӯии муҳити рақобат; асоснокосзии маркетингии нақшаҳои истеҳсолӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ; нақша ва барномаи маркетинг; буҷети маркетинг; коркарди технологияҳо; тарҳрезии мол ва низомҳои тақсимоти фурӯш. |
| Усулҳои ташкилӣ: сохтори идоракунии корхона | низоми идоракунии маркетинг, сохтори ташкилии хадамоти маркетинг; сиёсати молӣ, нарх, фурӯш ва коммуникативӣ |
| Усулҳои истеҳсоли моддӣ | истеҳсоли маҳсулот, коркард, бандубаст |
| Усулҳои хизматрасонии истеҳсолоти моддӣ | таъминоти моддию техникӣ, гурӯҳбандӣ, нигодорӣ, ҳамлу нақл, омодасозии пеш аз фурӯш |
| Усулҳои тиҷоратӣ | хулосаи амалиётҳо, фурӯш, пешниҳоди тахфифҳо, купонҳо ва мукофотҳо, тақсимоти маҳсулот |
| Усулҳои институтсионалӣ | машварати маркетингӣ, хизматрасониҳои миёнаравӣ, хизматрасониҳо барои ҳамлу нақл, тақсимот, нигоҳдорӣ, инжиниринг, таблиғот ва робита бо ҷомеа |
| Усулҳои танзими давлатӣ | танзими давлатии бозори кишоварзӣ; дастгирии рушди хизматрасонии иттилоотию машваратӣ; ҳамоҳангсозӣ ва танзими иттилооти бозорӣ; дастгирии методии рушди фаъолияти маркетингӣ; паҳнсозии таҷрибаи пешқадам дар самти маркетинги аграрӣ; ҳамоҳангсозӣ ва дастгирии таҳқиқоти илмӣ оид ба маркетинг; омодасозии кадрҳо дар самти маркетинг. |

***Расми 1. Усулҳои фаъолияти маркетингӣ дар КАС. Сарчашма: Клюкач В.А.,Гончаров Д.А. Приоритетные направления аграрного маркетинга России. Монография. –Барнаул АЗБУКА. -2012. –С.403***

Низоми пешниҳодшудаи усулҳо имкон медиҳад, ки роҳҳои татбиқи чорабиниҳои маркетингӣ нисбат ба субъектҳои фаъолияти маркетингӣ аз ҳамдигар фарқ карда шаванд.

Ҳамин тавр, усулҳои иттилоотии фаъолияти маркетингӣ аз ҷониби мутахассисони зерини хадамоти маркетинг амалӣ карда мешаванд: таҳлилгарон, маркетологҳо, мушовирон, мутахассисон оид ба реклама ва робита бо ҷомеа.

Усулҳои пешгӯиву банақшагирӣ ва лоиҳакашӣ аз ҷониби иқтисодчиён оиди банақшагирӣ, буҷет, молия ва технологҳо амалӣ карда мешаванд. Иҷрои усулҳои ташкилӣ ба дӯши менеҷменти корхона гузошта мешавад. Усулҳои истеҳсолоти моддӣ дар бахшҳое истифода мешаванд, ки ҳаракати маҳсулоти кишоварзиро аз саҳро то рафҳои мағоза таъмин мекунанд. Усулҳои тиҷоратӣ аз ҷониби кормандони савдо, агентҳо ва мутахассисон оид ба таъминот татбиқ карда мешаванд. Усулҳои институтсионалӣ аз ҷониби ташкилот ва субъектҳои махсуси КАС, ки пешбурди маҳсулоти кишоварзиро дар бозор таъмин менамоянд ва ба истеҳсолкунандагон хизматрасониҳои касбиро дар самти маркетинг пешниҳод месозанд, иҷро карда мешаванд. Усулҳои танзими давлатӣ ба салоҳияти мақомоти давлатӣ оид ба ҳамоҳангсозии иқтисодиёти аграрӣ дар сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ вогузор шудааст.

Бо назардошти он, ки усулҳои фаъолияти маркетингӣ мунтазам такмил гардида, усулҳои нав ба миён меоянд, низоми пешниҳодшуда, муҳимтарин самтҳои онҳоро фаро мегирад. Ҳар як усул метавонад, якчанд паҳлӯ дошта бошад. Масалан, усули гуруҳбандии бозор метавонад ба усулҳои гуруҳбандии ҷуғрофӣ, иҷтимоӣ-демографӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ тақсим карда шавад.

Инкишофи усулҳои фаъолияти маркетингӣ аз вазифаҳои он вобастагӣ дорад.

Вазифаҳои маркетинг ҳамчун намудҳои алоҳида фаъолияти махсус дар раванди ташкил ва татбиқи маркетинг тавсиф дода мешаванд. Онҳоро ба таври зерин тасниф намудан мумкин аст:

1) тадқиқоти маркетингӣ;
2) банақшагирии сиёсати молӣ;
3) нархгузорӣ;
4) фурӯш ва тақсимот;
5) пешбурди маҳсулот;
6) маркетинг-менеҷмент.[2]

Мукаммалии функсионалии фаъолияти маркетингӣ аз ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, шумораи кормандон, таркиби дороиҳои асосӣ ва рушди сохтори идоракунӣ вобастагӣ дорад. Онро Багиев Г.Л. чунин тасвир намудааст (ҷадвали 1.1).

Таснифи дигари нисбатан соддаи функсияҳои маркетинг машҳур аст, ки чор вазифаи асосиро дарбар мегирад:

1) сиёсати молӣ;
2) нархгузорӣ;
3) фурӯш;
4) коммуникатсия.[8]

Тавре ки мушоҳида мешавад, ки дар ин низом унсурҳои функсияи тадқиқоти маркетинг ва менеҷмент байни чор вазифаи мавҷуда тақсим мешаванд. Ин равиш ба он асоснок карда мешавад, ки ҷамъоварии иттилоот ва идоракунӣ дар тамоми чорабиниҳои маркетинг зарурият доранд.

Ҳамин тавр, дар доираи функсияи сиёсати молӣ таснифи мазкур зерфунксияи гуруҳбандии бозорро муайян месозад, ки ба тадқиқоти маркетингӣ вобаста аст. Дар

доираи функсияи нархгузорӣ таҳлили рақобати нарх ва дар доираи функсияи фурӯш – таҳлили роҳҳои фурӯш арзёбӣ карда мешаванд. Зерфунксияи идоракунӣ низ ҳамчун «риштаи сурх» аз байни ҳамаи функсияҳои зикргардида мегузарад, зеро татбиқи он қабули қарорҳо, ташкили чорабиниҳо, мутобиқат ба тағйироти муҳит ва баҳодиҳии самаранокиро ҳамроҳӣ мекунад.

Ҷадвали 1.1. Сохтори функсияҳои маркетинг

| Функсияҳои маркетинг | Мазмун |
|---|---|
| Тадқиқоти маркетингӣ | Тадқиқоти муҳити берунӣ ва дохилӣ: таҳлили бозорҳои байналмилалӣ; тадқиқоти бозори фурӯш, бозори сармоя, бозорҳои захираҳои меҳнатӣ ва моддӣ; тадқиқоти фурӯш, талабот, тақсимоти маҳсулот, реклама, мол ва бастабандӣ; ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот; омӯзиши рақибон; пешгӯии талабот ва фурӯш |
| Банақшагирии сиёсат дар самти истеҳсолот ва номгӯи маҳсулот | таҳияи сиёсати маҳсулот, сохтори номгӯи маҳсулот; баланд бардоштани хусусиятҳои сифат ва рақобатпазирии маҳсулот; азхуд намудани махсулоти нав |
| Нархгузорӣ | таҳияи стратегия ва тактикаи нархгузорӣ; таҳияи механизми таъғйир додани нархҳои ҷорӣ; таҳлили нархҳои рақибон; пешгӯии нархҳои маҳсулоти нав |
| Фурӯш ва тақсимот | таҳияи сиёсати фурӯш ва тақсими мол; ташкили фурӯш ба воситаи шабакаи савдо ва тақсимкунӣ; интихоби каналҳои (шохроҳҳои) тақсимот; ташкили анбор ва кашондани мол; муайян кардани буҷетҳои муомилот ва савдо; таҳлили фурӯш ва назорати ҷараёнҳои физикӣ дар системаи тақсимот |
| Пешбурди (реклама ва фурӯши) мол | Таҳияи сиёсати таблиғ ва пешбурди фурӯш; асоснокунии воситаҳои самараноки пешбурди фурӯш; ҳамоҳангсозии амалиёти агентҳои фурӯш; ташкили хавасмандгардонии харидорон ва истеъмолкунандагон; ҳавасмандгардонии кормандони фурӯш; ташкили муносибатхои ҷамъиятӣ |
| Идоракунии маркетинг | Ташкили идоракунии маркетинг; назорат кардан; рушди сохторҳои ташкилии хадамоти маркетинг; оптимизатсияи (зиёдкунии) қарорҳои идоракунӣ дар системаи фаъолияти маркетингии хадамоти маркетинг |

***Сарчашма; Багиев, Г.Л. Маркетинг и культура предпринимательства [Текст] / Г.Л. Багиев, В.В. Томилов, З.А. Чернышева. Под общ. ред. А.И. Муравьева. - СПб.: Издательство СПбГУЭФ, 1995. - 235 с.***

Г.П. Абрамова панҷ функсияи умумии маркетингро ҷудо мекунад:

1) мақсадгузорӣ (банақшагирӣ);
2) ташкилӣ;
3) ҳамоҳангӣ;
4) баҳисобгирӣ;
5) назорат. [1]

Чунин равиш имкон медиҳад, ки унсурҳои алоҳидаи маҷмӯи маркетинг асоснок гардида, самаранокии чорабиниҳои фаъолияти маркетингӣ таъмин карда шаванд.

Ба назари Абрамова Г.П., Жигалина М.М., Семенова Е.И. "Моҳияти маркетинг ҳамеша ягона аст, аммо хусусияти татбиқи амалии он аз самти фаъолият (чорводорӣ, зироаткорӣ ва ғайра) вобастагӣ дорад". [1]

Оқибати татбиқи функсияҳои умумии маркетингро Г.П. Абрамова дар иҷроиши зерфунксияҳои иловагии идоракунии вазъият, давраи иттилоотӣ, таҳияи ғояҳои рақобатпазири нав, истеҳсоли маҳулоти арзон, ба назар гирифтани талабот дар бозори ҷаҳонӣ ва истифодаи барномаҳои стандартии маркетингӣ мебинад.

Онҳо низоми зерини функсияҳои маркетинги кишоварзиро пешниҳод мекунад:

1) вазифаҳои мубодила (харид, фурӯш);

2) вазифаҳои моддӣ (нигаҳдорӣ, ҳамлу нақл, коркард);

3) вазифаҳои таъминотӣ (маблағгузорӣ, идоракунии хавфҳо, омӯзиши бозор). [1]

Ӯ низоми функсияҳои мушаххасро муаррифӣ мекунад, ки барои банақшагирии маҷмӯи чорабиниҳои фаъолияти маркетингӣ ва тақсимоти оқилонаи байни иштирокчиёни бозори аграрӣ, имкон медиҳад. Ин равиш бо ҳамбастагии муқарраршудаи функсияҳои маркетинг дар истеҳсолоти бисёрҷонибаи маҳсулоти кишоварзӣ, соҳаҳои коркард, нақлиёт, савдо ва хизматрасонӣ асоснок карда мешавад.

Маркетологҳои амрикоӣ Дж.Р. Эванс ва Б. Берман ҳашт функсияҳои асосии маркетингро ҷудо мекунанд:

1) таҳлили муҳит ва тадқиқоти бозор;

2) таҳлили истеъмолгарон;

3) банақшагирии молҳо (хизматрасониҳо);

4) банақшагирии фурӯш;

5) банақшагирии пешбурди молҳо;

6) банақшагирии нархҳо;

7) таъмини масъулияти иҷтимоӣ;

8) идоракунии маркетинг. [9]

Аз нуқтаи назари мо, дар таснифоти овардашуда, вазифаҳои якум ва дуюмро дар як вазифа муттаҳид намудан мумкин аст, зеро ҳар дуи он ба як пояи тадқиқоти маркетингӣ такя мекунанд. Вазифаи масъулияти иҷтимоӣ аз вазифаи идоракунии маркетинг бармеояд, аз ин лиҳоз, онро низ бо вазифаи охирин муттаҳид кардан мумкин аст.

Мутахассисон, инчунин низоми функсияҳои асосии маркетингро аз ҳисоби вазифаҳои хусусӣ ба монанди анборкунӣ, бандубаст, таъсиси тамғаи молӣ, идоракунии ҳайати кормандон, муносибатҳои қарзӣ, ҳамлу нақл, интихоби ҷой барои ҷойгиркунии мағозаҳо, савдои яклухт ва чакана, таблиғот, робита бо ҷомеа, таъмини кафолатҳо ва ғайра мукаммал мегардонанд. Ба андешаи мо, тақсими байни функсияҳои асосӣ ва зерфунксияҳо ба мақсад мувофиқ буд, масалан, функсияи анборкунӣ ба функсия фурӯш, функсияи бандубаст ба функсияи сиёсати молӣ, функсияи таъсиси тамғаи молӣ ба функсияи пешбурди молҳо ва ғ.

Равиши ҷолиброро нисбати таснифи функсияҳои маркетинг ба қавли Колз, Ричард Л. мутахассисони амрикоӣ дар самти маркетинги кишоварзӣ Р. Бренсона ва Д. Норвела пешниҳод намудаанд. Онҳо низоми ҳашт функсияи мушаххаси маркетингро муаррифӣ сохтаанд:

1) тайёр намудани ашёи хом;

2) гурӯҳбандии ашёи хом;

3) нигаҳдорӣ;

4) коркард;

5) бандубаст;
6) нигоҳдории маҳсулоти борпечшуда;
7) тақсимоти маҳсулот ба фурӯшандагони яклухт ва харидорон;
8) ҳамлу нақли маҳсулот. [7]

Таснифоти мазкур функсияҳои маркетингро байни марҳилаҳои асосии пешбурди маҳсулоти кишоварзӣ ва истеъмолкунандагони ниҳоӣ тақсим мекунад, ки барои ҳар як марҳила таҳияи зерфунксияи маркетингро имкон медиҳад.

Муаллифон инчунин функсияҳои умумии маркетингро қайд кардаанд: 1) тадқиқоти маркетингӣ;
2) тадқиқоти маҳсулот ва ташаккули он;
3) инкишофи талабот;
4) тағйирёбии хизматрасонӣ;
5) молия ва хатарҳо;
6) иттилоот.

Тавре, ки мушоҳида мешавад, ин таснифот ба ҷанбаи иттилоотӣ фаъолияти маркетингӣ афзалият медиҳад.

Ҳамин тавр, тадқиқоти маҳсулот ва ташаккули он дар як функсияи алоҳида ҷудо карда шудааст, дар ҳоле, ки ба ақидаи мо, метавонад қисми таркибии таҳқиқоти маркетинг ба шумор раванд. Иттилоот ҳамчун функсияи алоҳида баррасӣ гардидааст, дар ҳоле, ки он низ метавонад ҳамчун зерфунксияи тадқиқоти маркетингӣ баромад намояд.

Инкишофи талабот аз сиёсати коммуникативӣ вобастагӣ дошта, тағйирёбии хизматрасонӣ сиёсати фурӯшро муайян мекунад. Мусаллам аст, ки коммуникатсия ва фурӯш нисбат ба сиёсати молӣ ва нархгузорӣ дар таснифоти мазкур нақши ҳалкунанда доранд.

В.А. Беспалов [69, 70] системаи зерини вазифаҳои маркетингро пешниҳод менамояд:
1) омӯзиши бозор;
2) пешгӯии талабот ва пешниҳод;
3) банақшагирии фаъолияти маркетингӣ;
4) сиёсати нархгузорӣ;
5) сиёсати маҳсулот;
6) фурӯш;
7) ҳавасмандсозии фурӯш;
8) содироти маҳсулот ва маркетинги байналмилалӣ. [3]

Системаи вазифаҳои мазкур нисбатан маъмул аст, зеро марҳилаҳои асосии ташкили фаъолияти маркетингиро инъикос мекунад. Ҳаминро қайд намудан ба маврид аст, ки муаллиф пешгӯии талаб ва пешниҳодро асоснок дар як функсияи алоҳида ҷой додааст, чунки пешгӯӣ марҳилаи ниҳоии кор бо иттилооти бозорӣ ва асоси банақшагирии чорабиниҳои мушаххаси маркетинг ба ҳисоб меравад. Тааллуқ доштани содироти маҳсулот ба вазифаи алоҳида мақсаднок аст, зеро фаъолияти иқтисодии хориҷӣ як ҷанбаи хоси маркетинги аграрӣ буда, мавҷудияти кормандони ботаҷриба омодашуда ва муносибати махсусро талаб мекунад.

Таснифи вазифаҳои маркетингро Гайдаенко А.А., аз рӯи ду меъёр маъмул донистааст: мундариҷа (вазифаҳои умумӣ) ва объекти таъсири маркетингӣ (функсияҳои мушаххас).

Вазифахои умумии маркетинг ба инҳо таксим мешаванд:

1) тахлил;
2) пешгӯӣ ва муайян кардани ҳадафҳо;
3) банақшагирӣ;
4) ташкил;
5) идоракунӣ;
6) баҳисобгирӣ ва назорат;
7) баҳодиҳӣ.

Вазифаҳои мушаххас:
1) тадқиқоти бозор;
2) омӯзиши истеъмолкунандагон ва талабот;
3) таҳлили муҳити маркетинг;
4) татбиқи сиёсати маҳсулот;
5) тайёр кардани мол ва таъминоти инфрасохтор;
6) нархгузорӣ ва сиёсати нарх;
7) муомилоти мол ва фурӯш;
8) ташаккули талабот ва фаъолгардонии фурӯш;
9) фаъолияти тиҷоратӣ;
10) фаъолияти баҳисобгирӣ ва молиявӣ;
11) фаъолияти маркетинги иқтисодии хориҷӣ;
12) дастгирии давраи ҳаёти маҳсулот;
13) идоракунии маркетинг. [5]

Мо равиши пешниҳодшудаи таснифи вазифаҳои маркетингро эътироф мекунем. Аммо зарур мешуморем, ки ба таркиби вазифаҳои умумӣ ва хусусӣ як қатор тағйирот ворид намоем. Ин тағйирот дар нақшаи функсияҳои фаъолияти маркетингӣ, ки аз ҷониби мо таҳия гардидааст ва дар расми 1.2 оварда шудааст, ба назар гирифта шудаанд.

Дар вазифаи дуюми умумии маркетинг, муаллифон пешгӯӣ ва ҳадафгузориро муттаҳид мекунанд. Охирин ҳамчун таҳияи барномаи мақсаднок ё дарахти ҳадафҳо ҳисобида мешавад. Мо чунин меҳисобем, ки ҳадафгузорӣ бояд ҳамчун марҳилаи ибтидоии банақшагирӣ баррасӣ гардида, ба ин вазифа тааллуқ дошта бошад. Ҳамзамон, пешгӯӣ бояд як вазифаи алоҳида бошад, ки рушди муҳити маркетингро дар давраи пешбинишаванда инъикос намояд, на ин ки ҳадафҳои мушаххасро гузорад. Виханский, О.С, пешниҳод мекунад, ки "функсияи ҳамоҳангсозӣ" ворид карда шавад. Ин пеш аз ҳама ба он алоқаманд аст, ки идоракунӣ иҷрои чор вазифаи асосиро пешбинӣ менамояд: банақшагирӣ, ташкилӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорат. [4]

Ҳамин тавр, вазифаҳои идоракунии маркетинг тавассути банақшагирӣ, ташкил ва назорати маркетинг, ки дар таснифи баррасишаванда ҳамчун вазифаҳои мустақили маркетинг муайян карда шудаанд, пайваста амалӣ карда мешаванд. Функсияи банақшагирӣ таҳияи стратегия ва тактикаи фаъолияти маркетингиро пешбинӣ мекунад. Ба ҷои функсияҳои «ҳисоб ва назорат» ва «баҳодиҳӣ» пешниҳод менамоем, ки як функсияи «назорат» ҷорӣ карда шавад, зеро баҳисобгирии муҳосибӣ барои назорат заминаи иттилоотиро фароҳам меорад ва баҳодиҳӣ ҳамчун воситаи ба даст овардани хулосаҳо ҷиҳатии қабули қарорҳо дар доираи назорат хизмат мекунад.

Дар робита ба вазифаҳои мушаххаси маркетинг, зарур мешуморем, ки тағйироти зеринро ворид карда шавад. Вазифаи «омӯзиши истеъмолкунандагон ва талабот» ба вазифаи «тадқиқоти талабот» иваз карда шавад, зеро талабот ба омӯзиши бозор марбут буда, мафҳуми «эҳтиёҷот» ҳам ҷанбаҳои рафтори истеъмолкунандагон ва ҳам ниёзҳои мушаххаси онҳоро дар бар мегирад. Пешниҳод менамоем, ки функсияи «таҳлили

муҳити маркетинг» «таҳқиқи муҳити рақобат» номида шавад, то ки меҳвари асосии ин вазифа – тадқиқоти фаъолияти корхонаҳои рақобаткунанда ва моли истеҳсолкардаи онҳо муайян карда шавад. Вазифаи навбатиро «таҳияи маҳсулот» мешуморем, ки моҳияти он дар эҷоди моли серталаб тавассути маълумоти мавҷудаи маркетинг ифода меёбад. Функсияи «сиёсати анвоъӣ» ҳолати анвоъи мол ва рушди онро муайян мекунад. Функсияи «нархгузорӣ ва сиёсати нарх» пешниҳод менамоем, ки нисбатан мухтасар – «сиёсати нарх» қайд гардида, ба он ҳамаи амалҳо оид ба муқаррар намудан ва тағйирёбии нархҳо дохил карда шаванд.

Баъдан зарур мешуморем, ки чунин вазифаҳо ба мисли «бандубаст», «нигаҳдорӣ», «ҳамлу нақл ва тақсимот» зикр карда шаванд, зеро ин вазифаҳо дар маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ нақши муҳим доранд. Ҳамин тавр, вазифаи «муомилот ва фурӯши маҳсулот»-ро, ки муаллифон пешниҳод кардаанд, ба чанд вазифаҳои мустақил ҷудо намудем, ки ниҳоии онҳо вазифаи «фурӯш» хоҳад буд. Инчунин ба ду вазифаи мустақил – «реклама» ва «робита бо ҷомеа» ҷудо намудани вазифаи «фаъолияти тиҷоратӣ»-ро зарур мешуморем. Дар баробари ин, пешниҳод менамоем, ки вазифаҳои «фаъолияти маркетинги иқтисодии хориҷӣ» ва «дастгирии давраи ҳаёти маҳсулот» ҷудо карда нашаванд, зеро онҳо аз рӯи хусусияти худ мутаносибан ба вазифаҳои «фурӯш» ва «сиёсати анвоъ» мувофиқат мекунанд. Дар маҷмуъ, дар таркиби таснифоти аз ҷониби мо пешниҳодшуда шаш вазифаи умумӣ ва понздаҳ вазифаи мушаххаси маркетинг шомил карда шудааст (расми 1.2).

**СИСТЕМАИ ВАЗИФАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКЕТИНГ**

**Вазифаи умумӣ:**

- Таҳлил
- Пешгӯӣ
- Банақшагирӣ
- Ташкилӣ
- Ҳамоҳангсозӣ
- Назорат

**Вазифаи мушаххас:**

- Тадқиқот
- Рушди махсулот
- Сиёсати ассортимент
- Сиёсати нарх
- Бастабандӣ
- Нигоҳдорӣ
- Интиқол ва тақсимот
- Фурӯш
- Эҷоди талабот ва пешбурди фурӯш
- Реклама
- Равобити иҷтимоӣ
- Фаъолияти молиявӣ
- Идоракунии маркетинг

***Расми 1.2. Системаи вазифаҳои фаъолияти маркетинг. Сарчашма: пешниҳоди муаллиф***

Ҳамин тавр, усулҳо ва моделҳои идоракунии маркетингиро таҳқиқ намуда чунин хулоса намудан мумкин аст:

1. Усулҳои идоракуниро ҳамчун роҳи ноил гардидан ба мақсад ва ҳалли вазифаҳои маркетинг дониста онҳоро ба усулҳои назарияи идоракунӣ, таҳлили иқтисодӣ ва моделсозӣ, оморӣ, ҷомеашиносӣ, психологӣ, математикӣ тақсим намудан

мумкин аст. Ба фаъолияти маркетингӣ таҳлили бозор, идоракунии талабот, баҳодиҳии самтҳои қавӣ ва заифи ширкатҳо ва рақибон, баҳодиҳии имконият ва таҳдидҳо, мавқеи ширкат ва молҳо дар бозор, баҳодиҳии рақобатпазирии ширкат ва мол, банақшагирӣ ва буҷети маркетинг, сохтори ташкилии хадамоти маркетинг дохил мешаванд, ки дар расми 1 ҷой додем. Низоми пешниҳодшудаи усулҳо имкон медиҳад, ки роҳҳои татбиқи чорабиниҳои маркетингӣ нисбат ба субъектҳои фаъолияти маркетингӣ аз ҳамдигар фарқ карда шаванд.

2. Усулҳои фаъолияти маркетингӣ аз вазифаҳои он вобастагӣ дорад, ки онҳоро ба тадқиқоти маркетингӣ; банақшагирии сиёсати молӣ; нархгузорӣ; фурӯш ва тақсимот; пешбурди маҳсулот; маркетинг-менеҷмент. Дар маҷмуъ, дар таркиби таснифоти аз ҷониби мо пешниҳодшуда шаш вазифаи умумӣ ва понздаҳ вазифаи мушаххаси маркетинг шомил карда шудааст (расми 1.2).

3. Функсияҳои маркетингро ба зергурӯҳҳои зерин: тадқиқоти маркетингӣ, банақшагирии сиёсат дар самти истеҳсолот ва номгӯи маҳсулот, нархгузорӣ, фурӯш ва тақсимот, пешбурди (реклама ва фурӯши) мол, идоракунии маркетинг тақсим намуда, онҳоро дар намуди нақша тасвир намудем (ҷадвали 1).

Мантиқи тадқиқоти мо зарурати таҳияи тавсияҳоро оид ба истифодаи функсияҳои фаъолияти маркетингӣ дар комплекси агросаноатӣ тақозо мекунад, ки мо дар намуди матритса функсияҳои фаъолияти маркетингиро таҳия намудем, ки дар он вазифаҳои умумӣ ба таври уфуқӣ ва вазифаҳои мушаххас ба таври амудӣ нишон дода шуда, дар бурриши онҳо объектҳои таъсири вазифаҳои умумӣ ва мушаххас ҷойгир шудаанд.

**Адабиёт**


1. Абрамова Г.П. Маркетинг в АПК [Текст] / Г.П. Абрамова,М.М. Жигалин, Е.И. Семенова и др. Под ред. ГЛ. Абрамовой. - М.:Колос, 1997.-240 с.
2. Багиев Г.Л. Маркетинг [Текст] / Г.Л. Багиев, В.М. Тарасевич, X. Анн. Под общ. ред. Г.Л. Багиева. - М.: Экономика, 1999. - 703 с.
3. Беспалов В.А. Наука и искусство принятия управленческих решений [Текст] / В.А. Беспалов. - Киев: Высшая школа, 1985. —116 с.
4. Виханский О.С, Менеджмент [Текст] / О.С. Виханский, А.И.Наумов. - М.: Гардарики, 2001. - 528 с.
5. Гайдаенко, А.А. Обоснование и разработка маркетинговых программ для предприятий АПК (на примере предприятий МНТЦ«Племптица»): Дис. канд. экон, наук [Текст] / А.А. Гайдаенко. — Рос. гос. аграрный заочный ун-т. - М., 1998. -152 с.
6. Клюкач В.А.,Гончаров Д.А. Приоритетные направления аграрного маркетинга России. Монография. –Барнаул АЗБУКА. -2012. –С.403
7. Колз, Ричард Л. Что такое маркетинг? (О продовольственном маркетинге) [Текст] / Ричард Л. Колз, Джозев Н. Ул // АПК: экономика, управление. - 1995. — №1. — С. 29-30
8. Российский энциклопедический словарь: В 2 кн. [Текст] / Гл. ред. А.М. Прохоров. — М.: Большая Российская энциклопедия, 2000.- 2015 с.
9. Эванс, Дж.Р. Маркетинг: Сокр. пер. с англ. [Текст] /к Дж. Р. Эванс, Б. Берман. — Авт. предисл. и науч. ред. А.А. Горячев. —|м.: Экономика, 1990. - 350 с.

# МЕТОДЫ, ФУНКЦИИ И ЗАДАЧИ УПРАВЛЕНИЯ МАРКЕТИНГОМ

**РАХМОНОВ ДИЛОВАР РАХМОНОВИЧ**,
старший преподаватель кафедры управления государственными финансами
Академия государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
Душанбе, ул. Саид Носир, 33.
Тел.: (992) 931-80- 63-11. E-mail:dilik_tj@bk.ru

*В статье методы управления рассматриваются как способ достижения целей и решения маркетинговых задач и подразделяются на методы теории управления, экономического анализа и моделирования, статистики, социологии, психологии, математики. Маркетинговая деятельность включает в себя анализ рынка, управление спросом, оценку сильных и слабых сторон компаний и конкурентов, оценку возможностей и угроз, положение компании и продукта на рынке, оценку конкурентоспособности компании и продукта, маркетинговое планирование и бюджетирование, организационную структуру службы маркетинга. что это позволяет что позволяет дифференцировать способы осуществления маркетинговой деятельности по отношению к субъектам маркетинговой деятельности.*

*Автор отмечает, что методы маркетинговой деятельности зависят от ее функций, которые входят в шесть общих задач и пятнадцать частных задач маркетинга.*

*В виде матрицы разработаны функции маркетинговой деятельности, в которых по горизонтали показаны общие задачи, а по вертикали - частные задачи, на пересечении которых расположены объекты влияния общих и частных задач.*

***Ключевые слова:*** *методы, управление, задачи, маркетинг, теория управления, экономический анализ, моделирование, статистика, социология, психология, математика, маркетинговая деятельность, анализ рынка, управление спросом, оценка, конкуренты, возможность, угрозы, положение фирмы, товар, рынок, маркетинговый бюджет, структура, способы реализации, общая задача, конкретная задача.*

# METHODS, FUNCTIONS AND TASKS OF MARKETING MANAGEMENT

**RAKHMONOV DILOVAR RAKHMONOVICH,**
Senior Lecturer Department of Public Finance Management of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
Dushanbe, st. Said Nosir, 33.
Phone: (+992) 931-80- 63-11. E-mail: dilik_tj@bk.ru

*The article considers management methods as a way to achieve the goals and solutions of marketing tasks and divides them into methods of management theory, economic analysis and modeling, statistics, sociology, psychology, mathematics. Marketing activities include market analysis, demand management, assessment of strengths and weaknesses of companies nd competitors, opportunity and threat assessment, company and product position in the market, assessment of company and product competitiveness, marketing planning and budgeting, organizational structure of marketing services. that it allowsmarketing activities in relation to the subjects of marketing activities.*

*The author notes that the methods of marketing activities depend on its functions, which are included in six general tasks and fifteen specific marketing tasks.*

*In the form of a matrix developed the functions of marketing activities, in which the general tasks are shown horizontally and the specific tasks are shown vertically, at the intersection of which are the objects of influence of general and specific tasks. The author notes that the methods of marketing*

*activities depend on its functions, which are included in six general tasks and fifteen specific marketing tasks.*

***Key words:*** *methods, management, tasks, marketing, management theory, economic analysis, modeling, statistics, sociology, psychology, mathematics, marketing activities, market analysis, demand management, evaluation, competitors, opportunity, threats, company position, goods, market, marketing budget, structure, ways of implementation, general task, specific task.*

УДК: 338.5

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА НАРХИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ КОММУНАЛӢ

**ҚУЛИЕВ УСТУВОРШОҲ АВЗАЛОВИЧ,**
омӯзгори калони кафедраи фанҳои гуманитарии
Коллеҷи тиббии ноҳияи Б.Ғафуров.
735690, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Б.Ғафуров, кӯчаи Ленин 15.
Тел.: (+992 ) 915-71-02-00. E-mail: Ustuvorshoh@ mail. ru.

*Дар мақолаи мазкур масъалаи ташаккулёбии нархи хизматрасониҳои коммуналӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба таври воқеӣ муайян намудани нархи хизматрасониҳои коммуналӣ аз қабили об, партов ва нигоҳдории техникии бино масъалаи асосӣ ҳисобида шудааст. Ҳамзамон арзиши хизматрасониҳои коммунали вобаста ба таркиби оила ва аҳволи саломатии иҷтимоии аҳолӣ, роҳҳои воқеии пардохти аҳолӣ аз рӯйи арзишҳои аслӣ масъалаи муҳим арзёбӣ гардидааст. Ҳамчунин дар мақола тавсияҳо оиди беҳтар намудани аризиши аслии нархи хизматрасониҳои коммуналӣ ва ба таври ҳақиқи сурат гирифтани онҳо дар шароити муосир ироа гардидаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *хоҷагии манзилию коммуналӣ, нархгузорӣ, арзиши хизматрасониҳо, соҳибони манзил, биноҳои истиқоматӣ, ширкатҳои махсуси манзилӣ.*

Яке аз унсурҳои калидии иқтисоди бозорӣ нархҳо, нархгузорӣ, системаи нархҳо, сиёсати нархгузорӣ ва стратегияи корхона ва ғайра мебошад.

Нарх як категорияи иқтисодӣ буда, маънои маблағи пулеист, ки фурӯшанда мехоҳад онро фурӯшад ва харидор барои харидани маҳсулот омода аст. Ба ибораи дигар, нарх ифодаи пулии арзиши маҳсулот буда, ба 2 намуд ҷудо мешавад:

1) бозоре, ки дар он нархҳо асосан аз ҷониби истеҳсолкунандагон муқаррар карда мешаванд;

2) мутамарказ, ки дар он нархҳо асосан аз ҷониби мақомот ва муассисаҳои махсуси давлатӣ муқаррар карда мешаванд.

Дар иқтисоди воқеии ҳар як давлат (минтақа) ҳардуи ин намудҳо ҳамеша истифода мешаванд. Аммо, дар иқтисоди бозорӣ навъи аввалини нарх бартарӣ дорад ва дар иқтисоди банақшагирӣ ва тақсимот дуввум.

Нархи бозорӣ дар зери таъсири омилҳо ба монанди талабот, пешниҳод, хароҷоти истеҳсолот, рақобат, дахолати ҳукумат ба равандҳои нархгузорӣ ташаккул меёбад.

Дар ҳолати умумӣ, талаботи бозор ба маҳсулот нархи ҳадди ниҳоии онро муайян мекунад, яъне онеро, ки корхонаҳои паҳнкунандаи маҳсулот метавонанд муқаррар кунанд. Хароҷоти истеҳсолоти умумӣ нархи ҳадди ақали маҳсулотро муайян мекунад, ки онро корхонаҳои истеҳсолӣ муқаррар карда метавонанд. [4-256]

Дар иқтисоди бозорӣ нарх ва равандҳои ташаккули он яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекунанд. Ин бо бисёр омилҳо муайян карда мешавад. Масалан, нарх як нишондиҳандаи муҳими рақобатпазирии маҳсулот мебошад. Сиёсати нархгузорӣ, стратегияи нархгузории корхона, нархи мол воситаҳои тавонои рақобат мебошанд.

Нархи мол чунин нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаро ба монанди даромад ва фоида ва ғайра муайян мекунад. Аммо, чизи асосӣ дар он аст, ки нарх аз рӯи табиати худ қодир аст як қатор вазифаҳои муҳимро амалӣ созад, ки бе онҳо мавҷудияти муқаррарии системаи иқтисодӣ ғайриимкон аст. [8-63]

Функсияи нарх маҷмӯи хосиятҳои умумист, ки ба категорияи иқтисодӣ объективона хос аст.

Одатан фарқ кардани панҷ вазифаи асосии нарх мавҷуд аст:

1. Функсияи баҳисобгирӣ ва андозагирӣ, ки моҳияти нархро ҳамчун ифодаи пулии арзиши мол муайян мекунад. Дар ин ҳолат, нарх имкон медиҳад баҳисобгирии хароҷоти ҳама гуна равандҳои иқтисодӣ ва иқтисодиро чи дар як корхонаи инфиродӣ ва чи дар маҷмӯъ дар системаи иқтисодӣ ташкил кунад.

2. Функсияи ҳавасмандкунанда, ки дар таъсири нархҳо ба истеҳсол ва истеъмоли мол зоҳир мешавад. Нарх истеҳсолкунандаро тавассути сатҳи фоидаи дар он мавҷудбуда ҳавасманд мекунад, яъне сатҳи баланди фоида боиси афзоиши ҳаҷми истеҳсоли мол мегардад.

3. Функсияи тақсимот (азнавтақсимкунӣ), бинобар он, ки дар хаёти хакики нарх, чун коида, ба арзиши мол баробар нест, он ҳам зери таъсири маҷмӯи омилҳои бозор ва ҳам бошуурона аз ҷониби субъектҳои мушаххаси бозор (масалан, давлат) ё аз ҳад зиёд ва ё кам баҳо дода мешавад. Фарқи байни нархи ҷорӣ ва арзиши объективии мол метавонад ба ҳалли ҳама гуна мушкилот равона карда шавад.

4. Функсияи мувозинат дар чунин тағирёбии нархи бозории мол зоҳир мешавад, ки дар ниҳоят боиси мувозинати талабот ва пешниҳод мегардад.

5. Функсияи ҷойгиркунии сармоя ва истеҳсолот дар ҷараёни сармоя дар он бахшҳои иқтисод, минтақаҳои ҷуғрофӣ ва ё иқтисодӣ, ки дар он сатҳи баланди фоида мушоҳида мешавад, зоҳир мешавад.

Нархҳо ба намудҳои зерин тақсим мешаванд:

- нархҳои яклухти маҳсулоти саноатӣ. Онҳо, дар навбати худ, ба 2 зернамуд тақсим мешаванд: нархи яклухти корхона нархе, ки бо он корхона маҳсулоти худро ба дигар корхонаҳо мефурӯшад; ва нархи яклухти соҳа,;
- нархи маҳсулоти сохтмон. Маҳсулоти сохтмонӣ аз рӯи се ҷузъ баррасӣ карда мешаванд: арзиши сметавӣ маблағи ниҳоии хароҷот барои сохтмони ҳама объектҳо мебошад; нархи листӣ - арзиши миёнаи сметавии як воҳиди маҳсулоти ниҳоии объекти маъмулии сохтмон; нархи гуфтушунид - ин нархест, ки тавассути созишномаи байни пудратчӣ ва фармоишгар муқаррар карда мешавад;
- нархҳои хариди маҳсулоти кишоварзӣ. Инҳо нархҳое мебошанд, ки аз ҷониби деҳқонон маҳсулоти кишоварзӣ мефурӯшанд;
- тарифҳо барои нақлиёти мусофирбар ва бор. Ин маънои пардохти ҳаракати мол ва мусофиронро дорад, ки аз ҷониби ташкилотҳои нақлиётӣ аз ирсолкунандагони мол ва аҳолӣ ситонида мешавад;
- нархҳои чакана нархҳое мебошанд, ки ташкилотҳои савдо метавонанд ба аҳолӣ маҳсулот фурӯшанд;
- тарифҳо барои хизматрасонии коммуналӣ ва маишӣ ба аҳолӣ;
- нархҳои содирот ва воридот.

Дар соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, нархгузорӣ ва танзими тарифҳо ҳамчун унсурҳои асосии механизми тағирёбандаи молиявии соҳа баромад мекунанд. Ин аз он сабаб ба амал омадааст, ки аз як тараф гузаштани бахши манзил ва коммуналӣ ба худмаблағгузорӣ буда, аз тарафи дигар, аҳамияти иҷтимоии хидматҳо ҳифзи табиати танзимшавандаи онҳоро муайян мекунад [5-38] .

Таъсиси шароити мӯътадили молиявӣ дар соҳаи хоҷагии манзилию коммуналиро бе ташаккули сиёсати муносиби нархгузорӣ ғайриимкон аст. Зеро таносуби нарх ва нархҳо асоси на танҳо мубодила, балки тақсимоти пулиро дар иқтисодиёти хоҷагиҳои манзилию коммуналӣ, ифода менамоянд.

Нархгузорӣ ва сиёсати тарифӣ дар соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ вазифаи таъмин ва танзимро дар бар гирифта, механизми молиявӣ бошад, танзими таносуби нархҳоро таъмин менамояд.

Дар давраи шӯравӣ арзиши нарх (тариф) -и хизматрасониҳои манзилию коммуналӣ ба таври комил шартӣ буд. Истилоҳи "иҷора" дар СССР соли 1928 ҷорӣ карда шуд, ки барои пӯшонидани хароҷоти истифодаи биноҳои истиқоматӣ пешбинӣ гардида буд.

Калимаи "тариф" аз номи шаҳри хурди Тарифа дар наздикии гулӯгоҳи Гибралтар пайдо шудааст. Ҳангоми ҳукмронии ҳарду соҳили гулӯгоҳ, арабҳо дар тарифа тибқи ҷадвали махсус, аз тамоми киштиҳои убуркунанда вобаста ба сифат ва миқдори борҳо ҳаққи хизмат ҷамъоварӣ мекарданд. Баъдан, ҷадвалҳо барои ҷамъоварии намудҳои гуногуни пардохтҳо, аз ҷумла гумрук, дар дигар кишварҳо амалӣ гардида ва калимаи «тариф» ба истифодаи умумӣ даромад [1, 34] .

Нарх яке аз мафҳумҳои иктисодӣ мураккабтарин ва печдар-печтарин мебошад. Барои дуруст дарк кардан ва фаҳмидани моҳияти он тасаввуроти амиқе лозим аст, ки асоси вайро чӣ ташкил медиҳад. Ба ақидаи классикони иқтисоди сиёсӣ Адам Смит, Давид Рекардо, нарх ҳамчун ифодаи пулии арзиш эътироф шудааст ва ин таъриф моҳияти иқтисодии онро пурра инъикос мекунад.

Аммо арзиш аз рӯи андозаи вақти кори зарурии ҷамъиятӣ, ки барои истеҳсоли мол сарф шудааст муайян карда мешавад. Асоси нархро сарфи меҳнатӣ зарури ҷамъиятӣ ташкил медиҳад. Истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ ҳама вақт дар ҳама замонҳо ба харҷи меҳнат вобаста аст.

Дар шароити гузаштан ба муносибатҳои бозори, ба муносибатҳои молию пули ҷой ва мақоми нарх ва нархгузорӣ комилан тағйир ёфта, нарх аз воситаи ғайрифаъолу чизи шахшудамонда, ба аслиҳаи муҳими тараққиёти истеҳсолот табдил ёфт.

Ақидаҳои якчанд олимон оид ба нарх вуҷуд дорад аз ҷумла, бо сифати далелҳо ба фоидаи муносибатҳои нархи, ду омили пешниҳодшудаи назарияи нарх, ки Маршал пешниҳод карда буд чунин мебошад.

1) Хароҷотҳои миёнаи соҳавӣ аҳамияти ҳалкунандаро дар такмили нархи бозорӣ аз даст медиҳанд ва хароҷотҳои меҳнати бештар кам мешаванд. Аҳамияти истеҳсоли оддие, ки мавқеи меҳнати баланддараҷаанд, баробар намешавад.
2) Ақидаҳои кормандон дигар мешаванд.
3) Намуди қолабҳо дигар мешавад.

Иқтисодчии машҳур В. Леонтев бошад, алоқамандии дуҷонибаи функсияҳои истеҳсолӣ ва функсияҳои фоидабахширо дарҷ кардааст.

Д. Риккардо ақидае пешниҳод мекунад, ки арзиши аслии мол зарурият дорад на факат аз микдори меҳнати сарфшуда, ки харҷ карда шудааст, балки аз хусусиятҳои комёби низ вобастагӣ дорад.

Аз ин рӯ назарияи нархгузорӣ асосҳои илмӣ, принсипҳо ва ташкили нархгузориро меомӯзад. Назарияи нархгузорӣ роҳҳои асосии ташкили нархро муайян мекунад ва ҳамчун усулҳои мувофиқи ҳалли масъалаҳои муҳими нархгузориро мураттаб месозад. Вобаста ба ин М. Абдураҳмонов дар китоби худ "Нархгузорӣ" моҳияти иқтисоди ва вазифаҳои нархро дар вазифаҳои зерин, аз қабили ҳисобу китоб, ҳавасмандгардонӣ, тақсимкунӣ, баробар кардани талаботу таклифот маънидод намудаанд.

Эътирофи баръало зарур аст аст, ки берун аз меҳнат, арзиш тавлид нахоҳад шуд ва илова бар он ҳамон меҳнате, ки дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ арзи вуҷуд дорад ва ё ба вукӯъ меояд. Яъне гаҳвора ва ё мавзеи тавлиду ҳастии арзиш, истеҳсолоти моддь мебошад. Аммо зуҳуроти он арзи вуҷуди ин арзиш, ки дар зинаи болотари тамаддуни инсонӣ чун нарх шакл гирифта, дар соҳаи муомилот ба вуқӯъ мепайвандад.

Ҳамин тариқ, нархҳо миқдори воҳидҳои моли истеъмолшуда (ё хидмат) ки нархи онҳоро ташкил намуда, яъне арзиши умумии бо пул ифодаёфта мебошанд, ки онро истеъмолкунанда пардохт менамоянд.

Яке аз мушкилоти мавҷуда ба рушди муносибатҳои бозорӣ ва рақобатпазирӣ дар хоҷагии манзилию коммуналӣ, ин муайян кардани нархҳои оқилонаи хизматрасониҳо дар ин соҳа мебошад. Тарифҳои хизматрасонӣ ба аҳолӣ бояд аз руӣ нишонаҳои иҷтимоӣ ҷудо карда шаванд. Масалан: агар нархҳои чаканафурӯши ба молҳои ниёзи мардум барои ҳамаи табақаҳо ва гурӯҳҳои аҳолӣ ягона бошанд, пас бисёр хелҳои хизматҳои коммуналӣ ба таркиби оила, аҳволи саломатию иҷтимоии онҳо вобаста мебошад.

Дар баробари он, мушкилоту нофаҳмиҳо байни соҳибони ҳуҷраҳо ва ташкилотҳои хизматрасон оиди хизматрасониҳои коммуналӣ ва бастани шартномаҳои тарафайн ҷой дорад.

Аз ин лиҳоз, дар вақти муқаррар намудани нарх ва тарифҳо принсипҳои зеринро бояд ба инобат гирифт:

а) тавозуни манфиатҳои иқтисодии соҳибони манзил, ташкилотҳое, ки манзилро нигоҳдорӣ ва таъмир мекунанд ва ё хизматрасонии коммуналӣ ва истеъмолкунандагонро таъмин мекунанд;

б) дастрасии манзил ва хизматрасонии коммуналӣ барои истеъмолкунандагон ва ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо;

в) ҷуброни хароҷоти аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноки ташкилотҳо барои хизматрасонӣ ва фоида барои татбиқи барномаҳои истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ;

г) ошкоро будани маълумот дар бораи нархҳо ва тарифҳо ва тартиби тасдиқи онҳо;

д) баҳисобгирии ҷудогонаи даромад ва хароҷот;

Дар баробари он тарифҳои ташкилоти коммуналӣ бояд маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

1. Мундариҷа ва тавсифи пурраи ҳар як кор ё хидмат, давраи иҷроиш, инчунин натиҷаи кор;

2. Арзиши тамоми хизматрасониҳо ба як воҳиди ченак (ба 1 м2 масоҳати умумии биноҳои бинои истиқоматӣ, ба 1 метри хатии шабакаҳои муҳандисӣ, ба 1 м2 масоҳати объектҳои алоҳида, ки ба моликияти умумии бинои истиқоматӣ, ва ғайраҳо;

Механизми ташаккули тариф ва пардохти хизматрасониҳои гуногун оид ба таъмир ва нигоҳдории бинои истиқоматӣ, ки аз 5 марҳила иборат аст, имкон медиҳад, ки тамоми талаботи қонунгузориро оид ба ифшои иттилоот аз ҷониби роҳбарони субъектҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ дастарс гардад. Дар баробари он 2 талаботи асосиро ба назар гирифтан лозим аст. [9-12]

1. Таҳияи пурраи рӯйхати хизматрасониҳо ва корҳои ҳатмӣ, инчунин рӯйхати хидматҳои иловагӣ, вобаста ба дараҷаи фарсудашавии ҳар як бинои истиқоматӣ. Ҳама корҳо оид ба таъмири амвол дар хона ба гурӯҳҳо тақсим карда мешаванд ва ин ба шартҳои мухталифи асосии ҳисоб кардани нархҳои воҳидҳои онҳо вобаста аст

2. Муайян кардани нархи ягона барои дуруст иҷро кардани ҳар як хидмат. Барои муайян кардани меъёри воҳид (МВ), бояд арзиши ин ҳар як хидматро барои воҳиди ченак ҳисоб карда шавад:

МВ = А + Ф + ААИ,

А- арзиши он аст;

Ф - фоида;

ААИ- андоз аз арзиши иловашуда мебошад.

Тартиби нархгузорӣ ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад:

1) муайян кардани самараи иқтисодии марбут ба истифодаи моли ин гурӯҳ;

2) муайян кардани ҳама параметрҳое, ки ба миқёси самараи иқтисодӣ таъсир мерасонанд ва барои ҳамаи моли рақобаткунанда;

3) ҳисобкунии афзалиятҳои истеъмолкунандагон ба параметрҳои мушаххаси моли таҳлилшаванда;

Арзиши хароҷотро метавон бо истифода аз маҷмӯи унсурҳои хароҷот муайян кард, ба монанди:

- хароҷоти меҳнат ;
- хароҷоти умумӣ ;
- ҳаққи суғурта ;

Барои ҳисоб кардани хароҷоти меҳнат бояд чунин омилҳои зеринро муайян намоем:

- шумораи дақиқи рӯзҳои корӣ дар як сол;
- давраи иҷрои кор дар як ҳафта;
- меъёри муайяни вақти хидматрасонӣ (соат, дақиқа);
- барои иҷрои пурраи кор чанд вақт лозим шуд (соат, дақиқа);
- маоши коргарони асосии истеҳсолот чанд аст (маблағ, соат);
- маоши коргарони асосии истеҳсолот ба як воҳиди ченак чӣ қадар аст.

Аз лиҳози дигар, хоҷагии манзилию коммуналӣ вазифаи муҳимтарини дастгирии зиндагии шаҳрвандонро иҷро мекунанд, ва саҳми ин соҳа дар иқтисодиёт назаррас мебошад. Дар шароити муосир гузаронидани ислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналӣ айни мудао мебошад.

Дар системаи механизми молиявии хоҷагии манзилию коммунали ҳар як унсур арзиши хеле муҳим дорад. Хусусан унсурҳои ҳуқуқӣ ва танзимӣ - ин унсурҳои муҳимтарин мебошанд, зеро онҳо дар муносибатҳои байни ташкилотҳои гуногуни молиявӣ ва истеҳсолӣ –коммуналӣ, шаҳрвандон бо он рӯ ба рӯ мегарданд.

Ҳамчунин, таъсиси иттиҳодияи соҳибони манзил яке аз вазифаҳои муҳимтарин аст, ки ҳалли он ҳуқуқи моликиятро дар ҷомеа тақвият дода, сиёсати тарифӣ муҳимтарин унсури механизми иқтисодии бахши манзилию коммуналӣ мебошад ва тарифҳои коммуналӣ бояд шаффоф бошанд ва хароҷоти воқеиро инъикос кунанд.

Системаи мавҷудаи муайян кардани тарифҳои пардохти манзил ва коммуналӣ дар асоси хароҷоти истеҳсоли онҳо роҳбарони корхонаҳои манзилию коммуналиро водор мекунад, ки арзиши аслии маҳсулотро афзоиш диҳанд ва ба сарфаи захираҳо мусоидат накунанд.

Дар шароити кунунӣ усулҳои идоракунии соҳаи хоҷагии манзилию коммуналиро тағйир додан зарур аст аз ҷумла, рушди ташаббуси соҳибон дар идоракунии биноҳои истиқоматӣ, ташаккули бозори хизматрасонии манзилию коммуналӣ ва нархҳои бозор,

тағйирот дар заминаи санадҳои меъёрӣ ва қонунгузории хоҷагии манзилию коммуналӣ, ва ғайраҳо мебошад.

Ҳамзамон, ҷалби сармоягузории хусусӣ ба хоҷагии манзилию коммуналӣ, тавассути такмил додани механизмҳои танзими тарифҳо, бастани шартномаҳо оид ба таъмир ва нигоҳдории иншооти инфрасохтори коммуналӣ, низ бамаврид мебошад.

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои болои қайд кардан зарур аст, ки нархи хизматҳои коммуналӣ бояд, дар асоси нишонаҳои иҷтимоӣ аҳволи оилаи истиқоматкунандагон ҳисоб карда шуда, хароҷотҳои ҳисоб намудани тарифҳо бояд дақиқ буда, таркиби он хароҷотҳои воқеиро дар бар гирад.

Ҳангоми тартиби баррасӣ, тағйир додан ва тасдиқи тарифҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ, заминаи меъёрӣ, методологӣ ва қонунгузорӣ бояд ба назар гирифта шавад, ҳамчунин, асоснокии иқтисодии ҳаҷми умумӣ, сохтор ва андозаи ҷузъҳои эҳтиёҷ ба захираҳои молиявии корхона, омили иҷтимоӣ, ки ба сатҳи зиндагии табақаҳои асосии аҳолӣ ва чораҳои аз ҷиҳати илмӣ-техникӣ аз нав таҷҳизонидани фондҳои асосии корхонаи хоҷагии манзилию коммуналӣ асос ёфтааст, бояд ба назар гирифта шаванд.

**Адабиёт**


1. Жуков Д.М. Экономика и организация жилищно-коммунального хозяйства города. М., 2003. -334 с.
2. Пузанов А.С. Жилищная экономика и жилищная политика // Лекции по экономике города и муниципальному управлению. – М.: Фонд «Институт экономики города», 2006.-264 с.
3. Глазунова Н.И. Система государственного и муниципального управления. – М.: Велби Проспект, 2008. – 640 с.
4. Абрютина, М.С. Ценообразование в рыночной экономике. Учебник. - М.: Издательство «Дело и Сервис», 2015. - 256 с.
5. Глущенко, М.Е. Методические подходы к оценке инвестиционной привлекательности предприятий ЖКХ // Экономический анализ: теория и практика. -2014. - № 2. - 38 с.
6. Голощапов, Н.А. Организация ценообразования на предприятии: Учебно-практическое пособие. - М.: Издательство ГЕЛАН, 2016. - 359 с.
7. Грибова, Ю.Н. Проблемы в управлении и реформировании ЖКХ России // Вестник филиала ВЗФЭИ в г. Барнауле. - 2015. - № 10. - 49 с.
8. Емельянова, Е.В. Ценообразование управляющих компаний //Жилищно-коммунальное хозяйство: бухгалтерский учет и налогообложение. - 2013. - № 2. Ж72 М., 2016. - 63 с.
9. Желтякова, И.А. Маховикова Г.А., Пузыня Н.Ю. Цены и ценообразование. Краткий курс (учебное пособие). - СПб.: Издательство «Питер», 2014. - 112 с.
10. Липсиц, И.В. Ценообразование: учебник.-4-е изд., перераб. и доп. - М.: Магистр, 2014. - 527 с.
11. Макарова, М. С. Цены и ценообразование. Политика цен в общей стратегии компании. - Омск, 2016. - 245 с.


## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ О ЦЕНЕ КОММУНАЛЬНЫХ УСЛУГ


**КУЛИЕВ УСТУВОРШОХ АВЗАЛОВИЧ,**

старший преподаватель кафедры гуманитарных дисциплин

Медицинского колледжа Б. Гафуровского района.

735690, Республика Таджикистан, Б. Гафуровский район, ул. Ленина 15.

Тел: (+992) 915-71-02-00. E-mail: Ustuvorshoh@mail.ru

*В данной статье рассматривается вопрос о формировании цен на коммунальные услуги, и основным вопросом является реальное определение цены на воду, мусор и техническое обслуживание здания. При этом важным вопросом считается стоимость коммунальных услуг в зависимости от состава семьи и социального здоровья населения, реальные способы оплаты населения по основным ценностям. Также в статье даются рекомендации об улучшении реальной стоимости коммунальных услуг и их практической реализации в современных условиях.*

***Ключевые слова:*** *жилищно-коммунальное хозяйство, ценообразование, стоимость услуг, собственники жилья, жилые дома, специализированные жилищные компании.*

## SOME ISSUES ON THE PRICE OF UTILITY SERVICES

**KULIEV USTUVORSHOKH AVZALOVICH,**
Senior Lecturer of the Department of Humanitarian Disciplines,
Medical College of B. Gafurov.District
735690, Republic of Tajikistan, B. Gafurov district, 15, Lenin str.,
Phone: (+992)915-71-02-00. E-mail: Ustuvorshoh@mail.ru

*The article considered the issue of pricing for utility services, and the main issue is the realistic pricing of utility services such as water, garbage and technical building maintenance. At the same time, an important issue is considered the cost of utility servicess, depending on the family composition and the social health of the population, the actual methods of paying the population for basic values. The article also provides recommendations for increasing the cost of utility services and their practical implementation in modern conditions.*

***Key words:*** *housing and utility services, pricing, cost of services, homeowners, residential buildings, specialized housing companies.*

УДК: 005.95

# ТАШАККУЛИ ТАРҲСОЗИҲОИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР СИСТЕМАИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

**РАҶАБОВ МУХТОР АҲАДҶОНОВИЧ,**
муаллими кафедраи идоракунии захираҳои инсонии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 988-84-49-99. E-mail: rajabov88@internet.ru

*Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявӣ ва мафҳумҳои асосии менеҷмент ва ташаккули тарҳсозиҳои идоракунии захираҳои меҳнатӣ дар системаи хизмати давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар шароити кунунӣ аксар муҳимтарин дастовардҳои ҷаҳониро дар пешрафти соҳаҳои иқтисодиёт, сиёсат ва иҷтимоӣ бо номи менеҷментҳо алоқаманд медонанд. Захираҳои меҳнатӣ метавонад бо ҷомеа ва ташкилот, ки ҳамчун омили асосии фаъолият хизмат намояд ва инчунин стратегияи корхона аз он вобастагии зиёд дорад. Маҳз патенсиали устувор ба мо имконият медиҳад, ки мо нақшаҳои стратегиро амалӣ созем. Дар баробари дигар захираҳо захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили таконидиҳандаи асоси мебошад.*

***Калидвожаҳо***: *менеҷмент, захираҳои меҳнатӣ, ислоҳот, бозори меҳнат, стратегия, рушди устувор, навовариҳо, сиёсат, неруи эҷодӣ, неруи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, тиҷорат, навовариҳо.*

Гузаронидани ислоҳоти қатъии иқтисодӣ, ки ба ташкили тарҳсозиҳои бозории хоҷагидорӣ равона карда шудааст, ба пайдо шудани маҷм ӯи мафҳумҳое мусоидат намуд, ки тақрибан на дар таълифоти илмӣ, на дар фаъолияти амалӣ мавриди истифода қарор нагирифтаанд. Яке аз ин мафҳумҳо «менеҷмент» ба шумор меравад. Дар шароити кунунӣ аксар муҳимтарин дастовардҳои ҷаҳониро дар пешрафти соҳаҳои иқтисодиёт, сиёсат ва иҷтимоӣ бо номи менеҷментҳо алоқаманд медонанд. Қабл аз ҳама менеҷменти фаъоли корхонаҳои тиҷоратӣ дар назар дошта мешавад. Аз р ӯи баҳодиҳии П. Друкер, таъминан 80% натиҷаҳои ниҳоии корхонаҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби менеҷменти бобарор, баландихтисос таъмин карда мешавад. Аз ин р ӯ, зарурати дар амал ҷорӣ намудани дастовардҳои солҳои охир дар соҳаи менеҷментӣ, мутобиқ намудани менеҷментҳо ба иқтисодиёти давраи гузариш комилан табиӣ ба назар менамояд. Дар ин маврид на фақат ба таҷрибаи амалӣ, балки ба илм р ӯ овардани менеҷментҳо, ки мо онро ҳамчун соҳаи махсуси тақсимоти ҷамъиятии меҳнат баррасӣ менамоем, дорои аҳамияти калон мебошад. Соҳаи мазкур бо хулосабарориву ом ӯзишу маълумотҳои нав дар соҳаи таҳия ва татбиқи қарорҳои идоракунӣ, таъсиррасонӣ ба коллективи одамон ба хотири ноил гаштан ба ҳадафҳои умумие машғул мебошад, ки дар назди ташкилотҳои муосир истодаанд. Нақши асосиро дар илми мазкур маълум намудани моҳият ва мазмуни мафҳуми «менеҷмент» мебозад. Дар баробари ин, муроҷиат намудан ба сарчашмаҳои сершумори адабӣ моро ба хулосае меорад, ки бо вуҷуди он ҳама сарватҳои таърихии тафаккури иқтисодӣ ва идоракунии хориҷӣ, мо тафсироти ягонаро оид ба моҳият ва мазмуни соҳаи мазкур пайдо карда натавонистем.

Маҷм ӯи муайянкуниҳое мавҷуд аст, ки дар ҳар яки онҳо ба ин ё он ҷанбаъ ишора карда мешавад. Чунончи, дар Луғати асосии забони англисии Оксфорд менеҷмент ҳамчун восита, тариқи муносибат бо одамон, ҳокимият ва санъати идоракунӣ, навъи

махсуси маҳорат ва малакаи маъмурӣ, мақоми идоракунӣ, воҳиди маъмурӣ муайян карда шудааст. Дар нашри англисии «Маълумотномаи байналмилалӣ оид ба менеҷмент» тафсири зерин оварда шудааст: «Менеҷмент – истифодаи пурсамар ва ҳамоҳангсозии чунин захираҳост, амсоли сармоя (истеҳсолӣ, молиявӣ, инсонӣ) барои бо самаранокии баландтарин ноил гаштан ба ҳадафҳои дар пешистода». Дар байни муайянкуниҳо бо маъниҳои дигар тафсироти зеринро овардан мумкин аст:

- менеҷмент – системаи мураккаби бо ҳам алоқаманди ашёҳо, арзишҳо, фанҳо ва усулҳоест, ки хоси ин ё он намуди фаъолият буда, барои рафъи проблемаҳо ва душвориҳои аз р ӯи бузургиҳояшон бешумор ва мухталиф ба миён меоянд;

- менеҷмент –фаъолиятест, ки барои аз ҳама бештар сарфакорона ба амал баровардани ҳадафҳо ва вазифаҳои тиҷорат равона карда шудааст [5. С.31]. Маънои казоиро дар иқтибосоварии тафсироти сершумори менеҷмент пайдо накарда, ба сарчашмаи ҳамин истилоҳ р ӯ меорем.

“Менеҷмент” – калимаи англисӣ буда, аз феъле ҳосил шудааст, ки дар навбати худ аз исми "manus" (даст) пайдо гаридааст. Сараввал ин калима дар амрикоиҳо барои ифодаи маҳорати махсуси ромкунии аспҳо, идора кардани онҳо расм шуда буд. Баъдан ин мафҳум маънои дигар пайдо кард, ки онро таҳтуллафзӣ метавон ҳамчун бавуҷудоварӣ, мудирӣ кардан, идоракунӣ тарҷума кард.

Истилоҳи «менеҷмент» маънои мураккаб дорад. Ба ақидаи П. Друкер, тобишҳое, ки ҳангоми баррасии ин калима бояд ба ҳисоб гирифта шаванд, онро барои фаҳмиш комилан душвор мегардонанд. Ин мафҳум аз р ӯи хусусияти пайдоиши худ калимаи амрикоист ва гуфтан мумкин аст, ки шояд ба ким-кадом забонҳои дигар, аз ҷумла ба забони англисии “Ҷазираҳо”-и Британия[2. С. 21-30] тарҷума шудааст. Дар адабиёти Ғарб истилоҳи “менеҷмент” ба маъноҳои васеъ ва маҳдуд истифода мешавад. Дар мавриди аввал ин калима дар намудҳои мухталифи идоракунӣ густариш ёфт ва мафҳуми бетараф ба шумор меравад. Дар мавриди дувум, “менеҷмент” ҳамчун фарҳанги махсуси идоракунии ташкилот баррасӣ мегардад. Барои дарки моҳияти менеҷмент ба мафҳуми идоракунӣ татбиқ намудани он муҳим аст. Аз нуқтаи назари илми ҳамагонии идоракунӣ –кибернетика- идоракунӣ воситаи таъсири мутақобилаи системаҳоро ифода менамояд, ки дар ин маврид як система (субъекти идоракунӣ) ба дигар система (объекти идоракунӣ) бо мақсади ба амал овардани аксуламали ҷавобӣ барои мутобиқат ба шароити тағйирёбандаи муҳити беруна, таъсири муайян мерасонад. Азбаски объекти идоракунӣ мутассил дучори тағйирот мегардад, идоракунӣ муҳимтарин воситаи мавҷудияти ҳама гуна системаҳо – табиати мурда, организмҳои зинда ва ҷамъияти инсонӣ ба шумор меравад. Бо вуҷуди ин, мафҳуми “менеҷмент” фақат ба системаҳои иҷтимоӣ мансуб мебошад.

Дар адабиёт нуқтаи назаре мавҷуд аст, ки тибқи он намудҳои мухталифи идоракунӣ дар ҷамъиятро метавон ҳамчун менеҷмент баррасӣ намуд [3. С.72]. Ба ақидаи мо тасаввурот дар бораи он, ки менеҷмент зуҳуроти “ҳамагонӣ” мебошад, на он қадар дуруст аст. Менеҷмент - фақат яке аз фарҳанги идоракунист, ки мувофиқ ба шакли дахлдори системаҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд омадааст. Аллакай дар аҳди қадим одамон қувваи худро барои расидан ба мақсадҳое равона мекарданд, ки иҷрояшон дар танҳоӣ имконнопазир буд. Дар ин маврид талабот ба ташкили фаъолияти якҷоя – тақсимоти вазифаҳо, ҳамоҳангсозии меҳнат ба миён омад. Воситаҳои ташкили амалҳои муштарак дар баробари тағйироти сохти фаъолияти ҳаётӣ дар ҷамъият дигаргун шуд: ба ҷойи қабилаҳои шикорчиён қабилаҳои чорвопарварӣ ба вуҷуд омаданд, ки баъдан бо ҷамоатҳои деҳотиён ва ғ. иваз шуданд. Ба миён омадани муносибатҳои капиталистии

ҷамъиятӣ, ҷойи меҳнати дастиро гирифтани истеҳсолоти техникӣ ба тавлиди воситаҳои нави амалҳои дастаҷамъона оварда расонд ва дар ин ҳолат аллакай истифодаи мафҳуми "менеҷмент" табиист. Менеҷмент дар шароити кунунӣ низоми ҳамгуни бозории хоҷагидорӣ, воситаи ташкили амалҳои якҷояи одамонро ифода менамояд.

Дар бисёр адабиёти махсус як қатор муайянкуниҳои зерини истилоҳи менеҷментро дучор омадан мумкин аст:

- менеҷмент – маҷм ӯи талабот, усулҳо ва воситаҳои идоракунист бо мақсадҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва афзоиш додани даромаднокӣ;
- менеҷмент – намуди махсуси фаъолияти идоракунро ифода менамояд, ки ба дастовардҳои корхонаҳои дар шароити бозорӣ амалкунанда, ноил гаштан ба натиҷаҳои беҳтарин дар асоси истифодаи талабот, вазифаҳо ва усулҳои гуногуншакли сохти иҷтимоӣ-иқтисодӣ равона карда шудаанд;
- менеҷмент – маҷм ӯи усулҳо, талабот, воситаҳо ва шаклҳои идоракунист.

Номг ӯи чунин намуди муайянкуниҳоро идома додан мумкин аст, ки мо инро зарур нашуморидем. Ба муайянкуниҳои мафҳуми менеҷмент дар шароити муосир яке аз ду камбудиҳо, баъзан ҳар дуи норасоиҳо хос аст: а) гуфта нашудааст, ки сухан дар хусуси идоракунӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ меравад; б) худи моҳияти менеҷмент ҳамчун мақоми беҳамтои ташкилӣ- иқтисодӣ кушода нашудааст.

Ба ақидаи мо, чунин намуди камбудиҳо дар асоси муайянкуниҳои зерини пешниҳоднамудаи мо бартараф карда мешаванд: менеҷмент – ин идоракунии корхонаи тиҷоратист, ки дар шароити муносибатҳои бозорӣ амал намуда, фаъолият, корҳои ташкилӣ, ҳавасмандгардонии ҳайати кормандон, ҳисобу китоб, таҳлил, назорат ва танзими фаврии он тибқи банақшагирӣ ба роҳ монда шудааст. Чунин банақшагирӣ мавҷудияти корхона ва дар шароити мавҷуда ба даромадҳои хеле зиёди имконпазир соҳиб гаштан, дастовардҳои сатҳи баланди фоиданокии онро таъмин менамояд.

Ин тафсири моҳияти менеҷмент, аз нуқтаи назари мо, фақат як ҷанбаи менеҷмент – ҷанбаи ташкилӣ- техникии онро инъикос менамояд. Ба роҳ мондани фаъолияти якҷояи меҳнатӣ дар ҷамъият доираи махсуси муносибатҳои ҷамъиятиро ташкил медиҳад. Дар назария иқтисодӣ ин ҷанбаи фаъолиятро ҷанбаи ташкилӣ – техникӣ арзёбӣ менамоянд ва ба ҳайси қабати болоии муносибатҳои истеҳсолӣ ё муносибатҳои молу мулкӣ баррасӣ мегардад. Тавассути идоракунии самаранок на фақат мувофиқати муносибатҳои меҳнатӣ, балки баамалбарории моликият дар воситаҳои истеҳсолот таъмин карда мешавад.

Муносибатҳои идоракунӣ гуногуншакланд. Дар таркиби онҳо муносибатҳои мутамарказонӣ ва мустақилият, мартабот (тобият, роҳбарии шакли амудӣ), муносибатҳои ҳамоҳангсозӣ (мувофиқат, роҳбарии шалки уфуқӣ), муносибатҳои ташаббускорӣ ва рақобат, интизомнокӣ ва масъулиятшиносиро номбар кардан мумкин аст. Ба ҳайси моҳияти зуҳурот менеҷментро метавон аз мавқеи се муносибати мухталиф – равандӣ, системавӣ ва ҳолатӣ барасӣ намуда мумкин аст.

<u>Муносибати равандӣ</u> ҳамчун муносибати одии таърихӣ аввалин аст. Онро аллакай дар ибтидои асри XX классикони идоракунии илмӣ ҳамҷониба мавриди таҳқиқ қарор дода буданд. Ҳангоми ин муносибат менеҷмент ҳамчун раванди даврагии таҳия ва татбиқи қарорҳои идоракунӣ баррасӣ мешавад. Моҳияти ин равандро вазифаҳое ташкил медиҳанд, ки байни ҳам алоқаманданд. Ҳар яке аз ин вазифаҳо, дар навбати худ, пайдарҳамии қоидаҳои идоракуниро ифода менамояд, ки технологияи иҷроиши вазифаҳои ҷудогонаро ташкил медиҳанд.

Қоидаҳои мазкур низ метавонанд ба ҷузъиёти аз ҳама хурди амалиёти технологӣ тақсим шаванд.

Ом ӯзиш ва хулосабарориҳои нашрияҳои бешумори ватанӣ ва хориҷӣ оид ба проблемаи менеҷмент имкон медиҳад, ки се муносибати афзалиятнок оид ба маҷм ӯи вазифаҳои идоракунии менеҷмент муайян карда шавад.

Муносибати аввал ба нуқтаи назари А. Файол асос меёбад, ки ӯ тавсифи ба расмият даровардашудаи корҳои идоракунӣ дар ташкилотро пешниҳод намуда, аз ҷумла чунин фаъолият ё вазифаҳои махсус, аз ҷумла: банақшагирӣ, ташкилӣ, роҳбарӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назоратро зикр намудааст. Таркиби вазифаҳои менеҷмент, ки пайравони Файол пешниҳод намудаанд, бо ворид ё хориҷ намудани ҷузъиёт ба ин вазифаҳо фарқ мекунад. Чунончи, Ричард Л. Дафт ба вазифаҳои асосии менеҷмент банақшагирӣ, ташкилӣ, пешоҳангӣ (роҳбарӣ) ва назоратро [7. С.20] мансуб медонад. Масалан, дар Россия ақидаи аз ҳама густурда ақидае ба шумор меравад, ки тибқи он ба ҳайати менеҷмент инҳо шомил мешаванд: банақшагирӣ, муташаккилӣ, ҳавасмандгардонӣ, назорат ва ҳамоҳангсозӣ [1. С.20]. Намояндаи машҳури муносибати дуюм П. Друкер ба шумор меравад. Вай вазифаҳоро оид ба самтҳои фаъолияти менеҷмент маҳз бо идоракуни тиҷорат, идоракунии менеҷерӣ, идоракунии кормандон ва корҳои иҷрошаванда асоснок менамояд [4. С.19-23]. Намояндагони муносибати сеюм Д. Бодди, Д. Бюкенен, К. Хейлс ба маҳсуб меёбанд. Онҳо чунин мешуморанд, ки менеҷмент маҷм ӯи се соҳаи (се қисмати) васеи идоракунии меҳнат –мазмуннокӣ, раванд ва назорат ба шумор меравад [6. С. 70-45]. Ба қисмати мазмуннокӣ олимони мазкур инҳоро мансуб медонанд: вазифагузорӣ, банақшагирӣ, рағбатнокӣ ба амал. Қисмати раванд, ба ақидаи олимони номбурда, аз чузъиёти зерин, амсоли идоракунии манфиатҳо оид ба ҷалби кормандон ба раванди қабули қарорҳо, робитаҳо иборат аст. Қисмати назорат (ва ом ӯзиш) аз чузъиёти зерин таркиб ёфтааст: муқовимати менеҷерҳо ва кормандон дар масъалаҳои назорат; муқоисаи натиҷаҳои ҷорӣ бо ҳадафҳо ва ворид намуданиислоҳот; таҳсили фардӣ ва ом ӯзиши умуман корҳои ташкилӣ. Ба мубоҳиса нисбат ба асосноккуниҳои илмии муносибатҳои зикргардида дода нашуда, изҳор менамоем, ки мо мавқеи ҷонибдорони муносибати аввалро оид ба вазифаҳои менеҷмент дастгирӣ менамоем, зеро маҳз ҳамин нуқтаи назар имкон медиҳад, ки моҳияти меҳнати идоракунӣ, корҳо оид ба вазифагузорӣ ва ташкили фаъолияти ҳайати кормандон ҷиҳати иҷрои бечуначарои ин вазифаҳо комилан ошкор карда шаванд. Дар баробари ин, зарур мешуморем, ки доираи вазифаҳои менеҷмент бо чунин қоидаҳо, амсоли қабули қарорҳои идоракунӣ, ҳисобу китоб ва таҳлили рафти иҷрои ин қарорҳо пурра гардонида шавад. Аз ин р ӯ, метавон гуфт, ки дар низоми вазифаҳои асосии менеҷмент талаботи зеринро ворид намудан зарур аст: таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ; ташкили баамалбарории қарорҳои қабулшуда; ҳавасмандгардонии ҳайати кормандон ба иҷрои қарорҳои идоракунӣ; ҳисобу китоб ва таҳлили иҷрои қарорҳои идоракунӣ; назорат оид ба рафти иҷрои қарорҳои қабулшуда ва идоракунии фаврӣ ё батанзимдарорӣ.

Муносибати системавӣ дар даврае ба вуҷуд омад, ки дастовардҳои кибернетика, тарҳсозии риёзӣ дар тамоми соҳаҳо васеъ паҳн гардид. Ҳангоми истифодаи муносибати системавӣ менеҷмент ҳамчун ягонагии бутуни табиии субъект ва объекти идоракунӣ, ки байни ҳам тавассути ҷараёни иттилоотии самтҳои мустақим ва баръакси робитаҳо алоқаманд мебошанд, баррасӣ мешавад. Системаи ташкилнамудаи субъект ва объект бо муҳити атроф тавассути воридоту баромадҳо робитаи мутақобила ба роҳ мемонад. Субъекти идоракунӣ аз муҳити атроф иттилоотро оид ба шароитҳои фаъолият дастрас намуда, аз тағйироти ин шароитҳо огоҳӣ ёфта, дигаргуниҳои ояндаро пешбинӣ намуда,

намунаҳои аз ҳама бештари аксуламалҳоро интихоб менамояд ва тавассути таъсиррасонӣ ба объекти идоракунӣ татбиқи намунаҳои мазкурро таъмин месозад. Ба ҳайати субъект ва объекти идоракунӣ ҷузъиёти техникӣ ва иҷтимоиро шомил менамоянд. Ҳангоми муносибати системавӣ таваҷҷуҳи махсус ба дараҷаи "мақсад" равона карда мешавад, ки он ба ҳайси асоси ягонагии субъект ва объекти идоракунӣ баррасӣ мегардад. Намунаи амалиёти дарозмуддат оид ба расидан ба мақсадҳо дурнамои менеҷмент арзёбӣ мешавад. Дурнамо сохти системаи менеҷментро муайян менамояд.

Дар чаҳоряки охири садсолаи XX муносибати ҳолатӣ ташаккул ёфт. Барои муносибати мазкур баррасии менеҷмент дар намуди маҷмӯи намунаҳои рафтор хос аст, ки онҳо мавҷудият ва фаъолияти самарабахши ташкилоту корхонаҳоро дар шароити зудтағйирёбанда, номуайяни муҳити атроф таъмин месозад.

Менеҷменти ҳар як ташкилот – тарҳсозии (системаи) беҳамто, такрорнашаванда маҳсуб меёбад, ки мавқеи асосиро дар он таҳлили стратегӣ, пешгӯиҳои сенариявӣ (нақшавӣ), таҳияи чорабиниҳо барои ҳолатҳои фавқулодда баамалоянда ишғол менамоянд. Менеҷмент ҳамчун намунаи рушдёбандае арзёбӣ мешавад, ки дар ҷараёни рушди худ тавассути марҳилаҳои идоракунӣ дар асоси назорат, идоракунӣ дар заминаи имтидод (экстраполятсия) ва идоракунии стратегӣ пешниҳод карда мешавад. Намунаҳои мухталифи идоракунии стратегӣ дар асоси интихоби мавқеъҳои стртагеӣ, дар заминаи дар як саф ҷойгир намудани вазифаҳои стратегӣ, идоракунӣ аз р ӯи огоҳонидани суст ва дар шароити р ӯйдодҳои ногаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Барои илми муосири идоракунӣ таҳлили муқоисавии мафҳуми менеҷмент ва идоракунии истеҳсолот муҳим аст, зеро мафҳуми идоракунии истеҳсолот дар т ӯли тамоми давраи роҳбарии мутамаркази иқтисодӣ мафҳуми асосӣ ба шумор мерафт. Ба ақидаи мо, дар ин ду мафҳум фақат мавҷудияти тафриқаҳоро дидан нодуруст аст. Ба мисли менеҷмент, идоракунии истеҳсолотро дар намуди маҷмӯи вазифаҳо, қоидаҳо ва амалиёти тавъамгардонидашуда ва дар шакли системаи субъект ва объекти идоракунии бо ҳам алоқаманд баррасӣ намудан мумкин аст. Тафриқаи ин ду мафҳум на ба доираи мазмуннокиашон, балки ба доираи шаклҳои онҳо асос ёфтааст. Дар мафҳуми идоракунии истеҳсолот дар муқоиса бо мафҳуми менеҷмент як андоза ҷанбаъҳои ахлоқӣ- психологӣ ва субъективӣ ифода ёфта, эътибори зиёд ба қоидаҳои коғазбозиҳо, расмиятпарастӣ ва усулҳои маъмурии роҳбарӣ дода мешавад. Ҳангоми муқоисаи ин ду мафҳум, менеҷмент ҳамчун мафҳуми мухолифи маъмуриятпарастии бемасъулиятона, ҳамчун воситаи идоракунии корхонаю ташкилотҳои дар иқтисодиёти бозорӣ озод амалкунанда маънидод мешавад. Менеҷмент ҳамчун намуди ташкили корҳои коллективҳои меҳнатие мавриди баррасӣ қарор мегирад, ки дар он дар дараҷаи аз ҳама баланд талабот, проблемаҳо, манфиатҳои кормандон ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ҳамчун намуди идоракунӣ, менеҷмент мувофиқати фаъолияти хоҷагидориро ба дархостҳои истеъмолкунандагони маҳсулот ва хизматрасониҳо таъмин менамояд. Дар менеҷмент табиатан механизми мутассил навсозӣ ва мукаммалгардонӣ ҷой дода шудааст. Ба вай дараҷаи баланди идроку фаросат нисбат ба дастовардҳои пешрафти илмӣ-техникӣ хос аст. Мнеҷмент бо дарназардошти хусусиятҳои фарқкунандаи иқтисодиёти давраи гузариш, идоракунии истеҳсолот, сарфаҳмравӣ ба мавқеи иқтисоди бозорӣ, намуди мукаммалу замонавии идоракунӣ, шахсест, ки тамоми чизҳои беҳтарини дар таҷрибаҳои гузашта анд ӯхтаашро дар худ
таҷассум кардааст.

Чуноне ки пештар зикр намудем, истилоҳи “менеҷмент” на фақат барои ифодаи муҳити мустақилонаи амалиёт, доираи фаъолияти касбӣ, балки ҳамчунин барои тавсифи соҳаҳои махсуси маърифати илмӣ мавриди истифода қарор мегирад. Баҳсҳо дар байни олимони хориҷӣ нисбат ба ҳаққонияти ба илм мансуб донистани менеҷмент, ки дар чаҳоряки аввали асри XX сурат гирифта буданд, бо эътирофи ҳамагонии мавҷудияти илми мазкур анҷом ёфтанд.

Дастурҳои назариявии илми менеҷмент заминаҳои методологии таҷрибаи идоракунӣ ба шумор мераванд. Дар шароити муосир менеҷмент илми таҷрибавии амалкунандаи ҷавон, мунтазам рушдёбандаро ифода менамояд, ки самараҳои он, маъмулан, то нуқтаи васли маҷм ӯи соҳаҳои маърифати илмӣ рафта мерасад. Олимони бо илми мазкур машғулшаванда таҷрибаи идоракуниро ом ӯхта, таҳлил карда, хулосаҳо бароварда, барои тафсири комёбиҳо ва нобарориҳо дар идоракунӣ к ӯшишҳо ба харҷ медиҳанд, усулҳои баамалбарории вазифаҳо, қоидаҳо ва амалиёти идоракуниро таҳия менамоянд, воситаҳои ҳалли проблемаҳоро пешниҳод месозанд. Бо вуҷуди ин, хусусиятҳои фарққунандаи илми менеҷмент дар мавҷуд набудани консепсияи ягона, қоидаҳои шахшудамондаи назариявӣ, ҳамчунин дар муқаррароти субъективӣ будани муносибатҳои амалӣ нисбат ба ҳар як проблемаи илмӣ ифода меёбад.

Бо ҳамин сабаб зарурати р ӯ овардан ба муҳокима ва тадқиқоти баъзе консепсияҳои идоракунии стратегӣ, ки дар шароити муосир хеле густариш ёфтаанд, ба миён меояд.

Консепсияи (ё тарҳрезии) ҷавобгарии корпоративии иҷтимоӣ (ҶКИ, ҳамчунин ҷавобгарии корпоративӣ, тиҷорати масъул ва имкониятҳои корпоративии иҷтимоӣ номбар мешавад) – консепсияест, ки тибқи он ташкилотҳо бо дарназардошти манфиатҳои ҷамъият, ҷавобгарии нуфузи фаъолияташонро ба фармоишгарон, таҳвилгарон, кормандон, саҳмгузорон, ҷамъиятҳои маҳаллӣ ва дигар гур ӯҳҳои рағбатдори доираи ҷамъиятӣ ба зимма мегиранд. Ҳолати мазкур аз доираи уҳдадориҳои дар қонун муқарраргардида оид ба риояи қонунгузорӣ берун мебарояд ва онро пешбинӣ менамояд, ки ташкилотҳо ихтиёран барои баланд бардоштани сифати ҳаёти кормандон ва оилаҳои онҳо, ҳамчунин иттиҳодияҳои маҳаллӣ ва умуман ҷамъият тадбирҳои иловагӣ меандешанд.

**Тарҳрезии барҷастаи консепсияи ҷавобгарии корпоративии иҷтимоӣ.** ҶКИ воситаи батанзимдарории муносибатҳои ғайрибозорӣ дар байни ширкатҳо ва стейкхолдерҳо – шахсоне ва созмонҳои ҳуқуқие ба шумор меравад, ки дар дохил ё берун аз ширкат қарор дошта, ба он таъсир мерасонанд, ки ширкат фаъолияти худро чи гуна ба амал мебарорад ё фаъолияти ширкат чи гуна ба онҳо таъсири (нуфузи) худро мегузаронад.

Дар тасвияи (формулировкаи) стандарти CSR/ҶКИ – 2008, «ҷавобгарии иҷтимоӣ – уҳдадории ташкилот, ҷавобгарии ба зимма гирифтаи ташкилотро оид ба ҳалли проблемаҳои иҷтимоии ҳайати кормандони худ, аҳолии маҳаллӣ ва умуман ҷамъият ба ҳисоб мегирад” Дигар стандартҳои дар таркиби ҶКИ2 мавҷудбуда муайянкуниҳои ҳамгуни умумӣ медиҳанд.

**Расми 5. Тиҷорат ва манфиатхоҳон**




Тарҳсозии барҷаста (классикӣ) ба он асос меёбад, ки манфиатҳои сарфакоронаи иқтисодӣ тавассути маблағгузориҳои ихтиёрии аз фоидаҳо ба даст овардашуда тиҷоратро на фақат барои соҳиб гаштан ба даромадҳои баландтарин, балки ба беҳдошти «муҳити маскун»-и хусусӣ – иҷтимоӣ, экологӣ, сиёсӣ роҳандозӣ менамоянд.

**Расми 6. Сатҳҳои ҷавобгарии иҷтимоии тиҷорат**




Албатта, агар кормандон имконияти воқеии интихоб дошта бошанд, пас онҳо корфармои ҷавобгари иҷтимоиро афзал мешуморанд. Пас, корфармо, ки ба кормандони поквиҷдон ва соҳибихтисос рағбат дорад, бояд рағбатнокии худро барои кормандон нишон диҳад.

Нописандӣ ба манфиат ва хавфу хатарҳои кормандон борҳо тоҷиронро ба изтироби дараҷаҳои мухталифи иҷтимоӣ - аз корпартоиҳои “италявиҳо” то инқилобҳои дигаргунсозандаи сохти ҷамъиятии давлатдорӣ тела дод. Маҳз ҳамин ҳолат ҳам ба

таҳаввулоти талаботи заминавии сохти ҷамъиятӣ ба ҷониби ошкорбаёнӣ, ҳам ба ташкили меъёрҳои ҷавобгарии дуҷонибаи тиҷорату ҷамъият оварда расонд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки зарурати дар як саф ҷойгир кунонидани ҶКИ ҳамчун меъёри махсуси муносибатҳои иҷтимоӣ дар асри XX он қадар равшан нест. "Бигузор тоҷирон, ба ҷои он, ки як қисми фоидаи фавқулоддаашонро ба хайрот диҳанд, корҳои худро поквиҷдонона пеш баранд" - гуфта буд Теодор Рузвелт. Майл Фридман р ӯирост изҳор дошт, ки "тиҷорати тиҷорат тиҷорат аст". Ба ноҳақии чунин мавқеъҳо Эндро Карнеги ишора намуда буд: "Сарватмандон бояд ба камбағалон тавассути хайрияҳо кумак расонида, бояд худро на ҳамчун х ӯҷаин, балки ҳамчун соҳибсармоягоне нишон диҳанд, ки ба манфиати ҷамъият хизмат мерасонад". Акио Моритои нуктасанҷ бошад, ба тоҷирон муроҷиат карда, изҳор дошт, ки "ҳеҷ кас наметавонад шуморо сарватманд гардонад, ба ҷуз одамоне, ки барои шумо кор мекунанд" ва бад-ин васила тоҷиронро даъват намуд, ки аз арзишҳои " капитализми ваҳшӣ" ба манфиати "капитализми симои инсонӣ дошта" р ӯ гардонанд".

Таҷрибаи ҶКИ мавз ӯи баҳсҳо ва танқидҳои сершумор ба шумор меравад. Ҳимоягарони ин муносибати иҷтимоӣ собит месозанд, ки ҶКИ дорои асоси қавии иқтисодӣ мебошад ва корпоратсияҳо назар ба фоидаҳои даргузари кутоҳмуддати хусусӣ аз он ваҷҳ имтиёзҳои сершуморе ба даст меоранд, ки дар дурнамои аз ҳад васеъ ва т ӯлонӣ кор мекунанд. Танқидгарон дар он хусус баҳс мекунанд, ки ҶКИ аз нақши бунёдии иқтисодии тиҷорат дур мебарад; онҳо собит месозанд, ки ҶКИ ба ҷуз р ӯйп ӯш гардониданӣ воқеият чизи дигаре нест; баъзеи дигари онҳо мег ӯянд, ки ин к ӯшишҳо барои номаълум иваз кардани нақши ҳукумат ба ҳайси назоратчии корпоратсияҳои пурқуввати мултимиллӣ ба шумор меравад.

Иҷтимоикунонии ҳадафҳои тиҷорати ҷаҳонӣ дастурҳои нави мақсаднокро барои корхонаҳо (ташкилот, ширкатҳо) ба шакл медарорад: фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидориро ба амал бароварда ва консепсияи ҷавобгарии корпоративии иҷтимоиро дар амал татбиқ карда, ин корхонаҳо (ташкилот, ширкатҳо) қабл аз ҳама бояд ба арзишҳои инсонӣ равона карда шаванд. Онҳо талаботи ба молҳои баландсифат ва хизматрасониҳо доштаи бозорро, ки ба талаботи истеъмолкунандагон асос ёфтааст, бояд дар навбати дуюм қарор диҳанд.

Якчанд тамоюли хос, ки дар манзари баланд бардоштани ҷавобгарии иҷтимоии корпоратсияҳо пайдо мешаванд:

1. <u>Коҳиш додани нақши давлат.</u> Дар бисёр кишварҳо, бахусус дар кишварҳои на он қадар бузург ва пешрафта (яъне дар он ҷое, ки давлат наметавонад бори ҷавобгарии иҷтимоиро бар душ дошта бошад), ҳалли масъалаҳои экология (муҳити зист), рушди сармояи инсонӣ амалан пурра бар души корпоратсияҳои калони мултимиллӣ вогузор аст.

2. <u>Зиёд шудани серталабӣ аз ҷониби истеъмолкуннадагон</u>. Теъдоди аз ҳад зиёди истеъмолкунандагони корпоративӣ ва хусусӣ ба муносибатҳои дарозмуҳлат бо ин ё он ширкатҳо, ба таҳвилгарони дар оянда ба "эътимодбахшии иҷтимоӣ" боваридошта, ки ба табиат зиён нарасонида, ҳуқуқҳои инсонро поймол намекунанд, майл мекунанд.

3. <u>Тақсимоти ҷавобгарӣ дар байни ҳарифон ва фишори маблағгузорон.</u> Бисёр ширкатҳои ҷавобгари иҷтимоӣ к ӯшиш менамоянд, ки дар ҳалқаи истеҳсолиашон шариконӣ бе ҷавобгарии иҷтимоӣ набошанд, зеро будани онҳо ба обрую нуфузи ширкат иснод меорад. Ба онҳо ҳамчунин сармоягузорони ҷавобгарии иҷтимоӣ дошта, саҳмгузороне сахт фишор меоранд, ки ҳуқуқҳои худро барои тағйир додани сиёсати

ширкатҳо истифода мебаранд. Аз ҷониби пасандозгузорон харидорӣ шудани саҳмияҳои ширкатҳои шубҳанок бо мақсади дастрасӣ ба идоркунии он ва тағйир додани самти фаъолият ҳодисаи маъмулист.

Ҷавобгарии корпоративии иҷтимоӣ (ҶКИ) (рафтори мувофиқи ахлоқу одоби тиҷорат нисбат ба ҷамъияти одамон) алалхусус барои доираи тиҷоратии Россия ҳайратангез ба шумор намеравад. Тамоми теъдоди зиёди ширкатҳо дар Россия эътироф менамоянд, фаъолияти тиҷоратии онҳо мустақиман ба ҷамъияте таъсир мерасонад, ки дар он зиндагӣ мекунанд, муваффақиятҳои оянда бошанд, дар тиҷорат бо арзишҳои асосии ҷамъиятӣ зич алоқаманд мебошанд.

Татбиқи сиёсат оид ба ҷавобгарии корпоративии иҷтимоӣ бо омиле эътироф гардидааст, ки даромаднокии ширкатҳоро афзун менамояд. Ин омил эътино намудани ширкат ба тиҷорат дар асоси талаби сармоягузорон, ҳукумат ва ҷамъият, тавзеҳ додани дараҷаи нуфузи истеҳсолоти асосии худ ба олами атроф маҳсуб меёбад.

Бо сабаби афзоиши хатари ифлосшавии муҳити атроф, ки дар солҳои 70-уми асри XX ба вуқ ӯъ пайваст, имр ӯз консепсияи ҶКИ ҷиддан ривоҷ ёфт. Ҳоло муҳим он нест, ки ширкатҳо сармояи ба дастовардаашонро чи гуна истифода менамоянд, балки муҳимтар он аст, ки онҳо ин сармояро чи гуна ба даст овaрданд.

Афзалиятҳое, ки татбиқи дурнамои ҷавобгарии корпоративӣ ба ширкатҳо медиҳад, афзоиши қаноатмандии ҳайати кормандон, ихтисори азкорравии кадрҳо ва баланд шудани арзиши брэнд (тамғаҳои молу мулкӣ)-ро дар бар мегирад. Ширкатҳое, ки ба ин "бозӣ" ҳамроҳ нашуданд, имкониятҳоро дар тиҷорат аз даст медиҳанд, афзалиятҳои рақобатиро гум мекунанд ва дар идоракунӣ қафо мемонанд. Стратегияи ҶКИ-ро ҷорӣ накарда, онҳо аввалан, нуфузи истеҳсолоти худро ба ҷамъият ва муҳити атроф намегузаронанд ва назорат намекунанд, дувум, иқтидори иқтисодии худро дар амал пурра татбиқ наменамоянд.

Метавон дар бораи ду консепсияи асосии ҳосилшудаи ҶКИ сухан ронд.

Якум- ин ба ҳадди ақал расонидани (минимизатсияи) хавфу хатари тиҷорат, яъне ҳамгунсозӣ (идентификатсия) ва пуррагардонии тамоми фосилаҳоест, ки дар муносибатҳои байниҳамдигарии ширкат ва ҷамъият мавҷуданд. Ҳамгунсозии ин фосилаҳо – қадами нахустин дар роҳи ба амал баровардани ҶКИ маҳсуб меёбад. Баъзеҳо онро бо сиёсати суғуртавӣ, ки ширкатро минбаъда аз ҳодисаҳо ва мушкилоти фавқулодда муҳофизат менамояд, муқоиса менамоянд. Масалан, дар доираи мубориза и ҳамагонӣ бо фарбеҳшавӣ, саноати маҳсулоти озуқаворӣ ва н ӯшокиҳо бо к ӯшишҳои мувофиқа ҳосил намудан бо умедвориҳои ҷамъият, аз фаъолият бозмонд. Дар шароити кунунӣ вақту захираҳое,ки хеле гарон афтоданд, ки барои тағйирот дар равандҳои тиҷорати асосӣ харҷ мешаванд, агарчанде ки маблағгузорони ҶКИ инро солҳои зиёд қабл аз ин пешг ӯй карда буданд.

Ҳамин тариқ, яке аз вазифаҳои иловагии ҶКИ дар огоҳонидани бармаҳал дар бораи фосилаҳоест, ки метавонанд пайдо шуда ва ширкатро дар ғафлат ёбанд.

Ҷанбаи дигари ҶКИ ба имкониятҳои барои тиҷорат зарур табдил ёфтани фосилаҳоест, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва муҳити атроф арзи вуҷуд менамоянд. Чунончи, дар Гана, ки аҳолии он аз норасоии йод азоб мекашанд, ширкати "Юнилевир" намаки махсуси йоддор эҷод кард. Бо мақсади истеҳсол ва фур ӯхтани ин намак ширкат тамоми тарҳи тиҷоратии худро дар ин кишвар аз нав сохт. Истеҳсолот дар деҳоти ноҳияҳо бо ташкили ҷойҳои корӣ ҷорӣ ба роҳ монда шуд. Ба тақсимоти маҳсулот фур ӯшандагони велосипедсавор машғул шуданд. Намак дар коғазқуттиҳои хурд, бо нархи

нисбатан дастрас ба фур ӯш бароварда шуд. Ҳамин тавр, талаботи иҷтимоӣ ва тиббиро ба назар гирифта, ширкат брэнди нав ва бозори нав таъсис дод.

Мисоли дигар: ширкати «JC Johnson» (химикатҳо барои мубориза бо ҳашаротҳо) дар т ӯли солиёни зиёд барои коҳиш додани таъсири маҳсулоти худ ба муҳити атроф к ӯшишҳо ба харҷ медод. Мутахассисони ширкат молҳои худро аз р ӯи дараҷаи зиёноварӣ ом ӯхтаву ба гур ӯҳҳо ҷудо карда, саъю талоши худро ба истеҳсоли маҳсулоти хеле кам зиёновар равона карда, таҳвилгаронро низ маҷбур намуданд, ки дар ин кор намунаи ибрат бошанд.

Инак, мо мебинем, ки ширкатҳо метавонанд тиҷорати асосии худро барои мубориза бо проблемаҳои иҷтимоӣ истифода намоянд. Ва чунин амалҳо на амалҳои хайрхоҳона ё инсонд ӯстӣ, балки навовариҳои иҷтимоӣ ба шумор меравонд.

**Адабиёт**


1. Большаков А.С., Михайлов В.И. Современный менеджмент: теория и практика. Сиб., 2000.- С.20
2. Друкер Питер Ф. практика менеджмента: Уч.пособие. М., 2000-с. 21-30.
3. Попов А.В. теория и организция американскольго менеджмента. М. 1991.-С.72
4. Ричард Л. Дафт. Менеджмент. Сиб. 2000.-с.19-23
5. Румянцева З.П. и др. Общее управление организацией. 17-модульная программа для руководства. М., 1999. – с. 31.
6. Управление организацией: учебник/ под редакцией А.Г. Поршнева. М., 1998. – с.70-75
7. Уткин Э.А. Курс менеджмента. М., 1998.- с.20


## ФОРМИРОВАНИЕ МОДЕЛИРОВАНИЯ УПРАВЛЕНИЯ ТРУДОВЫМИ РЕСУРСАМИ В СИСТЕМЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЫ


**РАДЖАБОВ МУХТОР АХАДЧОНОВИЧ,**
преподаватель кафедры управления человеческими ресурсами
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 988-84-49-99. E-mail: rajabov88@internet.ru



*В данной статье рассматриваются теоретические основы и базовые понятия управления и формирования моделирования управления человеческими ресурсами в системе государственной службы. В современных условиях многие важнейшие мировые достижения в области экономического, политического и социального развития связаны с именем менеджмента. Человеческие ресурсы могут зависеть от общества и организации, что будет служить ключевым фактором ее деятельности, а также стратегии предприятия. Именно устойчивый потенциал позволяет нам реализовывать стратегические планы наряду с другими трудовыми ресурсами в качестве ключевого движущего фактора.*



***Ключевые слова:*** *менеджмент, трудовые ресурсы, реформа, рынок труда, стратегия, устойчивое развитие, инновации, политика, творческий потенциал, социальные, экономические, бизнес,*


## FORMATION OF THE MODELING OF HUMAN RESOURCE MANAGEMENT IN THE CIVIL SERVICE SYSTEM


**RAJABOV MUKHTOR AHADJONOVICH,**
assistant of the Department of Human Resources Management of the

Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
Dushanbe, 33, Said Nosir Str.,
Phone: (+992) 988-84-49-99. E-mail: rajabov88@internet.ru

*The article discusses the theoretical foundations and basic concepts of management and development of modeling of human resource management in the system of civil service. In the current situation, many of the world's most important achievements in the spheres of economic, political and social development are associated with the name of management. Human resources can depend on the society and the organization, which will serve as a key factor in its activities, as well as the strategy of the enterprise. It is sustainable potential that allows us to implement strategic plans, along with other labor resources, as a key driver.*

***Key words:*** *management, labor resources, reform, labor market, strategy, sustainable development, innovation, politics, creative potential, social, economic, business, innovation.*

УДК: 316.1

# РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ КИШВАРҲО

**САФАРОВА РУХШОНА БЕГНАЗАРОВНА,**
муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷииии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Ҷумхурии Тоҷикистон, Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 934-44-04-86. E-mail: Raksana@list.ru

*Дар раванди рушди босуръати илму техника ҷаҳонишавии тамоми соҳаҳо ба назар мерасад. Бояд қайд кард, ки таъсири ҷаҳонишавӣ тамоми соҳаҳои хоҷагии халқро зери таъсир қарор додааст. Аз ҷумла таъсири ҷаҳонишавӣ дар самти иқтисодиёт низ бар аъло мушоҳида мешавад. Бо таъсири ҷаҳонишавӣ имрӯзҳо иқтисоди ҷаҳон дар шакли мухталиф рушд намуда, ба баъзе давлатҳо таъсири бад, ба баъзе таъсири неку ҳасана мерасонад. Дар ин раванд, давлатҳо бояд барои ҳифзи амнияти иқтисодии хеш талош варзанд ва сатҳи иқтисодии худро ба талаботи ҷаҳонӣ мувофиқ кунонанд. Муаллиф дар ин мақола ҳамин масъаларо баррасӣ карда иброз доштааст, ки ҷаҳонишавӣ ба ҳамкории иқтисодии давлатҳо ва ба рушди иқтисодии онҳо, ба тезондан ва афзудани мубодилаи дастовардҳои пешқадами инсоният дар соҳаҳои иқтисодӣ, илмию техникӣ ва зеҳнӣ мусоидат мекунад. Ҳамзамон, ҷаҳонишавӣ бо як қатор оқибатҳои манфии ҷиддӣ, мушкилот ва хатарҳо, аз ҷумла паҳншавии босуръати вайроншавии иқтисодии маҳаллӣ ба дигар минтақаҳои ҷаҳонро ба бор меорад. Муаллиф ҳамзамон роҳҳои ҳал, истодагарӣ намудан ва ҳифзи амнияти иқтисодиро дар замони ҷаҳонишавӣ таҳлил ва пешниҳод намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷаҳонишавӣ, иқтисодиёт, амнияти иқтисодӣ, хатар, технология, иттилоот.*

Аслан ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳонӣ марҳилаи нави баландтари ҳамгироии ҳаёти иқтисодии ҷаҳонист. Раванди ҷаҳонишавӣ дар солҳои 60-уми асри гузашта дар натиҷаи инкишофи босуръати инқилобҳои илмию техникӣ оғоз ёфт. Дар охири солҳои 90-ум, он ба марҳилаи камолоти худ ворид шуд. Инчунин, он бо афзоиши назаррас ва либерализатсияи ҳаракати фаромарзии молҳо, хизматрасониҳо ва сармоя, табодули пуршиддати иттилоот ва технологияҳо хос аст.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ як навъ «хавф кардани сарҳадҳои миллӣ» ба амал меояд, иқтисодиёти ҷахон тадриҷан таҳкурсии умумӣ пайдо мекунад. Ҷузъҳои он истеҳсолоти фаромиллӣ, системаи молиявии ҷаҳонӣ, системаи савдои байналмилалие мебошанд, ки дар асоси қоидаҳои мувофиқашуда, сохта шудаанд ва фазои ягонаи иттилоотӣ, ки ташаккул меёбад [8].

Хусусиятҳои асосии глобализатсияи иқтисоди ҷаҳонӣ инҳоянд:

- амиқ шудани тақсимоти байналхалқии меҳнат бо гузаштани он аз умумӣ (байнисоҳавӣ) ба мушаххас (дохилисоҳавӣ) ва ягона (технологӣ);
- афзоиши суръати савдои байналхалқӣ аз афзоиши суръати истеҳсолоти ҷаҳонӣ.

Либерализатсияи афзояндаи савдои байналмилалӣ, ки дар кушодани бозорҳои миллии молҳо ва хизматрасониҳо тавассути рафъи тадриҷан маҳдудиятҳо ва монеаҳои тиҷоратӣ, инчунин дар муқобила бо чораҳои протексионистӣ дар савдои байналмилалӣ ифода ёфтааст.

Дар давоми 50 соли охир ҳаҷми савдои ҷаҳонӣ ҳар сол ба ҳисоби миёна 6 фоиз афзуда, назар ба суръати афзоиши истеҳсолоти ҷаҳонӣ бештар аз ду баробар зиёд аст.

Имрӯз тақрибан 1.5% тамоми молҳо ва хизматрасониҳои ҳар сол истеҳсолшуда ба соҳаи савдои байналмилалӣ рост меояд ва ин рӯйхат мунтазам васеъ мешавад.

Дар солҳои 90-ум муомилоти байналмилалӣ бо қоғазҳои қиматнок, сармояи кутоҳмуддат ва воситаҳои молиявии ҳосилшаванда босуръат инкишоф ёфт, ки ҳаҷми онҳо аз ҳаҷми маҳсулоти умумии ҷаҳон чандин маротиба зиёд аст. Пул, ки ҳамчун воситаи таъмини мубодилаи мол тасаввур карда мешавад, торафт бештар ба объекти хариду фуруш табдил меёбад ва нишондиҳандаҳои арзишии савдои ҷаҳонии молҳо имрӯз ҳамагӣ 5 фоизи ҳаҷми савдои ҷаҳониро бо асъор ташкил медиҳад.

Паҳншавии тиҷорати электронӣ ва пардохтҳои электронӣ ба як падидаи муҳим дар иқтисоди ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. То соли 2002 тиҷорати электронӣ беш аз 10% тиҷорати ҷаҳониро ташкил медод.

Ин самти ҷаҳонишавиро метавон ба «инқилоби генетикӣ» (G-revolution) нисбат дод, ки бо рушд ва пайдоиши маҳсулоти ғизоии аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфта дар бозори ҷаҳонӣ алоқаманд аст. Вай аллакай кишварҳои пешқадамро маҷбур мекунад, ки роҳҳои ба тартиб андохтани савдои байналхалқии чунин маҳсулотро ҷустуҷӯ кунанд ва қодир аст, дарояндаи наздик симои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро дар ҷаҳон ба куллӣ тағйир диҳанд.

Ҷаҳонишавӣ ба ҳамкории иқтисодии давлатҳо ва ба рушди иқтисодии онҳо, ба тезондан ва афзудани мубодилаи дастовардҳои пешқадами инсоният дар соҳаҳои иқтисодӣ, илмию техникӣ ва зеҳнӣ, ки ин бешубҳа ба пешрафти тамоми кишварҳои ҷаҳон аст, мусоидат мекунад. Ҳамзамон, ҷаҳонишавӣ бо як қатор оқибатҳои манфии ҷиддӣ, мушкилот ва хатарҳо дучор меоянд, ки асоситаринашон инҳоянд:

- паҳншавии босуръати вайроншавии иқтисодии маҳаллӣ ба дигар минтақаҳои ҷаҳон, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки буҳрони молиявии Осиё ва Америкои Лотинии солҳои 1997-1998, ки ба буҳрони молиявии ҷаҳонӣ табдил ёфт;
- таъсири нооромкунанда ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва молияи гардиши фаромарзии сармояи кӯтоҳмуддат, амали спекулятсияи байналмилалии молиявӣ;
- мушкилоти мутобиқшавӣ ба ҷаҳонишавӣ барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва кишварҳои иқтисодашон дар ҳоли гузариш аз сабаби набудани маблағҳои зарурӣ, омода набудани системаҳои иқтисодии миллӣ, маъмурӣ ва ҳуқуқӣ. Ин давлатҳо баъзан маҷбур мешаванд, ки бар зарари худ “қоидаҳои бозӣ”-и иштирокчиёни пурзуртари мубодилаи иқтисодии ҷаҳониро қабул кунанд;
- тафовути афзояндаи сатҳи некӯаҳволӣ ва дараҷаи иштирок дар равандҳои ҷаҳонишавӣ байни кишварҳои сарватманд ва камбизоат.

Давлатҳои саноатӣ, пеш аз ҳама, Иёлоти Муттаҳидаи Америко, “ҷиҳатҳои мусбӣ”-и ҷаҳонишавиро таъкид мекунанд. Дар маркази ин равиш, аз афташ, омехтаи якчанд омилҳост: хоҳиши зуд тағйир додани ҷаҳони атроф дар асоси стандартҳои олии худ (яъне муайян “давидан” дар кӯшиши хушбахт кардани ҳама); мутлақ гардондани асосҳои ҳаёти худ нисбат ба дигар мамлакатҳо; мустаҳкам намудани мавқеъҳои дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ишғолшуда ва ба даст овардани бартариҳои нави рақобатӣ барои худ дар бозори ягона.

Солҳои охир асосан дар зери таъсири бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ кишварҳои пешрафта ба зуҳуроти манфии ҷаҳонишавӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карданд. Масалан, дар Америко дар бораи аҳамияти ба ҳисоб гирифтани омилҳои сотсиалии он сухан ронданд. Дар Аврупои сотсиал-демократӣ худи ҳамин фикр ва ҳатто дар шакли то андозае васеъ ифода карда мешуд. Дар Ҷопон бошанд, садоҳо дар бораи қобили қабул набудани дастурамалҳои стандартии либералӣ барои кишварҳои Осиё, зарурати нигоҳ

доштани гуногунии фарҳангии давлатҳо садо доданд. Ин таҳаввулоти равишҳо дар баёнияи ниҳоии мулоқоти раҳбарони G8 дар Кёлн дар моҳи июни соли 1999 инъикос ёфтааст, ки дар он ҳам манфиатҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳам хатарҳои он ба таври мутавозин (аз ҷумла ба шарофати кӯшишҳои Россия) қайд карда шуданд.

Дар байни мавзӯъҳое, ки шуҳрат пайдо мекунанд, тезис дар бораи пайдоиши ба ном "иқтисоди нав" бар асоси инқилоби технологияҳои иттилоотӣ, ки дар ҷаласаи солонаи Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ дар Давос аз ҷониби собиқ Президенти ИМА Билл Клинтон ва сарвазири Британиё Тони Блэр муаррифӣ шуд, ба ҳисоб меравад. Ба андешаи онҳо, дар рушди иқтисоди ҷаҳонӣ тағйироти нақшавӣ мушоҳида мешавад.

Дар доираи ин нақша ба таҳсилот, доштани дониш ва дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ аҳамияти бештар дода мешавад. Сарчашмаи асосии "иқтисодиёт ба дониш" одамон мебошад. Ҳар як инсон дорои иқтидор аст ва вазифаи давлат рушди он аст.

Бояд гуфт, ки ҳоло масъалаҳои инқилоби технологияҳои иттилоотӣ шадидтар баррасӣ мешаванд. Ин пеш аз ҳама ба мушкилоти афзудани тафовути дастрасӣ ба комёбиҳои информатизатсия чӣ дар байни мамлакатҳои алоҳида ва чӣ дар дохили мамлакатҳо байни гуруҳҳои гуногуни сотсиалӣ дахл. Ин тафовут махсусан дар байни кишварҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ калон аст.

Мафҳуми "роҳи сеюм" бо идеяи "иқтисоди нав" як роҳи асосӣ дорад. Аслан ин як фалсафаи нави сиёсӣ барои ҷаҳони муосир аст; ҷустуҷӯи мувозинати оптималии байни бозор, давлат ва ҷамъият; синтези муносибатҳои анъанавии либералӣ ва ақидаҳои демократияи сотсиалии Аврупо. Тибқи консепсияҳои "роҳи сеюм" давлатҳо бояд "сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ"-ро тавассути дастгирии соҳаҳои илму маориф зиёд намоянд.

Мулоҳиза дар бораи ташаккули сохти нави ҷаҳонӣ ҳануз дар мадди аввал меистад. Он бешубҳа ҷанбаи иқтисодӣ дорад, аз ҷумла чунин ҷузъҳо ба монанди ислоҳоти институтҳои Бреттон-Вудс, даври нави гуфтушунидҳои бисёрҷонибаи тиҷоратӣ ва ҳамгироии кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ. Бинобар ин, дар бораи тартиботи нави байналхалқии иқтисодӣ сухан рондан низ қонунист.

Ислоҳоти институтҳои Бреттон Вудсро метавон дар заминаи талошҳои байналмилалӣ барои эҷоди "меъмории нави молиявии ҷаҳонӣ барои асри XXI" баррасӣ кард. Тадбирҳои ба нақша гирифташуда вокуниш ба зарбаҳои марбут ба бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ мебошанд.

Бояд гуфт, ки дар Британияи Кабир, ИМА, Канада ва дигар давлатҳои пешрафта "таркиш" дар ихтиёри шӯъбаҳои махсуси давлатӣ қарор дорад. Дар дӯконҳои китоб ва китобхонаҳои ин кишварҳо "рушд" як бахши мустақил аст, масалан, "иқтисод", "молия" ё "менеҷмент".

Мавзӯи "Рушди устувор" ба мушкилоти "рушд" марбут аст, ки ҷузъи асосии он ҳалли мутаносиби масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити мусоид, инчунин иқтидори захираҳои табиӣ мебошад.

*Дар мақола баъзе ҷанбаҳои танзими ҳаракати меҳнат дар доираи ГАТС /СУС мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Нақш ва аҳамияти СУС дар озодсозии бозори меҳнат ва танзими ҳаракати шахсони воқеӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасонӣ дар хориҷа асоснок карда шудааст. Таҳлил нишон дод, ки ӯҳдадориҳои давлатҳои аъзои СУС тибқи низоми чаҳоруми GATS озодсозии бечунучарои бозори меҳнатро пешбинӣ намекунанд. Кишварҳо метавонанд дар роҳи ҳаракати захираҳои меҳнатӣ монеаҳоро нигоҳ доранд, нисбат ба тахассусникии онҳо талабот ҷорӣ кунанд, тартиби вуруд ва будубоши муҳоҷиронро муайян кунанд, тартиби эътирофи ҳуҷҷатҳои таҳсилот ва ғайраро ҷорӣ кунанд. Дар мақола ҷорӣ намудани санҷиш оид ба ҳадафнокии иқтисодии муҳоҷирон дар бисёре аз кишварҳои қабулкунанда ҳамчун як монеаи муҳим дар роҳи ҳаракати озоди қувваи коргарии пасттахассус ба кишварҳои узви СУС баррасӣ шудааст. Исбот карда шудааст, ки расмиятҳои маъмурӣ, набудани шаффофият дар танзими шуғл, хусусияти интихобии иҷрои муқаррароти низоми 4-уми ГАТС нисбат ба пешкашкунандагони хизмат ва таърифи ҳуқуқии*

*ҷойдоштаи истилоҳи “пешкашкунандаи хизмат” сабабҳои асосии нокомии муваффақияти назаррас СУС дар озодкунии бозори меҳнат мебошад. Барои баланд бардоштани аҳамияти узвият дар СУС барои бозори меҳнат зарур дониста мешавад чораҳои зарурӣ ҷиҳати тавсеаи ӯҳдадориҳои кишварҳои узв дар доираи усули 4-уми пешниҳоди хизматрасонӣ андешида шуда, шуғли муваққатӣ дар корхонаҳои давлати қабулкунанда ҳамроҳ карда шавад ва мафҳуми қарордод барои хизматрасонӣ дар доираи шартномаҳои меҳнатӣ тавсеа бахшида шавад. Дар ин шароит кишварҳои узви СЧТ аз манфиатҳои иқтисодие, ки аз озодкунии муҳоҷирати меҳнатӣ бармеоянд, истифода хоҳанд кард.*

***Калидвожаҳо**: савдои хориҷӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, кушодагии иқтисод, амнияти берунии иқтисодӣ, ҷаҳонишавӣ, СҶТ, бозори ҷаҳонии мол, кушодагии савдо, бозори меҳнат, шуғл, бекорӣ, муҳоҷират, қувваи корӣ*

## LABOR MOBILITY REGULATION IN THE FRAMEWORK OF THE GATS / WTO: TERMS AND PRINCIPLES

**ISLOMIDINZODA ALISHER ALI,**
Head of the Department of Magistracy and
Training of Civil Service Personnel of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 904-14-55-55. E-mail: anislomidinzoda@gmail.com

*The article examines some aspects of the regulation of labor mobility within the framework of the GATS/WTO. It defines the role and importance of the WTO in the liberalization of the labor market and the regulation of the movement of individuals during services provision abroad. The analysis showed that the commitments undertaken by the WTO members in accordance with the fourth GATS regime do not provide for unconditional liberalization of the labor market. Countries can maintain barriers to the movement of labor resources, introduce requirements for their qualifications, determine the procedure for the entry and stay of immigrants, introduce a procedure for recognizing educational documents, etc. Introduction of the test for economic feasibility in many host countries is considered as an important obstacle to the movement of unqualified labor forces between the WTO member countries in the article. It has been proved that administrative formalities, lack of transparency in employment regulation, selective nature of the requirements of the 4th GATS regime regarding service providers and the existing legal definition of the term “service provider” are the main reasons for the lack of significant success of the WTO in the framework of labor market liberalization. To increase the relevance of WTO membership for the labor market, it is necessary to take measures to expand the obligations of member countries within the 4$^{th}$ regime of supplying services, complementing his temporary employment in enterprises of the host state and expanding the concept of contracts for the provision of services on labor contracts. In these conditions, the WTO member countries will take advantage of the economic benefits arising from the liberalization of labor migration.*

***Key words:** foreign trade, foreign economic activity, openness of the economy, external economic security, globalization, WTO, GATS, world market of goods, openness of trade, labor market, employment, unemployment, migration, labor force*

УДК: 330.142

# МАФҲУМ ВА ШАКЛҲОИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ МУСТАҚИМ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**АЛИЕВА ЗАРАГУЛ САИДАЛИЕВНА,**
унвонҷӯи кафедраи менеҷменти
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14.
Тел.: (+992) 900-26-15-01

*Дар мақола оид ба ҷалби сармоягузориҳои мустақим дар замони муосир ва моҳияти он сухан меравад. Қайд шудааст, ки сармоягузорӣ имрӯз дар иқтисодиёти кишвар нақши наззарасро мебозад, ки рушди иқтисодиёти кишварро бе сармоягузорӣ тассавур кардан ғайри имкон аст.*

*Муаллиф қайд кардааст, ки рушди саноатии бештари мамлакатҳои ҷаҳон ва интегратсияи онҳо ба иқтисодиёти ҷаҳон то андоза ба туфайли инвеститсияҳои хориҷӣ метавонанд ба иқтисодиёти мамлакати қабулкунанда барои интегратсияи он ба иқтисодиёти ҷаҳон мусоидат намоянд. Инвесторҳои калонтарини хориҷӣ, ба қатори компанияҳои нисбатан рақобатнок дохил мешаванд ва натиҷаҳои онро дар ҳамаи марҳилаҳои истеҳсолот, то ташкилнамоии бозорҳои фурӯш ва ҷойгиркунии воситаҳои истеҳсоли худ дар давлатҳои гуногун истифода мебаранд.*

***Калидвожаҳо:*** *сармоягузорӣ, иқтисодиёт, сармояи давлатӣ, рушди содирот, инвеститсия, хусусӣ, давлатӣ, соҳибкорӣ, андоз.*

Дар мундариҷаи иқтисодӣ - сармоягузориҳо элементи муайянкунанда дар фаъолияти иқтисодиёти ҷаҳон мебошад. Сол аз сол нақши инвеститсияҳо дар иқтисодиёти ҷаҳон афзуда истодааст. Қисми асосии сармоягузориҳо дар «кишварҳои сегона» (ИМА, Иттиҳоди Аврупо ва Ҷопон) ҷойгир шудаанд. Ба 10 давлати калонтарини қабулкунандаи сармоя 2/3 воридоти сармоягузориҳо, ба 100 давлатҳои хурд бошад, 1 фоизи онҳо рост меояд.

Аз рӯи хусусият ва намудҳо сармоягузориҳо гуногун мешаванд:

*Мувофиқи сарчашмаҳои пайдоиш* - ин сармояи давлатӣ ва хусусӣ.

**Сармояи давлатиро** дар таомули байналхалқӣ сармояи «расмӣ» низ меноманд, ин пеш аз ҳама воситаҳо аз буҷети давлат мебошанд, ки ба хориҷа равон карда мешаванд ва ё аз онҳо бо қарори бевоситаи ҳукуматҳо ё ташкилотҳои байнидавлатӣ қабул карда мешавад. Намудҳои сармояи давлатӣ ин пеш аз ҳама заёмҳои давлатӣ, қарзҳо, грантҳо, ёрдампулиҳо мебошанд.

Ҳаракати байналхалқии онҳо мувофиқи созишномаҳои байнидавлатӣ муайян карда мешавад. Қарзҳо ва дигар воситаҳои ташкилотҳои байналхалқӣ (ба мисли қарзҳои Хазинаи Байналхалқии Асъор (МВФ)) низ ба ин гурӯҳ дохил мешавад.

**Сармояи хусусӣ** - ин воситаҳо аз сарчашмаҳои ғайридавлатӣ буда, аз ҷониби шахсони ғайрирасмӣ (ҳуқуқӣ ва воқеӣ) дар хориҷа ҷойгир ва ё аз хориҷа кабул карда мешаванд. Ба ин гуна воситаҳои сармоягузориҳо, қарзҳои тиҷоратӣ, қарздиҳии байнибонкӣ дохил мешаванд, онҳо бо буҷети давлатӣ мустақиман вобаста нестанд, лекин Ҳукумат ҳаракати онҳоро назорат карда истода метавонад. Дар амал усулҳои бисёр нозуки табдили воситаҳои давлатӣ ба маблағҳои хусусӣ вуҷуд доранд.

*Мувофиқи хусусияти истифодабарӣ* - сармоягузориҳои байналхалқӣ ба сармоягузориҳои соҳибкорӣ ва қарзӣ тақсим мешаванд.

**Сармояи соҳибкорӣ** бевосита ё бавосита ба истеҳсолот маблағгузорӣ карда мешавад ва ба соҳиб шудан ба ин ё он ҳуқуқҳо барои гирифтани фоида дар шакли дивиденд алоқаманд аст.

Сармояи қарзӣ маънои пешниҳод намудани воситаҳоро ба қарз бо мақсади гирифтани фоиз дорад. Дар ин ҷо сармоя аз сарчашмаҳои давлатӣ фаъолона баромад

мекунад, лекин аз сарчашмаҳои хусусӣ низ амалиётҳо хеле бисёранд.

*Мувофиқи мӯҳлатҳо* - сармоягузориҳои байналхалқӣ ба миёнамӯҳлат, дарозмӯҳлат ва кӯтоҳмӯҳлат ҷудо мешаванд.

**Ба миёнамӯҳлат** - маблағгузориҳои зиёда аз як солбуда дохил мешаванд. Ба ин гурӯҳ сарчашмаҳои нисбатан калон тааллуқ доранд, зеро ба маблағгузориҳои дарозмуддат ҳамагуна ҷойгиркунии сармояи хусусияти соҳибкоридошта дар шакли маблағгузориҳои мустақим ва портфелӣ дохил мешаванд.[1]

*Мувофиқи мақсадҳо* - сармоягузориҳои байналхалқӣ ба мустақим ва портфелӣ ҷудо мешаванд.

Сармоягузориҳои мустақим - ин ҷойгиркунии сармоя ба мақсади ба даст даровандани идоранамоӣ аз болои объекти сармоягузорӣ, ба ибораи дигар ин маблағгузориҳое, ки соҳибӣ кардани пакети асосии саҳмияҳо (контрольный пакет акций)-ро таъмин менамоянд.

Асосан сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ бештари вақт сармояи соҳибкории хусусӣ мебошанд. [1]

Сармоягузориҳои портфелӣ - ҳуқуқи идоранамоиро аз болои объекти маблағгузорӣ надода, танҳо ҳуқуқи дарозмуддати гирифтани даромадро медиҳанд.

Хазинаи Байналхалқии Асъор (МВФ) боз як намуди маблағгузориҳоро бо номи «дигар маблағгузориҳо» ҷудо мекунад, ки ба ин гурӯҳ асосан қарзҳои байналхалқӣ ва депозитҳои бонкӣ дохил мешаванд. Онҳо гоҳо дар маблағгузориҳои мустақим вомехӯранд.

Дар нақшаи зикршуда ду ҷиҳати нозук вуҷуд дорад, ки дар амалияи муосири инвеститсионӣ пурра ҷой намегиранд.

Аввалан, ҳаминро гуфтан лозим аст, ки аз қаъри муносибатҳои арзию қарзӣ шаклҳои гуногуни амалиётҳои бо инвеститсия алоқаманд ба вуҷуд меоянд. Онҳоро «чораҳои инвеститсионии ба тиҷорат тааллуқдошта» («tкade кelated investment measгkes» ё худ TКIM) меноманд.

Ба онҳо шартномаҳои гуногун оиди хизматрасонӣ, маркетинг, идора, технологӣ ва ғ. дохил мешаванд, ки ба пайдошавии ҳуқуқҳои инвеститсионӣ оварда мерасонанд, лекин ба классификатсияи дар боло зикршуда, қариб ки тааллуқ надоранд. Онҳо супоридани ҳуқуқҳои моликиятро ба шахси хориҷӣ дар назар надоранд, лекин ҳуқуқи мунтазам гирифтани даромадро доранд (роялти, рентaлс ва ғ.)

Ҳолати монанд бо лизинг, ки шакли муҳими фаъолияти тиҷоратӣ мебошад, ба назар мерасад. Лизинг бо инвеститсияҳо дар як қатор меистад, дар ин маврид ба сифати инвестор баиҷорасупорандагон баромад мекунанд, зеро пардохтҳо барои таҷҳизоти ба иҷора супоридашуда барои онҳо ҳамчун шакли гирифтани даромади доимӣ мешаванд ва стандартҳои даромаднокиро дар бозор пурра ба назар мегиранд.

**Аҳамияти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ**

Рушди саноатии бештари мамлакатҳои ҷаҳон ва интегратсияи онҳо ба иқтисодиёти ҷаҳон то андоза ба туфайли инвеститсияҳои хориҷӣ метавонанд ба иқтисодиёти мамлакати қабулкунанда барои интегратсияи он ба иқтисодиёти ҷаҳон мусоидат намоянд. Воридшавии инвеститсияҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакати қабулкунанда имкониятҳои зеринро медиҳанд:

**- воридшавии технологияҳои нав**:

Инвесторҳои калонтарини хориҷӣ, ба қатори компанияҳои нисбатан рақобатнок дохил мешаванд ва натиҷаҳои онро дар ҳамаи марҳилаҳои истеҳсолот, то ташкилнамоии бозорҳои фурӯш ва ҷойгиркунии воситаҳои истеҳсоли худ дар

давлатҳои гуногун истифода мебаранд. Давлатҳои қабулкунандае, ки сармоягузорони хориҷиро ҷалб карда тавонистанд, таъсири бебаҳои технологияҳои нави онҳоро ба рушди базаи индустриалии худ ҳис мекунанд. Фирмаҳои маҳаллие, ки бо онҳо робита пайдо карданд «ноу-хау»-ро аз худ намуда, дар шароити рақобати шадид амалнамоиро меомӯзанд. Ҳамин гуна донишҳоро менеҷерҳо ва коргарони компанияҳои инвестор, ки аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ киро карда шудаанд, меомӯзанд.

**- ташкили ҷойҳои нави корӣ**:

Дар мамлакатҳое, ки иқтисодиёти онҳо дар ҳолати гузариш ҷой дорад, проблемаи асосӣ шуғли нопурра ё худ бекории доимо афзоишёбанда мебошад. Кӯшишҳои мубориза бурдан бо бекорӣ бо истифодаи чораҳои ба монанди ташкили ҷойҳои корӣ дар сектори давлатӣ, на ҳама вақт ба натиҷаҳои дилхоҳ оварда мерасонад. Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ бошанд, ҷойҳои нави кориро бо хароҷоти камтарин ва бо истифодаи технологияҳои ҳозиразамон ташкил карда метавонанд. Ба замми ин такмили ихтисоси мутахассисони маҳаллӣ дар базаи ин технология ба иқтисодиёти маҳаллӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

**- рушди содирот**:

Сармоягузориҳои хориҷӣ боиси афзоиши содирот аз мамлакати қабулкунанда ба мамлакатҳои ҳамсоя, инчунин ба бозорҳои мамлакатҳои инвестор мешаванд, воридоти асъори озод баладшавандаро таъмин мекунанд, ки барои тараққиёти мунтазами иқтисодиёт хаётан муҳим аст. Асъори озод баладшаванда барои пардохти қарзи беруна, молиякунонии хариди молҳои хориҷӣ, инчунин барои инвеститсияҳои дохилӣ лозим аст. Хоҳиши истифодаи асъори хориҷии аз ҳисоби содирот бадастовардашуда, ин давлатҳоро барои паст кардани маҳдудиятҳои тиҷоратӣ водор намуда, барои интегратсияи онҳо ба иқтисодиёти ҷаҳон мусоидат менамоянд. Инвеститсияҳои хориҷӣ ба давлатҳо барои васеъ намудани номенклатураи содироти худ ёрӣ медиҳанд. Афзоиши сифатии маҳсулоти нави содиротӣ махсусан барои давлатҳои рӯ ба тараққӣ ва давлатҳои собиқ сотсиалистӣ, ки таърихан ашё содир менамуданд, муҳим аст.

Вақте ки сухан дар бораи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ меравад, пеш аз ҳама сармоягузориҳое дар назар дошта мешаванд, ки ба корхонаҳои хориҷӣ гузошта шуда, ба сармоягузорон идоранамоиро аз болои онҳо таъмин менамоянд. Ба сармоягузориҳои мустақим бештар он инвеститсияҳое дохил мешаванд, ки ҳаҷми онҳо ба сармоягузор идора намудани на кам аз 20-25%-и сармояи саҳомии корхонаро таъмин менамоянд.

Ин таносуб дар ҳар гуна давлат гуногун аст, мисол, дар ИМА сармояи хориҷӣ на кам аз 10 фоизи сармояи саҳомиро ташкил медиҳад. Босуръат афзоиш ёфтани ҳаҷми инвеститсияҳои мустақими хориҷиро дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир дар асоси маълумотҳои зерин дидан мумкин аст: соли 1980 он тақрибан 450 млрд. долл. буда, соли 1990 ба 1,7 трлн. долл. расид, яъне афзоиши чоркарата дар фосилаи як даҳсола ба амал омад. Соли 1998 суммаи инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ ба 3,5 трлн. долл. расид.

Чунин суръати баланди афзоиши инвеститсияҳои хориҷӣ албатта натиҷаи изофа будани он намебошад ва бо маҳдудияти бозори дохилӣ ё ғайрисамаранок будани истифодаи ин сармоя дар иқтисодиёти дохилӣ ягон алоқамандие надорад.

Дар хоҷагии ҷаҳон бозсозӣ ба амал омад, ин пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки ширкатҳои калони ҷаҳон на танҳо сармоя, балки бештар истеҳсолотро содир мекардагӣ шуданд, мақсади асосӣ на танҳо гирифтани фоида, балки ба даст

даровардани чунин сарчашмаи даромад, ки он хусусияти дарозмуддат (доимӣ) дорад (то он даме, ки худи истехсолот вуҷуд дорад) мебошад.

Ширкатҳои абарқудрат ва ташкилотҳои хоҷагии ба онҳо монанд қисми нисбатан боиқтидори хоҷагии ҷаҳонро ташкил медиҳанд. Дар маърӯзаи ЮНКТАД барои соли 1998 53 хазор ширкатҳои калон ва 45 ҳазор филиалҳои хориҷии онҳо ба қайд гирифта шудаанд.

Дар марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон тараққиёти робитаҳои берунаи иқтисодӣ дар ҳамаи самтҳои дурнамо ва дар ҳамаи шаклҳояш дастгирӣ карда мешавад. Шаклҳои асосӣ ва усулҳои ҷалби сармояи хориҷӣ дар ҷумҳурӣ ва тараққиёти робитаҳои берунаи иқтисодӣ чунин буда метавонанд:

- алоқаҳо, ки иштироки саҳомии ширкати хориҷиро дар назар надоранд (хадамоти инжиниринг, лизинг ва ғайра);
- тиҷорати наздисарҳадӣ, аз ҷумла дар асоси мубодилаи байниминтақавӣ;
- ташкили корхонахои муштарак, хам дар марзи худ ва хам дар хориха;
- ташкили корхонаҳои саҳомӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ, консернҳо, консорсиумҳо, ассотсиатсияҳо, хонаҳои тиҷоратӣ ва ғайра;
- ташкили корхонаҳои нав дар асоси сармояи хориҷӣ;
- кушодани банкҳои байналхалқии тиҷоратӣ, хазинаҳои молиявӣ ва суғуртавӣ;
- ташкили бозори коғазҳои қиматнок бо дастрасии сармояи хориҷӣ ба он;
- ташкили минтақаҳои соҳибкории муштарак ва технополисҳо;

Ҷалби сармояи хориҷӣ дар чунин самтҳо бояд гузаронида шавад:

- Ташкили корхонаҳо ва коркарди чуқур ва комплексии ашё дар заминаи муосиркунонӣ ва аз нав мусаллаҳкунонии техникии (минералӣ, сӯзишворӣ, энергетика, хоҷагии қишлоқ, ва ғайра), истеҳсолоти амалкунанда;
- Тараққиёти истеҳсолотҳо бо мӯҳлати тези худтаъминии нақшаҳо (соҳаи хадамот, туризми байналхалқӣ ва ғайра);
- Истеҳсолоти ҷамъкунӣ (технологияҳои гардишдиҳанда);
- Тараққиёти соҳаҳои илмталаби истеҳсолӣ, ки барои пешравии прогреси илмӣ - техникӣ имкон медиҳад.

Ҳангоми ташкили корхонаи муштарак бояд ба он ҳаракат кард, ки иштирокчии хориҷӣ ӯҳдадории ба иваи фоида гирифтани маҳсулоти ин корхонаро гирад, ё онро дар бозорҳои мамлакатҳои сеюм фурӯшад (чунин принсип «take ок рау» - гир ё пардохт кун). Он гоҳ бояд талаботи ҳатмии худтаъминкунии корхонаи муштаракро ба назар гирем. Дар соҳаи ашёгии саноат ва инчунин дар сектори кишварзӣ бояд шакли консессиягии ҷалби сармояи хориҷиро тараққӣ дод (консенссияҳои муосиршуда). Хусусияти фарққунандаи консессияҳои муосиршуда дар он аст, ки онҳо ҳамаи намудҳои пардохтро, ки ба созишномаҳои паҳншудаи консессионӣ дахл дорад (барои захираҳои табиӣ, барои замин ва ғайра) нигоҳ дошта, иштироки ҳиссавии тарафи қабулкунанда ва нигоҳ доштани назорат аз болои фаъолияти онро дар назар дорад. Дар мавридҳои алоҳида ташкили консессияҳои туристӣ имкон дорад. Дар соҳаҳои истеҳсолкунандаи молҳои истеъмолӣ, корхонаҳои муштарак бояд ба таъмири бозори дохилӣ ва таъмини зиёдкунии содироти молҳои аз ашёи барқароршаванда истеҳсолшуда равона карда шаванд.

Аз ҷиҳати марзӣ он минтақаҳо барои ташкили корхонаҳои муштараки аввалиндараҷа мебошад, ки захираҳои табиӣ доранд, сарчашмаи ҳаҷми калони ашёи

хоҷагии қишлоқ хастанд, махсусгардонии истеҳсолӣ доранд, инфраструктураи тараққиёфта ва қувваи кории ихтисоснок доранд. Ҷойкунии асосноки корхонаҳои муштараки самтноккунии ҳамаи воситаҳои зарурӣ. Истифодаи максималии қобилияти вуҷуддоштаи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳуриро таъмин месозад.

Захираи муҳими тараққиёти соҳибкории муштарак, ки ҷалбкунии корхонаҳои хурд ва миёна ба ин соҳа мебошад. Ҷалби ташкилотҳои илмии Тоҷикистон ба соҳибкории муштарак мақсаднок аст, ки ҷоришавии тадқиқотҳои илмӣ ва баландшавии дараҷаи ихтисоси кадрҳоро метезонад, ки бо фаъолияти корхонҳои муштараки хориҷӣ вобаста аст ва ин дар нақшаи зер оварда шудааст.

Ҳангоми ташкили минтақаҳои ҳамкории муштарак бояд чунин омилҳоро ба назар гирифт: ҷараёни тези сармояи хориҷӣ,дастрасӣ ба технологияҳои пешқадам, иштироки фаъол дар доираи робитаҳои муосири ҷаҳонӣ, ташкили намудҳои нави истеҳсолоти саноатӣ, зиёд гардонидани қобилияти содиротии минтақаҳо, ҳаҷми маҳсулоти тайёр ва даромадҳои арзӣ. Баробари ин ҳангоми ташкили минтақаҳои соҳибкории муштарак оқибатхои зерини иқтисодӣ, иҷтимоӣ - сиёсӣ ва экологиро бояд ба назар гирифт:

1. Зиёд гардонидани вобастагии технологӣ аз сармояи хориҷӣ, маҳдудияти робитаҳои хоҷагидорӣ бо иқтисодиёти миллӣ ва паҳншавии самараноки технологӣ, махсусгардонии танги истеҳсолот.

2. Таркибдиҳандаи асосии минтақаҳои соҳибкории муштарак, инфрасохторҳои тараққикардаи истеҳсолӣ - иҷтимоӣ, бизнеси (марказҳои ахборот), бонкҳо ва ғайра мебошанд. Ин инвеститсияи калонро аз давлати қабулкунанда талаб мекунад, ки барои марзҳои (давлатҳои) ақибмонда гирифтани қарзро талаб мекунад. Аз ҳамин ҷиҳат ҳаракати ҷалби сармояи хориҷӣ барои бунёди инфрасохтор (ба ғайр аз худи истеҳсолот) ба тасаввуроти муайяншудаи Ғарб оиди минтақаҳои соҳибкории муштарак мувофиқ намояд. Дар ин ҳолат Ғарб метавонад пайравии бисёрро талаб намояд (дар намуди захираҳои барқарорнашаванда).

3. Махсус бояд оқибатҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро ба назар гирад. Дараҷаи нисбатан баланд дар «минтақа» ҷудошавии иҷтимоӣ ва ногуворӣро ба вуҷуд меорад. Фарқият дар пардохт ва дараҷаи зиндагӣ дар аввал байни мутахассисони ихтисоснок (асосан аз хориҷа омадагон); дуюм, байни коргарони ба корхонаи муштарак қабулшуда аҳолии боқимондаи «минтақа»; сеюм байни истиқомакунандагони «минтақа» ва ноҳияҳои ба он наздик ба вуҷуд меоянд. Инчунин тарафи миллиро низ бояд ба назар гирифт, чунки хориҷиёни омада мутахассисон ва шахсони дигар миллатҳо мебошанд.

Баъди барҳамхӯрии Иттифоқи Шӯравӣ мамлакатҳои нави ИДМ (СНГ) бо масъалаи интихоби ин ё он модели иқтисодиёти бозорӣ рӯбарӯ шуданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ гузаронида мешавад. Чунин ақида вуҷуд дошт, ки механизми нави худтанзимкунандаи иқтисодиёти бозорӣ худ сохтори нави шаклҳои моликият ва системаи дигари тақсимоти меҳнатро ба амал меорад. Мутаассифона ин хел нашуд.

Дар натиҷа дар давоми солҳои аввали иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таназзул дар истеҳсолот, рушди инфелятсия, барҳамхӯрии сохтори молиявӣ ва пастравии сатҳи зиндагии қисми зиёди аҳолӣ ба вуҷуд омад. Принсипи минимизатсияи дахолати давлат ба ҷараёни иқтисодӣ эҳтиёҷи калонро дар молиякунонии чорабиниҳои иҷтимоию фарҳангӣ ба миён овард ва вазни асосии ин молиякунонӣ ба дӯши халқ гузошта шуд.

Инак, ҷараёни хусусигардонӣ ва ғайридавлатикунонӣ бахши ҷудонопазири

ислоҳоти иқтисодӣ ва шарти асосии гузариши пурра ба иқтисодиёти бозорӣ шуда истодааст. Биёед ба худи ҷараёни хусусигардонӣ ва оқибатҳои он дар ҷумҳурии мо равшанӣ андозем. Пеш аз ҳама муайян кардан лозим аст, ки худи хусусигардонӣ чист.

Хусусигардонӣ дар шакли умумӣ - ин фурӯхтани корхонаҳо, воситаҳои нақлиёт, хонаҳои истиқоматӣ ва дигар моликияти давлатӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Мақсади асосии хусусигардонӣ ин баланд кардани самарнокии соҳаҳои муайян ва корхонаҳо, кам кардани ёрдампулиҳо (дотатсияҳо)-и буҷетӣ, васеъ кардани соҳаи таъсири рақобат дар иқтисодиёти миллӣ, ғанӣ гардонидани буҷет ва ғайра мебошад.

Хусусияти ин масъала дар он аст, ки мамлакати мо сохти сотсиалистиро аз сар гузаронид ва он вақт ҳамаи корхонаҳо давлатӣ буда, музди меҳнат нисбатан баланд набуд. Ба ҳар ҳол на он қадар баланд, ки имконияти пасандоз намудани 200 ё 300 ҳазор долларро диҳад. Гарчанде шахсони алоҳида буданд, ки чунин воситаҳоро дар ихтиёри худ доштанд, вале ин пасандозҳо асосан дар натиҷаи даромади тасодуфӣ ё ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд. Ҳатто агар ин пасандозҳо баъди ин қадар бӯҳрону бозсозиҳо ва ивазшавии пул нигоҳ дошта шавад, онҳо барои харида ба кор даровардани корхонаҳои калону миёна нокифояаанд. Лекин чӣ хеле дар боло қайд кардем, ба ғайр аз маблаг боз таҷрибаи соҳибкорӣ лозим аст.

Ҷараёни хусусигардонӣ ҳоло ҳам давом дорад, вале миқдори ночизи корхонаҳои хусусигардонидашуда дар ҳақиқат кор карда маҳсулот мебароранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин корхонаҳое ҳастанд, ки кори онҳо бештар аз ашёи дохилӣ вобаста аст, вале чунин корхонахои бузург вуҷуд доранд, ки бе аз хориҷа ворид намудани ашё, қисмҳои эҳтиётӣ ва ҷалб кардани мутахассисон кор карда наметавонанд.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузориҳо»
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2017
3. Сузуки М., Саидмуродов Л.Ҳ. Солиев А.А. Макроиқтисоди кушод ва инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ. –Душанбе, «Деваштич», 2007
4. Международные валютно-кредитные и финансовые отношения: Учебник / под ред. Л.Н.Красавиной – М.: Финансы и статистика, 1994
5. Дробозина Л.А. Финансы. Денежное обращение. Кредит. Учебник для ВУЗов. - М.: Финансы, ЮНИТИ, 1999.
6. Финансы. Денежное обращение. Кредит: Учебник для вузов / Л.А.Дробозина, Л.П.Окунева, Л.Д.Андросова и др.; Под ред. проф. Л.А. Дробозиной. - М.: ЮНИТИ, 2000
7. Звонова Е.А. «Международное внешнее финансирование в современной экономике»//Экономика. – М, 2000
8. Расулов Г.Р. Привлечения прямых иностранных инвестиций в экономике Республики Таджикистан, кандидатская диссертация, - Душанбе, НЦПИ, 2005
9. Хасанов М.М., Саидходжаев Х.Д. «Внешней долг, мировые тенденции и их приложение к экономике Таджикистана»- Душанбе 2004
10. Ҳакимов А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим.- Душанбе: Ирфон, 2007, 408с.

# ПОНЯТИЕ И ФОРМЫ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ПРЯМЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В СОВРЕМЕННОЕ ВРЕМЯ

**АЛИЕВА ЗАРАГУЛ САИДАЛИЕВНА,**
соискатель кафедры менеджмента
Таджикского государственного
финансово-экономического университета,
734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14.
Тел.: (+992)900-26-15-01.

*В статье рассматривается вопрос о привлечении прямых инвестиций в современное время и его сущность. Было отмечено, что инвестиции сегодня играют значительную роль в экономике страны, и невозможно представить развитие экономики страны без инвестиций.*

*Автор отмечает, что промышленное развитие большинства стран мира и их интеграция в мировую экономику в определенной степени благодаря иностранным инвестициям могут способствовать интеграции экономики принимающей страны в мировую экономику. Крупнейшие иностранные инвесторы входят в число наиболее конкурентоспособных компаний, и их результаты используются на всех этапах производства, от создания рынков продаж до размещения собственных средств производства в разных странах.*

***Ключевые слова:*** *инвестирование, экономика, государственный капитал, развитие экспорта, инвестиции, частные, государственные, бизнес, налоги.*

# CONCEPT AND FORMS OF ATTRACTING DIRECT INVESTMENTS IN MODERN TIME

**ALIEVA ZARAGUL SAIDALIEVNA,**
Applicant of the Department of Management of
Tajik State University of Finance and Economics,
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14, Nakhimov Str.
Phone: (+992) 900-26-15-01.

*The article discusses the issue of attracting direct investment in modern times and its nature. It was noted that investments today play a significant role in the country's economy, and it is impossible to imagine the development of the country's economy without investment.*

*The author notes that the industrial development of most countries of the world and their integration into the world economy, to a certain extent, thanks to foreign investments, can contribute to the integration of the host country's economy into the world economy. The largest foreign investors are among the most competitive companies, and their results are used at all stages of production, from the creation of markets to the placement of own produced goods in different countries.*

***Key words:*** *investing, economics, state capital, export development, investments, private, state, business, taxes.*

УДК: 327 (100+4/5)

# ДУРНАМОИ СИЁСӢ-ИҚТИСОДИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**САЪДУЛОЕВ АБДУЛВОСИТ ХАБИБУЛЛОЕВИЧ,**
доктор (PhD)-и муносибатҳои байналмилалии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 918-78-12-12. E-mail: prof.asrt@mail.ru

*Тағйир ёфтани муносибатҳои абарқудратҳо дар саҳнаи сиёсии ҷаҳон ва бархӯрди манфиатҳои геостратегии онҳо ҷиҳати тасарруфи захираҳои бойи кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ як амали муқаррарӣ шуда истодааст. Имрӯзҳо тарҳрезии заминаҳои интиқоли чунин бархӯрдҳо, аз он ҷумла ба Осиёи Марказӣ низ аз эҳтимол дур нест. Дар навбати худ Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи муҳимми ҳамкориҳои бисёрсамта ба ҳисоб меравад. Мавқеи ҷуғрофии мусоид, боигариҳои табиӣ, захираҳои нефту газ ва ғайра, диққати қудратҳои ҷаҳонро ҷалб намудааст. Айни замон барномаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии бузургҳаҷм, аз ҷониби Русия, Чин ва Амрико дар ҳоли тарҳрезӣ ва амалӣ шудан мебошанд, ки дар шароити бархӯрди қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи сиёсиву иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба як масъалаи муҳиму асосӣ дарояндаи муносибатҳои ин минтақа бо низоми ҷаҳонӣ табдил меёбад.*

*Дар ин мақола дурнамои масъалаҳои сиёсӣ-иқтисодии минтақаи Осиёи Марказӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифта, роҳҳои асосии таомули созанда бо дигар кишварҳо, аз ҷумла қудратҳои бузург таҳлилу баррасӣ мешаванд. Манфиатҳои давлатӣ ва амнияти миллии баъзе давлатҳо мавқеи геополитикии онҳоро дар рақобат бо якдигарашон таъйин менамояд, ки дар натиҷа минтақаро батадриҷ вориди бозиҳои гуногуни геополитикӣ карда истодаанд. Бинобар ин, баррасии дурнамои сиёсӣ-иқтисодии Осиёи Марказӣ ба маънои он аст, ки минтақаи мазкур дар ин раванд чӣ тавр метавонад ҷойгоҳ ва нақши шоистаи худро дар арсаҳои гуногун ҳифзу ҳимоя намуда, муносибтарин стратегия ва ба воқеияти хориҷии ҷомеа наздиктарини онҳоро пеши рӯйи худ қарор диҳад.*

***Калидвожаҳо:*** *дурнамои сиёсӣ-иқтисодӣ, мавқеи геополитикӣ, захираҳои маъдании гаронбаҳо, сачашмаҳои обӣ, рақобати қудратҳо, ҷаҳонишавӣ, минтақагарӣ, ҳамгироии минтақавӣ, манфиатҳои миллӣ.*

Баррасии дурнамо ваояндаи масъалаҳои ҷомеа асосан баҳсҳоро аз ҳолати одӣ ва умумӣ ба баҳсҳои стратегӣ табдил мекунад. Зеро худи масъалаи ояндanигарӣ як навъе аз баҳсҳои стратегӣ ба шумор меравад. Фоидаи дигар он аст, ки бо ояндaнигарии ҷараёнҳои сиёсӣ, омилҳои хатарофарин муайян карда шуда, метавон ҷиҳати бартарафсозии онҳо ва ё кам кардани таъсироташон барномарезии лозимро анҷом дод. Ҳамчунин, дар доираи баҳсҳои ояндaнигарию дурнамои андешаи сиёсӣ омилҳои рушду тавсеа низ ошкор мешаванд, ки ҷиҳати афзоиш ва тақвияти онҳо низ тарҳу барномаҳоро метавон иҷроа намуд. Вижагии дигари баҳси ояндaнигарӣ дар равандҳои сиёсӣ он аст, ки баҳсҳои сиёсию геополитикӣ дар оянда метавонанд соҳиби пуштувонаи қудратманди илмию идеологӣ шуда, таҳлилҳои мустаҳкамтар ва ба воқеият наздиктарро дар дасти донишмандон қарор диҳанд. Инчунин пешбинии эҳтимолот ва барномарезӣ барои фарзияҳое, ки мумкин аст пеш оянд, аз дигар фавоиди баҳси дурнамои масоили сиёсӣ маҳсуб мегарданд. Дар ин сурат дасти таҳлилгар дар баррасӣ ва интихоби саҳеҳтарин эҳтимол ва таҳлилҳо озодтар шуда, боис мегардад, ки бо санҷиши дақиқи онҳо камтарин хатову иштибоҳро дошта бошад. Албатта, ин нукта набояд фаромӯш гардад, ки ҳеҷ як аз баҳсҳои зикршуда бидуни шинохти дақиқи

масъалаҳои сиёсию баҳсҳои илмии ин соҳа имконпазир намебошад. Зеро оянданигарӣ дар масъалаҳои сиёсию геополитикӣ бо хаёлпардозӣ фарқи асосӣ дорад. Дар хаёлпардозӣ ҳеч пуштувонаи илмию таҳлилӣ вуҷуд надошта, омилҳои хатарофарин ё фоидаовар ва эҳтимолоти қобили тасаввур дар оянда, ҳаргиз мавриди таваҷҷуҳ набуда, умеди пешрафту тавсеаро дар ҷомеа наметавон тасаввур намуд.

Тавре ки гуфта шуд, қудратҳои бузург дар Осиёи Марказӣ дар ҳоли рақобат ҳастанд, ки ҳар кадомашон мехоҳанд ҷойгоҳи худро дар минтақа аз он дигарӣ беҳтар ва мустаҳкамтар намояд. Бо нигоҳ ба рақобати қудратҳо дар минтақа метавон гӯфт, ки илова бар фоидаҳои бисёр каму ночизи ин масъала, ҳеч гоҳ рушду тавсеа, пешратфу шукуфоӣ, истиқлолияту озодӣ, суботу ҳамдилӣ ва чунин дастовардҳое барои минтақа ҳосил нахоҳад шуд ва ё хеле кам мебошанд. Дар равобити байналмилалӣ ин як қоида аст, ки агар кишваре тавони истодагиро дошта бошад, бо каме сахтӣ ва талошу фаъолият барои анҷоми чунин чизе муваффақ хоҳад шуд. Аммо, дар сурате ки тавони муқовимат ва истодагиро надошта бошад, ҳатман ё дар ҳамаи ҷанбаҳо ва ё дар баъзе арсаҳо бояд комилан гӯш ба ҳарфи қудратҳо дода, манфиатҳои ононро таъмин намояд. Ин ҳолат як вазъияти воқеии ҷаҳони муосирро нишон медиҳад. Бино бар ин, ҳадафҳои рақобати қудратҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ гуногун буда, аммо наметавонанд аз он воқеияте, ки зикр шуд, ҳориҷ бошанд. Онҳо низ илова бар ҳадафҳои гуногуне, ки дар бораи ҳузури худ зикр кардаанд, қатъан ҳадафи нуфузу сулата дар минтақаро низ доранд. Ин масъала як матлаби махфӣ ва номаълум набуда, дар чандин китобу изҳорот ва суханрониҳои мақомоти қудратҳо ба он ишораи сареҳу ошкор шудааст.[6, С.509, 541 // 3, С. 3-5] Ҳоло бинобар аҳамияти ин масъала минтақаи Осиёи Марказӣ миёни ин ду роҳ бояд якеро баргузида, мавқеи худро дар ҷаҳон ба ҳамагон равшан созад. Яке аз он роҳҳо муқовимату истодагарӣ дар баробари қудратҳо ҳамроҳ бо таомулу ҳамкорӣ ва дигарӣ, комилан зери нуфузи қудратҳо қарор гирифтан аст. Яъне, ин гуна ба назар мерасад, ки агар ба вазъияти муносибати байни кишварҳо ба таври воқеъгароёна нигоҳ карда шавад, маълум мегардад, ки асоси равобит ва таомул дар низоми муносибатҳои байналмилалии муосир ҳолати бисёре аз кишварҳо умуман бар ду масъала танзим шудааст. Нуфузи баъзе болои баъзе дигар ва пазируфтани ин нуфуз тавассути баъзе дигар. Агар кишваре ё минтақае нахоҳад аз ин ҷараёни умумии ҷаҳон пайравӣ нанамояд, роҳкорҳое мавҷуданд, то битавонанд аз нуфузи дигар қудратҳо халос шуда, ба ҳадафҳо ва манофеи ҳамаҷонибаи худ бирасанд. Албатта, бояд дар назар дошт, ки омилҳо ва заминаҳои нуфузи қудратҳо дар як кишвар ё як минтақа сирфан аз ҷониби қудратҳо наметавонанд сурат гиранд, балки миқдоре аз ин масъалаҳо ба худи кишварҳо ва давлатҳо низ бармегардад. Коре, ки қудратҳо анҷом медиҳанд он аст, ки ҳамон ибтидо бо зоҳирсозиҳои зебову дилнишин ва ваъдаҳои фиребанда кӯшиш менамоянд, то кишвари мавриди назарро нисбат ба эҷоди равобит бо худ хушбину мутмаин созанд. Пас аз он дархостҳоеро, ки мехоҳад тавассути он кишвар анҷом диҳад, бо вижагиҳои зоҳирфиребу дилкаш ба он ироа менамояд. Замоне ки ин пешниҳодҳову дархостҳо пазируфта шаванд, дигар роҳи баргашт ё вуҷуд надорад, ё бозгашт аз ин масъала бисёр душвор хоҳад буд. Агар кишвари мавриди назар пеш аз пазириши дархости қудратҳо дар ҳамон марҳилаи аввал ирода нишон диҳад ва бар хилофи майли онҳо ҳаракат намояд, метавонад нуфузи он қудратҳоро аз сари худ бардорад. Дар ғайри ин сурат баргаштан аз чунин марҳилае бисёр мушкил ва пурҳазина аст. Ба ақидаи баъзе донишмандон, ҳамаи ин равандҳо аз ҷониби қудратҳо ба сурати зираконаву ҳушмандона анҷом шуда, дар онҳо ҳадафҳои истеъмории худро ҳам дунбол менамоянд. Тасаллути қудратҳо пас аз анҷоми раванди нуфузи онҳо сурат

мегирад, ки агар кишваре муваффақ гардад аз нуфузи онҳо пешгирӣ намояд, метавонад тасаллути онҳоро низ аз байн бибарад. Яъне, қудратҳо барои таҳмили ҳокимияти худ, ибтидо бояд нуфуз ва таъсири худро болои кишвари дилхоҳ эъмол кунанд, сипас ба он кишвар тасаллут ва ҳокимияти худро таҳаққуқ мебахшанд.[1, С.99-101 // 10, С. 235] Пас, нуфуз муқаддимаи тасаллут аст. Ба ибораи дигар, нуфузро метавон як силсила иқдомоти амалӣ барои ба натиҷа расонидани қудратталабии қудратҳо дар дигар кишварҳо ба шумор овард. Дар натиҷа бояд роҳкорҳои муқовимат дар баробари ин масъала ба роҳ монда шавад, то аз нуфузи қудратҳо бар кишварҳои дигар, аз ҷумла Осиёи Марказӣ пешгирӣ намуд.

Дар миёни донишмандони арсаи муносибатҳои байналмилалӣ масъалаи нуфуз ва равишҳои иҷроии он ба ду қисми асосӣ тақсим шудааст. Яке нуфузи сахт ва дигарӣ нуфузи нарм. Нуфузи сахт он аст, ки ба таври физикию зоҳирӣ қобили мушоҳидаи айнӣ буда, хостаҳо ва манофеи қудратҳо маҷбуран ба дигарон таҳмил мегарданд. Намунаи ошкори чунин масъалае, ҷангҳо ва лашкаркашиҳо дар тӯли таърихи муносибатҳои байналмилалӣ мебошад.[20, С.3-5 // 5, С. 99-92] Аммо нуфузи нарм қобили мушоҳидаи физикию зоҳирӣ набуда, аз роҳи чангу низоъҳои айнию зоҳирӣ анҷом намегиранд, балки ҳадафи асосии он пайгирӣ намудани хостаҳову манофеъ аз тариқи фикру андеша ва идеяҳост. Дар ин марҳила аз нуфуз, худи зоҳири афрод ва кишварҳо ҳадафи ҳамлаи қудратҳо набуда, асосан фикру андешаи онҳо мавриди ҳамла қарор мегиранд. Яъне, ба ҷойи он ки ба кишвар ва сарзамини он ҳамлаи низомӣ анҷом шавад, ба андешаву фикраш ҳамлаи нарм ва идеологӣ сурат гирифта, кӯшиш мешавад хостаҳову манофеи мавриди назар дар зеҳни он нуфуз кунад ва ҷузъе аз андешаҳояш гарданд. Дар ин сурат дигар ниёзе ба ҳамлаи зоҳирӣ нест. Зеро вақте фикрҳо ва қалбҳо мавриди ҳамла қарор гиранд ва нуфузи қудратҳо бар онҳо таъсири худро бигузорад, худ ба худ он кишвар манофеашро таслими қудратҳо хоҳад намуд.[20, С.5-8] Дар нуфузи сахт ҷангҳо зоҳирию қобили мушоҳида буда, ҳадаф аз ҷанг худи афрод ва кишварҳо мебошанд. Аммо дар нуфузи нарм ҷангҳо зоҳирию қобили мушоҳида набуда, ҳадаф аз ҷанг на худи афрод ва сарзаминҳо, балки фикру андешаҳо ва қалбҳо мебошад. Зеро маркази тасмимгирӣ барои пазириши нуфуз, фикру қалб аст. Мумкин аст касе ба таври зоҳирӣ мавриди ҳамлаи низомӣ қарор гираду асир ҳам шавад, аммо дар ҳолати иҷборӣ ва норизоятӣ бошад ва нисбати он ҳамлагар ҳам нафрату кинааш рӯз ба рӯз афзоиш ёбад. Аммо дар нуфузи нарм шахси мавриди назар мумкин аст дар кишвари худ озодона, тавре ки дилаш мехоҳад, сайру гашт намояд, вале дар ҳамон ҳолат фикру қалбаш асиру гирифтор дар чанги қудратҳои бегона бошад.[12, С.177,191 // 4, С. 91-93] Пас нуфузи нарм бисёр мураккаб ва хатарнок буда, дарк ва муқобила бо он ҳам бисёр сахту душвор мебошад.

Мумкин аст суоле пеш ояд, ки иртиботи чунин баҳсе ба масъалаи дурнамои рақобати қудратҳо дар Осиёи Марказӣ чист? Дар ҷавоб метавон гуфт, ки дар ҷаҳони имрӯз ҳамеша бояд муроқиби масъалаи нуфузи нарми қудратҳо буд. Дигар даврони нуфузи сахт ё тамом шудааст, ё бисёр кам аст. Имрӯз асоси баҳс бар сари фикрҳо ва қалбҳост. Тавре ки гуфта шуд, Осиёи Марказӣ дорои сарватҳои фаровони моддию маънавист, ки ҳамаро ба тарафи худ кашонида, ҷиҳати нуфуз ва ҳокимият дар он аз ҳеч талоше даст намекашанд. Ба ҳамин далел таҳқиқу баррасии дурнамои рақобати қудратҳо ба маънои пайгирӣ намудани роҳкорҳои муқобила бо нуфузи бегонагон дар минтақа мебошад. Мутаносиб ба гуногунҷанба будани арсаҳои нуфузи қудратҳо, роҳкорҳои муқобила бо он ҳам мухталиф ва дорои ҷанбаҳои чандгона мебошад.

Аз муҳимтарин арсаҳои нуфузи қудратҳо, ки бояд бо тамоми қувват бар зидди он муқовимат намуд, масъалаи нуфузи сиёсию иқтисодӣ ва геополитикӣ мебошад. Ин як масъалаи содаи сиёсӣ набуда, балки мавзӯи бисёр муҳим ва стратегӣ марбут ба ояндаи рақобати қудратҳо дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Ин нукта низ шоистаи таваҷҷуҳ аст, ки рақобати қудратҳо ба сурати зудҳангом ба нуфуз намерасад, балки ин рақобатҳо чандин давраро аз сар гузаронда, бо реша давонидан дар сохторҳои минтақа, дар онҳо нуфуз хоҳанд намуд. Ҷиҳати муқобила бо чунин масъалаи ҳассоси стратегию геополитикӣ, кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ низ бояд тадриҷан ва оҳиста-оҳиста амал намоянд.[12, С.177-191] Яке аз он роҳкорҳои муқобила бо нуфузи геополитикии қудратҳои мавҷуд дар минтақа, эҷоди ҳамгирой дар арсаҳои гуногун тавассути кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Ҳамгирой, яъне расидан ба мавқеъҳои муштараки кишварҳои минтақа ва амал ба онҳо дар арсаҳои гуногуни стратегӣ, геополитикӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра нисбат ба масъалаҳои ҳаётии худ ва минтақа.

Мафҳуми минтақагарой аз ҷумлаи мафҳумҳои машҳури соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ дар чанд соли охир буда, ба маънои роҳ надодан ба нуфузи қудратҳо бар як минтақа ва ё раҳо шудан аз он бо равандҳои минтақавӣ ва ҳамгироии дарунии худ мебошад. Дар воқеъ, минтақагарой як сиёсат ва ё як тактика нест, балки он як стратегия ва роҳкори амалии дарозмуддат барои эҷоди таҳаввули асосӣ перомуни масъалаҳои мухталифи як минтақа дар арсаҳои сиёсӣ, низомӣ, амниятӣ, иқтисодӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад. Ҳамгироии минтақавӣ амалан чунин равияро дар пеш мегирад, ки раҳбарони сиёсии чанд кишвар дар як минтақаи ҷуғрофиёии наздик мехоҳанд фаъолиятҳои сиёсии худро ба самти истеъдодҳову зарфиятҳои қудратофарини даруни минтақаи худ бикашонанд. Ҳадафҳо ва манофеи худро низ тавре танзим намоянд, ки пешрафти онҳо дар ҳамаи заминаҳо ба василаи наздик шудани идеологӣ ва амалияшон таъмин гардад.[17, С.64-66 // 14, С. 3-5]

Осиёи Марказӣ аз ҷумлаи минтақаҳои муҳиму ҳассоси геополитикии ҷаҳон ба шумор меравад. Кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонанд дар дурнамои сиёсию иқтисодии худ, бо наздик кардани мавқеъҳои асосии худ дар минтақа, ба як ҳамгироии қудратманд даст ёбанд. Бо таваҷҷуҳ ба захираҳои гуногун ва зарфиятҳои фаровони сиёсию иқтисодии онҳо дур аз интизор нест, ки битавонанд ба чунин ҳамгироии минтақавии қудратманде ноил шаванд. Албатта, ҳамгироии минтақавӣ ба маънои таомул накардан бо ҷаҳон ва қудратҳои бузург нест, балки ба он маъност, ки ҳамроҳ бо дар назар гирифтани манфиатҳои сиёсию геополитикии худи минтақа бо онҳо таомулу ҳамкорӣ ба роҳ монда шавад. Аммо аз тарафи дигар, дар ҳамин таомулҳо бо ҷаҳон, арзишҳову манфиатҳои минтақа бояд асоси рафтори сиёсиро ташкил диҳанд. Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳам ҳаракат дар масири ҷаҳонишавӣ ва ҳамчунин аз тарафи дигар, пайгирӣ намудани манфиатҳои миллию минтақавиро дар якҷоягӣ мумкин ониста, таъкид мекунанд: “Эҳтироми соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти ҳар як давлат бояд ба ҳайси асоситарин ва муҳимтарин асли меъёрҳои маъмули ҳаёти байналхалқӣ дар амал шинохта шавад. Ҷаҳонишавӣ ва манфиатҳои миллии кишварҳо бояд якдигарро пурра созанд ва кафили боэътимоди рушди устувори муносибатҳои байналхалқӣ бошанд”[11, С. 3]. Таомул бо ҷаҳон як амри зарурӣ ва муҳим дар муносибатҳои минтақавию фароминтақавӣ мебошад, ки наметавон аз он сарфи назар кард. Вале таомул ва иртибот доштан бо қудратҳои бузург набояд ба маънои зери нуфузи сиёсию геополитикии онҳо рафтан бошад. Бо таваҷҷуҳ ба зарфиятҳои арзишманди Осиёи Марказӣ дар соҳаи сиёсат ва геополитика, ки хоси худи ин минтақа мебошанд ва дар бобҳои гузашта аз онҳо муфассал сухан гуфта шуд, ин

минтақа метавонад зимни ҳифзи иртибототи амиқи худ бо ҷаҳон ва махсусан қудратҳои бузург, манфиатҳои арзишманди минтақавии худро ба василаи наздик кардани афкори сиёсию геополитикии кишварҳои минтақа дар дараҷаи олӣ ҳифз намуда, миёни падидаи ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии минтақавӣ ҷамъ намоянд.[15, С.15-21 // 24, С. 4] Яъне, падидаи ҳамгироии минтақавӣ бар хилофи масъалаи ҷаҳонишавӣ набояд маънидод гардад. Ҷаҳонишавиро ба мазмуни нуфуз истеъмори кишварҳои дигар маъно кардан хатои бузург аст. Балки мафҳуми падидаи ҷаҳонишавӣ, яъне ҳифзу ҳимояи манфиатҳои калону фароминтақавии кишварҳои ҷаҳон дар сатҳи байналмилалӣ аз роҳи таомулу ҳамкорӣ бо ҳам мебошад. Ҳоло ин маъно аз ҷаҳонишавӣ дар ҳеҷ як аз масъалаҳояш бо минтақагароӣ зиддият ва муқобилият надошта, ҳамдигарро такмил менамоянд. Қайд намудани ин нукта бисёр муҳим аст, ки метавон минтақагароиро ҳамчун замина ва муқаддимаи падидаи ҷаҳонишавӣ низ дар назар гирифт. Яъне, кишварҳо, ё минтақаҳое, ки аз қудрати сиёсӣ, низомӣ, амниятӣ, иқтисодӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва ғайра ба таври ҷиддӣ ва асосӣ бархӯрдор набошанд, ба маҳзи ворид шудан ба падидаи ҷаҳонишавӣ, фазои печидаи мавҷуд дар он, сабаб мегардад, ки ҳувияту арзишҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии худро ба осонӣ аз даст диҳанд. Ба ҳамин далел дар ибтидои диссертатсия зимни баҳси методологӣ, ин нукта ёдоварӣ гардида буд, ки масалан, низоми демократия наметавонад бар ҳамаи миллатҳову фарҳангҳо ва низомҳои сиёсии ҷаҳон бо таваҷҷуҳ ба гуногун будани ҳувияту фарҳанги онҳо мавриди истифода қарор гирад. Ҳамгироии минтақавӣ хатари чунин чизеро аз миллатҳо ва минтақаҳои ҷаҳон дур хоҳад кард. Кишварҳои Осиёи Марказӣ низ бояд ибтидо аз қудрати дохилӣ ва ҳифзи манофеъ ва арзишҳои худ ҳамчун падидаҳои асосии минтақа мутмаин гашта, сипас бо ҳушёрию зиракии сиёсӣ ва қудрати воқеӣ машғули таомул бо ҷаҳон ва падидаи ҷаҳонишавӣ гарданд. Ба ибораи дигар, падидаи ҳамгироии минтақавӣ метавонад навъе аз заминаҳои тамрин ва машқи таомулоти сиёсӣ пеш аз муносибатҳои густардаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб ояд.

Метавон гӯфт, ки чунин иддаое дар бораи зарфиятҳои қудратманди дохилии минтақаи Осиёи Марказӣ, ки битавонад онро аз нуфузи қудратҳои ҷаҳонӣ раҳо сохта, дар сатҳи байналмилалӣ дорои нақшу ҷойгоҳи фаъол ва мустаҳкам намояд, хаёлӣ буда, бо воқеиятҳои имрӯзаи ин минтақа созгорӣ надорад. Дар посух метавон чунин гуфт, ки таваҷҷуҳи беш аз андозаи назарияпардозон ва донишмандони соҳаи геополитика ва муносибатҳои байналмилалӣ, ҳамчун Меккиндер ва Коҳн ва ҳамчунин ҳузуру рақобати дарозмуддати қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ дар он, далели чунин матлабе мебошад. Агар Осиёи Марказӣ зарфиятҳои сиёсию геополитикии арзишманде намедошт, пас қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ дар он ба дунболи чӣ манфиатҳое ҳастанд, ки асрҳои тӯлонӣ на дар сатҳи назария ва на дар арсаи амалия ҳозир нестанд аз он даст бардоранд.[8, С.123 // 9, С. 265] Дар воқеъ таваҷҷуҳи кишварҳои ҷаҳон ба минтақаи мазкур худ як падидаи беназири сиёсию геополитикии асри 21 аст, ки сабаб ва заминаи пайдоиши идеяҳои навини ҳамгироии минтақавӣ дар арсаи муносибатҳои байналмилалиро бо меҳварияти Осиёи Марказӣ фароҳам намудааст. Ҳамчун намуна метавон ба масъалаи Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё ишора намуд, ки қисматҳои муҳиме аз ин идеяро минтақаи Осиёи Марказӣ дар бар гирифтааст. Пас чунин бардошт мегардад, ки дурнамои сиёсию геополитикии минтақаи Осиёи Марказӣ дар худ ҳаводиси бисёр муҳимро ҷой хоҳад дод. Ба ҳамин далел бояд кишварҳои ин минтақа бо касби шинохти амиқ аз манобеъ ва захираҳои моддию маънавӣ ва зарфиятҳои сиёсию геополитикии худ, ибтидо худро дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ба сатҳи қобили таваҷҷуҳе аз қудрати сиёсӣ, иқтисодӣ, низомӣ, амниятӣ, илмӣ ва фарҳангӣ бирасонанд,

сипас ҷиҳати таъсиргузорӣ бар таҳаввулоти байналмилалӣ ба дунболи пайдо намудани накшу ҷойгоҳи худ дар ҷараёнҳо ва ҳаводиси ҷаҳонӣ бошанд. Дар ҳамин росто, тибқи назари баъзе таҳлилгарони соҳа, аз ҷумла Саул Коҳн, минтақаи мазкур дар оянда дорои накшу таъсироти сирфи минтақавӣ буда, фаъолият ва коркарди он дар минтақаи худ маҳдуд мебошад. Аммо, чунин ба назар мерасад, ки тавоноиҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ҷиҳати таъсиргузории байналмилалӣ беш аз он чизест, ки таҳлилгарони соҳа ба он пардохтаанд. Далелаш ҳам, ҳамон гуна ки гуфта шуд, таваҷҷуҳи беандоза ва ҳузуру рақобати бисёр фаъолу назарраси қудратҳои ҷаҳонӣ дар минтақаи мазкур мебошад.

Оянданигарӣ ва дурнамои Осиёи Марказӣ бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои сиёсию геополитикии он нишон медиҳад, ки фоидаҳо ва манофеи ҳамгироии минтақавӣ фаровон мебошанд. Аз ҷумлаи муҳимтарин фоидаҳои ҳамгироии минтақавӣ дар соҳаи геополитика, афзоиши қудрати сиёсии кишварҳои минтақа дар арсаи ҷаҳонӣ буда, ки муқобили равандҳо ва ҷараёнҳои сиёсии ҷаҳонӣ метавонанд мавқеи худро дошта бошанд. Ҳамчунин, пас аз афзоиши қудрати сиёсии минтақа дар арсаи ҷаҳонӣ, ҳуқуқу манофеи худро низ метавонанд ҳифзу ҳимоя намоянд. Ин масъала қудрати дипломатияи сиёсию геополитикии зиёдеро ба кишварҳои Осиёи Марказӣ мебахшад. Ҳамчунин сабаб мегардад, то бо ин ваҳдати эҷодшуда қудратманду мустаҳкамтар вориди низоми байналмилалӣ гарданд.[23, С. 15] Фоидаи дигари ҳамгироии минтақавӣ он аст, ки ба дигар кишварҳо итминон медиҳад, ки бештар вориди таомул ва мушорикати сиёсӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ шаванд, ба он далел ки ҳамкориҳои минтақавӣ низ барои онҳо амнияти бештаре дар ҳамаи арсаҳоро ба ҳамроҳ дорад. Кафолати иҷрои қарордодҳову шартномаҳо низ дар таомул бо минтақаҳо болотар нисбат ба як кишвари танҳо мебошанд. Пас бинобар ҳамин матлаб, зарурати сиёсию геополитикии минтақаи Осиёи Марказӣ иқтизо менамояд, ки кишварҳои ин минтақа ҳамгироии худро дар ҳамаи заминаҳо, махсусан дар арсаи сиёсию геополитикӣ рӯз ба рӯз қудрати бештар бахшида, аз ин тариқ бо низоми сиёсии ҷаҳонӣ вориди таомулу гуфтугӯ ва ҳамкорӣ шаванд.[23, С. 17 // 8, С. 124]

Фаъол шудан ва ба ҳаракат даровардани зарфиятҳову истеъдодҳои иқтисодӣ низ аз дигар фавоиди ҳамгироии минтақавӣ ба ҳисоб меояд. Иқтисод дар воқеъ яке аз асосҳои муҳимми таомул бо ҷаҳон ба шумор меравад, ки метавонад тамоми равандҳои сиёсӣ, низомӣ, амниятӣ, геополитикӣ, геостратегӣ, масъалаҳои муҳити зист, беҳдошту дармон, буҳронҳои глобалӣ ва ғайраи ҷаҳониро таҳти таъсири мустақими худ қарор диҳад. Замоне, ки аз дурнамои иқтисодии Осиёи Марказӣ сухан ба миён меояд, дар асл ҳамон баҳси пайванди зичи сиёсат, иқтисод ва геополитика бо якдигар мебошад. Додугирифтҳои сиёсӣ, қарордодҳои иқтисодӣ, рақобатҳои геополитикӣ дар як давраҳое, ба таври ҷудогона ва бе иртибот бо ҳамдигар анҷом мешуданд. Аммо имрӯз дигар ҳар як аз ин се мафҳум на танҳо бо ҳамдигар мавриди тавофуқ қарор мегиранд, балки асосан бидуни ҳамдигар ҳеч як аз дигарияшон қобили анҷом намебошанд. Ин иртиботи танготанг, ҷойгоҳ ва аҳамияти баҳси иқтисод дар масъалаҳои сиёсию геополитикӣ, махсусан дар асри ҳозирро нишон медиҳад. Тақрибан ҳеч масъалаи сиёсие нест, ки бидуни ҳаллу рафъи пешзаминаҳои иқтисодии он, ба тавофуқоти ниҳоӣ хатм шавад. Ҳамчунин ин навъи иртиботи сиёсат бо иқтисод, бидуни ҳалли масоили ҷуғрофиёӣ ва ё геополитикӣ низ ҳалли худро намеёбанд.[13, С. 6] Пас сиёсат бидуни ҷуғрофиё, ва иқтисод бидуни ҳардуи инҳо дар низоми муосири байналмилалӣ ноқису нокоромад хоҳанд буд.

Шояд суоле ба миён ояд, ки чӣ зарурате дорад аз иртиботи баҳсҳои сиёсату иқтисод ва геополитика бо ҳамдигар дар дурнамои Осиёи Марказӣ баҳс шавад. Аммо бояд гуфт, ки ин гуна баҳсҳои чандҷониба перомуни раванди таҳлилҳои геополитикӣ ва геостратегии рақобати қудратҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз масоили мубрам маҳсуб мегардад, зеро омилҳои асосии рушди иқтисодӣ дар дурнамои Осиёи Марказиро равшан мегардонад. Ҳамчунин, масоилеро, ки ба қувват гирифтани иқтидори геоэкономии минтақаи Осиёи Марказӣ монеъ мешаванд, муайян намуда, ҷиҳати рафъи онҳо метавон иқдом намуд. Саранҷом дурнамои иқтисодии Осиёи Марказӣ дар низоми геополитикии муносибатҳои байналмилалӣ бо таҳлилҳои дақиқу дур аз хаёлпардозиҳо ҳалли худро меёбанд.

Ба назари муаллиф, ҷиҳати иҷрои муваффақи ҳамгироии минтақавӣ аз ҷониби кишварҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ ва риояи чанд нуктаи муҳим зарурӣ мебошад. Яке масъалаи асос қарор додани равнақи иқтисодӣ ва тавсеаву пешрафти минтақа дар ин замина аст. Ҳамкории кишварҳои минтақа дар соҳаи иқтисодиёт бояд бар асоси пешрафту рушди иқтисодӣ бошад. Замоне ки рақобати геополитикӣ ва геоэкономии қудратҳо дар минтақа то ин дараҷа пеш рафтааст, ҷиҳати касби истиқлолияти иқтисодии минтақа ва рушду тавсеаи он бояд раванди ҳамгироии минтақавиро дар масъалаҳои иқтисодӣ дунбол намуд. Нуктаи муҳимми дигар эътимод ба қудрату истеъдодҳои мардум, махсусан нухбагон мебошад. Мардумӣ будани иқтисод, яке аз пуштувонаҳои асосии давлатҳо ба ҳисоб меравад. Аҳамияти ин нукта дар он аст, ки масалан, агар шартномаи иқтисодие қарор аст танзим гардад, бояд ба неруи кории дохилии минтақа назар ба неруҳои хориҷӣ бартарӣ дода шавад. Ин масъала, зимни афзоиши неруи кории дохилӣ ва ҷойҳои кории бештар сабаби коҳиши омори бекорӣ гашта, рушди тавлиди дохилӣ ва даромадҳои иқтисодии давлатро дар пай дорад.[23, С. 30] Аз тарафи дигар, баъзе аз зарарҳои неруи кории хориҷӣ чунин аст, ки бекорӣ барои неруи кории дохилӣ афзоиш меёбад, ки фишори асосиро болои давлат эҷод хоҳад кард, зеро бояд онҳоро ҳатто дар замони бекорияшон ҳамаҷониба таъмин намояд. Ҳамчунин, пардохти музди неруи кории хориҷӣ ва таъмини онҳо низ ҳазинаву фишори иқтисодии давлатро чандин баробар хоҳад кард. Пас беҳтар аст давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар раванди ҳамгироии минтақавии худ, бо пардохти ҳазинаҳои иқтисодии сарфакорона барои неруи кори дохилӣ, ҳам омори бекориро коҳиш диҳанд ва ҳам дар масрафҳои давлат сарфаҷӯӣ намоянд. Инчунин, вақте неруи кории дохилӣ асоси тасмимҳои иқтисодии кишварҳои минтақа қарор дошта бошад, истиқлолияти иқтисодиро, ки аз асосҳои геоэкономия ба ҳисоб меравад ва мумкин аст дар ҷараёни рақобати қудратҳо дар минтақа осеб дида бошад, дубора тақвият бахшида, дар ихтиёри худ гиранд. Яъне, вобастагӣ ба неруи кори хориҷӣ дар раванди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ аз байн хоҳад рафт ва кишварҳо ба осонӣ метавонанд бо касби истиқлолияти неруи корӣ, ҳадафҳо ва манофеи иқтисодии худро мустақилона пеш баранд. Дар зимн, қудратҳои бегона ва неруи кории онҳо, агар ба ҳар далеле аз тавофуқи худ даст кашанд, набояд чархаҳои тавлид ва иқтисоди кишварҳо бо шикаст рӯ ба рӯ шаванд. Аммо, дар сурате ки кишварҳои минтақа бо неруи кории дохилӣ худро ба таври комил таъмин намоянд, аз чунин мушкилоте, ки фишорҳои иқтисодии фаровонеро ба давлатҳо меоваранд, халос хоҳанд шуд. Албатта, на ин ки неруи кории хориҷӣ аслан набояд бошад, балки додугирифти иқтисодӣ ва истифода аз неруи кории хориҷӣ зарурати иқтисодии инкорнопазир аст. Вале минтақаи Осиёи Марказӣ бояд вобастагии иқтисодӣ ба қудратҳои бузургро монеъ шавад, на таомул бо ҷаҳонро [16, С. 43-45].

Роҳи ҳалли дигаре ҷиҳати касби истиқлолияти комили иқтисодӣ аз қудратҳои бузург, боло бурдани сатҳи тавлидоти дохилӣ мебошад. Вақте тавлиду истеҳсолоти дохилии минтақаи Осиёи Марказӣ рушду тавсеа ёбад, ду иттифоқ меафтад. Яке он ки неруи кории дохилӣ худ ба худ бо ҷойи кор таъмин мешавад. Дигар он ки боло будани сатҳи тавлиди дохилӣ ва танаввӯи онҳо мутобиқ бо ниёзи бозорҳои ҷаҳонӣ худ ба худ аз нуфузи иқтисодии қудратҳои бузург пешгирӣ намуда, иқтисоди минтақаро дар баробари тағйироту таҳаввулоти ҷаҳонӣ муқовимтар менамояд. Таомул ва доду гирифти иқтисодӣ бо қудратҳои хориҷӣ низ шартҳое доранд, ки аз муҳимтарини онҳо ба ду маврид метавон ишора намуд. Яке он ки ин таомулҳо бояд мутақобил ва дутарафа бошанд, на якҷониба. Дигар он ки бояд ҳатман интиқоли технология ва информатсия дар соҳаҳои марбутаи иқтисодӣ ба кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ сурат гирад. Мутақобил будани таомулоти иқтисодӣ ба он маъност, ки масалан, агар қарор аст дар тарҳҳои иқтисодии мавриди тавофуқи тарафайн неруи кории хориҷӣ вориди кишварҳои минтақа шавад, ҳатман бояд аз кишварҳои минтақа низ неруи корӣ ба кишварҳои тарафи муқобил равона карда шаванд. Ё, масалан, агар қарор бошад маҳсулоте аз кишварҳои муқобили қарордод вориди кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ гардад, дар тарафи дигар, бояд дар матни қарордодҳо ҳатман қайд намоянд, ки маҳсулоте низ аз кишварҳои минтақа ба кишварҳои тарафи муқобил содир гардад. Зеро замонат додани кишварҳои муқобили қарордод ҷиҳати воридоти маҳсулоти минтақа ба кишварҳои худ, роҳи мутмаини дигаре ҷиҳати тақвияти тавлиди маҳсулоти дохилӣ ва коҳиши омори бекории онҳо низ мебошад. Яъне, мубодилаи кадрҳои корӣ ва мутахассисони соҳаҳои гуногун, содироту воридот ва дигар мавридҳои марбута, дар раванди иҷрои ҳамгироии минтақавӣ барои дурнамои иқтисодии Осиёи Марказӣ бо риояи комили масъалаҳои зикршуда бисёр зарурӣ мебошад.[16, С. 46 // 22, С. 3-5] Шарти дигар масъалаи дониш ва технологияи илмии иқтисодӣ дар тарҳҳо мебошад. Дар сурати тавофуқи як қарордоди иқтисодӣ, дурнамои Осиёи Марказӣ иқтизо дорад, ки ҷиҳати ҳифзу ҳимоя аз истиқлолияти иқтисодӣ ва захираҳои арзишманди минтақа, инчунин ҷиҳати тарбия ва омодасозии кадрҳои мутахассиси дохилӣ, ҳатман бояд ҳамроҳ бо ворид шудани сармояи хориҷӣ, донишу технологияи кишварҳои тарафи муқобил низ ба кишварҳои минтақа интиқол ёбанд. Ин гуна набошад, ки хориҷиҳо биёянд, сармоягузорӣ кунанд, манофеъ ва судҳои иқтисодии худуро соҳиб шаванд, дарсадҳои каме ҳам ба кишварҳои минтақа бидиҳанд ва бидуни он ки маълумот оид ба тарҳҳои иқтисодиро дар ихтиёри мутахассисони дохилӣ қарор надода бошанд, минтақаро тарк намоянд. Баъдан, вақте мушкиле пеш омад ва ё агар онҳо паймоншикание анҷом диҳанд, дасти кадрҳои дохилии минтақа ба ҷое нарасад. Аммо, агар сармоягузори хориҷӣ ба минтақа омаду сармоягузорӣ намуд, неруи худуро ҳам овард, бояд ҳатман неруи мутахассиси дохилӣ низ дар канори онҳо қарор гиранд, то технологияи он тарҳҳои иқтисодӣ ва фановариҳои пешрафтаи кишварҳои хориҷӣ дар ихтиёри кадрҳои дохилӣ низ қарор гирифта, омӯзишҳои лозимиву кофиро бубинанд. Дар ин сурат, аз сармоягузориҳои иқтисодии хориҷӣ ва таомулоти байналмилалӣ, ҳам сармоягузорон соҳиби манофеъ ва судҳои худ хоҳанд шуд ва ҳам сабаб мегарданд, ки неруҳои мутахассиси дохилӣ технологияҳои пешрафтаи илмиро аз худ намуда, дар сурати зарурат битавонанд худашон он касбу корҳои бузург ва тарҳҳои калони иқтисодиро дар минтақа иҷро кунанд.

Нуктаи муҳимми дигар муддати қарордодҳо мебошад, ки бояд ба таври риоя гарданд. Зеро қарордодҳои тӯлонӣ ва баландмуддат заминаҳои суиистифодаи қудратҳоро аз истеъдодҳову зарфиятҳои иқтисодӣ, манобеъ ва захираҳои зерзаминии

кишварҳои минтақа фароҳам менамояд. Боке надорад, ки қарордодҳои иқтисодӣ барои муддати кӯтоҳ ва ё ҳадди аксар то миёнмуддат баста шуда, сипас бо бозбинии шароиту авзои ҳамаҷонибаи ҷаҳонию минтақавӣ ва шароити тарафайн, дар сурати тавофуқ, дубора баста шаванд. Аз ин ҷост, ки дурнамои иқтисодии Осиёи Марказӣ соҳиби иқтидор ва истиқлолияти иқтисодӣ хоҳад шуд. Дар ин сурат ва бо назорати ҷиддии шартҳои мазкур дигар нигароние барои нуфузи иқтисодии қудратҳои бузург вуҷуд нахоҳад дошт.[18, С. 10-12]

Албатта, дар роҳи расидан ба ҳадафҳои ёдшуда мушкилоте низ мавҷуданд, ки дурнамои таҳаввулоти Осиёи Марказиро дар соҳаи сиёсию иқтисодӣ бо хатар мувоҷеҳ мегардонанд. Нуктаи аввал, масъалаи таодули қудрат ва тавозуни неруи кишварҳои минтақа дар таомул бо якдигарашон аст. Кишварҳои минтақа набояд дар ҳамгироии минтақавӣ бо суиистифода ва фурсатталабӣ аз пайи нуфуд дар дигар аъзо бошанд. Ҳамаи масъалаҳо бояд мутавозин ва мутаносиб бо ҷойгоҳи ҳар як аз аъзо миёни кишварҳои минтақа ҳаллу фасл гарданд, на ин ки узве аз кишварҳои минтақа бихоҳад аз ҷойгоҳи худ ва зарфиятҳои ин ҳамгироӣ барои касби манофеи бештар суиистифода намояд. Зеро ин масъала сирфан дар ҳамин ҳад боқӣ намонда, сабаби гароиши дигар қудратҳо ба он кишвари манфиатталаб хоҳанд шуд. Ҳамчунин, ин рафторҳо аз тарафи аъзои минтақа сабаби эҷоди роҳҳои нуфузи бегонагон дар минтақа мешаванд. Эҷоди ихтилофу тафриқа миёни аъзо низ яке дигар аз мавридҳои муҳим аст, ки боз ҳам яке аз заминаҳои аслии дахолати қудратҳо дар минтақа ба ҳисоб меравад.[8, С. 124] Кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бояд кӯшиш намоянд, ки барои суиистифодаи сарзамину манобеи худ аз ҷониби кишварҳои қудратманд заминасозӣ нанамоянд. Албатта, агар дар чорчӯбаи қарордодҳои одилонаву баробар бошад, бисёр хубу муфид ва барои тарафайн судовар хоҳад буд, ки маҳалли баҳс нест ва қатъан барои ҳамаи тарафҳо муфид аст. Аммо ҳадаф аз баёни ин матлаб чизи дигарест. Аслан, чаро бояд кишварҳои минтақа ба гунае рафтор намоянд, ки қудратҳои бузург иҷозаи ворид шудан, дахолат намудан ва ҳатто болотар аз он, рақобат бо якдигар дар маҳдудаи он сарзаминро ба худ диҳанд. Асли ин масъала аз реша хатост. Яъне, магар сарзамини бо қидмати чандҳазорсолаи Осиёи Марказӣ чӣ аст, ки теъдоде аз кишварҳои чандсадсола ва кӯчак бихоҳанд бо номи қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ дар он бо ҳам бозию мусобиқа кунанд. Он ҳам на рақобати фоидаовар барои минтақа, балки асли ворид шудану рақобати онҳо хатост. Бар замми ин, самараву маҳсули рақобатҳо низ аксарашон ба фоидаи худи қудратҳо, на кишварҳои минтақа хоҳад буд. Дар дурнамои таҳаввулотиояндаи Осиёи Марказӣ набояд кишварҳои ин минтақа иҷоза диҳанд, ки ҳеч кишвари бегонае, махсусан қудратҳои бузурге, ки имрӯз ҳузуру нуфузи ҷиддӣ дар он доранд, вориди минтақа шуда, ё ин ки бихоҳанд минтақаро майдони бозиҳои геополитикии худ қарор диҳанд. Ҳоло чӣ бирасад ба он ки пас аз таҷовузу дахолат дар минтақа бихоҳанд аз он алайҳи манофеи минтақа низ истифода намоянд. Агар ҳам онҳо мехоҳанд рақобати худро анҷом диҳанд, ин ҳамгироии минтақавӣ бояд он қадар тақвият ва мустаҳкам шуда бошад, ки ҳадди ақал шароиту қоидаҳои бозӣ ва рақобатҳоро худи кишварҳои минтақа таъйин намоянд. Яъне, барои бозиҳои сиёсии онҳо бояд Осиёи Марказӣ қоидаҳову шароити бозиро таъйин намуда, манофеъ ва ҳадафҳои худро қотеона дар сатҳи бисёр боло талаб намоянд. Масалан, агар пойгоҳи низомӣ ва ё сармоягузории иқтисодие қарор бошад дар минтақа доир гардад, бояд шароити ҳузур, муддати ҳузур, ҳадафҳо ва фаъолияти онҳо тавассути кишварҳои минтақа таъйин шуда, манофеъ ва ҳадафҳои минтақа низ аз ҷониби қудратҳо ба таври ҷиддӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд.

Нуктаи муассири дигар он аст, ки кишварҳои минтақа дар раванди он ҳамгироии худ метавонанд ҷиҳати назорати фаъолиятҳои қудратҳои бузург аз нуқтаи заъфҳои асосии онҳо истифода намоянд. Қатъан ҳар як аз он қудратҳо дорои нуқтаҳои заъфи ҷиддие ҳастанд, ки ба мухолифонашон имкони рақобат ва ё назорати фаъолиятҳои ононро медиҳад. Масалан, яке аз нуқтаҳои осебпазири ИМА масъалаи демократия ва ҳуқуқи башар мебошад. Замоне ки чунин чизе дар баъзе кишварҳо бо шикаст мувоҷеҳ гашту зарарҳои фаровонеро барои амрикоиҳо овард, маълум мешавад, ки ин масъала маҳалли осебпазирии он қудрати байналмилалӣ мебошад. Кишварҳои минтақа, ки худ дорои қидмати чандинҳазорсолаи тамаддунӣ ва собиқаи баланди ҳукуматдорӣ ҳастанд, вақте демократияи амрикоӣ дар минтақаи онҳо ҷавобгӯ набошад, пас ин худ як нуқтаи шикасту заъфи амрикоиҳо муқобили минтақаи мазкур ба ҳисоб меояд, ки метавон аз он барои дастёбӣ ба манфиатҳои минтақа баҳра бурд. Ин иддао, ки арзишҳои амрикоӣ дар ҳоли фурӯпошӣ ҳастанд, сухани газоф набуда, эътирофи баъзе донишмандону нухбагони мрикоӣ ин масъаларо тасдиқ менамояд. Масалан, Ҷозеф Мершаймер нависандаи муосири амрикоӣ дар бораи ҷойгоҳи имрӯзаи Амрико дар ҷаҳон бар он аст, ки бадтар аз ҳар замони дигаре дар ҳоли суст шудан аст, зеро он идеяҳову арзишҳоеро, ки барои пиёда намуданашон дар ҳар ҷое аз ҷаҳон ворид шудаву гоҳе ҳам ҷангҳоеро ба роҳ мондааст, ба шиддат дар ҳоли фурӯпошии дарунӣ мебошанд. Тибқи гуфтаҳои ин донишманди амрикоӣ, ба ҳамин далел аст, ки Амрикои имрӯз бояд беш аз ҳар минтақаи дигаре ба ислоҳу наҷоти худ машғул гардад.[2, С. 112-114] Ҳамчунин ин масъаларо Фукуяма низ ба шеваи дигаре таъйид намуда, иброз медорад, ки андешаи мавриди ҳимояи Амрико, яъне либерализм, охирин идеяи таърих набуда, асоси масъалаи ҷаҳони муосир ҳувият ва худшиносии фарҳангӣ мебошад. Қисмате аз шикастҳои Амрико дар асри ҳозир низ ба ҳамин масъала марбут аст.[7, С. 74,78] Зеро беҳтарин намояндаи ин андеша худи Амрикост, ки бо ин авзоъ ва аҳволи кунунияш ҳеч иддаое барои мудирият ва ҳузур дар арсаҳои геополитикӣ наметавонад дошта бошад. Созгор набудани арзишҳои амрикоӣ барои тамоми идеяҳову фарҳангҳои таърихии кишварҳои бо тамаддун ва бо қидмати ҷаҳон, ҳамчун минтақаи Осиёи Марказӣ, масъалаи бисёр ошкору равшан аст. Илова бар эътирофи ин масъала, аз сӯйи андешмандони амрикоӣ собиқаи таърихии ин сарзаминҳо низ худ гӯёи чунин матлабе мебошад. Ҳамон тавре ки гуфта шуд, иҷро нашудан ва ё бад иҷро кардани арзишҳои амрикоӣ дар минтақа сабаби даст наёфтани амрикоиҳо ба ҳадафҳо ва манофеашон мегардад. Пас ин нуқтаи заъфи амрикоиҳо барои Осиёи Марказӣ бояд ба фурсати муҳим ҷиҳати назорати иқдомоту фаъолиятҳои онҳо дар минтақа табдил гардад. Масъалаи дигар, ниёзи фаровони кишварҳои Чин, Амрико, Русия ва Ҳиндустон ба захираҳои энергетикии минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар сурати истифодаи дурусту саҳеҳ аз ин нуқтаи заъфи қудратҳо, фурсати бузурге барои минтақа маҳсуб мегардад, ки метавон онро алайҳи нуфузи онҳо дар минтақа истифода намуд.[21, С. 55, 59 // 19, С. 73] Нуқтаи осебпазири дигари қудратҳо, аз даст додани бозори масрафии минтақа аст. Агар кишварҳои Осиёи Марказӣ истиқлолияти иқтисодии худро то дараҷае боло баранд, ки бо рушди сатҳи тавлиди дохилӣ аз молҳои хориҷӣ худро бениёз гардонанд, ин имконияттро пайдо мекунанд, ки худро аз нуфузи иқтисодии қудратҳои бузург раҳоӣ бахшанд. Дар натиҷа чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ бо қудратманд шудан дар ҳамаи заминаҳо метавонанд рақобати қудратҳоро дар минтақа поён дода, худ соҳиби сарнавишт ва истиқлолу озодиҳояшон гарданд.

Пешниҳоди ҳамгироии минтақавӣ, ки дар ин диссертатсия ба таври ҳамаҷониба мавриди таъкид қарор гирифтааст, аслан ба хотири аз байн бурдани рақобати қудратҳо дар масъалаҳои сиёсию геополитикии минтақа мебошад. Бояд ин ҳамгироӣ ба марҳилае бирасад, ки решаи нуфузу дахолати қудратҳо аз минтақа комилан барчида шавад. Зеро, комилан хатост, ки касе бо рақиби худ дар хонаи шахси дигаре рақобату бозиҳои худро ба роҳ монад. Агар ҳам кишваре бо Осиёи Марказӣ бихоҳад ҳамкориҳои гуногунҷанба дошта бошад, бояд бо он ҳамчун ба як минтақаи соҳибистиқлолу қудратманд дар ҳамаи арсаҳо ва бозингари дорои нақшу ҷойгоҳи муассир дар низоми геополитикии ҷаҳонӣ рафтор намояд. Ҳамчунин, кишварҳои минтақа бо эҷоди чунин ҳамгироӣ дар дурнамои сиёсии худ, заминаҳоеро метавонанд фароҳам намоянд, ки бо ҷаҳон аз ҷойгоҳи қудратманд таомул намоянд. Тарҳи чунин иддаое хаёлпардозӣ набуда, балки ин минтақа он қадар манобеъ ва зарфиятҳои моддию маънавӣ дорад, ки ҳадафҳои зикршударо метавонанд муҳаққақ намоянд.

**Адабиёт**


1. Дол, Р ва Штейн, Б. Таҳлили сиёсии модерн. Траҷумаи Ҳ, Муширзода. - Теҳрон: Фарҳанги Раҷо, 1392ҳ. - С. 99-101.
2. Мершаймер, Ҷ.Ҷ. Таваҳҳуми бузург; Рӯъёҳои либерал ва воқеиятҳои байналмилал. Тарҷумаи М, Баротӣ. - Теҳрон: Аброри Муосир, 2019. - С. 112-114.
3. Най, Ҷ. Қудрати нарм; абзорҳои муваффақият дар сиёсати байналмилал. Тарҷумаи М, Рӯҳонӣ. - Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 2010. - С. 3-5.
4. Олим, А. Бунёдҳои илми сиёсат. - Теҳрон: Най, 1373ҳ. - С. 91-93.
5. Роберт, Д. Таҳлили сиёсии модерн. Тарҷумаи Ҳ, Муширзода. - Теҳрон: Фарҳанг, 2011. - С. 88-92.
6. Тофлер, А. Мавҷи севум. Тарҷумаи Шаҳиндухт. - Теҳрон: Фарҳанги нашри нав, 2010, 509-541.
7. Фукуяма, Ф. Ҳувият; Сиёсати ҳувияти кунунӣ ва мубориза барои ба расмият шинохта шудан. Тарҷумаи Р, Қаҳрамонпур. - Теҳрон: Пажӯҳишкадаи таҳқиқоти роҳбурдӣ, 2019. - С. 74-78.
8. Ҳайдаров, Р.Ҷ. Баъзе масъалаҳои ҳамкории минтақаи Осиёи Мркаӣ дар марҳилаи глобализатсия. “АХБОР-и Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” – 2003. – №: 1-4. - С. 123-125.
9. Ҳайдаров, Р.Ҷ. Влияние процесса глобализации на трансформацию Таджиксгого общества: Дисс... доктора Философских наук. – Душанбе, 2007, 265с
10. Ҳолистӣ, К.Ҷ. Мабонии таҳлили сиёсати байналмилал. Тарҷумаи Б. Мустақимӣ. - Теҳрон: Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалӣ, 1373ҳ. - С. 235.
11. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Архиви сайти: “https://www.president.tj”, 15.03.2013.
12. Baldwin, D. Power and International Relations. London: Sega, 2003, 177-191.
13. Brein, L ва Werena, F. From Political Economy to Political Analysis, Problem-driven Governance and Political Economy Analysis. Архиви Сайт: “http://www openknowledge.worldbank.org”, 2013/05/23.
14. Grogel, J ва Will, H. Regionalism across the North-South Divide. London: Routledge, 1999. - С. 3-5.
15. Hetten, B. The New Regionalism Series. London: Macmillan Press, 2001. - С. 15-21.
16. Hitting, R. Regions in Comparative Perspective; New Regionalism in the Global Political Economy. London: Routledge, 2002. - С. 43-45.

17. Hurrell, A. Regionalism in Theoretical Perspective. Oxford: Oxford University Press, 1995. - С. 64-66.
18. Hutten, B. Beyond the New Regionalism. “New Political Economy”. – №: 4. - С. 10-12.
19. Nirmala, J. Indian and Central Asian Perspectives on Regional Security. “India and Central Asia; Exploring New Horizons for Cooperation”. New Delhi: Indian Council of World Affairs, 2014, 72-74.
20. Nye, J. Cyber Power. USA: Belfer Center for Science and International Affairs, 2010. - С. 5-8.
21. Roy, S. International Political Economy in the 21st Century; Contemporary Issues and Analyses. Лондон; Pearson Education, 2011. - С. 54-59.
22. Saderbam, F. The Political Economy of Regionalism; New Regionalism and the Construction of Global Order. “CSGR Working Paper”. – №: 93. - С. 3-5.
23. Schmitter, P ва Kim, S. Comparing Processes of Regional Integration: European “Lessons” and Northeast Asian Reflections. “Asian Perspective” 2008. – №: 17. - С. 15.
24. Tavares, R. The State of the Art of Regionalism: The Past, Present and Future of a Discipline. Архиви Сайти: “Unpanl.Un.org”

# ПОЛИТИЧЕСКО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ПЕРСПЕКТИВЫ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В СИСТЕМЕ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ

**САЪДУЛОЕВ АБДУЛВОСИТ ХАБИБУЛЛОЕВИЧ,**
доктор международных отношений (PhD),
Национальная академия наук Таджикистана
г. Душанбе, пр. Рудаки, 33
Тел.: (+992) 918-78-12-12. E-mail: prof.asrt@mail.ru

*Изменение позиций сверхдержав на мировой политической арене и конфликт их геостратегических интересов с целью захвата богатых ресурсов Центральноазиатского региона становится обычным явлением. Сегодня не маловероятно проектирование базы для переноса таких столкновений, в том числе и в Среднюю Азию. В свою очередь, Центральная Азия является важным регионом для многостороннего сотрудничества. Выгодное географическое положение, богатые природные ресурсы, ресурсы нефти и газа и т. д. привлекли внимание мировых держав. В настоящее время в России, Китае и США разрабатываются и реализуются масштабные политические, экономические и культурные программы, и в условиях столкновения мировых и региональных сил всесторонний анализ политической и экономической ситуации в Центральной Азии станет важным вопросом будущих отношений региона с мировой системой.*

*В статье изучаются перспективы политических и экономических проблем в Центральноазиатском регионе и анализируются основные пути конструктивного взаимодействия с другими странами, в том числе с великими державами. Государственные интересы и национальная безопасность некоторых государств определяют их геополитическое положение в условиях конкуренции друг с другом, в результате чего регион постепенно вступает в разные геополитические игры. Таким образом, рассмотрение политических и экономических перспектив Центральной Азии означает, что регион, защищая национальные интересы и укрепляя региональную интеграцию, может занять достойное место и роль в различных сферах, наиболее подходящей стратегии и наиболее близком к реалиям общества.*

***Ключевые слова:*** *политическая и экономическая перспектива, геополитическое положение, богатые минеральные ресурсы, источники воды, конкуренция держав, глобализация, регионализация, региональная интеграция, национальные интересы.*

# POLITICAL AND ECONOMIC PERSPECTIVES OF CENTRAL ASIA IN THE SYSTEM OF INTERNATIONAL RELATIONS

**SADULOEV ABDULVOSIT HABIBULLOEVICH,**
Doctor of International Relations (PhD)
National Academy of Sciences of Tajikistan
Dushanbe, 33 Rudaki ave.
Phone.: (+992) 918-78-12-12. E-mail: prof.asrt@mail.ru

*Changing the positions of the superpowers on the world political arena and the conflict of their geostrategic interests in order to seize the rich resources of the Central Asian region is becoming a common phenomenon. Today it is not unlikely to develop the basis for transferring such clashes, including into Central Asia. In turn, Central Asia is an important region for multilateral cooperation. Its favorable geographical location, rich natural resources, oil and gas resources, etc. have attracted the attention of world powers. Russia, China and the United States are currently developing and implementing large-scale political, economic and cultural programs and in the context of the clash of world and regional forces, a comprehensive analysis of the political and economic situation in Central Asia will become an important issue for the future relations of the region with the world system.*

*This article examines the prospects for political and economic problems in the Central Asian region and analyzes the main ways of constructive interaction with other countries, including the great powers. The state interests and national security of some states determine their geopolitical position in competition with each other, as the result the region gradually enters into different geopolitical games. Thus, considering the political and economic prospects of Central Asia means that the region, protecting national interests and strengthening regional integration, can take its rightful place and role in various spheres, which are most appropriate strategy and the closest to the realities of society.*

***Key words:*** *political and economic perspective, geopolitical position, rich mineral resources, water sources, competition of powers, globalization, regionalization, regional integration, national interests.*

**УДК: 342.415**

# ТАМОЮЛҲО ВА ДУРНАМОИ АСОСИИ РУШДИ ТАЪМИНОТИ НАФАҚА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**УМАРОВА МАНИЖА САЙДАҲМАДОВНА,**
унвонҷӯйи кафедраи идоракунии молияи давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 908-22-32-18. E-mail: manii.98101@mail.ru
**ХОЛМУРОДОВ РАҶАБАЛИ МАҲМАДШАРИФОВИЧ**,
унвонҷӯйи кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенити Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Саид Носир, 33.
Тел:(+992) 985-11-19-95.
**МАХКАМОВА ИШКИНИСО ИНОМОВНА**,
омӯзгори калони кафедраи
технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенити Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.:(+992) 935-81-88-85.

*Яке аз муҳимтарин вазифаҳои давлат дар давраи муосири дигаргуниҳои аниқи иҷтимоию иқтисодӣ таъмини фаъолияти самараноки низомҳое мебошад, ки ҳифзи иҷтимоии он категорияҳои шаҳрвандонро, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ ба ҳимоя ниёз доранд , таъмин менамояд. Ба чунин гурӯҳҳои иҷтимоию демографӣ, ки ба кӯмак ва дастгирӣ ниёз доранд, шаҳрвандони пиронсол, маъюбон, оилаҳои фарзанддор ва ғайра дохил мешаванд. Вазифаи муҳимтарини низоми ҳифзи иҷтимоӣ нигоҳ доштани сатҳи зиндагӣ дар ҳолатҳои фавқулоддаи шадид, мусоидат ба мутобиқсозии онҳо ба шароити бозор, ба шумор меравад.*

*Ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша яке аз ҷойгоҳҳои калидӣ ва муайян кунандаи ҳаёти давлат ва ҷомеаро ишғол мекард ва ишғол мекунад. Он бевосита аз рушди иқтисодиёт вобаста буда, бо сиёсат ва некӯаҳволии иҷтимоии мардуми меҳнатӣ ва қишрҳои ғайримеҳнатии аҳолӣ зич алоқаманд аст. Таъмини нафақа намуди асосии ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони маъюб мебошад. Амнияти нафақавӣ як шакли таъминоти моддии шаҳрвандон аз ҷониби давлат ё дигар ташкилотҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *таърихӣ, инсоният, беморӣ, кишварҳо, наслҳо, шаҳрвандон, корхонаҳо, сармоягузорӣ, соҳибихтиёр, демократӣ, давлатӣ, иҷтимоӣ, мустақил, конститутсионӣ, танзим, камбизоатӣ, бекорӣ, зӯроварӣ.*

Пайдоиши низоми нафақа решаҳои аниқи таърихӣ дорад, ки дар ҳар як кишвар мувофиқи шароити мушаххас сурат гирифтааст. Сарфи назар аз тафовути муайяни равишҳо, усулҳо ва тарҳрезии ташкилӣ, дар заминаи ташаккулёбии он дар ҳама кишварҳо умумиятҳои зиёде мавҷуданд. Дар муддати тӯлонӣ инсоният зарурати расонидани кӯмакро ба ҳамаи онҳое, ки аз сабаби беморӣ, сустӣ ва пирӣ муҳтоҷанд, дарк кардааст [1 с 142-144].

Дар аксари кишварҳои ҷаҳон то ҳол низоми нафақа дар асоси принсипи "ҳамбастагии наслҳо" бартарӣ дорад, вақте ки нафақа аз ҳисоби пардохтҳои ҳатмӣ, ки ҳоло шаҳрвандони меҳнатӣ пардохт мекунанд, пардохт карда мешавад. Ин низом дар Ғарб «Pay as You Go» (PAYG) ном дорад, ки онро метавон ҳамчун "ҳангоми пардохт" тарҷума кард. Ин ба истилоҳоти сутуни якуми низоми нафақа мебошад, ки дар кишварҳои гуногун мавҷуданд. Аммо, ин "рукни аввал" то рафт хатарноктар шуда истодааст. Ҳалли мушкилот ин гузаштан ба низоҳои муосиртар ва муассиртар - "рукни дуввум" дар асоси саҳми корхонаҳо ва

имконияти сармоягузории ин дороиҳо, инчунин ба пасандозҳои ихтиёрии шаҳрвандон - ба истилоҳи сутуни сеюми системаи нафақа мебошад.

“Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ бо фаророасии бӯҳрон дар соҳаи иҷтимоию сиёсӣ, ки дар натиҷаи парокандашавии дардноки муносибатҳои даҳсолаҳои собиқ ҶШС Тоҷикистон дар дохили Иттиҳоди Шӯравии, давраҳои гузариш ба шакли нави давлатдории мустақил бо муносибатҳои бозорӣ, ислоҳоти конститутсионӣ, ҷараёни мунокишаи тоҷикон ва ҳалли бомуваффақияти он пеш аз фаро расидани асри XXI - нави тақдирсоз мебошад. ”[2, с. 45- 46].

Ба гуфтаи Ш.К. Ҳакимова: "Конститутсия ҳамчун як ҷиҳати сиёсию ҳуқуқие, ки ташкилотҳои ҳокимияти давлатиро муқаррар мекунад ва ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳад, на дар қадим ва на дар асрҳои миёна маълум нест, балки дар натиҷаи ғалабаи революцияҳои буржуазӣ мебошад . Конститутсия ҳамчун ниҳоди ҳуқуқӣ ва санад дар натиҷаи рушди ҳуқуқии дарозмуддати давлатӣ ташакуул ёфтааст . Эволютсияи Конститутсия ҳамчун сиёсатмадор дар бораи ниҳоди ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон бо гузаштани як қатор марҳилаҳои табиӣ тавсиф мешавад: пайдоиш, ва ташаккул дар шароити воқеияти шӯравӣ ва рушд дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад . Таърихи рушди Конститутсия, алалхусус дар Тоҷикистон, бо се тамоюли асосии танзими ҳуқуқии конститутсионӣ - ҷомеашавӣ, демократикунонӣ ва интернационализатсия тавсиф дода мешавад. " [3,с 10].

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳамаи шаҳрвандон ҳифзи иҷтимоии аҳолиро пешкаш мекунад, ба онҳо шароити зарурӣ барои рушди инфиродӣ, татбиқи имконот ва қобилиятҳои истеҳсолӣ ва эҷодӣ, бо дарназардошти талаботи шаҳрвандон дар барномаҳои дахлдори давлатӣ, расонидани кӯмаки иҷтимоӣ фароҳам меорад, дар шаклҳои муқаррарнамудаи қонун бо мақсади рафъи монеаҳо дар амалисозии ҳуқуқҳо ба ҳифзи саломатӣ, кор, таҳсил , таълим; ва дигар ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ. Моҳияти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳимояи шаҳрвандон “як низоми мураккаб ва гуногун аст, ки таҳияи илмию амалии тадбирҳои мушаххасро дар ин соҳа талаб мекунад . Ҳифзи иҷтимоӣ бояд дар соҳаҳои зерин амалӣ карда шавад: таъминоти иҷтимоӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, хадамоти иҷтимоӣ, суғуртаи тиббӣ, кӯмаки тиббӣ, барқарорсозии меҳнат, шуғл, омӯзиш ва бозомӯзӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ, пешгирии сабабҳои маъюбӣ” [4, с. 98].

Ҳамзамон, “Тоҷикистон дар баъзе хусусиятҳои ҷудонашавандае мавҷуд нест, ки принсипҳои асосии давлатдории иҷтимоӣ ба онҳо асос ёфтаанд, аз ҷумла сатҳи мувофиқи рушди иқтисодии кишвар. Илова бар ин, сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон ҳоло ҳам дар роҳи стандартҳои ҷаҳонӣ қарор дорад, ки ба татбиқи онҳо нигаронида шудаанд. " [5, с 131].

Дар ин ҳолат, мо ҷонибдори мавқеи А.Р. Неъматов ҳастем , ки менависад: “рушди институтҳои Либералии волоияти қонун, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд амалан дар шароитҳои фарқияти калони иҷтимоию иқтисодии байни одамон ва табақабандии ошкорои иҷтимоии онҳо ба сарватмандон ва камбизоатҳо амалан ғайриимкон аст. Ин намудҳо дар давлатҳои шарқии дучанд муҳим аст, вақте ки ин ё он тарз баробарии иҷтимоии одамон тавассути расонидани кумак ба ниёзмандон ҳифз карда мешавад. Пас аз як раванди созиши тӯлонии сиёсӣ ва истиқрори сулҳу ризоият дар кишвар, ҳоло зарур аст, ки сиёсати ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунгузорӣ таҳия карда, онро ба ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат равона созем ва шароите фароҳам орем, ки зиндагии шоиста ва рушди озодонаи ҳар як инсонро таъмин намояд”[6 с. 86-87].

Лоренс фон Стейн дар асари худ ин истилоҳро бо давлате муаррифӣ мекунад, ки бояд "пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳамаи аъзои худро иҷро кунад, зеро таҳияи яке шарти рушди оянадаи дигар аст ва ба ин маъно сухан дар бораи давлати ҷамъиятӣ ё иҷтимоӣ

меравад” [7, с 48]. Дар давлатҳои ғарбӣ дар нимаи аввали асри 20 ташаккул ва инкишоф ёфта, он «ҳамчун омили гуманизатсияи меъёрҳои иқтисодӣ хизмат карданд ”[8, с.54-55].

Тоҷикистон, ба монанди дигар кишварҳои иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ), ба тағир додани низоми кӯҳнаи нафақаи ҳамбастагӣ барои шаҳрвандон шурӯъ кардааст, ки ба низоми нафақавии маблағгузорӣ пайваста мегузаранд. Ин ислоҳот барои сабук кардани бори буҷети давлати ва ташкили низоми одилонаи нафақа таҳия карда шавад. [9]

**Моҳияти низоми маблағгузории нафақа** – ин ҳифз ва зиёд кардани маблағҳои амонатгузорон мебошад, яъне сармоягузорӣ ба истеҳсоли воқеӣ мебошад . Механизми фаъолияти он чунин аст: корфармоён ҳар моҳ ба шакли саҳмҳои ҳатмии нафақавӣ 10% музди меҳнат, аз ҷумла ҳамаи намудҳои музди меҳнат, мукофотпулиҳои гуногун, пардохтҳои иловагӣ, кӯмакпулиҳоро интиқол медиҳанд. Аз ҳисоби ин манбаъ пасандозҳои нафақавии саҳмгузорони фондҳои ҷамъшавандаи нафақа ташаккул меёбанд. Саҳмгузорон ё корфармоёни онҳо метавонанд илова ба саҳмияҳои ҳатмии нафақа, ки ҳаҷми онҳо маҳдуд нест, саҳмҳои ихтиёрии нафақавӣ супоранд; онҳо дар як вакт ё чанд маротиба, мунтазам ё номунтазам, бо пули нақд ё тавассути интиқол супорида мешаванд [10].

Рушди низоми маблағгузорӣ бевосита аз ҷойгиркунии фоидаовари дороиҳои нафақа дар воситаҳои гуногуни молиявӣ вобаста аст. Афзоиши ҳаҷми дороиҳои нафақа объектҳои иловагии сармоягузориро тақозо мекунад. Ин махсусан зарур аст, зеро пули нафақа ҷузъи муҳими захираҳои дохилии сармоягузорӣ мебошад. Тавассути фондҳои нафақа пули саҳмгузорон сармояро ташкил медиҳад, ки дар навбати худ ба лоиҳаҳо сармоягузорӣ карда мешавад. Ғайр аз он, онҳо дар низоми молиявии кишвар вазифаи устуворро иҷро мекунанд. Дар баробари ин, Фонди нафақави дар Тоҷикистони имрӯз як ниҳоди воқеӣ мебошад, ки соҳиби чунин манбаҳои калони молиявист.

Мо гуфта метавонем, ки барои рушди минбаъдаи бомуваффақияти низоми нафақаи пасандозии Тоҷикистон аллакай корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд, дар маҷмӯъ, барои боэътибор донистани модели дохилии таъминоти нафақа сабабҳои асоснок мавҷуданд. Аммо, бо он чизе, ки аллакай ба даст оварда шудааст, истодагари кардан мумкин нест, зеро дар назди иштирокчиёни бозори нафақа ҳанӯз ҳам вазифаҳои душвор истодаанд, ки ҳалли дурусти онҳо танҳо ба такмили низом ва аз ин рӯ, афзоиши сатҳи некӯаҳволӣ шаҳвандонро мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, барои рушди минбаъда низоми нафақаро навсозӣ кардан лозим аст, ки он ҳангоми нигоҳ доштани низоми бисёрсатҳаии нафақа амалӣ карда мешавад. Тағироти зарурӣ ва бо ҳам алоқаманд дар сатҳи асосӣ, ҳатмӣ - дар ҷузъҳои ҳамбастагӣ ва маблағгузорӣ ва ихтиёрӣ сурат мегиранд дар ҷавдали зерин оварда шудааст (Ҷадвал1).

**Ҷадвали 1 - Механизми навсозии низоми нафақа**

| Рушди ҷузъи шартномавии замимавии низоми нафақа | Такмили параметрҳои низоми нафақаи маблағгузорӣ |
|---|---|
| Азнавташкилдиҳии нафақа барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | Такмили нақшаи ҳатмии касбии нафақа барои шахсоне, ки дар шароити зараровари (махсусан зараровари) меҳнат кор мекунанд |

| | |
|---|---|
| Такмил додани низоми кафолатҳои ҳадди ақали таъмини нафақа | Васеъ намудани фарогирии аҳолӣ бо низоми нафақа ва баланд бардоштани сифати хизмат расониҳои нафақавӣ |

**Манбаъ: Муаллиф таҳия кардааст**

Дигаргуниҳо бо назардошти муҳокимаи васеъ ва ошкорбаёнӣ дар марҳилаҳо амалӣ карда мешаванд. Хусусияти хоси масъалаҳои нафақа аз он иборат аст, ки онҳо ҳамаро ба ташвиш меоранд: онҳое, ки имрӯз ба нафақа баромадаанд ва онҳое, ки то ҳол бояд ҳуқуқи гирифтани нафақаро ба даст оранд; мардон ва занон; коркунон ва бекорон ; шаҳрвандӣ ва низомӣ ва ғайра. Акнун нафақаи асосӣ ба ҳама шаҳрвандоне, ки ба нафақа мебароянд, сарфи назар аз собиқаи кор ва андозаи музди қаблан гирифташуда, ба андозаи баробар таъин карда мешавад.

Дар мавриди ҷорӣ кардани низоми нави шартномавии ҷамъоварӣ бошад, он аз ҳисоби саҳмияҳои панҷфоизаи корфармоён ба фоидаи кормандони онҳо ташаккул хоҳад ёфт. Ин маънои онро дорад, ки барои ҳар як иштирокчии низоми фонди ягонаи ҷамъбастии нафақа (ФЯҶН) суратҳисоби инфиродии нафақа кушода мешавад, ки дар он маблағи саҳмияҳои интиқолшаванда ва ҳуқуқи нафақа сабт карда мешавад.

**Ҳадафҳо ва хусусиятҳои навсозии низоми нафақа:**

♦ кафолат додани он, ки пардохтҳои нафақавӣ ба даромадҳои қаблӣ ва сатҳи зиндагии афзоянда дар кишвар мувофиқат мекунанд;

♦ таъмини суботи молиявии низоми нафақа, яъне мукотибаи доимии даромадҳо ва захираҳои ҷорӣ, ки аз ҳисоби ҳиссаи нафақа ташаккул меёбанд, инчунин маблағҳои буҷетӣ ва дигар пардохтҳо ба харочоти пардохти нафақа дар ҷавдали зерин оварда шудааст (Ҷадвал 2).

**Ҷадвал 2 - Самтҳои асосии навсозии низоми нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | |
|---|---|
| Самтҳои Навсозӣ | Ташкили фонди ягонаи давлатии нафақа |
| | Баланд бардоштани самаранокии системаи нафақаи маблағгузорӣ |
| | Васеъ намудани фарогирии аҳолӣ бо хидматҳои системаи нафақаи Маблағгузорӣ |
| | Тағйирот дар низоми хадамоти нафақагирон |
| | Муттаҳидсозии синну соли нафақа |
| | Тағир додани андозбандии яъне (андози иҷтимоӣ) ва ҷудо кардани пардохтҳои ҳатмии нафақа аз сохтори андоз |
| | Ҳавасмандгардонии рушди фондҳои ғайридавлатии нафақа |

**Манбаъ: Муаллиф таҳия кардааст**

Камбудиҳое, ки айни замон ба нзоми нафақаи Тоҷикистон хосанд, мавҷуд набудани пасандозҳои нафақавӣ барои сатҳи муносиби пардохти нафақа дар оғози пиронсолӣ, фарогирии нокифояи аҳолӣ бо хидматҳои фондҳои ҷамъоварии нафақа, пеш аз ҳама, сухан дар бораи аҳолии деҳот ва мустақил меравад; сатҳи пасти саводнокии молиявӣ ва фарҳанги сармоягузории аҳолӣ; дараҷаи нокофии рушди низоми пасандозҳои ихтиёрии нафақа;

масъалаҳои сармоягузории муассири пасандозҳои нафақавӣ дар шароити норасоии коғазҳои қиматноки ҷолиб ва ҳамзамон боэътимод ва пардохтпазир ва ғайра. Бо такя ба таҷрибаи хориҷӣ, инчунин дар заминаи мушкилоти татбиқи ислоҳоти нафақа ҳоло таҳияи SWOT-и низоми нафақа дар Ҷумҳурии Тотористон имконпазиран дар ҷавдали зерин оварда шудааст (Ҷадвал 3).

**Ҷадвал 3 -Таҳлили SWOT дар нзоми нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Ҷонибҳои боқувват** | **Ҷонибҳои суст** |
|---|---|
| - дастгирӣ барои ҷузъҳои ҳамбастаг ва ҳаммаблағгузорӣ;<br>- эътимод аз ҷониби аҳолӣ;<br>- таъмини нафақаи кафолатноки базавӣ;<br>- сатҳи баланди фаъолияти иқтисоди аҳолӣ | - номуайянӣ дар сохтори низоми нафақа (набудани ҷудогонаи возеҳи "дастгирӣ")- иштироки нокифояи қисми аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли аҳолӣ дар низоми суғуртаи иҷтимоӣ<br>- иштироки номунтазам дар низоми нафақа ( ҷамъоварӣ нафақаи шаҳрвандон) ;<br>- даромаднокии пасти пасандозҳои пасандозӣ |
| **Имкониятҳо** | **Таҳдидҳо** |
| - ҷорӣ намудани механизми низоми ҷамъшавии шартӣ;<br>- таъмини нишондиҳандаҳои баланди афзоиши дороиҳои нафақа;<br>- фароҳам овардани шароити нав барои рушди иқтисодӣ | - афзоиши ноустувории молиявии низоми нафақа;<br>- таъсири манфии омилҳои иқтисодӣ ва демографӣ ба низоми нафақа<br>- ташаннуҷи иҷтимоӣ дар ҷомеа;<br>- сукути ислоҳоти нафақа |

**Манбаъ: Таҳияи муаллифон**

Модернизатсияи низоми нафақа, ки дар Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, як ҷузъи муҳими нақшаи стратегии ташаккули Ҷамъияти Меҳнати Умумӣ мебошад, ки қодир ба ташкили иқтисоди буда , сатҳи зиндагии шоистаи аҳолиро таъмин менамояд. Ин яке аз идеяҳои марказии дар Паёми Президент Ҷумҳури Тоҷикистон ба мардум баён шудааст . Талабот бо таъминоти муносиби нафақа ҳар як шаҳраванди мамлакати мо на танҳо пиронсолон мебошад, зеро дер ё зуд ин ба ҳар яки мо таъсир хоҳад кард.

Ҳамин тариқ, тамоми фаъолияти нафақавии фондҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ имрӯз ба он вобаста аст, ки шаҳрвандон бо дастури ҳукумат 10% даромади худро ба фондҳои ҷамъоварии нафақа интиқол медиҳанд. Ин маблағҳо сармоягузорӣ мешаванд, 90% даромади сармоягузорӣ ба суратҳисоби нафақаи амонатгузор ва 10% ба эҳтиёҷоти фонд ворид мешавад. Амалияи муосири танзими давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар талаб мекунад, ки гузариш ба ташаккули ҳадафҳои дарозмуддати рушди низоми нафақа гузарад. Таъмини нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мавқеи асосиро ишғол намуда, ба манфиатҳои беш аз 725,5 ҳазор нафақахӯрон ва тақрибан 9,4 миллион иштирокчиёни низоми нафақаи ҷамъоварии кишвар, ки тавассути индексатсияи аҳолӣ амалӣ карда мешавад, таъсир мерасонад. нафақа ва сармояи шартии нафақа. Азбаски хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории он сатҳи рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии ҷомеаро нишон медиҳанд. Ҳамин тариқ, мо мехоҳем таҳлили пурраи ҳифзи иҷтимоии

аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро сар карда, аз шумораи нафақахӯрон барои солҳои 2011-2019 гузаронем ва ин дар ҷавдали зерин оварда шудааст (Ҷадвал 4). [11, с 163].

**Ҷадвал 4 - Шумораи нафақахӯроне, ки дар мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ сабти ном шудаанд (ҳазор нафар)**

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ фақахӯрон** | **592,0** | **96,6** | **610,9** | **603,6** | **617,4** | **642,8** | **664,8** | **687,1** | **711,2** |
| аз ҷумла занҳо | 356,2 | 356,1 | 356,1 | 379,9 | 379,6 | 411,0 | 425,9 | 435,7 | 443,2 |
| аз рӯи пиронсолӣ | 345,2 | 353,3 | 365,6 | 377,3 | 390,6 | 410,3 | 425,1 | 442,6 | 458,8 |
| аз рӯи маъюбӣ | 102,3 | 101,5 | 100,1 | 82,7 | 76,4 | 74,2 | 72,0 | 67,2 | 67,1 |
| бинобар маҳрум удан аз саробон | 45,1 | 44,1 | 41,7 | 37,9 | 36,1 | 33,3 | 32,6 | 31,3 | 29,6 |
| барои хизмати дарозмуддат | 3,5 | 3,9 | 3,9 | 3,9 | 4,3 | 5,0 | 5,3 | 4,8 | 4,3 |
| Иҷтимоӣ | 91,5 | 89,6 | 95,5 | 97,9 | 106,2 | 116,5 | 126,5 | 137,9 | 148,4 |
| Шумораи нафақахӯрони коргар | 37,3 | 37,3 | 36,1 | 33,7 | 31,5 | 48,1 | 45,1 | 42,3 | 39,0 |

**Ҷадвали 4** - Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки то соли 2019 шумораи нафақахӯрон 711,2 ҳазор нафар афзудааст, дар айни замон, нафақаи миёнаи моҳона афзудааст, ки инро нишондиҳандаҳои зерин нишон медиҳанд [12, с 165].

**Ҷадвали 5 - Нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии сатҳи зиндаги аҳолӣ**

| | 2011 | 2012 201 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнат | 446,23 | 555,29 | 697,76 | 816,27 | 878,91 | 962,16 | 1144,19 | 1233,82 | 1335,52 |
| андозаи миёнаи ҳармоҳаи нафақа | 152,30 | 181,82 | 228,27 | 230,14 | 228,17 | 272,13 | 270,67 | 309,94 | 303,21 |
| таносуби андозаи миёнаи нафақа ва музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнат, фоиз | 34,1 | 32,7 | 32,7 | 28,2 | 26,0 | 28,3 | 23,7 | 25,1 | 22,7 |

**Тибқи ҷадвали 5** - дида мешавад, ки ҳамаи нишондиҳандаҳо тамоюли афзоиш доранд. Бо мақсади таъмини дастрасии ҳамаҷониба ва сифати аз ҷиҳати иҷтимоӣ қабулшудаи манфиатҳои муҳими иҷтимоӣ, ҳангоми ислоҳот меъёрҳои ҳадди ақали давлатии иҷтимоӣ муқаррар карда шуданд ва ҳоло истифода мешаванд: музди меҳнат, ҳадди ақали музди меҳнат, ҳадди ақали нафақа ва ғайра.

Аммо, меъёрҳои амалкунандаи иҷтимоӣ инъикоси шароити тағйирёфтаи иҷтимоию иқтисодиро қатъ кардаанд ва бо ҳам робитаи бо низоми зарурӣ надоранд. Аз сабаби набудани меъёрҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснокшуда барои ҳисоб кардани кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ва муносибати онҳо бо низоми музд, муносибати мувофиқ байни сатҳи даромади аҳолии қобили меҳнат ва пардохтҳои нафақаи гирифташуда гум шудааст. Вобаста ба ин, корҳо оид ба такмили меъёрҳои амнияти иҷтимоӣ оғоз ёфтанд.

Ислоҳоти нафақа дар таъминоти иҷтимоӣ мақоми махсус дорад. Натиҷаи ислоҳотро воқеан, нишондиҳандаҳои асосии таъминоти нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд [13, с 166].

**Ҷадвали 6 - Нишондиҳандаҳои асосии таъминоти нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи ...афақахӯроне, ки дар ...йди мақомоти ҳифзи ...тимоии аҳолӣ ...бошанд, ҳамагӣ, ҳазо... | 592,0 | 596,6 | 610,9 | 603,6 | 917,4 | 642,8 | 664,8 | 687,1 | 711,2 |
| ба ҳисоби фоиз ...исбаб соли гузашта | 103,9 | 100,8 | 102,4 | 98,8 | 102,3 | 104,1 | 103,4 | 103,3 | 103,5 |
| Шумораи машғули... ...р иқтисодиёт, ки ба я... ...афақахӯр рост меояд, ...нд нафар | 3,8 | 3,8 | 3,8 | 3,9 | 3,9 | 3,7 | 3,6 | 3,5 | 3,5 |
| Нафақаи ҳадди ақал... ...монӣ | 80,0 | 104,0 | 130,0 | 130,0 | 130,0 | 156,0 | 156,0 | 180,0 | 180,0 |
| Таносуби нафақаи ...дди ақал аз рӯи ...ронсолӣ нисбати ...зди меҳнати ҳадди ...ал | 100 | 52 | 52 | 52 | 52 | 39 | 39 | 45 | 45 |
| Андозаи миёнаи нафақаи муқаррар шудаи ҳармоҳа, сомонӣ | 152,3 | 181,8 | 228,2 | 230,1 | 228,1 | 272,1 | 270,6 | 309,94 | 303,21 |
| Андозаи ҳақиқии нафақаи муқаррар шудаи ҳармоҳа, ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашт | 74,5 | 75,3 | 119,5 | 95,0 | 93,7 | 112,6 | 92,7 | 110,3 | 90,7 |

**Таҳлили ҷадвали 6 -** нишон медиҳад, ки ҳам суръати афзоиш ва ҳам коҳиш ёфтани баъзе нишондиҳандаҳо, устувории молиявии системаи нафақа омилҳои сершуморе мебошанд.

Камбизоатии доимӣ, бекорӣ, пиршавии аҳолӣ, ҷаҳонишавии бозорҳо ва афзоиши ба истилоҳ бахши ғайрирасмӣ амиқсозии минбаъдаи ислоҳоти иҷтимоиро тақозо мекунад. Ин зарурати таҳияи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли

2030-ро ба вуҷуд овард, ки ба ташкили низоми сеқабатаи амнияти иҷтимоӣ равона шудааст, ки хусусиятҳои асосии он суботи молиявӣ ва тақсими масъулият байни давлат, корфармо ва корманд мебошанд [14].

**Хулоса,** мо гуфта метавонем, ки интихоби усулҳои ислоҳоти низоми миллии нафақа аз вазъи иқтисодиёт ва бозори меҳнат (нишондиҳандаҳои муҳимтарини онҳо шуғл ва музди меҳнат), миқёси камбизоатӣ ва сохтори демографӣ вобаста аст аҳолӣ, аз ҷумла таносуби коргарон ва нафақахӯрон. Пас аз давраи нусхабардории моделҳои ислоҳоти нафақа, ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ тавсия дода шудааст, ҳарчи бештар изҳори назар карда мешавад, ки ислоҳот бояд хусусиятҳои як давлати мушаххас, аз ҷумла на танҳо вазъи иқтисодиёт ва дигар омилҳои низоми назар гирифта мешавад. Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ имкон медиҳад, ки як қатор қонуниятҳои фаъолияти соҳаи иҷтимоиро ҷудо намоем. Дар ҳолати кам будани музди меҳнат, ки буҷаи истеъмолии оиларо дастгирӣ намекунад ва ё онро каме зиёдтар мекунад, имкониятҳои коргарон ва корфармоёни онҳо барои ворид кардани ҳиссаи суғурта дар ҳаҷми зарурӣ барои гирифтани нафақаи қобили қабул хеле маҳдуданд.

**Адабиёт**


1. Харченко А. V. Ислоҳоти нафақа ва фондҳои ғайридавлатии нафақа // Бюллетени SRSTU (NPI). - 2012. - № 2. - С. 142-144.
2. Бобокалонов Г.М. Қонунгузории меҳнат ва иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва ташаккул // Бюллетени Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе, 2014.- No 3/4 (139) .- С. 45-46.
3. Ҳакимов Ш.Қ. Ташаккул ва рушди Конститутсия ҳамчун як ниҳоди сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон. дис. ... Cand. ҳуқуқӣ. Илмҳо.- Душанбе, 2003.- С.10.
4. Д.Н.Наклонов. Ташаккули механизми иқтисодии ҳифзи иҷтимоии маъюбон: дис. ... Cand. иқтисод Илмҳо.- СПБ., 1998.- с. **98**.
5. Туманова Г.А., Хоҷаева Ш.А., Ғоибова М.А. Муқаррароти асосии қонунгузорӣ ва ҷанбаҳои хидматрасонии тиббӣ ва иҷтимоӣ барои маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон.- Душанбе, 2015.- No 3/1 (158) .- С.131.
6. Неъматов А.Р. Қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саарбрюккен, Олмон, 2013, саҳ. 86-87
7. Гончаров П.К. Давлати иҷтимоӣ: моҳият ва принсипҳо // Бюллетени Донишгоҳи Дӯстии Халқҳои Русия. Сер.: Илмҳои сиёсӣ.- 2000.- № 2. - С. 48
8. Lampert H. Иқтисоди бозории иҷтимоӣ. Роҳи хатти олмонӣ. аз забони олмонӣ.- М., 1993.- с . 54-55.
9. www.eurasialegal.info.ru - Портали ҳуқуқии Авруосиё
10. .www.cisstat.com - сайти расмии Кумитаи омори байнидавлатии ИДМ
11. Манбаъ: Солномаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон / ASPRT. - Душанбе, 2020. -с.163
12. Манбаъ: Солномаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон / ASPRT. - Душанбе, 2020. - с. 165
13. Манбаъ: Солномаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон / ASPRT. - Душанбе, 2020. - с. 166
14. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030 // Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, № 636 тасдиқ шудааст. - Душанбе: Контраст, 2016


## ОСНОВНЫЕ ТЕНДЕНЦИИ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ПЕНСИОННОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**УМАРОВА МАНИЖА САЙДАХМАДОВНА,**
соискаталь кафедры управления государственными финансами
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
г. Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 908-22-32-18. E-mail: manii.98101@mail.ru
**ХОЛМУРОДОВ РАДЖАБАЛИ МАХМАДШАРИФОВИЧ,**
соискатель кафедры информационных технологий
и информационной безопасности Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 985-11-19-95.
**МАХКАМОВА ИШКИНИСО ИНОМОВНА,**
старший преподаватель кафедры информационных
технологий и информационной безопасности
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 935-81-88-85. E- mail: mahkamova.ishkniso@mail.ru

*Одной из важнейших задач государства в современный период глубоких социально-экономических преобразований является обеспечение эффективного функционирования систем, осуществляющих социальную защиту тем категориям граждан, которые с социальной стороны в наибольшей степени нуждаются в социальной защите. К таким социально-демографическим группам, нуждающимся в помощи и поддержке, относятся граждане пожилого возраста, инвалиды, семья с детьми и др. Важнейшая задача системы социальной защиты– это поддержание уровня жизни в острых чрезвычайных ситуациях, содействие их адаптации в рыночных условиях. Социальная защита граждан в Республике Таджикистан всегда занимала, и будет занимать одно из ключевых и определяющих мест в жизни государства и общества.*

*Она непосредственно зависит от развития экономики и тесно связана с политикой и социальным благополучием работающего народа, а также с неработающими слоями населения. Пенсионное обеспечение является основным видом социальной защиты нетрудоспособных граждан. Пенсионная безопасность– это одна из форм материального обеспечения граждан со стороны государства или иных организаций, установленных законом.*

***Ключевые слова:*** *исторические, человечество, болезнь, страны, поколения, граждане, предприятия, инвестиции, суверенный, демократический, государственный, социальный, независимый, конституционный, регулирование, бедность, безработица, насилие*

## KEY TENDENCIES AND PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF PENSION PROVISION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**UMAROVA MANIZHA SAYDAKHMADOVNA,**
applicant of the Department Public Finance Management of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 908-22-32-18. E-mail: manii.98101@mail.ru
**KHOLMURODOV RAJABALI MAHMADSHARIFOVICH**,
applicant of Information Technology
and Information Security Department of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan

734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 985-11-19-95.
**MAKHKAMOVA ISHKINISO INOMOVNA**,
senior lecturer of Information
Technology and Information Security Department of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 935-81-88-85. E- mail: mahkamova.ishkniso@mail.ru

*One of the most important objectives of the state in the modern time of profound socio-economic transformations is to ensure the effective functioning of systems that provide social protection to those categories of citizens who, from the social side, are most in need of social protection. Such socio-demographic groups in need of help and support include elderly citizens, disabled people, families with children, etc. The most important objective of the social protection system is to maintain the living standard in acute emergencies, to assist their adaptation into market conditions. Social protection of citizens in the Republic of Tajikistan has always been and will continue to be one of the key and defining places in the life of the state and society. It directly depends on the economic development and is closely connected with politics and the social well-being of working people and non-working strata of the population. Pension provision is the main type of social protection for disabled citizens. Pension security is one of the forms of material provision for citizens by the state or other entities established by law.*

***Key words:*** *historical, humanity, disease, countries, generations, citizens, enterprises, investment, sovereign, democratic, state, social, independent, constitutional, regulation, poverty, unemployment, violence.*

УДК: 332.05

# КЛАСТЕРҲОИ АГРОСАНОАТӢ ДАР МИНТАҚА: БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ ОНҲО

**ХАЛИФАЗОДА ҶОВИДОН БОБОХОН,**
ассистенти кафедраи суғуртаи
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14.
Тел.: (+992)000-02-23-36. E-mail: jovidhalifa@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур нишон дода шудааст, ки яке аз самтҳои асосии баланд бардоштани рақобапазирӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ин кластерикунонии минтақаҳо ба ҳисоб меравад. Дар шароити ҳозираи ҷаҳонишавӣ рушди комплекси агросаноатӣ (КАС) ва ташакулёбии соҳавии ҳамгироиҳо идома дорад, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин раванд бархӯрдор мебошад. Дар ин ҷода барои ташакулёбии кластерҳои агросаноатӣ дар шароити минтақа ҳамгироии амудӣ роли муҳим бозида, аз нигоҳи татбиқи методологӣ моҳияти худро гум накардааст. Дар ин ҳолат кластерикунонии минтақавӣ ба мақасад ва вазифаҳои ҳамгироии амудӣ муқобил набуда, дар якҷоягӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна дар комплекси агросаноатӣ (КАС) мусоидат менамояд.*

*Дар мақола имкониятҳо, усулҳо ва монеаҳои дар бобати ташаккулёбии кластерҳо дар КАС ҷойдошта мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Муаллиф дар мақола оид ба роҳҳои ташаккулёбии кластерҳо дар КАС ва самаранокии онҳо як қатор пешниҳодҳои судмандро овардааст.*

**Калидвожаҳо:** *кишоварзӣ, комплекси агросаноатӣ, ҳамгироӣ, соҳаҳои кишоварзӣ, кластерҳо, истеҳсол, таъминот, нигоҳдорӣ нақл, фурӯш, истеъмолгари ниҳоӣ.*

Яке аз самтҳои асосии баланд бардоштани рақобапазирӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ин кластерикунонии минтақаҳо ба ҳисоб меравад. Дар шароити ҳозираи ҷаҳонишавӣ рушди комплекси агросаноатӣ (КАС) ва ташакулёбии соҳавии ҳамгироиҳо идома дорад, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин раванд бархурдор мебошад. Дар ин ҷода барои ташакулёбии кластерҳои агросаноатӣ дар шароити минтақа ҳамгироии амудӣ роли муҳим бозида, аз нигоҳи татбиқи методологӣ моҳияти худро гум накардааст. Дар ин ҳолат кластерикунонии минтақавӣ ба мақасад ва вазифаҳои ҳамгироии амудӣ муқобил набуда, дар якҷоягӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна дар комплекси агросаноатӣ (КАС) мусоидат менамояд.

Новобаста аз ҷараёни ташаккулёбиашон, кластерҳо дар низоми КАС марҳилаи мушкил ва тулониро паси сар менамоянд, лекин ба ҳамаи ин мушкилихо нигоҳ накарда, вай роҳи дуруст ва муҳими рушди инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Қайд кардан зарур аст, ки дар таҷрибаи ватанӣ нуқтаи назари ягона оиди механизмҳои амалкарди кластерҳои агросаноатӣ вуҷуд надорад. Модели консептуалии ташакулёбии кластерҳои минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (боби 1.1.) нишон медиҳад, ки заминаи асосӣ барои ташакулёбии кластерҳои агросаноатӣ ин усули дастаҷамъонаи фаъолияти соҳаҳои КАС мебошад, ки самаранокии он таъмини пурраи иқтидори иқтисодӣ ва рақобатпазирии минтақаро таъмин менамояд.

Дар шароити ҳозира дар соҳаи кишоварзӣ ва дар маҷмӯъ - КАС, кластери аграрӣ, агрозуқаворӣ ва кластерҳои агросаноатӣ ба таври пурра фаъолият намекунанд. Таҳлили ҷараёни кластерикунонӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки кушиши ташкил додани кластерҳои агросаноатӣ дар заминаи корхонаҳои агросаноатии амалкунандаи даврони Шӯравӣ бе истифодаи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва низоми хоҷагидорӣ, инчунин аз нигоҳи асоснокии илмӣ самараи на он қадар хуб медиҳад. Аз

ин ҷо, зарурияти объективии рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ (КАС) дар заминаи кластерикунонӣ, ки рақобатпазирии корхонаҳои агросаноатӣ ва истифодаи самараноки иқтидори табиӣ-захиравии минтақаро таъмин менамояд, пеш меояд.

Оиди ҷанбаҳои методологии ташакулёбии кластерҳои агросаноатӣ нуқтаҳои назари гуногуни олимону мутахассисони соҳа мавҷуд мебошанд. Бархе аз онҳо бар он ақидаанд, ки «...ду варианти амалкарди кластерҳои КАС мавҷуд мебошад. Якум, ин ташкили кластерҳо аз «боло», ки бо ташаббуси давлат, ҳукумат ва хадамоти давлатӣ дар маҳаллҳо ва ташкили кластерҳо аз «поён»....». [7, с.57].     Қисми дигари олимон ба он ақидаанд, ки «....ташкили кластерҳои агросаноатӣ он вакт самараи дилхоҳ медиҳад, ки ҳамгирой аз «поён» оғоз  гардида, иштирокчиёни он барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот мустақилона мутаҳҳид шуда, масъалаҳои ташакулёбии кластерҳоро ҳал намоянд...». Аз ин лиҳоз, ташкили соҳавии кластерҳои агросаноатӣ имконияти васеъи таъмини самарнокии иқтидори кластерҳоро ба роҳ монда, рушди он дар шароити минтақа бояд ба таври табиӣ суръат гирад. [2, с.80].

Ба андешаи Терешин, «...дар шароити рушди на он қадар хуби агробизнес ва боварӣ миёни субъектҳои бозори аграрӣ, дар ташакулёбии кластерҳои агросаноатӣ бартарияти накши ҳамоҳангсозӣ ба органҳои давлатӣ дар маҳаллҳо дода мешавад, яъне самараноки бештар зимни ташакулёбии кластер дар мавриди кӯшишу ташабусси «боло» ба даст оварда мешавад...». Инчунин, «...бо истифода аз имконоти худ кластерҳо метавонанд трансферти донишҳои нав, кашфиётҳои илмӣ ва ихтироотро ба роҳ монда, зуд ва самаранок онҳоро ба навовариҳое, ки аз ҷониби бозор дархост карда мешаванд, табдил диҳанд... ». Ин дар навбати худ дар назди илму амалия зарурати ҳалли як қатор мушкилоти нави рушди минбаъдаи соҳаҳои комплекси агросаноатиро (КАС) ба вуҷуд меорад. [1, с.21].

Қайд кардан бамаврид аст, ки кластерҳо муттаҳид намудани алоқаҳои байниҳамдигарии фаъолияти иқтисодӣ ва рақобатпазирии бозори соҳавӣ, минтақавӣ, миллӣ ва байналхалқиро таъмин намуда, омӯзиши паҳлуҳои методологӣ, принсипҳо ва функсияҳои амалкарди онҳоро барои рушди минбаъдаи минтақаҳои кишвар зарур медонанд. Ташаккулёбии кластерҳои агросаноатӣ ва рушди инфрасохтори бозорӣ аз нуқтаи назари илмӣ, вазъи равонӣ (психологӣ)-и иштирокчиёни он, боварии байниҳамдигарӣ, рушди фарҳанг ва дарачаи маълумотнокӣ низ вобастагии калон дорад. Ин омилҳо барои тамаркузи иқтидори табиӣ-захиравии минтақа ва рушди корхонаҳои агросаноатӣ ва амалкарди самаранокии байниҳамдигарии иштирокичёни он, ҷалби бештари сармояҳо ба иқтисодиёти кишвар мусоидат менамоянд.

Барои иқтисодиёти минтақа кластер нақши марказӣ дошта, барои рушди бозорҳои дохилӣ ва пайдо шудани ишитирокчиёни нави кластерҳо мусоидат намуда, рақобатпазириро дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ таъмин менамояд. Ба назар гирифтани муносибати кластерӣ дар рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ як қатор баортариятҳо дошта, барои мақомоти маҳаллию минтақавии идоракунӣ ва рушди соҳибкорӣ дар минтақаҳои кишвар ва иштирокчиёни худи кластерҳо басо муҳим мебошад. Аз ин рӯ, се гурӯҳ ё типи кластерро дар алоқамандӣ бо сохтор ва ташакулёбии онҳо ҷудо мекунанд:

-сохтори минтақавӣ бо пурҳаракатии иқтисодиёти соҳаҳои он, ки ҷалби бештари муассисаҳои илмӣ (илмӣ-таҳқиқотӣ, донишгоҳҳою донишкадаҳо ва ғай.);

-занҷираи истеҳсолии ҳамгироии амудӣ, ки дар раванди истеҳсолот ядрои асосӣ (таъминкунанда, истеҳсолкунанда, фурӯшанда ва истеъмолкунанда), яъне гирдгардиши молу маҳсулотҳо таъмин карда мешавад;

-соҳаи саноат, ки дараҷаи баланди муттаҳид шуданро дорад (масалан, кластерҳои агросаноатӣ), ки ҳамгироии соҳаҳо ва дараҷаи ниҳоят баланди фаъолиятро касб менамояд.

Бо мурури замон кластерҳои агросаноатӣ сабаби ҷалби бештари захираҳои берунӣ, маблағгузориҳои калон ва идораи самараноки истеҳсолот, зиёдшавии шумораи андозсупорандагон ва заминаи андозбандӣ, зиёд шудани ҷойҳои нави корӣ, пайдоиши воситаи муносиб барои амали муштарак бо бизнес ва пайдоиши шароитҳо барои бозсозии сохтории минбаъдаи иқтисодиёти минтақа мегарданд. Ба сифати ядрои (маркази) кластер соҳаҳо ва ширкатҳои бузург баромад намуда, миёни онҳо рақобатпазирӣ нигоҳ дошта мешавад, ки он бо ин хусусиятхояш аз картел ё гурӯҳҳои молиявӣ-саноатӣ фарқ мекунад. Низоми ташкили рақобатнокии корхонаю ташкилотҳои КАС, истеҳсолкунандагон, таъминкунандагон ва харидоронро барои ташкили махсусгардонии истеҳсолот, кооператсия ва ҳамгироӣ бештар ҷалб менамояд.

Ташкили кластерҳо ба шакли махсуси рушди инноватсияи КАС мусоидат намуда, маҳсулоти нави инноватсионӣ ва истифодаи технологияи наврo ба вуҷуд меорад, ки он барои рушди минбаъдаи донишҳои нав ва молу маҳсулотҳои нави соҳаи КАС мусоидат менамояд. Маҳз бо ташаббуси алоқаҳои байниҳамдигарии иштирокчиёни кластер самаранокии кашфиётҳои нав, коркарди технологияи нави инноватсионӣ ва маҳсулотҳои босифату ҷавобгӯй ба талаботи бозорро истеҳсол ва фурӯхта мешаванд. Дар ин маврид якчанд омилҳои асосӣ, пеш аз ҳама, , сиёсати давлатӣ дар минтақаҳои кишвар барои ташаккулёбии кластерҳо ва рушди соҳаҳои КАС, инчунин ҳолатҳои фавқулодда, яъне бо сабабҳои гуногун аз ухдаи идораи ширкат набаромадани роҳбарияти он, бояд ба назар гирифта шаванд

Дар маҷмӯъ,кластер ба сифати объекти сиёсати нави иқтисодӣ дар КАС қарор мегирад, ки онро сиёсати кластерӣ ном мебаранд, ки мақсади ниҳоии он таъмини рақобатпазирии иқтисодиёт, минтақа ва ё соҳаҳои алоҳидаи он мебошад. Ин ҷо «....мақсади сиёсати кластерӣ баланд бардоштани сифати рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа дар заминаи фароҳам овардани шароити пурзӯри рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ, ки кластерҳои минтақавиро ташкил медиҳанд, мебошад...». Дастгирии рушди соҳибкорӣ дар минтақа, паст кардани хароҷотҳои истеҳсолӣ, имкониятҳои дастгирии молиявӣ ва дастрасӣ ба бозори ҷаҳонӣ, фаъолгардонии чалби бештари сармояҳо, такмил ва рушди инфрасохтори бозорӣ - қисматҳои муҳими сиёсати кластерӣ дар минтақаҳо мебошанд. [3, с.148].

Дар баробари ниҳодҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ таъмини сиёсати самараноки макроиқтисодӣ низ омили муҳими ташакулёбии кластерхои агросаноатӣ дар минтақа ба ҳисоб рафта, он ба маҳсулоти ниҳоии минтақавӣ дар сатҳи микроиқтисодиёт мусоидат менамояд. Ин ҷо, «...самаранокии кластерикунонӣ дар сатҳи мезо дар соҳаи кишоварзӣ ва саноати хӯрокворӣ, ки дар натиҷаи ҳамгироии амудӣ ба даст оварда мешавад, монеъаҳои соҳавӣ ва технологии миёни онҳоро бартараф менамояд...» [5, с.7-8]. Вай аз қоблияти корхонаю ташкилотҳо дар раванди ташкили истеҳсоли молу хизматрасониҳо талаботи устувор, истифодаи самараноки усулҳои пешқадами истеҳсолот, тақсимот ва истеъмолот низ вобастагии калон дорад.

Ҳамин тариқ, сиёсати кластерӣ ба сифати фишанги муҳими рушди иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ баромад намуда, раванди соҳибкории маҳаллӣ ва муҳити бизнеси минтақавӣ, иқтидори ширкатҳо ва касбияти коргарон, иттилооти бештар оиди идораи самараноки истеҳсолот, рушди инфрасохтори бозорӣ, иштироки муассисаҳои илмӣ-

таҳқиқотӣ, таъминкунандагони ашёи хом ва рақобати софи иштирокчиёни кластерро таъмин менамояд.

Ташакулёбии кластерҳо дар шароити минтақа аз якчанд омил ва шароитҳо вобастагии калон дорад, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд: муттаҳидшавии географӣ ва алоқаҳои байниҳамдигарии иштирокчиёни он, ҳаҷм ва ҳиссаи бизнеси хурду миёна, рақобат миёни иштирокчиёни кластерҳо дар бозорҳои минтақавӣ ва рушди соҳаҳои комплекси агросаноати (КАС) ва ғайраҳо. Илова бар ин, «....дар татбиқи сиёсати кластерӣ мақомоти ҳокимияти давлатӣ мавқеи муҳим дошта, дар баланд бардоштани рақобатпазирии минтақавӣ ва миллӣ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ нақши калон мебозад...». [6, с.28]. Сиёсати кластерӣ бошад, ба сифати дастгирикунанда дар раванди ҳамгироӣ ва самаранок фаъолият намудани иштирокчиёни онҳо, баёнгари сифати ташшабускорӣ ва эҷодкорӣ дар фаъолияти корхонаҳои агросаноатӣ мебошад.

Чуноне, ки таҷрибаи рушди иқтисодиёти минтақавӣ нишон медиҳад, самараи бештарро ҳамон низоми иқтисодӣ ба даст меорад, ки дар дохили он рақобати софи молистеҳсолкунандагони ватанӣ таъмин карда шавад. Таъсири рақобат дар мавридҳо аз ҳисоби «...рақобати мустақими ширкатҳо ва тақсимшавӣ миёни онҳо, ки байни якдигар дар рақобат мебошанд, шӯҳратпарастӣ ва хоҳиши дар маҳаллҳои худ мавқеи фаъол доштан имкон медиҳад, ки старатегияи гузаштани якдигарро дастгирӣ намоянд...». [9]. Дар ин маврид, рақобат миёни ишитрокчиёни кластер яке аз унсурҳои муҳими консепсияи кластерикунонӣ ба ҳисоб рафта, фарқияти кластерро аз дигар шаклҳои кооператсия ва ҳамгироӣ ҷудо менамояд, ки он дар навбати худ ба баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа дар маҷмӯъ боис мегардад.

Вобастагии байниҳамдигарӣ ва рақобат дар кластерҳо дар якчанд самтҳо ба роҳ монда мешавад. Мусобиқаи дохилии кластер ба рушд ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, ҳавасмандии иштирокчиёни он мусоидат намуда, такмил ва ҷустуҷӯи роҳҳои нави рушди инноватсионӣ, наздикшавии географӣ ва ба таъмини рақобати софи корхонаю ташкилотхои КАС мусоидат менамояд. Мусобиқаи истеҳсолӣ дар кластерҳо шарти зарур ва ҳатмӣ буда, он на танҳо барои ба даст овардани истемолкунандаи ниҳоӣ, балки ба ҷалби бештари захираҳо, дастгирии сиёсӣ ва ҷамъиятӣ оварда мерасонад.

Усулҳои дахолати давлатӣ ба рушди иқтисодиёт, ки ҳамчун анъана бо сабаби дуруст амал накардани механизмҳои бозорӣ (бахсус, вазъи иҷтимоӣ ва ҳолати ногувори экологӣ аз таъсири буҳрони иқтисодӣ) ба амал меояд, ба нокомиҳои давлат асос карда мешавад. Ин ва дигар омилҳо ба ташакулёбии минбаъдаи кластерҳои агросаноатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ бетаъсир намемонанд.

Ҳамин тавр, сиёсати кластерӣ шакли омехтаи сиёсати иқтисодии давлат аст, ки аз муттаҳид намудани сиёсати саноатӣ ва кишоварзӣ, минтақавӣ, сиёсати дастгирии сохибкории хурду миёна, ҷалби сармояи дохилӣ ва берунӣ, сиёсати инноватсионӣ, илмӣ-техникӣ, маълумотнокӣ манша гирифта, барои фаъолияти самараноки иштирокчиёни он ва рушди минбаъдаи минтақа равона карда шудааст. Хадамоти маҳаллӣ дар раванди кластерикунонӣ мавқеи хоса дошта, сиёсати давлатиро барои ташаккулёбӣ ва рушди минбаъдаи кластерҳои агросаноатӣ зарур ва ҳатмӣ дониста, рушди инфрасохтори бозориро дар фаъолияти кластерҳо ҳамчун омили асосии рақбатпазирии молу маҳсулот ва ҳавасмандиҳои иқтисодӣ медонад.

Дигар сохтори ниҳоят муҳими кластерҳои агросаноатӣ - ин сохтори территориявӣ-истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад. Ин сохтор ба низоми корхонаҳои

минтақавӣ ва ташкилотҳои агросаноатӣ тақсим шудани соҳаҳои комплекси агросаноатӣ (КАС)-ро дар назар дорад. Мувофиқи пешниҳоди мутахассисон, комплекси агросаноатӣ (КАС)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори ҳудудӣ - истеҳсолии худ ба 5 минтақа ва 15 зерминтақаҳо тақсим карда мешавад: минтақаи агросаноатии Шимолӣ, минтақаи агросаноатии Ҳисору Марказ, минтақаи агросаноатии Вахшу Кӯлоб ва минтақаи агросаноатии Помиру Дарвоз.

Маҳз дар мақолаи мо рушди кластерҳои агросаноатӣ дар минтақаи агросаноатии Вахшу Кӯлоб мавриди омӯзиш қарор мегирад, ки дар ин минтақа ташакулёбии кластерҳои агросаноатӣ дар заминаи рушди соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Сохтори технологи-истеҳсолии кластерҳои агросаноатӣ аз маҷмӯи равандҳои якҷояшудаи технологии истеҳсолот барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ иборат мебошад. Таъмини алоқамандии ин занҷири технологӣ дар шароити гузариш ба технологияи интенсивӣ-инноватсионӣ, ки ба сарфаи захираҳои истеҳсолӣ нигаронида шудааст, хеле муҳим мебошад.

Сохтори маҳсулотию ашёихомӣ барои кластерҳои агросаноатӣ аз зеркомплексҳои саноатӣ, ба мисли ғаллакорӣ, меваю сабзавот, гӯшту шир, пахтакорӣ, ангуру шаробпазӣ, пашмресӣ ва ғайраҳо иборат мебошад ва дар шароити кунунӣ на ҳама зеркомплексҳои саноатии минтақа занҷираи пурраи худро доро мебошанд.

Сохтори ташкилӣ-идоракунии кластерҳои агросаноатӣ - ин маҷмӯи шаклҳо, усулҳо ва фишангҳои идораи комплекси агросаноатӣ (КАС)-ро дарбар мегирад, ки ба инкишофи ҳамаи соҳаҳо ва корхонаҳои он равон карда шуда, ба истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии он мувофиқат менамояд. Таҷриба нишон медиҳад, ки алҳол дар низоми идоракунӣ, яъне идораи комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо ягон тағйироти куллӣ ба амал наомадааст. Гарчанде давлат ҳамчун субъекти идоракунӣ аз иҷрои як қатор функсияҳои ба таври объективӣ зарури худ даст кашидааст, лекин масъалаи муҳимро дар низоми танзими давлатии рушди кластерҳои агросаноатӣ иҷро намекунад. Ин равандро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки ҳоло консепсияи аз нигоҳи илмӣ асоснокгардидаи рушди кластерҳои агросаноатӣ вуҷуд надорад. Яъне чунин як низоми идоракунии муосир дар минтақа рушд накарда, ба ҳалли вазифаҳои истеҳсолии комплекси агросаноатӣ мусоидат намекунад, манфиатҳои иштирокчиёни кластерҳои мазкур то ҷои лозимӣ ҳимоя карда намешаванд.

Худидоракунии маҳаллӣ бошад, дар минтақаҳо дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дошта, баъзе масъалаҳои он аз нигоҳи илмӣ то ҳол асоснок карда нашудаанд. Принсип, функсияҳо ва усулҳои идораи каластерҳои базаи ахборӣ, таъминоти техникӣ, кадрӣ, молиявӣ, ҳуқуқии системаи идоракунӣ, ҳамчунин, усул ва тарзи корбарии кадрҳои роҳбарикунандаи агросаноатӣ ба талаботи имрӯза ҷавоб дода наметавонанд. Дар натиҷаи чунин номувофиқатиҳо идоракунӣ аз болои ҷараёнҳои иқтисодӣ-иҷтимоии дар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ баамаломада номумкин мегардад. Чунин номувофиқатиҳо оиди манфиатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ ва корхонаҳои агросаноатӣ норозигии миёни онҳоро ҳам дар доираи занҷираи КАС ва ҳам дар беруни он, ба амал меорад. Аз ин рӯ, зарурияти идоракунии ташаккулёбии кластерҳои агросаноатӣ ба миён меояд, ки аз нигоҳи илмӣ асоснок буда, идораи давлатӣ, низоми хоҷагидорӣ ва худидоракунии маҳаллиро дарбар гирифта, тавассути принсипҳо ва функсияҳои асосӣ амалкарди минбаъдаи кластерҳои агросаноатӣ ба роҳ монда мешавад.

Ба андешаи мо, дар минтақаҳои ҷумҳурӣ барои ташаккулёбӣ ва рушди кластерҳои агросаноатӣ заминаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ мавҷуд мебошанд. Дар натиҷаи рушди кластерҳо рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавӣ таъмин гардида, сатҳи бо кор таъмин намудани аҳолӣ баланд шуда, барои рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои кишвар қадамҳои устувор гузошта мешаванд. Лекин дар шароити ҳозира, новобаста аз бартариятҳои он, кластерҳои агросаноатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ на он қадар хуб фаъолият мекунанд. Ин ҳолат бо якчанд сабабҳои объективӣ ва субъективӣ вобаста буда, он, пеш аз ҳама, бо набудани таҷрибаи кофӣ, нарасидани маблағҳои пулӣ барои фаъолияти дастаҷамъонаи иштирокчиёни онҳо, сатҳи пасти рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ (КАС), бахши хизматрасонӣ ва ғайраҳо алоқаманд мебошад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ воситаи муҳимтарин ва самарабахш барои бартараф намудани буҳрони иқтисодӣ дар минтақаҳои кишвар, ки асоси онро баҳои самараҳои синнергии мусбии агломератсияи минтақавӣ ташкил медиҳад, муносибати кластерӣ мебошад. Барои ташаккулёбии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақаҳои кишвар, идораи самараноки иқтисодиёти он, ки бо муносибати муайяни истеҳсолӣ ва қувваҳои истеҳсолкунандаи он асос меёбад, зарур мебошад.. Инчунин навҷорсозии сохтори соҳаҳои комплекси агросаноатӣ (КАС), шакли нави корхонаҳои агросаноатӣ, ки ба истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ машғул мебошад, зарур аст.

Ҳамин тариқ, заминаҳои асосӣ барои ташакулёбии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа инҳо ба ҳисоб мераванд:

-истифодаи самараноки иқтидори табиӣ-захиравӣ барои истеҳсоли молҳои озуқаворӣ ва саноатӣ;

-мавҷуд будани талабот ва таклифот ба маҳсулотҳои истеҳсолнамудаи кластерҳо;

-шароити мусоиди истеҳсолӣ ва табиӣ-иқлимӣ барои рушди кластерҳои агросаноатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ;

-ҳавасмандии иқтисодӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои аз нигоҳи экологӣ тоза дар минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикуҳӣ ва ғайраҳо.

Дар маҷмӯъ, ташаккулёбии кластерҳои агросаноатӣ ҳамон вақт самараи синеритикӣ медиҳад, ки вазъи соҳаҳои коркарди саноатӣ ҳамчун ядрои кластер, истеҳсоли маҳсулоти онҳо, фаъолияти кории иштирокчиёни онҳо дар низоми инноватсионӣ ба роҳ монда шаванд. Ояндаи рушди кластерҳои минтақавӣ дар КАС дар он соҳаҳое хуб ба роҳ монда мешавад, ки дар миқёси минтақавӣ, миллӣ ва байналмилалӣ макоми хоса пайдо намуда, афзалияти бештари рақабатпазириро доро мебошад.

Самтҳои асосӣ дар татбиқи кластерикунонии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ (КАС) дар минтақа, ки аз рӯи принсипҳо ва функсияҳои махсусгардонидашуда амалӣ мегарданд, инҳо мебошанд:

-тақвият бахшидан ба ҳамгироии агросаноатӣ дар низоми кластерҳои воридотивазкунанда, таъмини арзиши баланди изофавӣ ва иқтидори рушди инноватсионӣ;

-ташкили шаклҳои нав ва рушди алоқаи байнисоҳавӣ ва технологӣ барои ташакулёбии кластерҳои минтақавии содиротивазкунанда, ки ба бозорҳои дохилӣ нигаронда шуданд;

-ҳамгирой дар кластерҳои истеҳсолии ягона, яъне аз истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, фурӯш ва то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани молу маҳсулот ва хизматрасониҳои соҳаи кишоварзӣ ва саноатӣ;

-беҳдошти муҳити зист ва экосистемаҳои минтақавӣ зимни ташакулёбии кластерҳои агросаноатӣ, низоми идораи самараноки коорпаративӣ ва корхонаҳои фаръӣ дар соҳаҳои КАС;

-зиёд намудани имкониятҳо ва иқтидори корхонаҳои коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ ва назорат аз болои истифодаи самараноки иқтидори истеҳсолӣ, интизоми меҳнат ва технологияи пешқадам ва ғайраҳо.

Хулоса, ташаккулёбии кластерҳои агросаноатӣ бояд ба принсипҳо ва функсияҳои таъмини рушди устувори минтақаҳои ҷумҳурӣ мусоидат намуда, фароҳам овардани шароитҳои хубтаринрро барои навҷорисозии техникӣ-технологии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ (КАС), ҷалби бештари сармояҳо ба иқтисодиёти минтақа дар асоси механизми ҳавасмангардонии иқтисдӣ, татбиқи фаъоли рушди инноватсионӣ ва идораи самараноки кластерҳои минтақавӣ, ки рақобатпазирии корхонаҳои агросаноатӣ ва рушди босуботи иқтисодӣ-иҷтимоиро дар ҷумҳурӣ таъмин намояд. Инчунин дар минтақаҳои кишвар бояд мухити соф барои фаъолияти кластерҳои агросаноатӣ таъмин гардида, рушди минбаъдаи онҳо аз ҷониби ҳокимияти маҳаллӣ, тариқи танзими давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ (КАС) ва иштирокчиёни кластерҳо дуруст ба роҳ монда шавад.

## Адабиёт


1. Дуненкова, Е.Н. Выявление кластеров и разработка стратегии инновационного развития региона на основе кластерного подхода [Текст] / «Актуальные проблемы управления - 2004»: материалы международной научно-практической конференции, вып. 4. - М.: ГУУ, 2004. - с. 21.
2. Жакашев Б.Р. Особенности формирования и развития кластеров в АПК Казахстана// Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 2009. - № 9. -С. 80.
3. Лаврикова, Ю.Г. Кластеры: стратегия формирования и развития в экономическом пространстве региона [Текст] // Екатеринбург: Ин-т экономики УрО РАН, 2008.- с.148.
4. Марков Л.С. Проблемы реализации кластерной политики в России. URL: http://www.cluster-center.ru/about1.html (дата обращения: 24.06.2013).
5. Михайлов А. Формирование и развитие конкурентоспособных отраслевых кластеров АПК регионов (на примере Курской области) // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 2009. - № 12. - С. 7-8.
6. Ҳусейнов М. Н. Ташаккули кластерҳои боғу токпарварӣ дар комплекси агросаноатии минтақавӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон). дисс. барои дарёфти уновнӣ н.и.и., Душанбе, 2019.-С.28.
7. Терешин Е.М. Принципы кластерных объединений в российской экономике // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 2011. - № 3. - С. 57.


# АГРОПРОМЫШЛЕННЫЕ КЛАСТЕРЫ РЕГИОНА: НЕКОТОРЫЕ МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИХ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ

**ХАЛИФАЗОДА ДЖОВИДОН БОБОХОН,**
ассистент кафедры страхования
Таджкиского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14.
Тел.: (+992)000-02-23-36. E-mail: jovidhalifa@mail.ru

*В данной статье показано, что одним из основных способов повышения конкурентоспособности в условиях рыночной экономики является кластеризация регионов. В нынешних условиях глобализации продолжается развитие агропромышленного комплекса (АПК) и формирование отраслевой интеграции, и экономика Республики Таджикистан также извлекает выгоду от данного процесса. В связи с этим вертикальная интеграция сыграла важную роль в формировании агропромышленных кластеров в регионе и не потеряла своей сущности с точки зрения методической реализации. В таком случае, региональная кластеризация не противоречит целям и задачам вертикальной интеграции, а вместе способствует развитию малого и среднего предпринимательства в агропромышленном комплексе (АПК).*

*В статье исследуются возможности, методы и препятствия на пути формирования кластеров в АПК. Автор приводит в статье ряд полезных предложений по формированию кластеров в АПК и их эффективности.*

***Ключевые слова:*** *сельскохозяйственный, агропромышленный комплекс, интеграция, сельскохозяйственные сферы, кластеры, производство, снабжение, хранение, транспортировка, сбыт, конечный потребитель.*

## AGRICULTURAL CLUSTERS IN THE REGION: SOME METHODOLOGICAL ASPECTS OF THEIR FORMATION AND DEVELOPMENT

**KHALIFAZODA JOVIDON BOBOKHON,**
Assistant of the Insurance Department of
Tajik State University of Finance and Economics,
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14, Nakhimov str.,
Phone: (+992)000-02-23-36. E-mail: jovidhalifa@mail.ru

*This article shows that one of the main ways to increase competitiveness in the context of market economy is the clustering of regions. In the current context of globalization, the development of the agro-industrial complex (AIC) and sectoral integration continues, and the economy of the Republic of Tajikistan is also benefiting from this process. In this regard, vertical integration has played an important role in the formation of agro-industrial clusters in the region and has not lost its relevance in terms of methodological implementation. In this case, regional clustering does not contradict the goals and objectives of vertical integration, but together promotes the development of small and medium businesses in the agro-industrial complex (AIC).*

*The article explores the possibilities, methods and obstacles to the formation of clusters in the agro-industrial complex. The author of the article gives a number of useful proposals on the formation of clusters in the agro-industrial complex and their effectiveness.*

***Key words:*** *agricultural, agro-industrial complex, integration, agricultural sectors, clusters, production, supply, storage, transportation, sales, end consumer.*

УДК: 323.11 (575.3)

# МОНЕА ВА МУШКИЛИҲО ДАР ТАКМИЛ ВА ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА РОҲҲОИ АСОСИИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ ОНҲО

**БАРАКАТОВ БОБОХОҶА САЙФУЛЛОЕВИЧ,**
унвонҷӯйи Институти фалсафа сиёсатшиносии ва ҳуқуқ ба номи
А. Баҳовиддинов АМИТ,
Душанбе, 734025 Хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 938-27-62-62. E-mail:Barakatov.96@mail.ru

*Муаллиф дар мақолаи худ оиди монеаҳо дар рушду инкишофи истиқлолият ва роҳҳои асосии бартараф намудани онҳоро зикр намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки новобаста аз дастовардҳои бузург дар такмил ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ боз монеаҳои мавҷуданд, ки метавонанд рушду инкишофи он хатари ҷиддӣ оваранд. Аз ин хотир, муаллиф дар заминаҳои адабиётҳои дастрасшуда, монеаҳоро дар ин самт гуфта мегузарад. Дар баробари муайян намудани монеаҳо ӯ инчунин роҳҳои асосии бартараф намудани онҳоро пешниҳод менамояд. Ба ақидаи ӯ барои бартараф намудани монеаҳо ва инкишофу рушди истиқлолияти ватан нафақат мақомотҳои давлатӣ ӯҳдадоранд, балки тамоми шаҳрвандон низ дар ин роҳ тамоми ҷидду ҷаҳди хешро дареғ надоранд. Зеро истиқлолият бақои миллату давлат ба ҳисоб рафта, онро ҳамчун неъмати бузурге қадр намуд.*

***Калидвожаҳо:*** *истиқлолият, коррупсия, иттилоот, давлати миллӣ, шуури сиёсӣ, терроризм, экстримизм, ВАО, шабакаҳои иттилоотӣ.*

“Пайдоиш, ташаккул ва ҳуввияти ҳар як халқу миллатро дар марҳалаҳои гуногуни таърих саргузашту сарнавишти он муайян мекунад”. [1, с.4]

Дар зери мафҳуми “Истиқлол” Ж.Боден хислати олии ҳокимиятро медонист. Ӯ дар асараш “Шаш китоб дар бораи ҷумҳурӣ” хосиятҳои дохилию хориҷии истиқлолро мутафаккирона шарҳ додааст. Суверенитетро ҳамчун ҳокимияти мутлақ ва абадии ҷумҳурӣ ва ҷумҳуриро шакли давлат медонист. [9, с.31-32]

Дар охирҳои солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX вазияти сиёсию ҷамъиятие арзи ҳастӣ намуданд, ки дар таърихи халқҳо ва мамлакатҳо тағийротҳои сифатиеро ба вуҷуд овард. Махсусан, аз байн рафтани иттиҳоди Шӯравӣ тақдири халқҳои ин мамлакатҳоро куллан дигаргун намуд. Демократикунонии ҳаёти сиёсӣ, плюрализми сиёсӣ ва падидаҳои дигар боиси ташаккул ва инкишофи ҳисси миллӣ ва худщиносии миллӣ гардиданд. Мамлакатҳои мазкур ба демократия рӯ оварда, кӯшиши ба таври озод ва мустақилона идораи ҳукумату давлати хешро пеш гирифтанд. Яке аз чунин давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки истиқлолияти хешро эълон намуд ин Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Аммо аз сабабе, ки роҳбарон ва сарварони ҳамонвақтаи давлати Тоҷикистон таҷрибаи кофии давлатдорӣ надошанд ва онҳо тамоюлҳои инкишофи стратегии мамлакатро муайян карда натавонистанд. Вазияти сиёсӣ ва дигар соҳаҳои мамлакат тадриҷан бад мегардиданд. Зиддиятҳо ва муқовиматҳо дар мамлакат шиддат меёфтанд. Дар баробари сабабҳои дохилӣ сабабҳои берунии сар задани ҷанг низ мавҷуд буд. Баъзе аз давлатҳои манфиатхоҳ намехостанд, ки дар Тоҷикистон сулҳ қоим бошад ва онҳо дар мамлакат ҳаргуна фитна меандохтанд. Чунин вазъият заминаи ҷанги ҳамватанӣ гардид. Ҷнги ҳамватанӣ оқибатҳои харобовари сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар мамлакат ба миён овард. Тибқи баъзе аз сарчашмаҳо шумораи курбониёни ҷанги ҳамватанӣ 60 ҳазор нафар ҳисобида мешавад. Аммо дар баъзеи маълумотҳои дигар шумораи қурбоншудагонро ба 200000 нафар медонанд. Дар натиҷаи ҷанги бародаркуш аз Тоҷикистон 850000 нафар ба ғурбат рафтанд. Инчунин, зиёда аз 600000 нафар дар дохили мамлакат маҷбур шуданд, ки ҷои зисти муқимии

хешро дигар намоянд. Ҷанги бародаркуш 25000 ҳазор нафар занҳоро бешавҳар ва 55000 кӯдаконро ятим гардонид. [1,с.108]. Ба зарари модие, ки ба соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ расонида шудаанд, ҳоҷати гап гамемонад. Ҷои зарари ҷонӣ ва маънавӣ пӯшида намешаванд. Ҷанги мазкур дар тахрихи миллати тоҷик ҳамчун як мусибат боқӣ хоҳад монд. Хушбахтона, дар санаи 27 июни 1997 ақли солим боло гирифт ва дар шаҳри Маскав Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ва Роҳбари Иттиҳодияи мухолифин С.А.Нурӣ ба имзо расид. Аммо бояд қайд намуд, ки раванди мусолиҳаи миллӣ ва истиқрор дар Ҷумхурии Тоҷикистон ба осонӣ ба даст наомадааст. То ба имзо расидани Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ давраи дуру дарози вохӯриҳо ва музокироту сӯҳбатҳо гузашта буданд. Созишномаи мазкур дар натиҷаи 8 давраи музокироти байни тарафҳои муқовиматкунанда, 6 мулоқоти Президент ва роҳбари Роҳбари Иттиҳодияи мухолифин ва 3 вохӯрии тарафҳо ба даст омад, ки раванде буд басо мушкил ва сангин.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мурочиати худ вобаста ба имзои Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ чунин зикр намуда буд: « Кӯшишу умедвориҳои панҷ-шаш соли охир, ки ба ҳифзи давлати миллии тоҷикон равона шуда буданд, маҳз дар ҳамин рӯзи мусоид амали гардиданд.

Ақли солим ва хиради дурандешона имрӯз ғалаба карданд. Он рӯзи хуше расид, ки дар тамоми шаҳрҳо, ноҳияҳо ва деҳаҳои алоҳида, дар ҳамаи оилаҳо бесаброна интизор буданд [4, с. 161].

Аз ин ру иахкими истиклолият вазифаи аввалиндарача махсуб меёфт.Вазифаи муҳимтарини давлату ҳукумат ва шаҳрвандони мамлакат дар давраи истиқлолиятсозӣ пеш аз ҳама дарёфти роҳу воситаҳои ҳалли моҷарои ҳамватанӣ ва таъмини сулҳу суббот буд. Давлату ҳукумати Тоҷикистон тавонист аз ҳалли монеа ва мушкилӣ – хотима бахшидани ҷанг дар мамлакат барояд. Фақат дар заминаи мустақилии иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоӣ халқ метавонад, озодона идоракунии корҳои давлат ва ҷамъиятро ташкил намояд. Соҳибихтиёрию истиқлолияти давлат бо асосҳои демократии сохтори ҷамъиятӣ ва давлатӣ ва татбиқи ҳақиқии онҳо вобаста аст [10, с.45].

Давлат, ҳукумат ва миллати тоҷик то ба имрӯз ба чандин дастовардҳои бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ комёб гардиданд. Имрӯзҳо истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро қариб тамоми давлатҳои ҷаҳон эътироф намуданд. Тоҷикистон дар сиёсати байналхалқӣ соҳиби мавқеъ буда, дар ҳалли масалаҳои глобалии ҷаҳон фаъолона ширкат меварзад. Аъзои ташкилотҳо ва созмонҳои бонуфузӣ байналхалқию минтақавист. Дар сиёсати хеш “сиёсати дарҳои кушод”-ро эълон намуда, бо тамоми мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон дар муносибати дустона ва шарику хамбастаги қарор дорад.

Давлату ҳукумати Тоҷикистон дар сиёсати дохилии кишвар низ муваффақ гардида истодааст. Ислоҳоти чиддии сохториро дар самтҳо ва соҳаҳои ҳаётан муҳими давлат, ба монанди идоракунӣ, молия, бонкдорӣ, бахшҳои воқеии иқтисодиёт, инчунин маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оғоз намуда, бо қабул ва татбиқи як силсила барномаҳои рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва махъсусан сиёсӣ ва андешидани тадбирҳои судманд ба татбиқи накшаҳои азими рушду инкишоф заминаи мустаҳкам гузошт.

Тоҷикистон таи 30 соли истиқлолияти хеш комёбиҳои назаррасеро ба даст овард. Аммо ҳоло ин маънои онро надорад, ки тамоми вазифаҳои дар пешистодаи давлату

ҳукумат ва миллати тоҷик ба иҷро расидаанд. Мутассифона, омилҳо ва падидаҳое мавҷуданд, ки ба раванди истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёрии он монеа ва мушкилиҳои зиёде ба бор оварда метавонанд. Яке аз ин гуна монеаҳо сатҳи пасти шуури сиёсии бархе аз шаҳрвандони мамлакат маҳсуб меёбад. Шаҳрвандони мазкур оиди нақши истиқлолият дар ташаккул ва инкишофи миллату давлат, демократия, плюрализм, худшиносии миллӣ ва дигар масъалаҳо қариб ҳеҷ чизе намедонанд. Чунин тарзи муносибат албатта, онҳоро аз масъулияти шаҳрвандӣ дур сохта, меҳри ватандорӣ дар онҳо истисно мегардад. ба ибораи дигар, шуури сиёсии шаҳрвандон дар сатҳи зарурӣ рушд накарда бошад пас, арзишҳои миллию давлатӣ ва якпорчагии мамлакат дарк карда намешаванд, онгоҳ майлонҳои маҳалгароӣ ва дигар монеаҳо дар таҳким ва такмили истиқлолият пайдо мегарданд ва чунин ҳолат дар аввали раванди истиқлолиятхоҳӣ дар Тоҷикистон рух дода буд. Бояд қайд намуд, ки миллат ва давлате, ки арзишҳои миллии хешро дарк намекунад ва ё онро нодида мегирад, он миллат оқибат метавонад ба ҳалокат расад.

Раванди тарбияи ватанпарастӣ ва ватандӯстӣ бояд хусусияти муайян ва аз ҳамагуна хусусиятҳои худнамоӣ ва муболиға дур бошад. Яъне, ба ибораи дигар, ватандустӣ ва эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллӣ нафақат бо забон балки дар амал татбиқ гардад. Зеро танҳо шаҳрвандони бо нангу номус дар ҳимояи ватан ва муқаддасоти он тамоми кӯшишҳои созандаро дареғ намедоранд.

Бинобар ин, миллати точик бояд шуури баланди сиёсӣ дошта бошанд то аз таърихи гузаштагони хеш, фарҳанги миллӣ, манфиатҳои миллӣ ва оинҳои давлатдорӣ огоҳ бошад ва вобаста ба таҳаввулоти оғози ҳазорсолаи сеюм барои ташаккул ва инкишофи давлати навин ва фарҳангу маданияти тоҷикон кӯшиш намояд.

Мушкилии дигаре, ки садди роҳи рушду инкишофи босуботи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва махсусан, истиқлолияти давлатӣ мегардад, ин амалҳои коррупсионӣ ба шумор меравад. Давлату ҳукумати мамлакат барои аз байн бурдани ин кирдор тамоми чораҳоро андешида истодаанд. Яке аз чораҳои муфид дар ин самт таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ аз қабили инҳост.

Қариб дар тамоми баромадҳояш Президенти мамлакат оиди масъалаи коррупсия ва муборизаи беамон бурдан ба онро таъкид месозад. «Коррупсия зуҳуроти номатлуб ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи ҷомеаи шаҳрвандӣ, ва ҳар як сокини кишвар мебошад» [3, с.38-39]. Воқеан, вазифаи мубориза бар коррупсия танҳо вазифаи мақомотҳои давлатӣ ба шумор намераванд, балки дар ин раванди мубориза тамоми аҳолии мамлакат, ҳар як шаҳрванд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бетараф набошанд. Бояд қайд кард, ки дар бисёр ҳолат худи шаҳрвандон ба ин амали ношоиста даст мезанад. Яъне, онҳо барои он, ки кори худро тезтар ҳал намудан ришва пешниҳод менамоянд. Новобаста аз шаклгирии коррупсия дар мамлакат бояд он аз муносибатҳо аз байн бурда шавад. Вагарна, он оқибатҳои ҳалокатоварро ба бор хоҳад овард.

Яке аз таҳдидҳои дигар ба истиқлолият ин гурӯҳҳои террористӣ, экстримистӣ ва дигар нерӯҳои радикалӣ ба шумор меравад. Мутассифона имрӯзҳо гурӯҳҳо ва нерӯҳои мазкур нафақат ба имрӯзу фардои Ҷумҳурии Тоҷикистон балки онҳо ба кулли давлатҳои ҷаҳон таҳдид мекунанд. Пайравони гурӯҳҳои террористӣ, экстримистӣ ва дигар нерӯҳои радикалӣ барои ноором сохтани вазъият дар мамлакат ба

тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кушиш карда, барои гумроҳ кардани шаҳрвандон махсусан, ҷавонон кӯшиш менамоянд. Мутассифона, имрӯзҳо баъзе аз ҷавононе, ки шуури пасти динию сиёсӣ доранд ба фиребу найранги ин қабил гӯрӯҳҳо ва созмонҳои террористию экстримистӣ афтода, шомили гурӯҳхои мазкур дохил мегарданд.

Терроризм ва амалҳои террористӣ яке аз ҳодиса ва раванди мудҳиштарини ҷомеаи муосир табдил ёфтааст. Дар гӯщаю канораҳои дунё аз дасти террористон садҳо – ҳазорҳо нафар одамони бегуноҳ қурбон мешаванд. Дар шароити имрӯза дар қисми зиёди давлатҳо амалҳои террористӣ ба вуқӯъ омада истодаанд.

Фаъолияти террористон гуногунҷабҳа аст. Онҳо аз тамоми имконотеро, ки ба даст меоянд мавриди истифода қарор медиҳанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза онҳо барои муваффақ гардидан ва пиёда намудани амалҳои манфии худ аз Шабакаи Умумиҷаҳонии Интернет истифода мебаранд. Масалан, онҳо барои тарғибу ташвиқи ғояҳои худ, тарсонидани тарафи муқобил, зиёд намудани тарафдорони худ истифода мебаранд. Аммо бояд қайд намуд, ки гурӯҳхои мазкур интернетро инчунин барои ҷамъ намудани маблағ барои давом додани амалҳои худ низ истифода мебаранд. Онҳо дар шабакаҳои интернетӣ фондҳои махсуси худро созмон дода, фоидаҳои зиёд ба даст меоранд. Масалан, гурӯҳи экстримистии «Ҳизбу-ут-таҳрир» сайтҳои махсуси хайриявии худро ҷой додаст, ки аз ҳамфикрон ва ҷонибдорони худ барои давоми фаъолияти худ мабағ талаб менамоянд. Бештари вақт онҳо муваффақ мегарданд [6, с. 137].

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар танҳои ҳеҷ як аз давлату ҳукумат бо он мубориза бурда наметавонад. Аз ҳамин хотир, тамоми давлатҳо бояд дар ҳамбастагӣ бо он мубориза баранд. Ба ибораи дигар, бо ин раванди манфӣ мубориза бурдан хело мушкил гардидааст. Зеро терроризм на миллат дорад, на дин ва на ҳудуд. Маҳз ҳамин номуайянӣ мубориза ба онро мушкилтар месозад [5, с.159].

Дар замони муосир асоси муносибатҳои байни давлатҳоро манфиатҳо ташкил медиҳад. давлатҳои рушд карда, баҳри расидан ба мақсадҳояшон чораҳои барои худ муносибро мавриди истифода қарор медиҳанд. Ҳатто ба корҳои давлатҳои дигар, аз ҷумла давлатҳои қашшоқу рӯ ба инкишоф дахолат менамоянд. Аммо бояд қайд намуд, ки дахолат намудан ба корҳои давлатии мамлакати дигар қатиян манъ аст. ҳама давлатҳо дар муносибатҳо баробарҳуқуқ мебошанд [7]. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яке аз давлатҳое ба шумор меравад, ки дар ҳоли рушдкардан аст ва дар минтақае қарор дорад, ки аз бозиҳои геополитикию стратегии давлатҳои бузурги минтақавию ҷаҳонӣ дар канор буда наметавонад. Дар баробари ин, ҳоло дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоякишвар масъалаи сарҳадӣ ҳаллу фасли худро наёфтааст. Чунин авзоъ метавонад ба истиқлолият ва якпорчагии ватани маҳбубамон монеа ба бор орад. Аз ҳамин хотир, мебояд, ки қобилияти мудофиявии давлат дар сатҳи олӣ қарор гирифта бошад.

Шароити ва вазъияти имрӯзаи ҷаҳон ва минтақа миллати тоҷикро водор менамояд, ки Қувваҳои мусаллаҳ бахусус, Қӯшунҳои сарҳадии он ҳамеша дар ҳолати омодабош қарор дошта бошад. Зеро яке аз манбаҳои асосии таҳким ва такамили истиқлолият дар шароити имрӯза ин мавҷудияти ва дар ихтиёр доштани Қувваҳои мусаллаҳи замонавӣ маҳсуб меёбад. Аз ҳамин хотир, яке аз мушкилиҳои дигар дар рушду инкишофи истиқлолият ин вазияти ноороми ҷаҳон ва минтақа аст.

Технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар самаранокии идораи давлатӣ ва умуман дар раванди истиқлолгаройӣ нақш ва мақоми арзандаеро касб намудааст. Дар

заминаи он мушкилиҳо ва монеаҳо бартараф мегарданд. такмил ва таҳкими рушди давлату ҳукуматро бе истифода аз технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ тасаввур кардан хатост. Мутаассифона, онро бархе аз давлатҳои манфиатхоҳ, гурӯҳҳо ва нерӯҳои гуногун дар амали намудани амалҳои ғаразноки хеш мавриди истифода қарор медиҳанд. Яъне онро ҳамчун аслиҳаи муҳим барои аз байн бурдани рақиб хело моҳирона истифода мебаранд. Масалан, яке аз омилҳои аз харитаи ҷаҳон нест гардидани давлати бузурги Иттиҳоди Шӯравиро маҳз заиф будани системаи иттилоотии он ташкил медод. Аз ин хотир, иттилоот дар замони муосир ба мисли қувва, дониш ва сармоя ҳисобида мешавад. Ҳар касе, ки иттилоот дар даст зиёд дорад он ҳамавақт ғолибу сарфароз аст ва ҳокимиятро дар даст меорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳое мебошад, ки аз хуҷумҳои иттилоотии бархе аз давлатҳо ва гурӯҳҳои муайян дар канор буда наметавонад. Қариб ҳар соат бар муқобили давлат ва миллати тоҷик аз ҷониби вао-и баъзе давлатҳо иттилоотҳои дурӯғин пахш мегарданд. махсусан, гурӯҳҳои манфиатдор тариқи интернет наворҳо ва иттилоотҳое пахш менамоянд, ки асос надоранд. инчунин баъзе аз гуруҳҳои террористӣ ва экстримистӣ ғояҳои бегонаи хешро паҳн менамоянд. Бадин васила онҳо кӯшиш менамоянд, ки дар зеҳни ҷавонони мо ақидаҳои ифротии хешро ҷой намоянд. аз ин хотир, тамоми ҷораҳо аз тарафи мақомотҳои давлатӣ, бахусус, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ андешида шаванд. Пеш аз ҳама онҳо бояд фазои иттилоотии мамлакатро бо иттилоотҳои худӣ пур намоянд ва консепсияи амнияти иттилоотиро дар мамлакат пурзӯр намоянд. инчунин он шабакаҳое, ки зидди арзишҳои миллӣ ва барои ноором намудани сулҳу суботи мамлакат равона гаштаанд, фаолияти онҳоро қатъ намоянд.

Дар баробари он мушкилиҳо ва монеаҳое, ки дар раванди истиқлолият дар боло қайд гардидаанд боз омилҳо ва равандҳое мавҷуданд, ки хосияти манфӣ дар инкишофи истиқлолият эҷод менамоянд. Аз ин хотир, бояд мақомотҳои давлатӣ махсусан, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ онҳоро пайдо намуда, ҳарчӣ зудтар бартараф намоянд.

Хулоса истиқлолият неъмати гаронбаҳо ба ҳисоб меравад. Маҳз дар заминаи истиқлолият давлату ҳукумат ва шаҳрвандон озодӣ ва амалӣ гардидани талаботҳои гуногуни хешро вобаста медонанд. Ҳанӯз дар замонҳои қадим одамон кушиш менамуданд, ки ҳамавақт озод умр ба сар баранд. Онҳо дар ин ҷодда тамоми кӯшишҳоро ба харҷ дода, ҳатто ҷони худро дареғ надонистанд. Миллати тоҷик яке аз миллатҳои қадима ба шумор рафта, таърихи ҳазорсола дорад. Таърих гувоҳ аст, ки миллати тоҷик аз азал озод будан ва озод зиндагӣ намуданро мепарастид. Чунин неъмати бузург танҳо баъд аз байн рафтани Иттиҳоди Шуравӣ ба даст омад ва тоҷикон соҳиби давлати миллии хеш гардиданд. Аммо ин маънои онро надорад, ки тоҷикон боре ҳам соҳиби давлату ҳукумат набуданд. Бо ба даст овардани истиқлолият ҳоло маънои онро надорад, ки кор бо ҳамин тамом. Яъне, истиқлолиятро бояд рушду инкишоф дод ва тамоми монеаҳо ва мушкилиҳои ҷойдоштаро дар раванди истиқлолият бартараф намуд.

## Адабиёт


1. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих.- Душанбе, 1999.-С.4.
2. Зокиров Г. Н. Истиқлолияти сиёсӣ. Душанбе, «Деваштич». 2006. 158с.
3. Катков А.Д. — Суверенитет государства: проблема его понимания и историческое развитие принципа // Международные отношения. – 2019. – № 3.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22 дек. Душанбе, 2016. С.32.

5. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикистон даҳсоли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Душанбе, 2001.
6. Соснин В.А. Психология современного терроризма. М., 2010.
7. Умаров А. Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи // «Терроризм: моҳият, хосиятҳо ва раванди ташаккулу инкишоф». // Душанбе, 2016. 165 с.
8. Устав ООН // Официальный сайт Организации Объединенных Наций. [Электронный ресурс]. URL: http://www.un.org/ru/documents/charter/chapter1.shtml.
9. 9.Боден Жан. - Основоположник концепции государственного суверенитета.- М., 1990.- С.31-32.
10. Имомов А. Соҳибихтиёрии халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Государство и право. - Душанбе, 1996. №1. – С. 45

## ПРЕПЯТСТВИЯ И ПРОБЛЕМЫ В СОВЕРШЕНСТВОВАНИИ И УКРЕПЛЕНИИ НЕЗАВИСИМОСТИ И ОСНОВНЫЕ ПУТИ ИХ УСТРАНЕНИЯ

**БАРАКАТОВ БОБХОДЖА САЙФУЛЛОЕВИЧ,**
соискатель Института философии, политологии и права имени
А. Баховаддинова НАНТ.
г. Душанбе, 734025 пр. Рудаки, 33.
Тел.: (+992) 938-27-62-62. E-mail:Barakatov.96@mail.ru

*В своей статье автор представляет препятствия в развитии независимости и основные пути их устранения. Он отмечает, что, несмотря на большие достижения в совершенствовании и укреплении государственной независимости, все еще существуют препятствия, которые могут представлять серьезную угрозу её развитию. Поэтому в контексте доступной литературы автор указывает на препятствия в этом направлении. Наравне с выявлением препятствий, он также предлагает основные пути их устранения. По его словам, не только государственные органы, но и все граждане не должны жалеть усилий на пути устранения препятствий и развития независимости родины. Так как независимость –это сущность нации и государства, и ее следует ценить как великое благо.*

***Ключевые слова:*** *Независимость, коррупция, информация, национальное государство, политическое сознание, терроризм, экстремизм, СМИ, информационные сети,*

## OBSTACLES AND PROBLEMS IN THE IMPROVEMENT AND STRENETHENING OF INDEPENDENCE AND KEY WAYS TO REMOVE THEM

**BARAKATOV BOBOHOJA SAYFULLOEVICH,**
applicant of the Institute of Philosophy
Political Science, and Law named after A. Bahovaddinov, NAST,
Dushanbe, 734025 33, Rudaki ave.,
Phone: +992-938-27-62-62. Email:Barakatov.96@mail.ru

*The author of the article presents obstacles in the development of independence and the key ways to remove them. He notes that despite the great achicvements in improving and strenethening state independence, there are still obstacles that can pose a serious threat to its development. Therefore, in the context og the available literature, the author indicates obstacles in this direction. Along with identifying obstacles, he also offers key ways to remove them. According to him, not only*

*government agencies, but all citizens should spare no effort to remove obstacles and develop the independence of the motherland. Because independence is the spirit of the nation and the state , and it should be valued as a great benefit.*

***Key words:*** *independence, corruption,information, nation state, political consciousness, nerrorism, extremist, Mass media. Information networks.*

УДК: 657.1

# ТАШАККУЛИ ТАЪМИНОТИ БАҲИСОБГИРӢ-ТАҲЛИЛИИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНА

**ФАЙЗАЛИЗОДА МУҲАММАДРАБӢ МУЗАФФАР,**
докторант (PhD)-и кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистонш, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 987-48-98-94. E-mail: fayzalizodam@list.ru

*Дар шароити муосири хоҷагидорӣ барои корхонаҳо вазифаи афзалиятнок ташаккули низоми иттилоотие мебошад, ки барои саривақт таъмин намудани дастгоҳи идоракунӣ бо иттилооти саҳеҳ ва пурра барои омодасозӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ қодир бошад. Масъалаи мазкур бо бунёд намудани низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии таъминоти идоракунии фаъолияти истеҳсолию молиявии корхона ҳалли худро меёбад.*

*Раванди ташаккули таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ чун унсури асосии низоми умумии идоракунии корхона бо ҳалли якчанд масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва ташкилӣ алоқаманд аст. Вобаста ба ин таҳия намудани муқаррароти назариявӣ-методологӣ ва тавсияҳои методӣ оид ба бунёд намудани низоми босамараи таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунӣ зарур аст.*

*Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва ташкилии бунёд намудани таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии фаъолияти истеҳсолию молиявии корхона баррасӣ мешаванд. Диққати асосӣ ба масъалаҳои татбиқи вазифаҳои баҳисобгирӣ, таҳлил ва назорат дар таркиби низоми ягонаи баҳисобгирӣ-таҳлилии дастгирии иттилоотии идоракунӣ равона гардидааст, чунки вазифаҳои мазкури идоракунӣ байни ҳамдигар алоқаи зич дошта, дар ягонагӣ ва ҳамкорӣ бо ҳамдигар ба қабули қарорҳои идоракунии босамара мусоидат менамоянд.*

*Муҳтавои мафҳумҳои «низоми иттилоотӣ», «низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ», «таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ» таҳқиқ ва мафҳумҳои дигари бо ташаккули таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии корхона алоқаманд маънидод карда шудаанд. Таҳлили маънидодкуниҳои мухталифи дар адабиёт овардашудаи мафҳумҳои мазкур ба ҷо оварда шудааст. Ақидаи худии муаллиф нисбат ба маънидодкунии мафҳуми «таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ» таҳия шудааст.*

*Сохтори низоми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии корхона муайян карда шудааст. Тарҳи алоқамандии байниҳамдигарии унсурҳои низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии корхона нишон дода шуда ва нақши пешбари зернизоми баҳисобгирӣ-ҳисоботӣ дар он тасдиқ карда шудааст. Унсурҳои зернизоми назорати дохилӣ шарҳ дода ва муфассал карда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *таъминоти иттилоотӣ, низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ, таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ, идоракунии равандҳои истеҳсолӣ, фаъолияти истеҳсолию молиявии корхона, қабули қарорҳои идоракунӣ, зернизоми баҳисобгирӣ-ҳисоботӣ, зернизоми таҳлилӣ, зернизоми назоратӣ.*

Дар шароити муосири рушди иқтисодӣ барои идоракунии корхонаҳои истеҳсолӣ низоми босамараи таъминоти иттилоотӣ зурур мебошад. Ин гуна низом бояд қодир бошад, ки ҳайати кормандони роҳбарикунандаи корхонаро бо иттилооти саривақтӣ, саҳеҳ, пурра ва шаффоф таъмин намояд. Ҳалли масъалаи мазкур бо мафҳуми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии равандҳои истеҳсолӣ дар корхона алоқаманд мебошад.

Бунёд намудани низоми босамараи баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ба ноилгардии идоракунии маҳсулноки корхона мусоидат намуда, имкон фароҳам меоварад, ки дар корхона пойгоҳи ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад ва раванди қабули қарорҳои идоракунӣ ба он такя намояд.

Дар раванди идоракунии корхонаҳои истеҳсолии муосир мушкилоти гуногуне ба миён меоянд, ки асоси ҳастии онҳо мувофиқ набудани низомҳои амалкунандаи таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ бо масъалаҳои рушди иқтисодии онҳо мебошад. Вобаста ба ин, фаъолияти низомҳои дар корхонаҳои истеҳсолии муосир амалкунандаи

*Despite the intensification of solving the riped social demographic problems implementedmeasures by the Government of Tajikistan do not fullycontribute to their solution, as they are notpresented in the form of a complex program for overcomingnegative phenomena. Situatedproblems in regulatory legal basereguires to include aditions and some of need to modificate.*

***Key words:*** *Social legislation, social security, legal relationship, social protection, employment, Tajikistan.*

**УДК: 342.4**

# ТАНЗИМИ КОНСТИТУСИОНИИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ

**МИРЗОЗОДА ШАҲРИЁР МУНАВАР,**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи факултети таърихи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,
734003 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992) 918-55-37-21. E-mail: shahriyor8787@mail.ru

*Танзими ҳуқуқи меҳнатӣ дар қонунгузории миллӣ ба таври муфассал танзим шудааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳуқуқи инсонро дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ танзим мекунанд. Ҳар як шахс субъекти муносибатҳои меҳнатӣ мебошад, бинобар ин ҳуқуқи шахс барои қабули мустақилона оид ба фаъолияти касбӣ дар шароити шуғл, озодона интихоб кардани корфармо ва мувофиқа кардани шароити меҳнат бояд ҳифз карда шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *меҳнат, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи иқтисодӣ, ҳимоя.*

Ҳуқуқ ба меҳнат яке аз ҳуқуқҳои асосии иқтисодӣ-иҷтимоии инсон мебошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1994 қабул шудааст, ин ҳуқуқро таъмин намуда, бо ҳамин хусусияти рушди тамоми қонунгузории ҷориро дар соҳаи меҳнат пешакӣ муайян кардааст. Дар айни замон зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи мафҳуми муосир ва мазмуни ҳуқуқи меҳнат ба миён меояд, зеро рушди соҳаи ҳуқуқии конститутсионии кишвари мо нишон медиҳад, ки ҳуқуқ ба меҳнат ба яке аз ҳуқуқҳои муҳимтарин табдил ёфтааст, ки ба иҷрои дурусти он ҳуқуқҳои дигари конститутсионии инсон вобастаанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои инсонро дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ ба таври муфассал танзим мекунад. Ҳамин тариқ, дар моддаи 35 Конститутсия омадааст: «Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳақ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад.

Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад. Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст. Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст» [1].

Ин меъёри ҳуқуқии конститутсиониро доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Диноршоҳ А.М. таҳлил намуда, изҳор менамояд, ки «мазмуни ин модда аз меъёрҳои Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ васеътар аст. Чунин тафсир, бешубҳа, назар ба ҳуқуқи худи кор маънои бештари моддӣ дорад, яъне. ин модда таърифи пурраи ҳуқуқи меҳнатиро медиҳад».[2. С.101-106]

Дигар олимони хориҷӣ бошанд, аз қабили А.Н. Головистикова ва Л. Грудсин ба мазмуни ин ҳуқуқ ҳуқуқҳои зеринро дарбаргиранда медонанд: "ҳуқуқи озодона ихтиёрдорӣ кардани қобилияти меҳнатӣ, интихоби намуди фаъолият ва касб; ҳуқуқ ба кор дар шароите, ки ба талаботи бехатарӣ ва гигиенӣ ҷавобгӯ мебошанд; ҳуқуқ ба подош барои кор бидуни ҳеҷ гуна табъиз ва пардохти музди меҳнат, на камтар аз ҳадди ақали музди меҳнат; ҳуқуқ ба ҳимоя аз бекорӣ; ҳуқуқ ба баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ ва коллективӣ; ҳуқуқ ба корпартоӣ; ҳуқуқ ба истироҳат" [3. С.109-110].

Яке аз ҷузъҳои асосие, ки мазмуни ҳуқуқи меҳнатро шарҳ мекунад, ин ҳуқуқи ихтиёрдории озодона ба қобилиятҳои меҳнатӣ мебошад ва ин чунин маъно дорад, ки

ҳар як шахс метавонад ба таври инфиродӣ имкониятҳои потенсиалии меҳнатии худро озодона ихтиёрдорӣ намуда ё ҳатто аз истифодаи он даст кашад. Инсон сарфи назар аз иродаи каси дигар озод аст, ки кобилияти меҳнатии худро озодона ихтиёрдорӣ намуда, бо салоҳдид ва майлу майлу хохиш ва иродаи худ амал намуда, фаъолияти меҳнатӣ ва касбиро интихоб намояд.

Мутобиқи талаботи моддаи 47-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон корфармо аз пардохти ҷаримаи аҳдшиканӣ озод карда мешавад, агар шартномаи мехнатӣ бо ташаббуси корманд ё бинобар ӯҳдадориҳои меҳнатии худро иҷро накардани корманд пеш аз муҳлат бекор карда шавад [4].

Дар меъёре, ки дар моддаи  мазкур пешбинӣ гаштааст ва барои пеш аз муҳлат бекор кардани шартномаи меҳнатӣ нисбати корфармо ҷаримаи аҳдшиканиро дарҷ намудаст, пешниҳод карда мешавад, ки бо мақсади ҳимояи ҳуқукҳои иқтисодӣ-иҷтимоии корфармо, халалдор нагаштани ҷараёни истеҳсолот, пешгирӣ аз муфлисшавии корфармо дар сархати 3-юми моддаи 41-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри нав  бо мазмуни зерин:

“Корманд наметавонад бо хоҳиши худ аз кор озод карда шавад, дар ҳолатҳое, ки тибқи созиши иловагӣ ба шартномаи меҳнатӣ корфармо барои хароҷотҳое, ки дар омода намудани мутахассис масраф кардааст. Дар сурате бекор карда мешавад, ки корманд ҷаримаи аҳдшиканиро пардохт намудааст”, илова карда шавад.

Чунонеки доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор  Диноршоҳ А.М. зикр менамояд: «Дар амал дар ҳамаи муҳимтарин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нуктаҳои вобастагии меҳнати озод, интихоби озоди намуди фаъолият ва касб, ҳифз аз бекорӣ муқаррар шудаанд. Аз ин рӯ, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудани ҳуқуқ ба ҳифз аз бекорӣ ҳамчун унсури таркибии ҳифзи ҳуқуқи меҳнатӣ барои ҳамаи ашхоси кироя, инчунин барои тамоми ҷомеа аҳамияти ҳаётӣ дорад» [5. С.101-106].

Интихоби озоди намуди фаъолият ё касб, ки аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ дар моҳияти шартномавии ӯҳдадориҳои меҳнатӣ ифода меёбад, маънои онро дорад, ки шахс ҳуқуқ дорад пас аз огоҳии дахлдори корфармо шартномаи меҳнатиро бо хоҳиши худ қатъ намуда, муносибатҳои меҳнатиро аз сари нав бо дигар корфармо, ҳатто ҳангоми расидан ба синни нафақа оғоз намояд.

Ҳуқуқи шахс ба меҳнат бевосита амалӣ карда мешавад ва ҳатто шахс метавонад новобаста аз синнусол ҳуқуқҳои худро ба меҳнат амалӣ намояд. Амалӣ намудани ҳуқуқҳои шаҳрванд дар соҳаи хизмати давлатӣ баъди расидан ба синни нафақа маънои маҳдудиятро надошта, балки хусусияти соҳавӣ дорад. Расидан ба синни нафақа асоси қатъи муносибатҳои меҳнатӣ набуда, (ба истисноӣ хизматчиёни давлатӣ, ки мутобиқи моддаи 24-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» синни ниҳоии дар хизмати давлатӣ будан барои занон то 58-солагӣ ва барои мардон то 63-солагӣ муқаррар намудааст»)[6], балки имтиёз ва ҳуқуқи корманд аст, ки баъди расидан ба синнусоли муайян аз ҳуқуқу имтиёзҳои иловагӣ истифода намуда, дар сурати доштани қобилияти меҳнатӣ ба фаъолияти меҳнатӣ низ машғул шавад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи додани музди меҳнати баробарро ба таври махсус танзим мекунад. Дағалона поймол кардани ҳуқуқҳои кормандон дар нобаробарии музди меҳнат барои кори якхела ва ба таъхир монондани пардохти он мебошад. Беадолатӣ пеш аз ҳама дар нобаробар додани музди кори баробар аст. Ба чунин табъиз одатан занон, ҷавонон, коргарони нав ба кор қабулшаванда, коргарони маҳаллӣ ва кормандоне, ки музди меҳнаташон омехта (ҳам аз

буҷети давлатӣ ва ҳам маблағҳои аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ бадастомада) мебошад, дучор мешаванд. Азбаски сухан дар бораи манъи ҳама гуна табъиз дар музди меҳнат меравад, моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар намудааст: давлат баробарии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро новобаста аз ҷинс, нажод, миллат, забон, нажод, вазъи молумулкӣ ва мансабӣ, ҷои истиқомат, муносибат ба дин, эътиқод, узвият ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра кафолат медиҳад.

Мутобиқи талаботи моддаи 139-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми пардохти музди меҳнат, андозаи ставкаҳои тарифӣ, маошҳо ва дигар намуди музддиҳӣ ба таври зер муайян шудааст:

- барои кормандони ташкилотҳое, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд - санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- барои кормандони ташкилотҳои маблағгузориашон омехта (қисман маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ ва қисман аз фаъолияти соҳибкорӣ) - санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, санадҳои меъёрии дохилии (локалии) ташкилотҳо;

- барои кормандони дигар ташкилотҳо - шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, санадҳои меъёрии дохилии (локалии) ташкилотҳо.

Моддаи 140-и кодекси мазкур муқаррар намудааст, ки корфармо, сарфи назар аз вазъи молиявӣ ӯҳдадор аст ба корманд барои иҷрои кор музди меҳнати муқарраршударо пардохт намояд. Табъиз дар пардохти музди меҳнат манъ аст. Корфармо ӯҳдадор аст ба корманд барои иҷрои кори баробарарзиш музди меҳнати якхела диҳад. Ба зарари корманд тағйир додани шарту шароити пардохти музди меҳнат манъ аст.

Муқаррароти қонунгузорӣ дар ҷодаи муайянкунӣ ва пардохти музди меҳнати корманд мукаммал мебошад. Таъбиз дар пардохт ва муайянкунии музди меҳнати корманд ҳангоми иҷрои кори якхела ва баробар, новобаста аз шакли ташкилӣ, ҳуқуқӣ, самти фаъолияти корхона, муассиса ва ташкилот ва соҳибкори инфиродӣ ва новобаста аз ҷинс, нажод, миллат, забон, нажод, вазъи молу мулкӣ ва мансабӣ, ҷои истиқомат, муносибат ба дин, эътиқод, узвият ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ манъ аст.

Дар хусуси ҳуқуқ ба музди меҳнат бошад, аҳамияти он натанҳо дар кафолати давлатии минималии музди меҳнат ифода меёбад, зеро онро касе тағғир дода наметавонад. Ғайр аз ин, он ҳамчун нишондиҳандаи хисоббарорӣ (бевосита ё бавосита) барои муқаррар намудани музди меҳнат (мукофоти меҳнат)-и барои ҳамон кормандоне хизмат мекунад, ки музди меҳнати онҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ пардохт мешавад.

Мутобиқи талаботи банди 13-и "Дастуруламал дар бораи пардохти музди меҳнати иловагӣ ба кормандон дар мавриди бо айби корфармо ба таъхир афтодани пардохти музди меҳнат", ки бо фармоиши Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 декабри соли 2008, таҳти №75 тасдиқ шуда, бо Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шудааст ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2009, таҳти №479 ба қайд гирифта шудааст, ки барои роҳ надодани корфармоён ва дигар шахсони масъули корхонаю ташкилотҳо қонунгузорӣ чор намуди ҷавобгарӣ, аз шумули ҷавобгарии интизомӣ (м.62 КМҶТ), моддӣ (м.158 КМҶТ), маъмурӣ (м.134 КҲМҶТ) ва ҷиноятӣ (м.$153^1$ КҶҶТ) [7]-ро пешбинӣ намудааст.

Ҳуқуқ ба меҳнат инчунин ҳуқуқ ба шароити муқаррарии меҳнат ва гигиениро дарбар мегирад. Дар моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳуқуқ бевосита пешбинӣ нашудааст. Аммо он дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи инсонро ба меҳнат дар шароите, ки ба талаботи бехатарӣ ва гигиенӣ ҷавобгӯ мебошад, муқаррар кардааст ва барои ин ҳатто ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ намудааст (м.133 ва 135 КҲМҶТ) [8]. Ва ин, бешубҳа, ҳуқуқи муҳим аст. Агар шумораи зиёди одамонеро, ки бар асари меҳнат ҷароҳатҳои марговар гирифта, саломатии худро аз даст дода, маъюб мешаванд, ба назар гирем, шароити санитарию гигиении меҳнат ба саломатии умумии аҳолӣ низ таъсир мерасонад. Онҳо дар умум системаи марбут ба ҳифзи меҳнатро ташкил медиҳанд, яъне бо системаи ҳифзи ҳаёт ва саломатии меҳнаткашон дар ҷараёни меҳнат, ки он тадбирҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилию техникӣ, санитарию гигиенӣ, муолиҷавию профилактикӣ, барқароркунӣ ва дигар тадбирҳоро дарбар мегирад.

Ҳуқуқи ҳар як корманд ба меҳнат дар шароите, ки ба талаботи ҳифзи меҳнат мувофиқат мекунад, ҳуқуқҳои мушаххаси иҷрои амалҳои муайянро дарбар мегирад, аз ҷумла, кормандон ҳуқуқ доранд: ҷои корие, ки ба талаботи ҳифзи меҳнат мувофиқат мекунад; суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ аз ҳодисаҳои нохуши истеҳсолӣ ва бемориҳои касбӣ; гирифтани маълумоти боэътимод дар бораи шароити меҳнат ва ҳифзи меҳнат дар ҷои кор, дар бораи хавфи мавҷудаи зарар ба саломатӣ, инчунин дар бораи чораҳои муҳофизат аз таъсири омилҳои зарарноки истеҳсолӣ ва ғайра.

Яке аз масъалаҳои муҳими танзими ҳуқуқ ба меҳнат ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии корманд ва манфиатҳои коллективии онҳо мебошад. Бархурди манфиатҳои ба ҳам мухолифи корфармо ва кормандон ё аз ҷониби роҳбар (маъмурият) вайрон кардани ҳуқуқҳои меҳнатии корманд аксар вақт боиси ихтилофоти байни онҳо мегардад, ки ба баҳсҳои меҳнатӣ – инфиродӣ ва коллективӣ табдил меёбад. Баҳси меҳнатии фардӣ – ихтилофи ҳалнашудаи байни корфармо ва корманд оид ба татбиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат, созишномаи коллективӣ, созишнома, шартномаи меҳнатӣ (аз ҷумла муқаррар кардан ё тағйир додани шароити меҳнати инфиродӣ) мебошад, ки дар мақомоти баррасии баҳсҳои меҳнатии индивидуалӣ баён карда шудаанд. Баҳси меҳнатии коллективӣ ҳамчун ихтилофи ҳалнашудаи байни кормандон (намояндагони онҳо) ва корфармоён (намояндаҳои онҳо) шинохта шудааст, муқаррар кардан ва тағйир додани шароити меҳнат (аз ҷумла музди меҳнат), бастан, тағйир додан ва иҷрои созишномаҳо, созишномаҳои коллективӣ, ҳамчунин радияи корфарморо вобаста ба инобат гирифтани фикри мақомоти намояндагии интихобии кормандон ҳангоми қабули санадҳои дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат дар ташкилотҳо дар бар мегирад.

Эътироф кардани ҳуқуқ ба баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ ва коллективӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар Кодекси меҳнат, муҳимтарин кафолати риояи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон ва корфармоён дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ мебошад.

Хулоса, бояд қайд кард, ки ба ҳайси субъекти муносибатҳои меҳнатӣ ҳар як шахси дорои қобилияти меҳнатидошта буда метавонад. Ҳуқуқи шахс барои қабули қарори мустақил оид ба фаъолияти касбӣ дар шароити меҳнат, озодона интихоб кардани ҷойи кор, вазифа ва мувофиқа кардани шароити меҳнат ҳифз карда мешавад.

**Адабиёт**

1.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 "//Махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

2.Диноршох А.М. Понятие и сущность права на труд // Материалы республиканского научно-практического семинара на тему «Проблемы развития предпринимательства в Республике Таджикистан: теория и практика». Душанбе 2014. С.101-106.

3.Головистикова А.Н., Грудцына Л.Ю. Права человека. М., 2006. – С.109-110. Права и свободы человека и гражданина. Научно-практический комментарий к главе 2 Конституции РФ. Под ред. К.А. Экштайна. М., 2000. С.250.

4.Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2016 "//Махзани муттамаркази иттилооти хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

5.Диноршох А.М. Понятие и сущность права на труд // Материалы республиканского научно-практического семинара на тему «Проблемы развития предпринимательства в Республике Таджикистан: теория и практика». Душанбе 2014. С.101-106.

6.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 "//Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

7.Фармоиши Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 декабри соли 2008, №75 "Дастуруламал дар бораи пардохти музди меҳнати иловагӣ ба кормандон дар мавриди бо айби корфармо ба таъхир афтодани пардохти музди меҳнат" "//Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

8.Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №455 "//Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 /Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

# КОНСТИТУЦИОННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ТРУДОВОГО ПРАВА

**МИРЗОЗОДА ШАХРИЁР МУНАВАР,**
старший преподаватель кафедры права исторического
факультета Таджикского государственного
педагогического университета имени С. Айни,
734003 г. Душанбе, проспект Рудаки, 121.
Тел.: (+992) 918-55-37-21. E-mail: shahriyor8787@mail.ru

*Регулирование трудового права детально регулируется национальным законодательством. Конституция Республики Таджикистан и другие нормативные правовые акты регулируют права человека в сфере трудовых отношений. Каждый человек является субъектом трудовых отношений, поэтому необходимо защищать право человека на самостоятельную занятость на основе профессиональной деятельности, свободный выбор работодателя и согласование условий труда.*

***Ключевые слова:*** *труд, права человека, экономические права, защита.*

# CONSTITUTIONAL REGULATION OF LABOR RIGHTS

**MIRZOZODA SHAHRIYOR MUNAVAR,**
Senior Lecturer of Law Department, Faculty of History,
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini,
734003 Dushanbe, 121, Rudaki ave.,
Phone: (+992) 918-55-37-21. E-mail: shahriyor8787@mail.ru

*The regulation of labor rights in detail regulated by the national legislation. The Constitution of the Republic of Tajikistan and other normative legal acts regulate human rights in the field of labor relations. Each person is the subject of labor relations, therefore, the right of a person to make an independent decision about professional activity in the conditions of employment, to freely choose an employer and agree on working conditions is subject to protection.*

***Key words***: *Labor, human rights, economic rights, protection.*

УДК: 342.4

# ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНИИ ШАҲРВАНДОР ВА ИЗҲОРИ ИРОДАИ ОНҲО ДАР НИЗОМИ ХУДИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ОЛИМЗОДА ДАВЛАТМУРОД АБДУЛХАЙР,**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
7340025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
E-mail:davlat.olimov.1993@bk.ru

*Дар мақола мазкур масъалаҳои ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандор ва изҳори иродаи онҳо дар низоми худидоракунии маҳаллӣ таҳлил гардидааст. Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи он ба зарурати воқеӣ табдил ёфтааст. Аз сабабе, ки масъалаҳои овоздиҳии аҳолӣ дар низоми худидораи маҳаллӣ муҳим ва доғи рӯз ба ҳисоб меравад, таваҷҷуҳи аксари муҳаққиқони ҷомеашиносро ба худ ҷалб намудааст. Бояд тазакур дод, ки масъалаи овоздиҳӣ мураккабтарин ва печидатарин масъала ҳамеша ниёз ба омӯзиш ва баррасии илмӣ-тадқиқотӣ дорад. Ҳуқуқи овоздиҳии умумӣ ва баробар чунин маънӣ дорад, ки ҳамаи шаҳрвандони ба синни муқарраркардаи қонун расида бояд ҳуқуқи овоздиҳӣ дошта бошанд.*

*Бояд қайд намуд, ки овоздиҳии аҳолӣ дар низоми худидораи маҳаллӣ тавассути шаҳрвандон ба воситаи раъйпурсӣ, интихоботҳо ва дигар шаклҳои ифодаи бевоситаи ирода амалӣ карда мешавад. Овоздиҳии аҳолӣ ин иродаи озод ва ихтиёрии хар як шахс мебошад, ки дар доираи он овози худро бо тариқи пинҳони ё ошкоро дар раъйпурсӣ изҳор менамоянд. Бояд қайд намуд, ки дар солҳои наввадуми асри гузашта дар миқёси ИҶШС ва Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳое қабул гардиданд, ки дар бораи овоздиҳии умумихалқӣ ва овоздиҳии халқӣ ном доштанд ва онҳо асосан масъалаҳои марбут ба раъйпурсиро ба танзим медароварданд. Ин меъёри ҳуқуқӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот пешбинӣ шудааст, масалан дар моддаи 10-и қонуни мазкур, ки ба ваколатҳои ҷамоат дар соҳаи ташкили фаъолияти он бахшида шудааст, ки таъйин ва гузаронидани овоздиҳии аҳолии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои аҳамияти маҳаллидоштаро пешбинӣ менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқи, конститутсионӣ, овоздиҳӣ, сатҳ, низом, мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандон, масъала, маҳаллӣ, қонун, меъёр, ҷамоат, худидора, райъпурсӣ, ваколат, аҳолӣ, деҳот, интихобот, демократия, рушд, сиёсӣ, умумӣ, баробари, иштирок.*

Дигаргунсозиҳои демократии ҷомеаи муосир, созмон додани давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон ба такмили шаклҳои ҳокимияти халқӣ, рушд ёфтани воситаҳои иштироки халқ дар идоракунии корҳои давлатию ҷамъиятӣ ва ҳалли масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта мусоидат намуданд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи шаклҳои гуногуни иштироки аҳолӣ дар низоми худидоракунии маҳаллӣ аҳамияти илмӣ дорад.

Масъалаҳои мухталифи инкишофи тамаддуни муосир, аз ҷумла овоздиҳии аҳолӣ дар низоми худидораи маҳаллӣ дар шароити имрӯза ба яке аз масъалаҳои муҳим ва актуалӣ дар низоми илмҳои ҷомеашиносӣ, бахусус ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ гардидааст. Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи он ба зарурати воқеӣ табдил ёфтааст. Аз сабабе, ки масъалаҳои овоздиҳии аҳолӣ дар низоми худидораи маҳаллӣ муҳим ва доғи рӯз ба ҳисоб меравад, таваҷҷуҳи аксари муҳаққиқони ҷомеашиносро ба худ ҷалб намудааст. Паҳлуҳои гуногуни масъалаи овоздиҳӣ аз ҷиҳати назариявию методологӣ аз ҷониби муҳаққиқони соҳа дар дараҷаҳои гуногун мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор

гирифтааст. Пӯшида нест, ки овоздиҳӣ ҳамчун падидаи муҳимтарин ҳаёти сиёсии ҷомеа ба ҳисоб рафта, аз арзишҳои маъмулгаштаи ҷомеаи демократӣ маҳсуб мегардад.

Овоздиҳии аҳолӣ ин унсури асосӣ ва зарурии сиёсӣ аст, ки дар инкишофи муттасили ҷомеа мақом ва нақши фаъол дорад. Овоздиҳӣ ин воситаест, ки тавассути он таҳкиму такмили сохторҳои сиёсии ҷамъиятӣ таъмин мегардад. Аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ чӣ дар гузаштаи начандон дур ва чӣ дар замони муосир дар тӯли инкишофи хеш овоздиҳиро дар сатҳи гуногун истифода менамояд. Раванди овоздиҳӣ мураккабу пурҷараён аст, масъалаҳои мухталифро пеш мегузорад. Ҳал намудан ё ба инобат гирифтани онҳо талаби замон аст. Махсусан дар замони ҳозира, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро мақсади хеш қарор додааст, рӯ овардан ба овоздиҳӣ дар маъракаҳои сиёсӣ ҳамчун воситаи ҳалли масъалаҳои бузург ва умуман инкишофи ҷомеа амри воқеӣ аст. Ҳолати зайл аҳаммияти омӯзиши овоздиҳии аҳолиро дар маъракаҳои сиёсӣ, навъу шаклҳои зоҳиршавии онро ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ рӯзмарра мегардонад. Аз ин хотир, дарки амиқу фаҳми дурусти моҳияту хусусияти овоздиҳии аҳолӣ дар маъракаҳои сиёсӣ аҳаммияти воқеӣ пайдо намудаанд.

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқи назариявии масъалаи овоздиҳӣ дар маъракаҳои сиёсӣ таърихи тӯлонӣ надорад. Ҳарчанд овоздиҳӣ ва масъалаҳои ба он алоқаманд ҳанӯз дар аҳди қадим низ мавриди истифодаи васеъ қарор доштанд, лекин таҳқиқи илмии масъала танҳо дар садсолаи гузашта, яъне дар асри XX аз ҷониби муҳаққиқони ҷомеашинос сурат гирифтааст.

Бояд тазакур дод, ки масъалаи овоздиҳӣ мураккабтарин ва печидатарин масъала ҳамеша ниёз ба омӯзиш ва баррасии илмӣ-тадқиқотӣ дорад. Ҳуқуқи овоздиҳии умумӣ ва баробар чунин маънӣ дорад, ки ҳамаи шаҳрвандони ба синни муқарраркардаи қонун расида бояд ҳуқуқи овоздиҳӣ дошта бошанд.

Овоздиҳии аҳолӣ дар низоми худидораи маҳаллӣ тавассути шаҳрвандон ба воситаи раъйпурсӣ, интихоботҳо ва дигар шаклҳои ифодаи бевоситаиирода амалӣ карда мешавад. Овоздиҳии аҳолӣ ин иродаи озод ва ихтиёрии хар як шахс мебошад, ки дар доираи он овози худро бо тариқи пинҳони ё ошкоро дар раъйпурсӣ изҳор менамоянд. Бояд қайд намуд, ки дар солҳои наввадуми асри гузашта дар миқёси ИҶШС ва Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳое қабул гардиданд, ки дар бораи овоздиҳии умумихалқӣ [3] ва овоздиҳии халқӣ[1] ном доштанд ва онҳо асосан масъалаҳои марбут ба раъйпурсиро ба танзим медароварданд. Ин меъёри ҳуқуқӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот[2] пешбинӣ шудааст, масалан дар моддаи 10-и қонуни мазкур, ки ба ваколатҳои ҷамоат дар соҳаи ташкили фаъолияти он бахшида шудааст, ки таъйин ва гузаронидани овоздиҳии аҳолии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои аҳамияти маҳаллидоштаро пешбинӣ менамояд. Муҳаққиқони тоҷик Имомов А.И. ва Гадоев Б.С. мазмуни ин меъёри қонунро таҳлил карда онро як навъ раъйпурсии маҳаллӣ номидаанд[3,756].

Дар фазои (гардиши) илми ҳуқуқи конститутсионӣ истилоҳоти овоздиҳии халқӣ, овоздиҳии аҳолӣ, пурсиши аҳолӣ, муайян кардани афкори аҳолӣ ва ё халқ ва ғ. мавриди таҳқиқот қарор гирифтаанд, вале дар қонунгузории ҶТ, ки истилоҳоти овоздиҳии аҳолӣ пешбинӣ шуданаш ба мазмуни раъйпурсии маҳаллӣ ва ё раъйпурсии худидораи маҳаллӣ бояд дониста шавад, чунки раъйпурсии сатҳи худидораи маҳаллӣ яке аз унсурҳои муҳимми низоми худидораи маҳаллӣ ба ҳисоб меравад. Дар мавриди таҳқиқи ин масъала мо бештар ба таҳқиқи раъйпурсии маҳаллӣ аҳаммият медиҳем.

Бояд гуфт,ки дар тули таърих инсон ҳамазамон кушидааст то низомеро барқарор намояд, ки ҷавобгӯи ормонҳои ӯ бошад ва адолати иҷтимоӣ дар он таъмин гардад. Аз ин рӯ, инсон барои худ унсурҳои сиёсиеро кашф кард, ки онҳо то ҳадди зарурӣ таъминкунандаи манофеъи инфиродӣ ва дастҷамъии он бошанд. Дар миёни ин аносир нақш ва мавқеи раъйпурсӣ ба сифати падидаи муҳими ҳуқуқи конститутсионӣ мавқеи хоса дорад, зеро маҳз ба василаи он шаҳрвандони кишвар имконияти изҳори андешаи худро оид ба масъалаи мавриди назар пайдо намуда, дар ҳалли сарнавишти хеш ва умури давлат мустқиман ширкат меварзанд.

Олими шӯравӣ К. Тахтерев менависад, ки «раъйпурсӣ дар худ як навъ рушди минбаъдаи мантиқии ҳуқуқҳои умумии интихобкунандагон, истифодаи овоздиҳии умумиро на фақат барои интихоби намояндагони матлуб, балки ҳамчунин барои интихоби қонунҳои матлуб ва чорабиниҳои матлуби ҳукуматӣ ифода менамояд»[10,64]. Дар низоми худидораи маҳаллӣ ба ҳамин маънӣ демократияи мустақим далолат мекунад. Раъйпурсӣ ҳамчун воситаи самаранок барои ифодаи афкори ҷамъияти маҳаллӣ, механизми қабули санадҳои моҳиятан муҳим ва қарорҳои ҷамъиятӣ ба ҳайси арзишҳои демократӣ бaромад мекунад.

Бо дарназардошти аҳаммияти падидаи раъйпурсии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд кардан дар хусуси тавсифоти дараҷабандии қонунгузорӣ дар бораи раъйпурсии маҳаллӣ ба мақсад мувофиқ аст. Дар иҷлосияи IV-и Шӯрои вакилони халқии шаҳри Ленинобод аз 26-27-уми сентябри соли 1990 дастурамал оид ба тартиби гузаронидани раъйпурсӣ дар шаҳри мазкур «Оид ба иваз намудани номи шаҳр бо номи шаҳри таърихии Хуҷанд» тасдиқ карда шуд. Бо дастурамали мазкур муайян гардид, ки қарор оид ба гузаронидани раъйпурсӣ аз ҷониби шӯрои шаҳрии вакилони халқи шаҳри Ленинобод қабул карда мешавад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки санади номбурда фақат бо мақсади ташкил ва гузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ оид ба масъалаи табдили номи Ленинобод ба Хуҷанд тасдиқ гардид.

Моҳияти мавзӯи раъйпурсӣ дар суоли зерин ифода меёфт: «Оё Шумо тағйири номи шаҳри Ленинободро ба шаҳри Хуҷанд ҷонибдорӣ менамоед?». Дар варақаҳои овоздиҳӣ, тибқи дастурамал, ду намунаи ҳалли мавзӯъ ворид карда шуда буд: «Барои Ленинобод» ва «Барои Хуҷанд»[8,99].

Мавриди зикр аст, ки «таҳиягарони ин дастурамал нисбат ба ворид намудани ду намунаи ҳалли мавзӯъ дар варақаҳои овоздиҳӣ нодуруст муносибат намуданд. Беҳтар он буд, ки аз рӯи масъалаи ба миён гузошташуда посухҳои овоздиҳандагон –«ҳа» ё «не» (муқобил) баррасӣ карда мешуд, чуноне ки маъмулан дар рафти аксар раъйпурсиҳо ҳамин тавр амал менамоянд.

Дар баробари мавзӯи раъйпурсӣ дар дастурамал ҷанбаъҳои дигари марбут ба ташкил ва гузаронидани раъйпурсӣ муайян карда шуд, аз ҷумла:

- «талаботи умумии гузаронидани раъйпурсӣ;
- тарғибот оид ба гузаронидани раъйпурсӣ;
- омодагӣ ва гузаронидани раъйпурсӣ;
- баргузории овоздиҳӣ ва муайян кардани натиҷаҳои раъйпурсӣ;
- баҳсҳо ва арзу шикоятҳои марбут ба ташкил ва гузаронидани раъйпурсӣ;
- иҷрои қарорҳои раъйпурсӣ»[8,99].

Дар банди 4-и қисми 4-и ин дастурамал зикр ёфта буд, ки «қарор ба манфиати тағйири номи шаҳр дар раъйпурсӣ қабулгардида ҳисобида мешавад, агар ба ҷонибдории он аксарияти шумораи иштирокдорони овоздиҳӣ раъй дода бошанд» ва

ҷумлаи дувуми банди мазкур бошад барои барпошуда эълон кардани раъйпурсӣ чунин меъёр пешбинӣ мекард: «нисфи овоздиҳандагон ва ҷамъ як овоз аз ҳисоби шаҳрвандоне, ки ҳуқуқи иштирок кардан дар раъйпурсиро доранд». Мавриди зикр аст, ки «мантиқан дар ҳамаи раъйпурсиҳо барои эълон доштани он ки раъйпурсӣ доир мегардад, сараввал ҳиссаи аниқи (50%+1) иштирокдорон (кворум) муқаррар карда мешавад ва баъдан овозҳо барои қабули қарорҳо дар раъйпурсӣ. Тибқи ҳамин дастурамал низ муқаррар карда шуда буд: қарори раъйпурсӣ, ки майлу рағбати шаҳрвандони шаҳри Ленинободро инъикос менамояд, барои Шӯрои шаҳрии вакилони халқи Ленинобод хусусияти ҳатмиро дорост. Дар мавриди қабули қарор ба нафъи табдили номгузорӣ, шӯрои шаҳрӣ ин масъаларо ба Президиуми Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд»[8,99].

Дар ҳамин асос дар моҳи январи соли 1991 раъйпурсии маҳаллӣ гузаронида шуд, ки дар он аксари шаҳриён ба ҷонибдории табдили номи Ленинобод ба Хуҷанд овоз доданд.

24 декабри соли 1990 дар Анҷумани вакилони халқи ИҶШС қонун «Дар бораи овоздиҳии умумихалқӣ (раъйпурсии ИҶШС) қабул гардид». Тибқи қарори мазкур «тартиби ташкил ва гузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ пешбинӣ нашуда буд, балки фақат дар банди 2 моддаи 8-и он қайд шуда буд, ки тартиби гузаронидани раъйпурсии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ тибқи қонунҳои ИҶШС Р ва қонунҳои ҷумҳуриҳо муайян карда мешавад»[5].

Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25-уми декабри соли 1991 қонун «Дар бораи овоздиҳӣ (раъйпурсӣ) қабул намуд, ки дар он зикр шуда буд: «Раъйпурсӣ - ин воситаи аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути овоздиҳии умумихалқӣ қабул гардидани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои хеле муҳимми давлатӣ ва ҳаёти ҷамъиятии ҷумҳурӣ ва аҳаммияти маҳаллидошта мебошад»[6].

Тибқи ҳамин қонун муайян карда шуд, ки дар Тоҷикистон раъйпурсии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ (дар ҳудуди воҳидҳои маъмурӣ- ҳудудӣ) гузаронида мешаванд[5].

Дар асоси қарори мазкур мавзӯи раъйпурсии маҳаллӣ метавонад он масъалаҳое бошад, ки қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтиёри худидораи маҳаллии дахлдори воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ вогузор намудаанд.

Бо ҳамин қонун номгӯи масъалаҳо барои ворид намудан ба раъйпурсӣ мансубнабуда низ муайян карда шуд, аз ҷумла:

- «дар бораи бекор кардани қарорҳои қонунии мақомоти болоии ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ;
- масъалаҳое, ки ба ихтиёри мақомоти судӣ ва прокуратура вогузор карда шудаанд;
- масъалаҳои марбут ба интихоби шахсоне, ки ба салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯрои маҳаллии вакилони халқ, мақомоти иҷроия ва мақомоти амрдиҳандаи он мансуб мебошанд[6].

Дар ин маврид ақидаи И. А. Старостинаро метавон ҷонибдорӣ намуд, ки «мавзӯи раъйпурсӣ метавонад масъалаҳое бошанд, ки тибқи қонунгузорӣ ба салоҳияти мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти худидораи маҳаллӣ дар мавриде вогузор карда шудаанд, ки худи мақомоти мазкур имкон надоранд, оид ба масъалаҳои марбута қарор қабул намоянд»[9].

Мутаассифона, раъйпурсии маҳаллӣ ҳангоми амали қонуни мазкур гузаронида нашуд.

Дар қонуни айни замон амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз соли 1995 бо тағйиру иловаҳояш аз соли 2008, раванди ташкили баргузории раъйпурсии маҳаллӣ ба танзим даровaрда нашудааст.

Барои ҳалли масъалаҳои худидораи маҳаллӣ қабули санади махсуси меъёрии ҳуқуқии марбут ба гузаронидани раъйпурсӣ ба мақсад мувофиқ хоҳад буд, ки санади мазкур мафҳуми раъйпурсии маҳаллӣ, талаботи он, қоидаҳои гузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ ва назорат оид ба гузаронидани онҳоро муайян намояд. Қабули чунин санад имкон медиҳад, на танҳо ба қонунгузориҳои амалкунанда тағйирот ворид карда шавад, балки ҳамчунин он барои такмили соҳа мусоидат менамояд.

Дар робита ба ин, ворид намудани тағйирот ва иловаҳоро ба қонуни конститутсионии «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар қисматҳои ба танзимдарории ҳуқуқӣ, тартиби ташкил ва гузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ мувофиқи матлаб аст. Ҳамчунин пешниҳод менамоем, ки банди 5-и моддаи 10 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот тағйир дода шавад, ки дар он гуфта мешавад: «овоздиҳиро барои аҳолии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои аҳаммияти маҳаллидошта таъин мекунад ва мегузаронад». Ҷумлаи мазкур ба ҷумлаи зерин иваз карда шавад: «Раъйпурсиро барои аҳолии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои аҳаммияти маҳаллидошта таъин мекунад ва мегузаронад» [4]. Истифодаи раъйпурсии маҳаллӣ дар кишвар дар мавриде манфиатбахш хоҳад буд, ки агар: ин маърака дар асл маъракаи самараноки демократӣ ба шумор равад, аз ҷониби табақаҳои васеи аҳолии худидораи маҳаллӣ пазируфта шавад ва дастгирӣ ёбад; ҳадафи равшан ифодаёфтаи башардӯстона ҳангоми қабули қарорҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ дошта бошад; ва ниҳоят, агар тамоми шароитҳои зарурии ташкилӣ-техникӣ ва дигар имкониятҳо барои омодагӣ ва гузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ фароҳам оварда шаванд.

Дар маҷмӯъ, раъйпурсии маҳаллӣ яке аз шаклҳои олии демократияи мустақим дорои як қатор арзишҳо мебошад:

- ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки оид ба мавзӯи раъйпурсии маҳаллӣ изҳори ақида намоянд;
- барои тарбияи сиёсӣ- ҳуқуқии аҳолии худидораи маҳаллӣ хизмат мерасонад;
- ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки ғояҳои навро ба мақомоти худидораи маҳаллӣ пешниҳод намоянд;
- ба рушди худидораи маҳаллӣ мусоидат менамояд.

Раъйпурсии маҳаллӣ ҳамчун унсури ҷудонопазири демократия шакли муносибатҳои байниҳамдигарии мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон мебошад, ки афкори ҷамъиятиро оид ба масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ муайян мекунад.

Дар ин ҳолат ба назари мо роҳи беҳтарини ҳалли ин мушкилот раъйпурсии маҳаллӣ – шакли бевоситаи изҳори иродаи халқ аст, ки он хислати ҳатмиро доро

мебошад. Гузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ дар низоми худидораи маҳаллӣ дар Тоҷикистон метавонад омили фаъолгардонии шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ бошад.

**Адабиёт**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи овоздиҳии халқӣ (референдум)// Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1992.-№3. –Мод. 34.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №7-8, мод.503; соли 2012,№4,мод.277; №8,мод.833;соли 2015,№11,мод.964; соли 2017,№5,мод.288.

3. Қонуни ИҶШС дар бораи овоздиҳии умумихалқӣ (референдум)// Известия. 1990.-Январ.

4. Закон Республики Таджикистан об органах самоуправления посёлков и сёл. // Действующий закон. Дата принятия: 05. 08. 2009 г. № 549.// [Захираи электронӣ]URL: http://base.mmk.tj. …

5. О всенародном голосовании (Референдуме СССР): Закон СССР //Известия. - 1991. - 25 ноября.

6. О народном голосовании (референдуме) Республики Таджикистан: Закон Республики Таджикистан //Ахбори Шурои Оли Республики Таджикистан. - Душанбе, 1992. - № 3. - Ст.34.

7. А.И. Имомов Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ.Нашри чорум. Бо тағйироту иловаҳо. Душанбе. 2017. –С.756.

8. Гадоев Б.С. Конституционно-правовые институты непосредственной демократии в Республике Таджикистан.– Типография ТНУ. – Душанбе, 2014. – 222 с.

9. Старостина И.А. Законодательные новеллы в регулировании вопросов референдума субъектами Российской Федерации. //Конституционное законодательство субъектов РФ: проблемы совершенствования и использование в преподавании: материалы научной конференции 25–27 марта 1999 г./Отв.ред. проф. С.А.Авакьян. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1999. – С.120.

10. Тахтарев К. Тахтарев, К.М. От представительства к народовластию / К.М. Тахтарев. – СПб., 1907. – С. 164.

## КОНСТИТУЦИОННЫЕ ПРАВА ГРАЖДАН И ИХ ВОЛЕИЗЪЯВЛЕНИЕ В СИСТЕМЕ МЕСТНОГО САМОУПРАВЛЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**ОЛИМЗОДА ДАВЛАТМУРОД АБДУЛХАЙР,**
старший преподаватель кафедры права и сравнителного права
Академии государсвенного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
7340025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
E-mail:davlat.olimov.1993@bk.ru.

*В статье анализируются вопросы конституционных прав граждан и их волеизъявления в системе местного самоуправления. Его всестороннее изучение и анализ стали реальной необходимостью. В связи с тем, что вопрос о голосовании в системе местного самоуправления важен и актуален, он привлек внимание многих социологов. Следует отметить, что являясь самой сложной проблемой, голосование всегда нуждается в научно-исследовательском изучении и рассмотрении. Право на всеобщее и равное голосование означает, что все граждане, достигшие установленного законом возраста, должны иметь право голоса.*

*Следует отметить, что голосование в системе местного самоуправления осуществляется гражданами посредством референдумов, выборов и других форм прямого волеизъявления. Голосование народа - это свободная и добровольная воля каждого человека, при которой он тайно или публично выражает свой голос на референдуме. Следует отметить, что в девяностых годах прошлого века на территории СССР и Республики Таджикистан были приняты законы о всеобщем референдуме и народном референдуме, которые в основном регулировали вопросы, связанные с референдумом. Данная правовая норма закреплена в Законе Республики Таджикистан «Об органах самоуправления поселков и сел», например, в статье 10 данного закона, которая посвящена полномочиям джамоата в сфере организации своей деятельности, предусматривает назначение и проведение голосования населения поселков и сел по вопросам местного значения.*

***Ключевые слова:*** *закон, конституционный, голосование, уровень, система, государственные органы, гражданское общество, вопрос, местный, закон, норма, джамоат, самоуправление, референдум, полномочие, население, село, выборы, демократия, развитие, политическое, общее, равное, участие.*

## CONSTITUTIONAL RIGHTS OF CITIZENS AND EXPRESSION OF THEIR WILL IN THE SYSTEM OF LOCAL SELF-GOVERNMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**OLIMZODA DAVLATMUROD ABDULKHAIR,**
Senior Lecturer, Department of Law and Comparative Law,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
7340025, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru

*The article analyzes the issues of constitutional rights of citizens and the expression of their will in the system of local self-government. Its comprehensive study and analysis has become a real necessity. Due to the fact that the issue of voting in the system of local self-government is important and topical, it has attracted the attention of many sociologists. It should be noted that being the most complex issue, voting always needs scientific and research study and consideration. The right to universal and equal voting means that all citizens who have reached the age established by law must have the right to vote.*

*It should be noted that voting in the system of local self-government is carried out by citizens through referendums, elections and other forms of direct expression of will. Voting is the free and voluntary will of every person, in which they secretly or publicly express their vote in a referendum. It should be noted that in the nineties of the last century, the USSR and the Republic of Tajikistan adopted laws on nationwide referendum and popular referendum, which mainly regulated the issues related to the referendum. This legal norm is enshrined in the Law of the Republic of Tajikistan "On self-government bodies of settlements and villages", for example, in Article 10 of this law, which deals with the powers of the jamoat in the field of organizing its activities, provides for the appointment and holding of voting by the population of settlements and villages on issues of local importance.*

***Key words:*** *law, constitutional, voting, level, system, state bodies, civil society, issue, local, law, norm, jamoat, self-government, referendum, authority, population, rural, election, democracy, development, political, general, equal, participation.*

УДК: 352.075

# КЛАССИФИКАЦИЯ МЕСТНЫХ ОРГАНОВ ИСПОЛНИТЕЛЬНОЙ ВЛАСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**РАЗЗОКЗОДА ТАМКИН МУРОД,**
соискатель кафедры административного права и государственной службы
Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан
7340025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33,
тел.: (+992) 918-61-72-50, E-mail: razzokzoda82@mail.ru

*Статья посвящена классификации местного звена исполнительной власти Таджикистана. Автор рассматривает местное управление как форму организации и деятельности местных исполнительно-распорядительных органов для решения вопросов местного значения исходя из общегосударственных интересов и интересов населения, проживающих на соответствующей территории. При этом подчеркивается, что классификация местных органов исполнительной власти представляет собой определение места в системе любой структурной единицы, а тем самым установление некоторых связей между ними.*

*Различные основания классификации не только способствуют правильной и всесторонней характеристике правового положения местных исполнительных структур, но и позволяют вплотную подступиться к решению вопроса научно обоснованного построения системы местных органов исполнительной власти и приданных вспомогательных единиц, их взаимоотношения между собой.*

*В этой связи поиску решения проблемы может способствовать научно обоснованная классификация местных звеньев исполнительной власти в зависимости от существенно важных признаков их сходства и различия в целях установления закономерностей возникновения и развития структур, отличий в их правовом положении, анализа особенностей организационного воздействия на объекты управления. Правовой статус управленческих структур, правила их деятельности, не могут быть квалифицированно урегулированы без учета состава этих органов и их назначения в системе исполнительной власти в целом.*

*Рассматривая различные основания разграничения местных структур управления, автор выделяет отличительные особенности отдельных подгрупп и вносит предложения по организационно-правовому закреплению местных звеньев исполнительной власти и дальнейшему совершенствованию правового регулирования организационных отношений на местном уровне управления.*

***Ключевые слова:*** *местные органы исполнительной власти, местные органы государственного управления, основания классификации, схемы местного управления.*

Функционирование местного звена исполнительной власти в Таджикистане является своеобразным проявлением управленческой вертикали и выступает подсистемой единой системы исполнительной власти. Учитывая то обстоятельство, что носители исполнительной власти на местном уровне также задействованы на практической реализации задач и функции государственного управления, их отличает многочисленность и многообразие структур, что, несомненно, обусловлено многосторонностью, многоаспектностью исполнительно-распорядительной деятельностью.

Основы правового положения элементов местного управления закрепляет глава VI Конституции Республики Таджикистан. Настоящая глава ранее именовалась «Местная власть», конституционные поправки, внесенные 22 мая 2016 г.,

скорректировали ее название – ныне она именуется «Местные органы государственной власти и самоуправления». Существенные редакционные изменения претерпела также часть 1 статья 78 Конституции, прямо закрепляющая основы организации исполнительной власти на местах. В прежней редакции он гласила, что исполнительную власть на местах осуществляет представитель Президента – председатель области, города и района. Новая редакция закрепляет следующее положение: «Местным исполнительным органом государственной власти руководит председатель области, города, района» [1, 58].

Следовательно, конституционная конструкция государственной власти на местном уровне, в том числе местной исполнительной власти,возглавляемая председателями, охватывает три уровня административно-территориальных единиц республики – области, города, районы. Конституционные нормы также прямо предусматривают, что председателей областей, городов и районов назначает и освобождает Президент республики, представляя их на утверждение соответствующих местных представительных органов государственной власти, каковым выступают Маджлиси народных депутатов. Председатель ответственен как перед вышестоящим исполнительным органом, так и соответствующим местным Маджлисом. На основе изложенных конституционных положений вопросы организации и деятельности местной государственной власти регулируются Конституционным законом Республики Таджикистан от 17 мая 2004 г. №28 «О местных органах государственной власти» [2].

Как вполне справедливо замечают национальные исследователи, местная исполнительная власть выступает составным компонентом централизованного государственного управления, возглавляемого Президентом республики [3, 178]. Действительно, централизованное управление доказало свою востребованность в условиях преодоления последствии гражданского противостояния, трансформации общества в иное качественное состояние и, несомненно, в современных условиях создает благоприятные организационные возможности для мобилизации ресурсов на реализацию широкомасштабных преобразований. При этом, следует учитывать, что разделения властей в Таджикистане, учитывая форму его унитарного государственного устройства, признается лишь в горизонтальной плоскости. Местные органы государственной власти, включая исполнительные органы, действуют в рамках своих полномочий и обеспечивают исполнение Конституции, законов, правовых актов парламента и его палат, Президента и Правительства республики.

Система местного управления в Таджикистане, кроме председателя, включает местные исполнительные органы государственной власти. Сложность в анализе правового положения рассматриваемой группы органов отчасти связана с тем, что они выведены из традиционного «поля» прямого конституционно-правового регулирования. Хотя Конституция Таджикистана в вопросе учреждения местной власти использует понятие «исполнительные органы», законодатель связывает этот термин в основном с правовым положением председателя. Вторя конституционным положениям, вышеупомянутый профильный законодательный акт - Конституционный закон Республики Таджикистан «О местных органах государственной власти» также на сей счет содержит скудные положения, что несколько затрудняет поиск законодательных установок организации местных структур управления.

В этой связи поиску решения проблемы может способствовать научно обоснованная классификация местных звеньев исполнительной власти в зависимости от существенно важных признаков их сходства и различия в целях установления

закономерностей возникновения и развития структур, отличий в их правовом положении, анализа особенностей организационного воздействия на объекты управления. Ибо правовой статус органов исполнительной власти, правила их деятельности, как справедливо замечено в юридической литературе, не могут быть квалифицированно урегулированы без учета состава этих органов и их назначения в системе [4, 36].

Относительно понятия классификации органов управления М.Ю.Зенков отмечает, что под ним понимается распределение управленческих структур по группам в зависимости от общих, существенно важных признаков сходство и различия [5, 191]. Классификация позволяет ясно определить место в системе любой организационной единицы, а также выявить наиболее существенные связи между ними.

Известные в административно-правовой науке традиционные основания классификации, а именно по масштабу территории, объему и характеру компетенции, порядку образования и подчиненности, порядку решения подведомственных вопросов, источникам финансирования и т.д. вполне могут быть применены к местным органам исполнительной власти. Так, с учетом территориального масштаба деятельности местные органы исполнительной власти подразделяются на областное, городское и районное звено. Областными звеньями выступают председатели области и приравненного к ним по статусу города Душанбе, а также структурные подразделения центральных органов исполнительной власти и местные органы исполнительной власти. Городское и районное звено исполнительной власти составляют председатели города и района, а также структурные подразделения центральных органов исполнительной власти и местные органы исполнительной власти.

В зависимости объема и характера компетенции система местных органов исполнительной власти подразделяется на: А) органы общей компетенции, осуществляющие руководство подавляющим большинством сфер государственного управления в пределах административно-территориальной единицы – председатели области, города, района. Последние осуществляют управление на подведомственной территории всеми или большинством отраслей и сфер деятельности по всем основным вопросам деятельности. Им принадлежит так называемая общая компетенция, т.е. они могут решать общие вопросы социального, экономического, культурного строительства на соответствующей территории. [6, 206]; Б) органы отраслевой компетенции, осуществляющие руководство отдельными порученными им отраслями государственного управления (местные структурные подразделения министерств и ведомств, отделы и управления местных органов исполнительной власти); В) органы межотраслевой компетенции, осуществляющие координацию деятельности в отведенной сфере деятельности по вопросам межотраслевого характера (местные структурные подразделения государственных комитетов и отдельных ведомств, отделы и управления местных органов исполнительной власти). Классификация органов управления по этому признаку определяет юридические основания их возникновения, а также источник их полномочий.

В зависимости от порядка формирования местные органы исполнительной власти могут быть подразделены на следующие группы: образуемые Президентом республики (председатели областей, городов, районов, местные структуры припрезидентских органов); образуемые Правительством республики (местные структурные центральных органов исполнительной власти); образуемые

председателями областей, городов, районов (отделы и управления местных органов исполнительной власти).

В юридической литературе ранее часто обращалось внимание и на такое основание классификации, как способ формирования субъектов государственного управления, согласно которому выделялись избираемые, образуемые и назначаемые органы. При этом подчеркивалось, что независимо от способа, последние формируются в государственно-властном порядке, т.е. на основании акта полномочного органа государства [7,73]. Но в настоящее время, в связи с признанием самостоятельного значения исполнительной власти и последовательным претворением в публичном управлении принципов ее организации, в законодательных актах произошли серьезные изменения в способе формирования органов исполнительной власти. Преимущественно все звенья последних формируются в порядке назначения. Это правило повлияло и на порядок разрешения ими подведомственных вопросов: в соотношении коллегиальных и единоначальных органов на местном уровне исполнительной власти сохранились лишь вторые.

По источнику финансирования можно выделить две подгруппы органов государственного управления: а) финансируемые из республиканского бюджета; и б) финансируемые из местного бюджета. Значение указанного основания классификации будет возрастать по мере становления и укрепления экономических основ местного управления. Именно последнее основание классификации, т.е. по источнику финансирования, послужило законодателю критерием разграничения местных органов исполнительной власти на две группы: структуры местных исполнительных органов государственной власти, подчиненных председателю области, города, района и местные структуры центральных органов исполнительной власти.

Первые определяются как «структуры местных исполнительных органов, не входящих в структуру и схему управления центральных органов исполнительной власти, руководители которых непосредственно назначаются на должность или освобождаются от должности председателем», области, города и района. А вторые – как единицы центральных органов исполнительной власти, которые в соответствующих административно-территориальных единицах в пределах своих полномочий выполняют функции центральных исполнительных органов [2].

Опираясь на принятое законодателем разграничение, Правительство республики постановлением от 3 марта 2011 г. №115 утвердило Типовую структуру местных исполнительных органов государственной власти. Так, например, в структуру местных исполнительных органов государственной власти Согдийской области были включены следующие органы: главное управление сельского хозяйства, отдел социальной защиты населения, управление экономического развития и торговли, управление по инвестициям и управлению государственным имуществом, управление по стандартизации, метрологии, сертификации и торговой инспекции, антимонопольное управление, управление образования, управление здравоохранения, управление культуры, управление по делам женщин и семьи, отдел по религии, упорядочению традиции, торжеств и обрядов, отдел энергетики и промышленности, отдел транспорта и коммуникации, отдел строительства и архитектуры, сектор по правам ребёнка, архивный сектор [8].

Между тем, на поверку оказалось, что органы, перечисленные в упомянутом правительственном постановлении применительно к Согдийской области (кроме двух последних) одновременно включены в структуры либо схемы управления центральных

органов исполнительной власти, что не вполне соответствует законодательной концепции разграничения местных органов исполнительной власти. Аналогичная ситуация прослеживается по структуре исполнительных органов других административно-территориальных единиц.

Кроме того, функционируют традиционные местные структуры управления, такие как органы статистики, безопасности, финансов, землеустройства, внутренних дел, вновь созданных припрезидентских органов - Агентства государственной службы, Агентства по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией, Агентства по контролю за оборотом наркотиков, Комитета местного развития и ряда других министерств и ведомств. В правительственном постановлении от 3 марта 2011 г. №115 они не упоминаются и, по всей видимости, охвачены схемами управления центральных органов исполнительной власти.

Различные основания классификации не только способствуют правильной и всесторонней характеристике правового положения местных исполнительных структур, но и позволяют вплотную подступиться к решению вопроса научно обоснованного построения системы местных органов исполнительной власти и приданных вспомогательных единиц, их взаимоотношения между собой. Здесь мы солидарны с мнением видного национального ученого-административиста Б.Х.Раззокова, считающего председателей области, города и района основными субъектами исполнительной власти на местном уровне [9, 231]. Предложенный им концептуальный подход по разграничению органов исполнительной власти и органов государственного управления вполне применим и на местах.

Так, при изучении правового положения местных исполнительных структур мы выявили отдельную подгруппу, которая задействована лишь в практической реализации задач и функции одноименного центрального органа исполнительной власти и не обладает самостоятельными прерогативами, в частности, в принятии административных правовых актов. Если продолжить иллюстрацию на примере Согдийской области, то в системе местного управления таковыми являются, в частности, управление экономического развития и торговли, отдел энергетики и промышленности, отдел транспорта и коммуникации, сектор по правам ребёнка, архивный сектор, региональные структуры Комитета местного развития при Президенте республики и местные структуры ряда других центральных органов исполнительной власти.

Кроме того, для ясности используемых формулировок считаем важным обратить внимание на терминологическое изложения формы выражения исполнительной власти. Национальный законодатель до сих пор четко не определился в позиции, наблюдается разнобой в терминах. Так, в Конституционном законе «О местных органах государственной власти» используется термин «местный исполнительный орган государственной власти». Настоящий термин некорректно сформулирован, так как нивелируют самостоятельное значение носителей исполнительной власти, призванных осуществлять практическую реализацию задач и функций государственного управления на местном уровне. Нам представляется, что на родовую связь структуры с отдельной ветвью государственной власти прямо выводит термин «местный орган исполнительной власти» и именно он должен быть принят за основу обозначения однородной группы ее органов.

В правовом регулировании организационного развития на местном уровне уже долгие годы имеет место еще один пробел и касается он закрепления организационной

форы местной исполнительной власти. Как известно, ранее законодательство закрепляло словосочетание «местный Хукумат», однако в последующем законодательство отказалось от него и ныне, как было замечено выше, апеллируют к понятию «местный исполнительный орган государственной власти». Выбранную формулировку вряд ли можно признать удачной, ибо она лишь указывает на родовую принадлежность органа к исполнительной власти, а проблема правового закрепления организационной формы исполнительной власти на местах остается открытой. Конечно, ранее действующая формула - «местный Хукумат» (в смысле местное правительство) также была далека от совершенства, так как по смысловому значению и общепринятым в организационной теории и науке административного права представлениям, термин «правительство» указывает обычно на деятельность коллегиального органа.

Поучительным представляется опыт Казахстана по упорядочению и правовому закреплению организационных форм на местном звене государственной власти. Так, согласно Закону РК от 23 января 2001 г. «О местном государственном управлении в Республике Казахстан» (с последующими изменениями и дополнениями) местными исполнительными органами являются областные, городские, районные акиматы, возглавляемые акимами [10]. Как видно, в данном случае зарубежный законодатель четко выдержал организационную форму исполнительной власти на местном уровне и закрепил правовое положение должностного лица.

Полагаем, что и в Таджикистане местная государственная администрация должна быть обозначена в организационно-правовой форме и для ее обозначения приемлемым представляется термин «садорат» (администрация), а для обозначения руководителя местной администрации – более соответствует название «садр» (глава). Ведь, если апеллировать к строгим терминологическим обозначениям, то понятие «председатель» указывает скорее на выборное должностное лицо. К тому же, предложенные названия вполне соответствуют исторически сложившимся представлениям населения о местной власти и его носителях, их внедрение повысит научные основы местного управления и станет очередным шагом в череде мер по упорядочению его элементов. В последующем считаем целесообразным предусмотреть порядок предварительного согласования кандидатуры руководителя местной государственной администрации с местным представительным органом, во-первых, определив субъектом его представления применительно к областям и г.Душанбе (включая города и районы республиканского подчинения) Правительство республики, а применительно к городам и районам областного подчинения и районам столицы вышестоящих глав администрации и, во-вторых, освободить указанное должностное лицо от бремени руководства местным представительным органом.

Таким образом, классификация местных звеньев исполнительной власти показывает, что система местного государственного управления нуждается в дальнейшем совершенствовании. Модель местного управления остается не до конца осмысленным организационным сознанием. Отношения в сфере организационно-правовых форм управления на местном уровне все еще характеризуются как не получившие окончательного правового оформления. Особенности построения, неопределенность правового статуса и иерархического положения ряда публичных управленческих структур на местах затрудняют взаимодействие между ними. Решению проблем упорядочения организационных структур на местном уровне могло бы способствовать разработка Схем местного управления на каждом уровне

административно-территориальных единиц, с включением в нее всех отраслевых и функциональных подразделений, как непосредственно подчиненных председателю, так и находящихся в подчинении центральных органов управления.

**Литература**

1.Конституция Республики Таджикистан. Душанбе, 2016.
2.Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2004. №5. Ст.339.
3.Раззоков Б.Х. Президент Республики Таджикистан - глава исполнительной власти (на тадж.яз.). Душанбе, 2010.
4.Исполнительная власть в России. История и современность, проблемы и перспективы развития / Отв. ред. Н.Ю.Хаманева. М., 2004.
5.Зенков М.Ю. Основы государственного и муниципального управления. Часть 1. Новосибирск, 2015.
6.Бахрах Д.Н., Россинский Б.В., Старилов Ю.Н. Административное право. М., 2008.
7.Тихомиров Ю.А. Управление на основе права. М., 2007.
8.Инфомационный правовой Интернет-портал Республики Таджикистан. Режим доступа: portalihuquqi.tj: дата обращения: 12.05.2020.
9.Раззоков Б.Х. Организация исполнительной власти Республики Таджикистан: проблемы теории, законодательства, практики. Душанбе, 2015.
10.Информационно-правовая система нормативных правовых актов Республики Казахстан «Адилет». Режим доступа: http://adilet.zan.kz/rus/: дата обращения: 20.05.2020.

## ТАСНИФИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**РАЗЗОҚЗОДА ТАМКИН МУРОД,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
7340025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-61-72-50. E-mail: razzokzoda82@mail.ru

*Мақола ба таснифи мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияи Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф идоракунии маҳаллиро ҳамчун шакли ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроия-амрдиҳанда барои ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллидошта бо назардошти манфиатҳои умумидавлатӣ ва манфиатҳои аҳолии ҳудуди дахлдор медонад. Дар баробари ин, қайд карда мешавад, ки таснифоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ин муайян намудани мавқеъ дар низоми дилхоҳ воҳиди сохторӣ ва дар ин замина муайян намудани баъзе алоқамандиҳо дар байни онҳо мебошад.*

*Асосҳои гуногуни таснифот на танҳо барои тавсифи дуруст ва ҳаматарафаи вазъи ҳуқуқии сохторҳои иҷроияи маҳал шароит фароҳам меоварад, балки барои ҳалли масъалаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани сохтори низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ, сохторҳои ва робитаи байни онҳо имконият медиҳад.*

*Бинобар ин, барои ҳалли масъалаи мазкур метавонад таснифи илмӣ- асосноки сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия бо назардошти аломатҳои муҳими шабеҳият ва тафовути онҳо бо мақсади муқаррар намудани қонуниятҳои пайдоиш ва рушди сохторҳои онҳо, тафовути вазъи ҳуқуқии онҳо, таҳлили хусусияти таъсири ташкилӣ ба объектҳои идора мусоидат менамояд. Таснифи вазъи ҳуқуқии сохторҳои идоракунӣ, қоидаҳои фаъолияти онҳо бе*

*назардошти муайян намудани таркиби ин мақомот ва таъиноти онҳо дар умум дар низоми ҳокимияти иҷроия ғайриимкон аст.*

*Муаллиф асосҳои гуногуни тафриқагузории сохторҳои сатҳи маҳаллии идоракуниро ба инобат гирифта, хусусиятҳои фарққунандаи зергурӯҳҳои алоҳидаро нишон дода, барои мустаҳкам намудани вазъи ташкилӣ-ҳуқуқии сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва такмили минбаъдаи танзими муносибатҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ дар ин сатҳ пешниҳодҳо менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимият, мақомоти маҳаллии идораи давлатӣ, асосҳои тасниф, нақшаи идораи маҳаллӣ.*

## CLASSIFICATION OF LOCAL EXECUTIVE AUTHORITIES IN TAJIKISTAN

**RAZZORZODA TAMKIN MUROD,**
Applicant of the of Administrative Law and Civil Service Department,
Academy of Public Administration under
the President of the Republic of Tajikistan,
7340025, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 918-61-72-50. E-mail: razzokzoda82@mail.ru

*The article is devoted to the classification of the local level of executive authorities in Tajikistan. The author considers local government as a form of organization and activity of local executive and administrative bodies for resolving issues of local importance based on the national interests and interests of the population living in the relevant territory. At the same time, it is emphasized that the classification of local executive authorities is the definition of a place in the system of any structural unit, and thereby the establishment of some links between them.*

*The various basis for classification not only contribute to the correct and comprehensive characterization of the legal status of local executive structures, but also make it possible to come close to solving the issue of scientifically based construction of the system of local executive authorities and attached auxiliary units, their relationship with each other.*

*In this regard, the search for a solution of the problem can be facilitated by a scientifically based classification of local levels of executive power, depending on the essential signs of their similarity and difference in order to establish the patterns of the emergence and development of structures, differences in their legal status, and analysis of the features of the organizational impact on managing objects. The legal status of managerial structures, the rules of their activities, cannot be properly regulated without taking into account the composition of these bodies and their position in the system of executive power as a whole.*

*Considering the various grounds for differentiating local government structures, the author highlights the distinctive features of individual subgroups and makes proposals for the organizational and legal consolidation of local levels of executive power and further improvement of the legal regulation of organizational relations at the local level of government.*

***Key words:*** *local executive authorities, local government bodies, classification grounds, local government schemes.*

УДК: 328.1

# РУШДИ АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ШАРИПОВА МАВЗУНА ҒОИБНАЗАРОВНА,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 903-30-89-83. E-mail: sh.mavzuna_83@mail.ru

*Дар мақола рушди асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия дар замони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар он мазмун ва моҳияти коррупсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муқовимат ба коррупсия дар ин давра муайян гардидааст. Ба андешаи муаллифон қонунгузории зиддикоррупсионӣ давра ба давра рушд ёфта, ҳамчун тадбири ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат ба ҳисоб меравад.*

*Муаллиф кӯшиш намудааст, ки вобаста ба таърихи пайдоиши зуҳуроти коррупсионӣ, назарияҳои олимони соҳа вобаста ба муқовимат ба омилҳои коррупсиониро дар давраҳои гуногун баррасӣ намоянд. Ҳамзамон, дар мақолаи мазкур нуқтаҳои илмӣ вобаста ба мафҳуми худи коррупсия мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки дар он ақидаҳои муаллифон низ мавҷуд мебошад. Масалаи дигаре, ки дар мақола мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор гирифтааст, ин муайян намудани субъектҳои бевосита муқовиматкунанда ба коррупсия ва субъектоне, ки дар муқовимат ба коррупсия иштироккунанда мебошанд. Назари муаллиф бар он аст, ки доираи субъектони муқовиматкунанда ба коррупсия ба таври мушаххас дар қонунгузории соҳавӣ нишон дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *коррупсия, қонун, пешгирии коррупсия, муқовимат ба коррупсия, сиёсати зиддикоррупсионӣ.*

Таърихи рушди инсонӣ нишон медиҳад, ки дар радифи ба сомон расонидани бунёдкориҳо, созандагиҳо ва ноил гардидан ба музаффариятҳо, ҳамчунин зуҳуротҳое ба миён омадаанд, ки хислати манфӣ, таъсиррасонии номуносиб ва эҷоднамоии мушкилот дар ҷомеа доранд. Яъне, дар таърихи инсоният дар муҳите, ки ӯ умр ба сар мебарад, мушкилотҳое падид меоянд, ки садди роҳи рушд ва инкишофи ботадриҷи соҳаҳои ҷамъиятӣ мегарданд. Ҳамин тариқ, зуҳури мушкилотҳо бо омилҳои гуногун вобастагӣ дошта, дар шакл ва намудҳои муайян зоҳир мегарданд. Низоъҳои мусаллаҳона, мунокишаҳо, ҷинояту ҷинояткорӣ, вайрон намудани тартиботи мавҷуда, зараррасонӣ ба соҳаҳои муайян ва ғ. аз ҷумлаи мушкилотҳое мебошанд, ки аз давраҳои дури таърихӣ дар ҷомеа мавҷуд буданд ва дар шароити муосир дар шаклҳои хос ташаккул ёфтаанд. Бо ҳамин мазмун, миёни ин мушкилотҳои ҷомеаи инсонӣ, ки оқибати мураккаби манфиро ба бор меорад, коррупсия аз ҷумла паҳншудатаринҳо ба ҳисоб меравад.

Коррупсия яке аз зуҳуроти қадимтарини ҳамсафари инсоният буда, он баробар бо худи таърихи тамаддуни инсонӣ мебошад. Дар куҷое, ки он инъикос наёбад, хоҳ дар Форс, Ҳинд, Чин ва Рим он дар таърих ҳамчун зуҳуроти номатлубе арзёбӣ мегардад, ки барои рушди босуботи давлатдорӣ ва мустаҳкам намудани аркони он халали ҷиддӣ ворид месозад. Аз ин ҷост, ки ҳокимият ҳанӯз дар аҳди қадим пайи андешидани чораҳои муассири муқовимат ва мубориза бо коррупсия мебошад ва чунин чораҷӯию чораандешиҳо бо таҳаввулоти гуногун, дидгоҳҳои ҷадид ва истифодаи усулҳои мухталиф то давраи муосир давом дорад [7; 3с].

Коррупсия аз рӯи табиати худ ҳамчун мушкилоти ҷаҳони муосир унвон мегардад, ки аз доираи сарҳадҳои давлатҳо баромада гузаштааст, зеро ин амали манфиро тамоми давлатҳо ва ҷомеаи муосир зараровар эътироф намуда, оқибатҳои онро эҳсос кардаанд. Ҳамин тариқ, ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани коррупсия ҳамчун амали зараровар, номатлуб ва зиддиҳуқуқӣ давлатҳо ва ҷомеаи ҷаҳонии муосир тадбирҳои гуногуни ҳуқуқию ташкилиро ба роҳ монда, заминаҳои меъёрии муқовимат бо онро мустаҳкам намудаанд.

Дар сарчашмаҳои илмӣ борҳо муайян гардидааст, ки коррупсия бо пайдоиши давлат таҳаввул ёфтааст, ки ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-манфӣ унвон гардидааст. Бо назардошти мушкилоти иҷтимоӣ будани падидаи мазкур, дар сатҳи илмҳо низ дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар доираи риштаҳои гуногун мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор гирифта буд.

Барои дарки дурусти мафҳуми коррупсия зарур аст, ки мазмун ва моҳияти онро равшан кард. Махсусан, муайян намудани мазмуни этимологии истилоҳи коррупсия ба фаҳмиши ибтидоӣ ва заминавии он мусоидат менамояд. Вобаста ба ин, дар адабиёти илмӣ андешаҳои гуногун ҷой дорад. Чунончи, истилоҳи коррупсия дар тарҷумаи лотинӣ ба мазмунҳои зайл фаҳмида мешавад: пора, вайроншавӣ, таназзул, каҷравӣ, бетартибӣ ва ғ. [5; 266с]. Дар забони англисӣ (corruption) ҳамчун фурӯхташавандагӣ, каҷравӣ ва ғ. муайян шудааст [4; 82с]. Дар фарҳанги забони русӣ коррупсия – ин порагирӣ ва фурӯхташавандагии шахси мансабдор ва ходими сиёсӣ мебошад [6; 292с].

Ба мазмуни муосир коррупсия мафҳуми васеъ аст, ки фарогири амалҳои гуногуни ба ҷамъият хавфнок ва хатаровар мебошад. Дар гузашта онро бештар бо додан ва гирифтани пора марбут медонистанд. Аммо, тавре зикр гардид, коррупсия амалҳои гуногунро дар бар мегирад, ки аз додану гирифтани пора берун мебошанд. Зикр намудан ба маврид аст, ки дар замони муосир наклҳо ва тарҳҳои (моделҳои) гуногуни коррупсия пайдо гардидаанд, ки ҳар яки онҳо табиати ба худ хос дошта, оқибатҳои муайянро ба бор меоранд. Аз қабили вобаста ба соҳаи татбиқ - коррупсияи иқтисодӣ ва сиёсӣ, вобаста ба ҷараёнҳо ҷаҳонишавӣ ва рушди алоқаҳои хориҷӣ – коррупсияи трансмиллӣ ва байналмилалӣ, вобаста аз миқёс – коррупсияи калон (сиёсӣ) ва хурд [8; 86-92с] ва ғ. Ҳамин тариқ, таҷрибаи зоҳиршавии коррупсия нишон дод, ки он бо ташаккули соҳаҳои нави ҳаёти ҷамъиятӣ дар шаклҳо ва навъҳои нав ба нав ба миён меоянд, ки дар самти муайян хатарҳо эҷод менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори давлатҳои муосир нисбати ҳама гуна амалҳои номатлуб, махсусан коррупсия чораҳои гуногуни ҳуқуқию ташкилиро рӯи кор овардааст. Қайд бояд намуд, ки таҳияи тадбирҳои дахлдор пеш аз ҳама ҷиҳати нест намудани ин падидаи номатлуб ҳамчун мушкилоти ҷомеа, ҳуқуқвайронкунӣ, хусусан ҷиноят ва баъдан дар заминаи иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи худ гирифтааст, сурат мегирад. Тадбири муҳимтарине, ки барои муқовимат бо коррупсия нақши аввалиндараҷа дорад, ин таҳияи заминаҳои ҳуқуқии он мебошад. Тавре маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои хусусияти барномавидошта ва дигар аснодҳо таҳия ва қабул гардидааст, ҳадафҳои Тоҷикистонро дар ин самт амалӣ менамоянд. Қайд намудан ба маврид аст, ки маҷмӯи ҳуҷҷатҳо дар ин давра дар самти муқовимат бо коррупсия давра ба давра таҳия ва қабул гардиданд. Яке аз ҳуҷҷатҳои аввалин Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришватхӯрӣ)» аз 21 июли соли 1999 №1262 мебошад, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва

дигар сохторҳои давлатӣ оид ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ), пурзӯр намудани масъулияти онҳо дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар таҳия гардида буд [2]. Баъдан, аз 30 апрели соли 2010 №864 Фармони дигари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба табъ расид, ки барои шиддат бахшидани раванди решакан кардани коррупсия ва таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти муқовиматкунандаи коррупсия равона гардида буд. Хусусан, мутобиқи ин санад тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама ба ошкор ва бартараф намудани шароитҳои пайдоиши коррупсия, пешгирии кӯшишҳои фароҳамоварии шароитҳое, ки метавонанд боиси ҳолатҳои коррупсионӣ гарданд, равона карда мешавад» [3].

Бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр қонунҳо дар давраҳои муайян таҳия ва қабул гардидаанд. Дар даврони Истиқлоли давлатӣ чунин қонунҳо марбут ба муқовимат бо коррупсия қабул гардидаанд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 10 декабри соли 1999 №875; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005 №100; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020 №1714 [1].

Таҳияи Қонуни охирин дар ин самт дар заминаи асосҳои муайян сурат гирифта, муқовимат бо коррупсияро устувортар намуд. Қайд намудан ба маврид аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз қонунҳои пештар амалкунандаи мубориза бар зидди коррупсия фарқ намуда, дар сатҳу сифати нав ва комилан ҷавобгӯ ба талаботи муосир таҳия гардидааст. Пеш аз ҳама номи қонун, ки истилоҳи «муқовимат»-ро касб намудааст, беасос нест. Пештар дар қонунҳои мазкур истилоҳи «мубориза» унвон гирифта буд, ки бо қонуни нав қабулгардида ин қонун ба муқовимат иваз гардид. Сабаби асосии табдили «мубориза» ба «муқовимат» пеш аз ҳама фарогирии ҳама паҳлуҳои сиёсати зиддикоррупсионии давлат ва тадбирҳои зиддикоррупсионӣ дар мафҳуми мазкур мебошад. Яъне, мафҳуми «муқовимат» васеътар буда, моҳиятан мафҳуми «мубориза»-ро дар худ таҷассум менамояд. Тасдиқи ин гуфта дар мафҳуми муқовимат ба коррупсия, ки дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз аз 25 июли соли 2005 №100 пешбинӣ шуда буд, ки мубориза бо коррупсия ҷузъи таркибии мафҳуми муқовимат ба коррупсия муайян мегардид.

Мушаххасан бошад, мубориза бо коррупсия фарогири самти ошкор, кушодан, рафъ намудан ва тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ мебошад. Имрӯз фурсате расидааст, ки бо истифода ва татбиқи чораҳои дахлдор содиршавии амалҳои коррупсионӣ пешгирӣ карда шаванд. Бо ҳамин мазмун, аз оне, ки содиршавии коррупсия ба вукуъ пайвандад ва хавфу хатар ба ҷомеа эҷод намояд, амали беҳтар ва созгор ин анҷом додани тадбирҳое, ки то ҳолатҳои болозикр сурат мегиранд. Хусусан пешгирии коррупсия ба ин гуна тадбирҳо дохил мешавад, ки ангеза ва шиддати содиршавии амалҳои коррупсиониро бартараф ва коҳиш медиҳад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020 №1714 ин ҳолатро ба назар гирифта, аз мазмуни он бармеояд, ки пешгирии коррупсияро ҳамчун механизми беҳтарин ва муносиб дар самти муқовимат бо ин ҳуқуқвайронкунӣ муайян намудааст. Барои ба роҳ мондани пешгирии коррупсия тадбирҳои гуногунро қонуни мазкур пешбинӣ намудааст. Мутобиқи моддаи 14 қонун

роҳҳои пешгирии коррупсия ба таври зайл сурат мегиранд: тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ, таълиму тарбияи зиддикоррупсионӣ, таҳлили хавфҳои коррупсионӣ, мониторинги зиддикоррупсионӣ, экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, чораҳои назорати давлатии молиявӣ, талаботи махсус нисбати довталабони вазифаҳои давлатӣ ва шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, мамониат барои таъин ё интихоб шудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо вобаста ба иҷрои вазифаҳои мансаби давлатӣ ва мансаби ба он баробаркардашуда [1]. қонунгузории зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи қабули қонуни болозикр доираи маҳдуди роҳҳои амалигардонии пешгирии коррупсияҳоро муқаррар намуда буданд. Бо ҳамин мазмун, роҳҳои пешгирии коррупсия, ки дар боло муайян гардид роҳҳои муносиб дар самти пешгирии амалҳои коррупсионӣ ба ҳисоб меравад, ки аллакай дар таҷриба низ самараи худро ба бор овардааст. Масалан, экспертизаи зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста гузаронида мешавад, самараи мусбиро вобаста ба пешгирӣ ва бартарафсозии омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ба миён овардааст. Дар заминаи хулосаи Агентии мазкур лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор гардида, дар минбаъда асос барои қабул нагардидани санадҳои мазкур мешаванд. Чунки дар сурати бо чунин омилҳои номбурда қабул ва мавриди амал қарор гирифтани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонад шиддати пайдоиши хавфу хатари коррупсияро афзоиш диҳад.

Дигар масъалае, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020 №1714 танзими самараноки худро ёфт, ин муайян намудани доираи субъектони муқовиматкунанда ба каррупсия ва мушаххас намудани ваколатҳои онҳо мебошад. Тибқи қонун субъектҳои муқовимат ба коррупсия аз субъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда ва субъектҳое, ки дар муқовимат ба коррупсия иштирок менамоянд, иборат мебошад. Бо муқаррар намудани чунин меъёрҳо доираи субъектони муқовиматкунанда ба коррупсия мушаххас карда шуда, метавонанд дар оянда пешгирӣ, ошкор ва бартарафсозии омилҳо ва амалҳои коррупсионӣ ба таври самаранок таъмин карда шаванд. Аз мазмуни қонун бармеояд, ки дар раванди муқовимат бо коррупсия доираи васеи субъектон (мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) иштирок менамоянд, ки самаранокии татбиқи сиёсати зиддикоррупсионии давлатро таъмин мекунанд. Яъне, муқовимат ба коррупсия фаъолияти муташаккилонаро тақозо мекунад. Танҳо бо иштироки мақомоти ваколатдори давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ ин гуна фаъолияти таъмин карда намешавад. Дар раванди он ба ғайр аз мақомоти зикргардида, инчунин дигар мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд ширкат намоянд. Яъне, ин фаъолияти дастаҷамъонаро вобаста ба муқовимат ба коррупсия дар худ таҷассум менамояд.

Қайд намудан бамаврид аст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муқовимат ба коррупсия ва муносибатҳои бо он алоқаманд амал мекунад. Аз ҷумла, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. Ҳамаи ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар даврони Истиқлоли кишвар таҳия ва қабул гардидаанд, ҳамчун

тадбири ҳуқуқӣ дар самти муқовимат ба коррупсия ба ҳисоб рафта, ба татбиқи сиёсати зиддикоррупсионии кишвар мусоидат менамоянд.

**Адабиёт**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020 №1714. Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии «АДЛИЯ» -и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришватхӯрӣ)» аз 21 июли соли 1999 №1262. Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Фармони дигар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 2010 №864. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ» - и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4. Англо-русский словарь. – Киев, 1998; – С. 82
5. Дворецкий И.Х. Латинско-русской словарь. Изд. 2-е – М., 1976; С. 266
6. Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. 2-е изд. – М., 1995; С. 292
7. Хурсандзода С. Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Душанбе. 2021; С. 3
8. Шедий М.В. Типологии коррупции и основные модели коррупционных стратегий поведения // Научные ведемости. 2011. №8 (103); С. 86-92

## РАЗВИТИЕ ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИИ КОРРУПЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**ШАРИПОВА МАВЗУНА ГОИБНАЗАРОВНА,**
соискатель кафедры административного права
и государственной службы
Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан
734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
Тел.: + (992) 90 330 89 83; sh.mavzuna_83@mail.ru

*В статье рассматривается развитие правовой базы противодействия коррупции в период государственной независимости Республики Таджикистан. Определены содержание и сущность коррупции, нормативные правовые акты, регламентирующие борьбу с коррупцией в этот период. По мнению авторов, антикоррупционное законодательство постепенно развивается и рассматривается государством как правовая мера.*

*Автор попытался рассмотреть теории ученых в области противодействия коррупции в разное время в зависимости от истории коррупции. В то же время в данной статье рассматриваются научные моменты, связанные с самим понятием коррупции, что также содержит взгляды авторов. Еще одним вопросом, которому уделяется особое внимание в статье, является выявление субъектов, непосредственно участвующих в борьбе с коррупцией, и субъектов, участвующих в борьбе с коррупцией. По мнению автора, круг субъектов противодействия коррупции указан в отраслевом законодательстве.*

***Ключевые слова:*** *коррупция, закон, предупреждение коррупции, противодействии коррупции, антикоррупционная политика.*

# DEVELOPMENT LEGAL FRAMEWORK FOR ANTI-CORRUPTION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**SHARIPOVA MAVZUNA GOIBNAZAROVNA,**
Applicant for the Academy of Public Administration
under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Dushanbe, st. Said Nosir, 33.
Phone.: (+992) 903-30-89-83. E-mail: sh.mavzuna_83@mail.ru

*The article discusses the development of the legal framework for combating corruption during the period of state independence of the Republic of Tajikistan. The content and essence of corruption, normative legal acts regulating the fight against corruption during this period are determined. According to the authors, anti-corruption legislation is gradually developing and is considered by the state as a legal measure. The author tried to consider the theories of scientists in the field of combating corruption at different times, depending on the history of corruption. At the same time, this article discusses scientific issues related to the very concept of corruption, which also contains the views of the authors. Another issue that is given special attention in the article is the identification of subjects directly involved in the fight against corruption and subjects involved in the fight against corruption. According to the author, the circle of subjects of combating corruption is indicated in the sectoral legislation.*

***Key words:*** *corruption, law, prevention of corruption, anti-corruption, anti-corruption policy.*

УДК:342 (575.3)

# ТАШАККУЛИ ИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ВАЗЪИ КУНУНИ ВА ДУРНАМОИ РУШД

**АМИНОВ МУҲАММАД МАҲМАДРИЗОЕВИЧ,**
устоди кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодӣ,
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
E-mail:aminov.mm@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур, мушкилоти ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳалли мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон дар мақола, таърихи худидораи маҳалли ва давраҳои ташаккули он мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар мақола муаллиф худидораи маҳаллиро ҳамчун як ниҳоди низоми идораи давлатӣ таҳлил намудааст. Ҳамкории мақомоти худидораи маҳаллӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлати ва худфаъолияти ҷамъиятӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар мақола мақомоти намояндагии маҳаллӣ ва мақомоти иҷроиявии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар мақола кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки самтҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зери тадқиқот қарор  дода шавад.*

*Дар маҷмуъ мушкилот ва рушди мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии давлатӣ зери таҳлили илмӣ қарор гирифтааст.*

***Калидвожаҳо***: *асосҳои ҳуқуқӣ, идоракунии маҳаллӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидораи маҳаллӣ,  идораи давлатӣ, санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, замони муосир, давраҳои рушд, ҳамкории дуҷониба, заминаҳои иқтисодию иҷтимоӣ.*

Аз таърихи идоракунии давлатӣ ба мо маъулм аст, ки дар амалигардонии ҳокимияти давлатӣ, накши ҷамъиятҳои иптидоӣ,(маҳаллаҳо, қавмҳо,худидора) ҳамеша назаррас буда,  барои дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои давлат саҳми босазо мегузошт.

Дар идоракунии давлатии давоми си соли соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, идоракунии маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин худидоракунии маҳаллӣ, ба давраҳои асосии рушди ноил гардиданд

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи Конститутсиони  дошта, дар замони соҳибистиқлоли санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа куллан такмил ёфтанд. Дар доираи низоми амалигардонии ҳокимияти давлатӣ, идоракунии маҳалли тавассути худидораи маҳалли ва худфаъолияти ҷамъиятӣ амалӣ гардонида мешавад.

Дастовардҳои назарраси  давлати соҳибистиқлол аз фаъолияти дастгоҳи давлатӣ,  хизматчиёни давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ вобастагии амиқ дорад. Барои таҳкими дастгоҳи давлатӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон  дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид дошта буданд: «Низоми мавҷудаи идора ва сохторҳои он вобаста  ба талаботи  замон бояд такмил дода шавад. Идоракунии давлатӣ дар ин давраи  ҳассос бе  раванди  тарбия, таълим, бозомӯзӣ ва  такмили кадрҳои роҳбарикунанда номумкин аст»[10].

Мақомоти худидораи маҳаллӣ ҳамчун шакли таҷассумёбии демократия яке аз проблемаҳои назарраси ҷомеъа буда, то қадри зарури аз ҷониби муҳаққиқони соҳа мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст. Зеро худидоракунии маҳалӣ барои Тоҷикистон

мафҳуми нисбатан нав буда, он бо даровардани тағйиру илова ба Конститутсияи соли 1978 ҶШС Тоҷикистон аз 25 декабри соли 1991 пайдо гардидааст, ки асоси онро моддаи 126 Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон ташкил медод. Мутобиқи ин меъёр низоми худидоракунии маҳаллии Тоҷикистон, Шӯрои маҳаллии вакилони халқ, мақомоти марзии худидоракунии ҷамъиятӣ, раъйпурсии маҳаллӣ, маҷлисҳои шаҳрвандон ва дигар шаклҳои демократияи бевоситаро дар бар мегирад, ки мувофиқи он худидоракунии маҳаллӣ дар ҳадди воҳидҳои марзию маъмурӣ дар асоси сезинагӣ ба амал бароварда шуда, асоси марзии онро шаҳрак, Шӯрои маҳалла, ноҳия, шаҳр, ноҳия дар шаҳр, вилоят ташкил медод. Шӯрои маҳаллии вакилони халқ ҳамчун мақомоти намояндагии ҳокимият звенои асосии худидоракунии маҳалӣ ба ҳисоб рафта, дар марзи худ фаъолияти ҳамаи низоми худидоракунии маҳаллиро мутобиқ менамуд[4;379]. Аз ин рӯ, таъиноти иҷтимоии худидоракунии маҳаллӣ асосан бо ҳимояи манфиатҳои маҳаллӣ вобастагӣ дошт, ки он ба ҳалли бевоситаи масъалаҳои таъминоти қобилияти ҳаётии аҳолӣ дахл менамуд. Дар асоси ин ба таври баробар гуфтан мумкин аст, ки худидоракунии маҳаллӣ ҳам ташкили ҳокимият, ҳам фаъолияти идории мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ҳам таҷрибаи ба даст омадаи худидоракунии маҳаллӣ мебошад[8;194].

Дар шароити муосир ҷой доштани худидоракунии самараноки маҳаллии ба талаботҳои стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ буда, ҳамчун нишондиҳандаи муҳими демократизми режими амалкунандаи давлатӣ баҳо дода мешавад.

Мақомоти худидоракунии маҳаллӣ тавозуни муайяни ҳокимияти марказӣ ба шумор рафта, ҳамчун низоми ба аҳолии маҳаллӣ наздики баррасии масъалаҳои хусусияти маҳаллӣ дошта пайдо гарида, рӯ ба инкишоф ниҳодааст. Вобаста ба ин Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба монанди давлатҳои дигари дар давраи гузариш қарор дошта, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо масъалаҳое рӯ ба рӯ шуд, ки рушди минбаъдаи иқтисодӣ-иҷтимоии давлат аз баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии давлат вобастагӣ дошт.

Дар давлати демократӣ ташкил ва амалӣ шудани ҳокимият ба усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ асос меёбад, ки он бо усули худидоракунии маҳаллӣ, мавқеи аҳоли дар идораи давлатӣ асос меёбад[6;488]. Усули мазкур ҳамон тартиби ғайримарказонидани ҳокимияти давлатиро таъмин мекунад, ки вай ин низомро барои таъмини манфиати аҳолӣ дар маҳал бо ба инобатгирии анъанаҳои маҳаллӣ ва таърихӣ омода менамояд. Вобаста ба ин худидоракунии маҳаллӣ на фақат, яке аз усулҳои асосӣ ва муҳими демократии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ба шумор меравaнд. Зеро ин дар як вақт ҳуқуқи шаҳрвандони воҳидҳои марзиву маъмурии гуногун оид ба доираи қонун мустақилона ва ба манфиатҳои худ идора намудани қисмати назарраси корҳои ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Лекин, нисбати ин муқарраротӣ дигаре низ ҷой доранд, ки дар асоси он худидоракунии маҳаллӣ на ҳуқуқи шаҳрвандон, балки ҳуқуқ ва қобилияти мақомоти худидора мебошад, ки вобаста ба ин мақомот дар доираи қонун, дар зери масъулияти худ ба манфиати аҳолии маҳал қисмати идоракунии корҳои давлатиро ба амал мебарорад[13;3]. Мувофиқи фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ дар зери мафҳуми худидоракунии маҳаллӣ фаъолияти мустақилона ва дар зери масъулияти худ ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллӣ дошта дар сатҳи худидораи маҳал фаҳмида мешавад[7;841]. Дар асоси имкониятҳои зерини иштироки бевоситаи шаҳрвандонро дар корҳои идоракунии давлатӣ ва худидоракунии ҷамъиятӣ фарқ кардан мумкин аст:

а) иштирок дар қабули қарорҳои давлатӣ бо роҳи иштирок дар раъйпурсӣ (раъйпурсии умумихалқӣ ва маҳаллӣ);

б) иштирок дар таъсисёбии мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ;

в) иштирок дар интихоботи ҳайати мақомоти худидоракунии маҳаллӣ;

г) ҳуқуқ ба иштирок дар муҳокимаи қарорҳои мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, пешниҳоди таклифҳои худ;

д) ҳуқуқ ба шахсан ва ё якҷоя бо дигарон муроҷиат кардан ба мақомоти давлатӣ;

е) амалӣ намудани ҳуқуқ ба хизмати давлатӣ;

ж) ҳуқуқи иштирок дар амали намудани адолати судӣ[4;387].

Дар ин замина, Ҷамоат дар амалӣ гардонидани ҳуқуқи шаҳрвандон, ҷиҳати иштирок дар идораи корҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ ёрӣ мерасонад, онҳоро барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ ва хоҷагии қаламрави худ, ҳалли масъалаҳои хеле муҳиме, ки бевосита ба манфиати аҳолӣ дахл доранд, муттаҳид месозад, ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар иҷрои талаботи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Президент, Маҷлиси Олӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Маҷлисҳои дахлдори вакилони халқ ва раисони онҳо мусоидат мекунанд. Ҳамчунин мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар ҳалли масъалаҳои хусусияти маҳаллӣ дошта ба шаҳрвандоне, ки дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот истиқомат мекунанд кӯмак мерасонад.

Дар шароити ҳозира вобаста ба вазъи ҳуқуқии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот як қатор масъалаҳое ҷой доранд, ки баррасӣ намудани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси мустаҳками ҳуқуқиро нисбати мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот муқаррар намуда, дар як вақт ваколати дар қонун мустаҳкам кардани фаъолияти мақомоти худидораро медиҳад. Аз ин рӯ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби ташкилёбӣ, фаъолият ва вазифаҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро мустаҳкам менамояд, ки мутобиқи он мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар асоси усули ҳудудӣ ташкил карда мешавад.

Дар давлати ҳуқуқбунёд ҳар як падидаи ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии алоҳида баромади ҷукури иҷтимоӣ дошта, барои иҷрои вазифаҳои муайян, ки барои ҷамъият фоидаоваранд, таъсис дода мешаванд. Аз ин рӯ, «Тоҷикистони муосир дар худ низоми мураккаби иҷтимоиро ифода месозад, ки дар байни унсурҳои он мавқеи муҳимро ҳокимияти оммавӣ бо падидаҳои худ ишғол менамояд. Мақомоти давлатӣ бо он мақсад даъват карда шудааст, ки вай тараққиёти эволюционии ҷомеаро дар шароити азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъмин намояд»[3;9]. Ин падидаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии алоҳида ифодагари иродаи давлат ва халқи он ба шумор рафта, дар ҳаёт ҳамчун ҳаракати ҷавобӣ ба талаботи иқтисодӣ-иҷтимоии сохти ҷой дошта баромад мекунад, ки он таъқибгари мақсадҳои нисбатан беҳтар ва босифаттар ба танзим даровардани муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятӣ мебошад.

Муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ мудом дар инкишоф буда, ҳар як давраи инкишофёбӣ талаботи худро пешниҳод менамояд ва онро бо ҳолатҳои мушаххаси нав ба нав пурра месозад. Аз ин рӯ, қонун дар навбати худ бояд набзи ҳаёти ҷамъиятиро ба даст оварда, дархостҳои объективии онро ифода созад ва баҳри ин вазифаҳо хизмат кунад. Зеро, «омӯзиши рӯзгори давлатҳои пешин ва зинаҳои инкишофи илм далолат бар он дорад, ки қабули унсурҳои пешқадами тамаддун хоҳ таърихӣ бошад ва хоҳ замонавӣ, дар ҳадду ҳудуди муайян бояд аз нигоҳи илми вориди

ҷамъияти ислоҳпарвар гардад, дар акси ҳол мураккабиро ба миён меоварад»[14;41]. Бо назардошти ин, дар раванди идоракунии давлати, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, саҳми босазо дорад, ки иҷроиш ва амалигардонии тамоми меъёрҳо ва талаботи санадҳои меъёри ҳуқуқи аз сатҳи маҳал иҷроиши худро оғоз менамояд»[5;9]. Ҳамзамон зикр намудан ба маврид аст, ки зиёда аз 70% аҳоли дар маҳалҳо истиқомат менамоянд.  Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд гардидааст, ки мафҳуми «кафолат» маҷмӯи омилҳои объективию субъективие мебошад, ки барои татбиқи ҳуқуку озодиҳо ва вазифаҳои шахс, бартараф кардани сабабу монеъаҳои нопурра ё номувофиқ ба амал баровардани онҳо ва ҳимояи ҳуқуқ аз вайронкунӣ равона карда шудааст. Ин омилҳо нисбати амалӣ гардонидани ҳуқуку озодӣ ва вазифаҳои асосӣ ҳамчун шароит, вобаста ба тарз, тариқа ва услуби ба амалбарории онҳо мебошанд[12;168]. Маҳз бо роҳи истифодаи чунин чораҳо ҳуқуку озодиҳои шахс дар асл амалӣ гардонида мешавад. Аз ин рӯ, муносибатҳои ҳуқуқии аз тарафи давлат муқаррар карда шуда, меъёрҳои ҳуқуқӣ, намунаҳо ва навъҳои алоҳидаи қоидаи рафторро дар назар дорад, ки онро бояд тамоми шахсони зери мафҳуми субъекти муносибатҳои батанзимдаровардашаванда қарор гирифта, иҷро намоянд.

Ҳамин тавр, намунаҳои умумии қоидаи рафтори аз тарафи давлат муқаррар карда шуда ба вуҷуд меоянд. Аммо, дар ҳаёт, дар амалияи ҳақиқӣ, дар муносибатҳои мушаххас (ба монанди муносибатҳои оилавӣ, муносибатҳои меҳнатӣ, муносибатҳои дигари иҷтимоӣ) шахсони мушаххас ва ё ин ки иттиҳодияҳои онҳо баромад мекунанд. Ин муносибатҳо, ки аз тарафи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шуда, хусусияти ҳуқуқиро ба худ касб мекунанд, аз қоидаҳои рафтор ба муносибатҳои ҳуқуқӣ табдил меёбанд.

Вобаста ба хусусиятҳои татбиқи ҳуқуку озодиҳо ва иҷрои вазифаҳои асосӣ ва он низоме, ки Конститутсия муқаррар кардааст, кафолатҳои гуногуни онҳо пешбинӣ карда шудаанд. Ин кафолатҳоро бештар вақт олимон ба иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо мекунанд. Дар баъзе сарчашмаҳо бошад, онҳоро инчунин ба иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ, мафкуравӣ ва ғайра тақсим менамоянд[11;144]. Кафолатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ якҷоя бо кафолатҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ низоми кафолатҳои ҳуқуку озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрвандро ташкил менамояд[11;108], ки маҳз чунин нуқтаи назар қобили таваҷҷӯҳ мебошад.

Дар асоси таҳлилҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар баробари ҳуқуку озодиҳои инсон ва шаҳрванд мақомоти худидоракунии маҳаллӣ низ дорои кафолати худ мебошад, ки дар зери мафҳуми кафолати худидоракунии маҳаллӣ шароитҳо, воситаҳои таъмини самараноки ҳалли вазифа ва функсияҳои худидоракунии маҳаллӣ фаҳмида мешавад.[9;327]

**Адабиёт**


1. Витрук Н.В. Проблемы свободы и прав человека в современной идеологической борьбе. - М., 1986. - С. 55-66
2. Воеводин Л.Д. Правовой статус личности в СССР. - М., 1985. - С. 7-47; Конституционное право и обязанности советских граждан. - М.: МГУ, 1972. - С. 114-174.
3. Диноршоев А.М. Правовое регулирование разделения властей в Республики Таджикистан по Конституции 1994 года. // Государство и право. - 2005. - № 4. - С. 9.
4. Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Оли Сомон, 1997. - С. 379

5. Исмаилов Ш.М. Правовое государство и основные тенденции и его развития в Таджикистане. // Государство и право. - 2000. - №3. - С. 9.
6. Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Конституционное право России. - М.: ЮРИСТЪ, 2000. - С. 488.
7. Краткий юридический словарь. // Под ред. Азрилияна А.Н. - М.: Институт новой экономики, 2005. - С. 841.
8. Малько А.В. Конституционное право зарубежных стран. // Под ред.: НОРМА, 2004. - С. 194.
9. Муниципальное право. // Под ред. Конина Н.М. - М.: НОРМА, 2006. - С. 327.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, 16 апрели соли 2005.
11. Права личности в социалистическом обществе. - М., 1981. - С. 144-206.
12. Советское государственное право. - М., 1985. - С. 168.
13. Хартияи Аврупо дар бораи худидоракунии маҳаллӣ. - Страсбург, 15 октябри соли 1985, мод. 3.
14. Холиқов А.Ғ. Чанд масоили ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон. // Давлат ва ҳуқуқ. - 2005. - №4. - С. 41.


## ФОРМИРОВАНИЕ МЕСТНОГО УПРАВЛЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН, ТЕКУЩЕЕ ПОЛОЖЕНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ


**АМИНОВ МУХАММАД МАХМАДРИЗОЕВИЧ,**
преподаватель кафедры государственного управления и экономического права
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
E-mail: aminov.mm@mail.ru



*В статье проводится научный анализ правовых проблем организации и деятельности местных органов государственной власти и местного самоуправления. Также в статье исследуется история местного самоуправления и этапы его формирования. В статье автор исследует местное самоуправление как орган системы государственного управления.*

*Изучено взаимодействие органов местного самоуправления с местными органами государственной власти и общественными самодеятельными организациями. В статье отдельно анализируются местные представительные органы и местные исполнительные органы государственной власти. В статье делается попытка исследовать экономические, социальные и политические аспекты местных органов государственной власти.*

*В целом подвергаются научному анализу проблемы и развитие местных органов государственной власти и местного самоуправления.*



***Ключевые слова**: правовые основы, местное управление, местные органы государственной власти, местное самоуправление, государственное управление, нормативные правовые акты, современность, этапы развития, двустороннее сотрудничество, экономические и социальные основы*


## FORMATION OF LOCAL GOVERNANCE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN, CURRENT SITUATION AND DEVELOPMENT PROSPECTS


**AMINOV MUHAMMAD MAHMADRIZOEVICH,**
Lecturer of the Department of Public Administration and Economic Law,
Academy of Public Administration under the

President of the Republic of Tajikistan,
Dushanbe, 33, Said Nosir str.
E-mail: aminov.mm@mail.ru

*The article deals with scientific analysis of the legal problems of the organization and activity of local government authorities and local self-government. At the same time, the article examines the history of local self-government and the stages of its formation. In the article, the author analyzes local self-government as an institution of public administration system.*

*It has been studied the cooperation of local self-government bodies with local government authorities and public independent organizations. The article separately analyzes local representative bodies and local executive bodies of state power. The article attempts to explore the economic, social and political aspects of local government authorities.*

*In general, the problems and development of local government authorities and local self-government are subjected to scientific analysis.*

***Key words:*** *legal framework, local government, local government authorities, local self-government, public administration, normative legal acts, modern times, stages of development, bilateral cooperation, economic and social bases.*

УДК: 340.13

# ГУРӮҲБАНДӢ ВА СУБЪЕКТҲОИ АМНИЯТИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АСОЕВ АНУШЕРВОН ПАРВИЗОВИЧ,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, куч. Саид Носиров, 33.
Тел.: (+992) 988-50-51-51. E-mail: anush.asoev@gmail.com

*Давлат таъмини амниятро ҳамчун вазифаи муҳимтарин ва афзалиятноки фаъолияти хеш медонад. Дар мақола мафҳумҳои асосии амнияти ҷамъиятӣ ва гурӯҳбандии онҳо оварда шудаанд. Субъектҳо ва иштирокчиёни амнияти ҷамъиятӣ дар сатҳҳои гуногуни ҷомеаи муосир баррасӣ карда мешаванд. Дар шароити рушди волоияти қонун ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба иштироки шаҳрвандон дар таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва рушди фарҳанги ҳуқуқӣ муҳим мегарданд.*

*Ба субъектҳои амнияти ҷамъиятӣ давлат, шаҳрвандон ва ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дохил мешаванд. Субъекти асосие, ки таъминоти амнияти ҷамъиятиро ба зиммаи худ гузоштааст, ин давлат мебошад. Давлат вазифаҳои худро дар ин самт тавассути шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ менамояд. Давлат амнияти ҷамъиятии шаҳрвандонро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз онро таъмин намуда, ҳимоя ва сарпарастии онҳоро кафолат медиҳад.*

*Дар мақола муаллиф съай кардааст, иштироки субъектҳои амнияти ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии таъмини онро дар кишвар тавассути мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, баррасӣ намояд.*

***Калидвожаҳо**: амнияти ҷамъиятӣ, таҳдид, бехатарӣ, ҳокимияти давлатӣ, субъектҳо, сиёсат, мафҳум, ҷомеа, давлат, шахсият.*

Амнияти ҷамъиятӣ масъалаи мубрам ва ҳамзамон баҳсталаби илми ҳуқуқшиносӣ мебошад. Амният ва мушкилоте, ки бо таъмини он алоқаманд мебошанд, дар муколамаи сиёсии ҷомеаи байналмилалӣ ҷойгоҳи муҳимро мегирад. Дар шароити рушди волоияти қонун ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба иштироки шаҳрвандон дар таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва рушди фарҳанги ҳуқуқӣ муҳим гардида истодааст. В. И. Митрохин пешниҳод менамояд, ки амнияти ҷамъиятӣ ҳамчун меъёри ҳифзи муҳити зист, шаъну шараф, арзишҳои шахсӣ, гурӯҳҳои ичтимоӣ, давлат, ҷомеа, тамаддун фаҳмида шавад. [1 с. 23. ]
Бисёре аз муҳаққиқон ташаккул, татбиқи сиёсат ва стратегияи амнияти ҷамъиятиро на ба ҳимоя, балки ба татбиқи пайгирона, устувор ва самараноки арзишҳо ва манфиатҳо дар муҳити хатару таҳдидҳои гуногун муҳим мешуморанд. [2 с. 40. ]

Ин муқаррарот аз он сабаб муҳим мебошад, ки афзалияти вазифаҳои амалӣ ва татбиқ намудани манфиатҳои миллӣ пеш аз ҳимояи онҳо имкон медиҳад, ки сиёсат ва стратегияи амнияти миллиро фаъол ва самаранок намояд. Ба муваффақият будани ҳамгироии чамъият ва давлат аз он вобастагӣ дорад, ки ҷомеаи шаҳраванди фаъолона дар равандҳои назорати иҷтимоӣ ва тағйироти иҷтимоӣ иштирок менамоянд. Амнияти ҷамъиятӣ ҳолати ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими шаҳрвандон аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Мафҳуми «амнияти ҷамъиятӣ» характери умумӣ дошта, амнияти сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии давлат, соҳибихтиёрии онро дар бар мегирад. [3 с. 85. ]

Ҳамзамон, олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ пешниход менамоянд, ки амнияти ҷамъиятиро ҳамчун ҳифзи ҷамъият тавассути амалӣ намудани манфиатҳо, арзишҳо ва ҳадафҳо баррасӣ намоянд. Амнияти ҷамъиятӣ на танҳо ба категорияи мавҳумии (абстрактӣ) илмӣ дохил мешаванд, балки дар воқеъ беохир баҳс намудан вобаста ба масъалаи мазкур мумкин аст. [4 с. 38.] Ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон бояд дониш ва ҷаҳонбинии муосир вобаста ба амнияти ҷамъиятиро дар шароити кунунии геополитикӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии экологӣ соҳиб бошанд.

Нуқтаи назар ва навъҳои гуногуни баҳсҳо ба хулосае оварда мерасонад, ки амнияти ҷамъиятӣ бояд ҳамчун системаи институтсионалӣ ва азнавсозии шароити раванди рушд тавассути худи муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳисоб карда шавад. Дар ин маврид таърифи ибтидоии мафҳуми «амнияти ҷамъиятӣ», ин омилҳое, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ, субот ва самти мусбати низоми иҷтимоиро дастгирӣ мекунанд, фаҳмида мешавад.

Низоми таъмини амнияти ҷамъиятиро дар Тоҷикистон аз рӯи афзалиятҳои субъектӣ бо мавқеъи умумии сохтории онҳо тасниф кардан мумкин аст. Якум, макро-марҳила (макроуровень), аз мақомоти махсуси давлатӣ, сохторҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, назоратӣ, амниятӣ барои таъмини ҳимояи манфиатҳои ҷомеа иборат аст. Дуюм, микро-марҳила (микроуровень), аз шахсони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҷамъият дар бар мегирад. Устувории низом дар натиҷаи амали равандҳои ба ҳам зид дар сатҳҳои гуногуни сохтори субъективӣ ба даст меояд. Мавҷудият доштани низоми мураккаби бисёрсатҳии субъектҳои амнияти ҷамъиятӣ (давлатҳо, минтақаҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, шахсони алоҳида) дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳар яке аз ин сатҳҳо шаклҳои мушаххас зоҳир шуда, мазмуни мустақил доранд [5].

Мушкилоти низоми таъмини амнияти ҷамъиятӣ аз рӯи сохтори микро-марҳилавӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бо системаи ташаккулёбии танзими иҷтимоӣ зич алоқаманд аст. Идоракунии давлатӣ маҳз омилест, ки аксуламалҳои худсаронаи мудофиавии ҳамаи субъектҳои дигари иҷтимоиро дастгирӣ ва устувор мекунад.

Таъмини амнияти ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи ташкил, таҳия ва қабули қарорҳои мақомотҳои маъмурӣ оид ба ҳифзи манфиатҳои иҷтимоии кишвар, инчунин ташаккули сиёсати амнияти давлатӣ дар сатҳи мунисипалӣ аҳамияти махсус дорад.

Сиёсати амнияти ҷамъиятиро дар сатҳи мунисипалӣ метавон ҳамчун яке аз самтҳои асосӣ ва унсури мазмуни функсияи хифзи хукуки давлат шарҳ дод. Ин равиши методологӣ ба мо имкон медиҳад, ки волоияти ҳуқукро ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ ва давлатию ҳуқуқӣ дар ягонагии ҷанбаҳои институтсионалӣ, функсионалӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ намоем. Аз ҷиҳати институтсионалӣ – ба воситаи системаи мақомот, ки вазифаи ҳифзи ҳуқуқи давлатро амалӣ менамоянд. Аз ҷиҳати функсионалӣ - ҳамчун фаъолияти мақсадноки идоракунии мақомоти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ, таъмини ҳалли мутаносиби вазифаҳои сиёсати давлатӣ бо мақсади ташкил, устуворӣ, рушд ва амнияти системаи иҷтимоӣ. Дар соҳаи иҷтимоӣ - тавассути ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо мақомоти давлатӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандон дар татбиқи вазифаи ҳифзи ҳуқуқи давлат.

Ба субъектҳои амнияти ҷамъиятӣ давлат, шаҳрвандон ва ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дохил мешаванд. Субъекти асосие, ки таъминоти амнияти ҷамъиятиро ба зиммаи худ гузоштааст ин давлат мебошад. Давлат вазифаҳои худро дар ин самт тавассути шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ менамояд. Давлат

амнияти ҷамъиятии шаҳрвандонро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз онро таъмин намуда, ҳимоя ва сарпарастии онҳоро кафолат медиҳад. Ноил шудан ба амнияти ҷамъиятӣ танҳо тавассути пешбурди сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти ҷамъиятӣ, ба амал баровардани системаи тадбирхои дорои характери иктисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ, ки ба манфиатҳои ҳаётии шахс, ҷомеа ва давлат таҳдид мерасонад, таъмин карда мешавад. Бо мақсади ба вуҷуд овардан ва нигоҳ доштани сатҳи зарурии ҳифзи объектҳои амнияти ҷамъиятӣ системаи меъёрҳои ҳуқуқӣ таҳия карда мешавад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи амнияти ҷамъиятӣ танзим мекунад, самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ин самт муайян карда мешаванд, мақомоти амнияти ҷамъиятӣ ва механизми мониторинг ва назорати фаъолияти онҳо ташаккул ё тағйир дода мешаванд. Ичрои бевоситаи вазифахои таъмини амнияти чамъиятӣ ба зиммаи макомоти давлатии таъмини амнияти чамъиятӣ, ки мувофики конун дар низоми хокимияти ичроия, аз чумла, мақомотҳои корхои дохилӣ ташкил карда мешаванд, гузошта мешавад.

Фаъолияти амнияти ҷамъиятӣ инҳоро дар бар мегиранд:

- пешгӯӣ, муайян, таҳлил ва арзёбии таҳдидҳои амниятӣ;
- муайян намудани самтхои асосии сиёсати давлат ва банакшагирии стратегӣ;
- таҳия ва татбиқи маҷмӯи тадбирҳои оперативӣ ва дарозмуддат оид ба ошкор, пешгирӣ ва рафъи таҳдидҳо ба амният ва безарар гардонидани оқибатҳои зуҳури онҳо;
- татбики тадбирхои махсуси иктисодӣ;
- таҳия, истеҳсол ва ҷорӣ намудани навъҳои муосири силоҳ ва техникаи махсус;
- ташкили фаъолияти илмӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти маҳаллӣ, вилоятӣ ва шаҳрӣ;
- ҳамкории байналмилалӣ, инчунин амалӣ намудани дигар фаъолиятҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идораи давлатӣ, институтхои сиёсии давлат максадхои амнияти ҷамъиятиро муайян менамоянд. Роҳҳо, кувваҳо ва воситаҳои шакли усули ба даст овардани таъмини амният, ташкили ҳамкорӣ миёни сохторҳои давлатӣ, чамъиятӣ ва ҳизбхои сиёсӣ бевосита дар бораи истифодаи кувва ва воситахои таъмини амнияти ҷамъиятӣ карор кабул мекунанд. Дар ин маврид, қайд менамоем, ки таъсири сиёсии онҳо ба объектҳои системаи амнияти ҷамъиятӣ на худ аз худ, балки тавассути як қатор омилҳо сурат мегирад. Омилҳои асоси ин:

1. Омили сиёсӣ — мубориза барои ҳокимият дар мамлакат, минтақа байни гуруххои миллӣ-сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо, иттиҳодияҳо, тамоюлхои сепаратистӣ дар давлат, вилоят, сатҳи устувории сохти конститутсионӣ, низоми сиёсӣ ва қобилияти он барои ҳалли масъалаҳои таъмини амнияти ҷамъиятӣ; афзоиши шумораи фаъолони сиёсат; васеъ намудани вазифахои мақомотҳои бехатарии миллӣ оид ба ҳалли вазифахои дохилии таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва ғайра.
2. Омили сотсиалию иқтисодӣ — канда шудани алоқаҳои иктисодӣ ва алоқаҳои комплекси саноатӣ; бад ё бехтар шудани таъминоти мақомоти амнияти ҷамъиятӣ, дар натиҷа пиршавии босуръати маънавию моддии воситаҳои таъмини амнияти миллӣ; бад шудани шароити мехнат, маишат ва истирохати намояндагони макомоти амнияти ҷамъиятӣ; паст шудани дарачаи зиндагонии чамъият; ва ғайра.

3. Омили ахлоқию равонӣ - роҳандозии маъракаи идеологӣ барои бадном кардани мақомот; ба гардани ӯ барои нокомӣ дар иҷрои вазифаҳои таъмини амнияти ҷамъиятӣ гунохро бор кардан; ва ғайра;
4. Омили касбӣ - бо мураккаб шудани ташкили тайёрии қувваҳои амнияти миллӣ дар натиҷаи бӯҳрон ва ноустувории ҷомеа, паст шудани нуфузи хизмати давлатӣ ва баланд шудани дараҷаи таваккал дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва ғайра.

Дар сохтори умумии субъектҳои амнияти ҷамъиятӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ низ (ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, иттиҳодияҳои гуногун, иттиҳодияҳо ва дигар институтҳои ғайридавлатӣ) ҷойи махсусро ишғол менамояд. Тавре ки ҳаёт нишон медиҳад, онҳо метавонанд тавассути расонаҳо ва баромадҳои намояндагонашон дар ҳукумат ба сатҳ ва объектҳои амнияти миллӣ таъсири калон расонанд. Шахсият ҳаст, ки давлатро дар баҳри пурталотуми ҳаёти сиёсӣ, мушкилоти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, таҳдидҳои ҳарбӣ, ҳуҷумҳои фарҳангии бегонагон ба соҳили мурод мебарад.

Иштироки шаҳрвандон дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ тибқи принсипҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- афзалияти хифзи хукуку озодихои инсон ва шахрванд;
- ҳуқуқи ҳар кас ба худмуҳофизат аз таҷовузҳои ғайриконунӣ бо ҳар роҳе, ки қонун манъ накардааст;
- ҳамкорӣ бо мақомоти корҳои дохилӣ (милитсия), дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- роҳ надодан ба ивазкунии ваколатҳои макомоти корхои дохилӣ (милитсия), дигар макомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ.

Шахсиятҳо ва симоҳои абарқудрат мухталифанд ва албатта, миёни онҳо шахсиятҳои сиёсӣ нақши меҳварӣ доранд, зеро дар байни шаклҳои шуури ҷамъиятӣ сиёсат аз лиҳози мақом ва моҳият қавитарин маҳсуб меёбад.

Маҳз ба ҳамин хотир, дар тамоми давру замон, дар маркази сиёсати ҷаҳон Шахсият ҳамчун субъекти сиёсӣ — ташаббускор, ташкилотчӣ ва амалкунанда дар назар дошта мешавад. «Таърихи дунё тарҷумаи ҳоли одамони бузург аст» [6 с.276]. Дар ин замина, қайд кардан зарур аст, тақдири давлатҳо ва миллатҳо бо номи Шахсият дар вобастагии зич қарор дорад.

Дар шароити кунунӣ ҳар кадоми мо вазифадорем, ки пояҳои давлати навбунёди худро мустаҳкамтар намуда, барои баровардани ниёзу ормонҳои мардум, дар асоси анъанаю суннатҳои деринаи давлатдории миллии хеш, дар масири таърих устуворона қадам занем. Моро зарур аст, дар кори созандагиву бунёдкорӣ, ки ба рушди миллӣ таъсиргузор аст, аз дирӯз беҳтару хубтар заҳмат кашида, рӯ ба мактабу маориф биёрем. Бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ Ватанро обод ва халқамонро шод гардонем [7].

Барои иҷрои бевоситаи вазифаҳо дар таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат мутобиқи Конун Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» системаи давлатии таъмини амнияти миллӣ ташкил карда мешавад.

Системаи мазкурро «мақомоти қонунбарор, иҷроия ва ҳокимияти судӣ, ташкилот ва иттиҳодияҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин қонунҳое, ки муносибатҳоро дар соҳаи амният ба танзим медарорад, ташкил медиҳад» [8].

Шаҳрвандон, ташкилот ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ инчунин субъекти амният мебошанд, ки ҳуқуқ ва вазифадоранд, ки амниятро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намоянд. Давлат, ҳуқуқ ва ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон, ташкилот ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро, ки ба амалишавии амният мусоидат менамоянд ва

системаи ғайидавлатии таъмини амнияти миллиро ташкил медиҳанд, кафолат медиҳад.

Ғайр аз вазифаҳои номбаршуда, ки бевосита системаи таъмини амнияти ҷамъиятиро иҷро менамояд, инчунин, давлат вазифаҳои дигари мухталифро адо менамояд, ки он ба таъмини амнияти миллӣ мусоидат мекунад.

Дар ин ҷода самти мухими сиёсати давлат, яъне ҳалли вазифаҳои соҳаи иқтисодӣ мебошад. Пеш аз ҳама ин:

- рушди иқтисоди кишвар, пеш бурдани иқтисоди мустақил ва моҳиятан мазмуни ичтимоӣ дошта;
- рафъи вобастагии илмӣ-техникӣ ва технологии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сарчашмаҳои хориҷӣ;

Вобаста ба ин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021 таъкид намудаанд, ки “ҳалли саривақтии масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ ва фароҳам овардани шароит ҷиҳати зиндагии арзандаи мардум, аз ҷумла бо роҳи мунтазам таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, зиёд намудани ҳаҷми даромади аҳолӣ, баланд бардоштани музди меҳнати кормандон, нафақа ва стипендияҳо аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин дар ин давра мебошанд” [9].

Самтҳои асосии фаъолияти иқтисоди дохилии давлат, ки ба таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд, иборат аст аз:

- таъмини ҳуқуқии ислоҳот ва ташкили дастгоҳи пурмаҳсули назорат аз болои қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон;
- афзун намудани танзими давлатии иқтисод;
- андешидани чораҳо доир ба рафъи оқибатҳои хисороти иқтисодӣ, ҳифз ва рушди захираҳои илмӣ-техникӣ, технологӣ ва истеҳсолӣ, баланд бардоштани маҳсулоти саноатии ватании рақобатпазир ва некӯаҳволии халқ;

Ҳамзамон, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021 қайд намудаанд, ки “мо талош дорем, ки барои ҳар як сокини мамлакат шароити зиндагии шоистаро муҳайё созем ва ҳамаи нақшаву барномаҳоямон маҳз ба хотири амалӣ гардонидани ҳамин ҳадафи олии давлат қабул ва амалӣ карда мешаванд” [10].

Барои самаранок фаъолият амал кардани тамоми системаи амнияти миллию ҷамъиятӣ муҳим аст, заминаи дахлдори қонунгузорӣ дошта бошад. Он бояд на танҳо ҳамчун асоси фаъолияти тамоми субъектҳои амнияти миллию ҷамъиятӣ хизмат кунад, балки фаъолияти тамоми шӯъбаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, инчунин шаҳрвандони алоҳида ба манфиати таъмини амнияти миллии ҷомеаро ба танзим дарорад. Вобаста ба ин, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» қайд менамояд, ки “вакилони ҳамаи сатҳҳо – аз аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон сар карда, то вакилони маҷлисҳои маҳаллӣ ва ҷамоатҳо ҳамчун шаҳрвандони кишвар, пеш аз ҳама, худашон бояд фаъол ва ташаббускору ташкилотчӣ бошанд, нақши худро дар таҳкими рукнҳои давлатдорӣ софдилона иҷро намоянд, дар вусъат додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ободониву созандагӣ дар ҳавзаҳои интихоботии худ ва амалӣ намудани сиёсати давлат дар маҳалҳо саҳми содиқонаву ватандӯстона гузоранд”. [11].

Давлат бояд низоми ташкилӣ ва марказиро ба танзим даровarда шахс, ҷомеа ва давлатро аз ноороmиҳо ва муқовиматҳо эмин дорад ва аз ҳар гуна хавфу таҳдидҳо озод бошад, вагарна устувории иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии давлат гирифтори бӯҳронҳо мегардад.

**Адабиёт**


1. Митрохин В.И. Концептуальные основы стратегии национальной безопасности России // Социально-политический журнал. 1996. № 6. С. 23.
2. Манилов В.Л. Национальная безопасность: ценности, интересы и цели // Военная мысль. 1995. № 6. С. 40.
3. Научно-практический комментарий к Конституции Российской Федерации / под ред. В.В. Лазарева. М., 2001. С. 85.
4. Труханов В.А. Социальный фактор в системе национальной безопасности. Саратов, 2001. С. 38.
5. Волков Ю.Г., Мостовая И.В. Социология. М., 1998.
6. Томас Карлейл. Энциклопедия ума. -М.: 2012. -С.276.
7. [Манбаи электронӣ] ОСОИШ ВА АМНИЯТИ ҶАМЪИЯТӢ – Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара (dangara.tj) (Санаи муроҷиат 23.12.2021).
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» (моддаи 7).
9. [Манбаи электронӣ] http://president.tj/node/27417 21.12.2021, шаҳри Душанбе (Санаи муроҷиат 23.12.2021).
10. [Манбаи электронӣ] http://president.tj/node/27417 21.12.2021, шаҳри Душанбе (Санаи муроҷиат 23.12.2021).
11. [Манбаи электронӣ] https://www.mfa.tj/tg/main/view/7039/pajomi-prezidenti-tojikiston-peshvoi-millat-ba-majlisi-olii-tojikiston 26.01.2021, шаҳри Душанбе (Санаи муроҷиат 23.12.2021).


## КЛАССИФИКАЦИЯ И СУБЪЕКТЫ ОБЩЕСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


**АСОЕВ АНУШЕРВОН ПАРВИЗОВИЧ,**
соискатель кафедры административного права и государственной службы
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 988-50-51-51. E-mail: anush.asoev@gmail.com



*Государство считает безопасность важнейшей и приоритетной задачей своей деятельности. В статье рассмотрены основные понятия общественной безопасности и их классификация. Субъекты и участники общественной безопасности рассмотрены на разных уровнях современного общества. В контексте развития верховенства закона и гражданского общества в Таджикистане все большее значение приобретают вопросы, связанные с участием граждан в обеспечении общественной безопасности и развитии правовой культуры.*

*Субъектами общественной безопасности являются государство, граждане, общественные организации и объединения. Главным субъектом, несущим ответственность за обеспечение общественной безопасности является государство. Государство выполняет свои функции в этом направлении через законодательную, исполнительную и судебную ветви*

*власти. Государство обеспечивает общественную безопасность граждан на территории Республики Таджикистан и за её пределами, гарантируя их защиту и заботу.*

*В статье автор пытается рассмотреть участие субъектов общественной безопасности в Республике Таджикистан и основные направления повышения эффективности его обеспечения в стране через органы законодательной, исполнительной и судебной власти.*

***Ключевые слова**: общественная безопасность, угроза, безопасность, государственная власть, субъекты, политика, понятие, общество, государство, личность*

## CLASSIFICATION AND SUBJECTS OF PUBLIC SECURITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**ASOEV ANUSHERVON PARVIZOVICH,**
applicant of Administrative Law and Civil Service Department of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
7340033, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: +992988505151. E-mail: anush.asoev@gmail.com

*The state considers security to be the most important and priority objective of its activities. The article discusses the basic concepts of public security and their classification. The subjects and participants of public security are considered at different levels of modern society. In the context of the development of the rule of law and civil society in Tajikistan, issues related to the participation of citizens in ensuring public security and the development of legal culture are becoming increasingly important.*

*The subjects of public security include the state, citizens, and public organizations and associations. The main subject that responsible for ensuring public security is the state. The state carries out its functions trough the legislative, executive and judicial branches in this regard. The state ensures the public security of citizens in the territory of the Republic of Tajikistan and abroad, as well as guarantees their protection and guardianship.*

*In the article, the author tries to consider the participation of public security subjects in the Republic of Tajikistan and the main directions of increasing the efficiency of its provision in the country through the legislative, executive and judicial authorities.*

***Key words**: public security, threat, safety, public authority, subjects, politics, concept, society, state, personality.*

УДК: 347.4

# ТАМОЮЛҲОИ МУОСИРИ РУШДИ НАМУДҲОИ АЛОҲИДАИ УҲДАДОРИҲО ОИД БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**МАНСУРЗОДА БАҲОВАДДИН МАНСУР,**
унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи академик А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ. 33.
Тел.: (+992) 933-04-03-09. E.mail: Rahimovbahovaddin-86@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур тамоюлҳои муосири рушди намудҳои уҳдадориҳо оид ба хизматрасониҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст. Инчунин аз ҷониби муаллиф таърифҳои ҳар яке аз намудҳои хизматрасониҳои иттилоотӣ дода шуда, хусусиятҳои онҳо баён гардидаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *уҳдадорӣ, хизматрасонӣ, иттилоот, хизматрасониҳои иттилоотӣ, ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасониҳои иттилоотӣ, намудҳои уҳдадориҳо оид ба хизматрасониҳои иттилоотӣ.*

Қабл аз он, ки ба рушди намудҳои уҳдадориҳо оид ба хизматрасониҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳ зоҳир кунем, бемуҳобо бояд қайд кард, ки хусусияти рӯзмаррагӣ, муҳиммият ва аҳамияти таҷрибавию меҳварии иттилоот рӯз то рӯз дар замони муосир афзуда истодааст. Аз ин рӯ, дар байни дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ маҳз муносибатҳои ҳуқуқии иттилоотии гражданӣ мавқеи устуворро касб намуда, босуръат рушд намуда истодаанд.

Муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба иттилоот ва хизматрасониҳои иттилоотӣ алоқамандии ногусастанӣ доранд, якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим медароранд. Қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт гувоҳи он аст, ки иттилоот ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ дар шароити имрӯза нақши устувор касб намуда, дар алоқамандӣ ба ин ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасониҳои иттилоотӣ батадриҷ рушд ва такомул намуда истодаанд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мурури замон қабул гардидаанд ва имрӯз бо сабаби ҳамаи паҳлӯҳои муносибатҳои алоқаманд ба ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасониҳои иттилоотиро танзим накарданашон ба онҳо тағйироту иловаҳо ворид ё ин, ки дар ин самт санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав қабул гардида истодаанд. Яъне, дар баробари рушду нумӯи намудҳои ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасониҳои иттилоотӣ, қонунгузорӣ низ дар ин самт ташаккул ёфта истодааст, ки ин тамоюл расидан ба ҷомеаи шаҳрвандиро дар назар дорад.

Дар алоқамандӣ ба ин, як нуктаро бояд ишора намуд, ки ҳанӯз соли 2015 пешниҳод шуда буд, ки ба ҷойи якчанд қонунҳои батанзимдарорандаи иттилоот, ки гарчанде онҳо аз рӯи характери худ муносибатҳои мухталифро ба танзим медароранд, коркарди меъёрҳои ҳуқуқӣ дар як санади кодификатсионӣ талаботи замон мебошад. Иҷроиши талаботҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар як санади кодификатсионӣ сабукӣ оварда, зарурати мавҷудияти якчанд санадҳои меъёриро аз байн мебарад. Бинобар ин, дарҷ гардида буд, ки бо мақсади ҳифзи манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагон, иштирокчиёни касбии бозори иттилоотӣ, давлат, соҳибкорон, инчунин дастрасии умум ба иттилоот, иттилоотонии ҷамъият, озодии иттилоот дар ВАО Кодекси иттилоотии ҶТ таҳия ва қабул карда шавад [1, с.95].

Бояд тазаккур дод, ки айни замон гурӯҳи корӣ лоиҳаи Кодекси иттилоотии ҶТ–ро

таҳия намудааст, ки мавриди баррасӣ қарор дошта, албатта бо қабул гардиданаш Кодекси мазкур дар роҳи амалигардонии ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар самти ҷамъоварӣ, таҳлил, коркард ва дастрасӣ ба иттилооти актуалӣ такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

Ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасониҳои иттилоотӣ дар асоси шартномаи хизматрасонии пулакӣ ба вуҷуд меоянд, ки ин бевосита дар КГ ҶТ инъикос гардидааст (мод. 797-803). Дар моддаи 798 КГ ҶТ чунин намудҳои ӯҳдадориҳо оид ба расонидани хизмат пешбинӣ гардидаанд: хизматрасонии алоқа, тиббӣ, байторӣ (ветеринарӣ), аудиторӣ, машваратӣ, иттилоотӣ, оид ба таълим, хизматрасонии фарҳангӣ, туристӣ ва ғайра.

Гарчанде, ки дар ин модда хизматрасонии иттилоотӣ номбар гардидааст, аммо дар баробари он баъзе аз намудҳои алоҳидаи вай низ дарҷ гардидаанд, ки мантиқан нодуруст мебошад (мисол, хизматрасониҳои аудиторӣ, машваратӣ, таҳсилотӣ). Ба ақидаи мо ба намудҳои хизматрасониҳои иттилоотӣ хизматрасониҳои аудиторӣ, рекламавӣ, ҳуқуқӣ, детективӣ, таҳсилотӣ, баҳодиҳӣ, муҳосибӣ, маркетингӣ ва инчунин хизматрасониҳои коршиносон, мутахассисон ва тарҷумонҳо, ки хизматрасонии хешро бо ташаббус ва аз ҳисоби фармоишгарон иҷро мекунанд, дохил мешаванд.

Аз нуқтаи назари мо хусусиятҳои умумие, ки ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасониҳои иттилоотӣ доро мебошанд, онҳоро ба таври возеҳу дақиқ аз дигар ӯҳдадориҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ ҷудо менамоянд: 1) Тарзи батанзимдарорӣ, яъне ҳуқуқӣ ва шартномавӣ; 2) Санадҳои ҳуқуқии бунёдӣ дар самти расонидани хизмати иттилоотӣ якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд; 3) Ин ӯҳдадориҳо ҳамчун қисми хизматрасониҳои шартномавӣ, ба ҳомили моддии дорандаи маълумот алоқаманд набуда, табиатан ба ҷустуҷӯ, коркард, пешниҳод ва гирифтани иттилооти муҳим рабт доранд; 4) Иҷрокунандагон дар ин ӯҳдадориҳо вазифаҳои хешро дар асоси принсипҳои соҳибихтиёрӣ ва баробарӣ иҷро менамоянд; 5) Иҷрокунандагони ӯҳдадориҳои мазкур иттилооти муҳимро омода (ҷамъоварӣ, коркард, бақайдгирӣ, хулосабарорӣ, таҳлилнамоӣ) ва онро саривақт ба муштариён интиқол медиҳанд; 6) Ба сифати иҷрокунандагони ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасониҳои иттилоотӣ ҳамеша ашхоси ҳирфаӣ, касбӣ баромад менамоянд, вале фармоишгарон бошанд ашхоси оддӣ буда метавонанд; 7) Ин ӯҳдадориҳо хислати машваратӣ доранд. Яъне, дар ҷараёни расонидани хизмати иттилоотӣ аз ҷониби машваратчиёни касбӣ ба фармоишгарон маълумоти муҳим дар шакли машварат, тафсир, шарҳдиҳӣ ва дастурдиҳӣ манзур карда мешавад. Гарчанде дар моддаи 798 КГ ҶТ дар радифи дигар намудҳои ӯҳдадориҳо хизматрасонии машваратӣ низ инъикос гардидааст ва баъзе аз сивилистҳо онро ҳамчун намуди хизматрасониҳои иттилоотӣ меҳисобанд [2, с.100; 3, с.35; 4, с.56; 5, с.23], мо ба ин ақидаи баҳснок розӣ шуда наметавонем. Чунки машварат ҳамчун намуди алоҳидаи хизматрасонӣ дар вақти расонидани хизмат дар ягонагӣ рисолати худро иҷро карда наметавонад ва дар партави намудҳои хизматрасониҳои иттилоотӣ ба вуҷуд омада, амал мекунад; 8) Дар ӯҳдадориҳои иттилоотӣ мавқеи муассирро босифат расонидани хизмат ишғол мекунад; 9) Иҷрокунандае, ки ӯҳдадор аст иттилооти муҳимро манзур намояд, ба саҳеҳият, арзишнокӣ, пуррагӣ ва кифоятии иттилоот дар назди фармоишгар масъулият дорад.

Ба андешаи мо, ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасониҳои иттилоотӣ –ин чунин ӯҳдадориҳое мебошанд, ки як тараф –иҷрокунанда ӯҳдадор мешавад фаъолияти воқеиро вобаста ба коркард ва интиқоли иттилооти муҳим, ки ба тарафи дигар –

фармоишгар лозим мебошад, амалӣ менамояд ва фармоишгар бошад ӯҳдадор аст маблағи хизматро, ки қаблан ба мувофиқа расида буданд ё ин, ки дар шартнома пешбинӣ гардидааст, пардохт намояд.

Хизматрасониҳои иттилоотӣ – ин фаъолияти касбии субъектҳое мебошад, ки бо талаби фармоишгар дар мавридҳои зарурӣ иттилооти муҳимро тайёр намуда, саривақт онро ба муштариён интиқол медиҳанд, ки оиди саҳеҳият, мӯътамадӣ ва пуррагии иттилооти мазкур иҷрокунанда масъулият дорад.

Намудҳои ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасониҳои иттилоотиро дар алоҳидагӣ ба тариқи мухтасар шарҳ додан лозим аст:

**1. Ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасониҳои рекламавӣ.** Бояд тазаккур дод, ки рушду нумӯи иқтисоди бозоргонӣ бе реклама маъно надорад ва ҶТ, ки қадамҳои нахустину устувори худро дар ин ҷода мегузорад, қонунгузории реклама бояд пурра ва ҳаматарафа манфиати иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои рекламавиро инъикос намояд.

Мувофиқи моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи реклама» - реклама иттилооте, ки дар шакл, тавассути ҳар навъ воситаҳо оид ба шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо (ахбори рекламавӣ) паҳн мешавад ва барои доираи васеи шахсон пешбинӣ шуда, ҷиҳати ташаккул ё дастгирии шавқмандӣ бе ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо, ташаббусҳо таъин гардида, барои фурӯхтани молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо мусоидат менамояд.

Аз мафҳуми дар боло зикршуда бармеояд, ки реклама як навъи иттилоот мебошад ва ин дар адабиёти ҳуқуқӣ низ инъикос гардида, ҷонибдорони худро дорад [6, с.10; 7, с.517; 8, с.6]. Гарчанде муносибатҳоро дар бахши реклама Қонуни ҶТ «Дар бораи реклама» ба танзим медарорад, аммо ин санади меъёрии ҳуқуқӣ на ҳамаи паҳлӯҳои муносибатҳои рекламвиро фаро мегирад. Мисол, проблемаи сифатнок расонидани хизматрасониҳои рекламавӣ ё ин, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» пешбинӣ нагардидани гирифтани иҷозатнома ба субъектони хизматрасонии рекламавӣ, ки аз ин норасоии қонунгузорӣ истифода намуда, ҳар шахс ба расонидани хизмат машғул мегардад, ки на ҳама вақт он босифат мебарояд.

Бунёдгузори ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасониҳои рекламавӣ ин фактҳои ҳуқуқӣ - шартномаҳо мебошанд. Мақсади шартномаҳо дар бахши реклама паҳн намудани иттилоот дар бораи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, кор, ғояҳо, ки қобилияти ҷалб намудани диққати шумораи зиёди истеъмолкунандагон дар шаклу тарзи муқаррарнамудаи қонун мебошад. Аммо на дар КГ ҶТ ва на дар қонуни реклама шартномаи махсусе, ки муносибатҳоро оид ба офариниш (истеҳсол) ва паҳн намудани реклама ба танзим дарорад, мавҷуд нест ва субъектҳои ин муносибатҳо бо сабаби характери дастаҷамъӣ доштан ва аз гуногунии табиати ҳуқуқии худи сохти ӯҳдадориҳо муносибатҳои рекламавиро дар асоси шартномаҳои пудрат, кироя, хизматрасонии пулакӣ, хизмати характери ҳуқуқӣ ва воқеӣ дошта ба танзим медароранд.

Дар ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасониҳои рекламавӣ иҷрокунанда (хизматрасонанда) ва фармоишгар (гирандаи хизмат) баромад менамоянд, ки ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мутақобила доранд. Бо талаби як тараф –фармоишгар, тарафи дигар – иҷрокунанда ӯҳдадор мешавад амалҳои муайянеро оиди босифат офаридани (сохтан) реклама ё паҳн намудани онро иҷро намояд, фармоишгар бошад ӯҳдадор аст хизматро қабул ва маблағи онро тибқи шартнома пардохт намояд.

Хизматрасониҳо дар бахши реклама ба хизматрасонӣ оид ба офариниши (сохтан) реклама ва хизматрасонӣ оид ба паҳн кардани реклама ҷудо мешаванд.

Ба як нуқта таваҷҷӯҳ зоҳир кардан зарур аст, ки истеҳсоли (офариниш, сохтан) реклама раванди эҷодӣ аст ё ин, ки ба малакаи эҷодӣ, қобилият, тасаввури рекламаистеҳсолкунанда алоқаманд мебошад. Дар сатҳи қонунгузорӣ ба танзим даровардани тамоми ҷараёни офариниши реклама ғайриимкон мебошад. Аммо чаҳорчӯбаи ахлоқӣ –одобии истеҳсоли рекламаро муқаррар намудан ҷоиз аст. Ҳамин тавр, истифодаи маводҳои характери порнографидошта ҳангоми истеҳсол ва ё паҳн кардани реклама мамнӯъ мебошад. Паҳн намудани реклама асосан дар ВАО, шабакаҳои телевизионӣ, радио, интернет, дар девори биноҳо ё дар воситаҳои нақлиёт ва ғ. ба амал баровварда мешавад. Азбаски муносибатҳои рекламавӣ дар ҶТ дар шакли нав эҳё ва фарогири фазои иқтисодии кишвар гардиданд, зарурати танзими ҳуқуқии онҳо ба миён омад ва нахустин бор Қонуни ҶТ «Дар бораи реклама» аз 01.08.2003 сол қабул гардид, ки мавриди амал қарор дорад. Бо мурури замон муносибатҳои рекламавӣ рушд намуда истода, реклама муаррифгар ва таблиғкунандаи молу маҳсулот, кору хизматрасонӣ гаштааст, ки ин ҳолат ба мукаммалгардонии қонунгузорӣ дар ин самт бетаъсир намемонад.

**2. Ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасониҳои аудиторӣ.** Қобили қайд аст, ки дар мамлакат Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 [9] қабул гардидааст, ки яке аз вазифаҳои он мукаммалгардонии низоми назорати давлатии молиявӣ, аз ҷумла гузаронидани аудити дохилӣ ва беруна мебошад. Аз ин рӯ, босифат ва саривақт иҷро намудани вазифаи мазкур ба мутахассисони ин соҳа пешбинӣ карда шудааст.

Дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ истилоҳи «аудит» ҳамчун экспертизаи мустақили фаъолияти молиявии муассисаҳо аз тарафи аудиторҳо –коршиносони баландихтисос шарҳ дода шудааст [10, с.92]. Тафсири додашудаи аудит дуруст аст, чунки зимни расонидани хизмати аудиторӣ баландихтисос будани иҷрокунанда нақши муассир дорад, ки он дар дониш, таҷриба, қобилият, моҳирӣ ва малакаи касбӣ ифода меёбад.

Ба ақидаи мо хизматрасониҳои аудиторӣ дорои чунин хусусиятҳо мебошанд:

1. Вобаста ба батанзимдарории ҳуқуқии муносибатҳои аудиторӣ: а) санади ҳуқуқии бунёдӣ дар самти гузаронидани аудит Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ», стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ оиди аудит, инчунин дигар санадҳои локалӣ дар ин бахш; б) хизматрасониҳои аудиторӣ дар асоси шартномаҳои соҳибкорӣ амалӣ карда мешаванд; в) зимни хизматрасониҳоии аудиторӣ, аудитор чунин амалҳо, аз қабили: банақшагирӣ, санҷиш, таҳқиқ ва манзурнамоии ҳисобот ба фармоишгарро мегазаронад; г) барои амалӣ намудани фаъолияти аудиторӣ иҷозатномаи махсус (литсензия) зарур аст.

2. Вобаста ба намуд, доираи амал ва касбияти субъектони муносибатҳои мазкур: а) ба сифати иҷрокунанда дар хизматрасониҳои аудиторӣ ташкилоти аудторӣ, аудитори мустақил баромад мекунанд, лек ба сифати фармоишгар бошад, шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, яъне шахси санҷидашаванда баромад менамоянд; б) хизмати аудиториро ба шаҳрвандон аудиторҳои мустақил ё ин, ки ташкилотҳои аудиторӣ ӯҳдадоранд шахсан расонанд, яъне иҷрокунандаро, ки соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқӣ эътимод намудааст; в) дар ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасониҳоии аудиторӣ иҷрокунанда бояд касбӣ бошад ва қобилияти сифатнок расонидани хизматро доро бошад, вобаста ба касб ва ихтисоси худ дониш ва малакаи зарурӣ

дошта бошад; г) ба сифати нишонаи таркибӣ дар шартномаи хизматрасонии аудиторӣ касбият ва баландихтисосӣ баромад менамояд; д) барасмиятдарории ҳуқуқӣ-граждании муносибатҳои аудиторӣ дар байни аудитор ва фармоишгар тавассути шартнома оид ба хизматрасонии аудиторӣ ба амал бароварда мешавад; е) шартнома оид ба хизматрасонии аудиторӣ аз як тараф бо мақсади ба фармоишгар интиқол додани иттилооти муҳим ва аз ҷониби дигар бояд чунин унсурҳо: саҳеҳӣ, пуррагӣ ва саривақтии иттилооти муҳимро фарогир бошад; ё) натиҷаи хизматрасонии аудиторӣ –хулосаи аудиторӣ, ки ба фармоишгар зарур аст, дуруст ва пурра бошад; з) дар ҳолати бесифат расонидани хизмати аудиторӣ, яъне нодуруст ва носаҳеҳ, нопурра будани иттилооти интиқолдодашуда, инчунин саривақт нарасонидани хизмат, иҷрокунанда дар назди фармоишгар масъул мебошад ва дар дигар мавридҳо фармоишгар низ барои пешниҳод накардани иттилооти лозимӣ (ҳуҷҷатҳо, предметҳо, маводҳо, ашёҳои дорандаи иттилоот ва ғ.) ба иҷрокунандаи ӯҳдадорӣ ҷавобгар мебошад, агар дар кирдорҳояш нишонаҳои гуноҳ дида шавад.

Бинобар сабаби он, ки мафҳуми қонунии хизматрасониҳои аудиторӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқукии ҶТ дода нашудааст, лозим аст, ки таърифи он манзур гардад: Хизматрасониҳои аудиторӣ –ин фаъолияти аудиторҳо (ташкилоти аудиторӣ ё аудитори инфиродӣ) оиди гузаронидани санҷиши баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии субъекти санҷидашаванда ва дигар хизматрасониҳои алоқаманд ба он, инчунин пешниҳод кардани хулосаи аудиторӣ ва машварати зарурӣ дар ин самт мебошад.

Характери иттилоотии хизматрасониҳои аудиторӣ дар он падидор мегардад, ки дар раванди расонидани хизмат вазифаи таъминоти иттилоот, яъне таъмини дастрасӣ ба ҳамаи ҳуҷҷатнигории шахси санҷидашаванда, ки барои санҷиш ва таҳлил муҳиманд, ба зиммаи фармоишгар вогузор гардидааст. Дар ҳамбастагӣ ба ин, дар вақти гузаронидани фаъолияти аудиторӣ ба аудитор масъалаи ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили ҳуҷҷатҳои зарурӣ, маълумотҳо, хабар ва пешгӯиҳо вогузор карда мешавад, ки дар ниҳоят ба фармоишгар хулосаи аудиторӣ пешниҳод карда мешавад.

Ҳамин тариқ, ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасониҳои аудиторӣ –ин як намуди ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасониҳои иттилоотӣ буда, тибқи он як тараф –аудитор дар асоси дархости тарафи дигар –фармоишгар хизмати аудиторӣ ва дигар хизматҳои ба он алоқамандро мерасонад ва фармоишгар ӯҳдадор аст хизматро қабул ва ба аудитор ҳаққи хизматрасонии аудиториро пардозад.

Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки муносибатҳои алоқаманд ба расонидани ӯҳдадориҳо оид ба хизматҳои аудиторӣ сол ба сол дар ҶТ инкишоф ёфта, алакай дар давраи 30 соли соҳибистиқлолии кишвар се маротиба Қонунҳои ҶТ «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 21.05.1998 сол, 03.03.2006 сол ва 04.07.2013 сол қабул гардиданд. Ин гувоҳи он аст, ки дар баробари рушд ёфтани муносибатҳои аудиторӣ қонунгузорӣ низ дар ин самт мукаммал гардида истода, барои ба танзим даровардани муносибатҳои мазкур меъёрҳои нав пешбинӣ гардиданд.

**3. Ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасониҳои таҳсилотӣ**. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки таълим ва тарбияи наврасону ҷавонон қисми таркибии сиёсати давлатро ташкил медиҳад, расонидани хизмат дар ин самт хеле аҳамияти муҳим дорад. Ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасониҳои таҳсилотӣ аз шартномаҳои басташаванда дар байни фармоишгар ва иҷрокунандаи хизмат бавуҷуд меояд. Мавзӯи таъсири хизматрасонанда бо шартномаи хизматрасонии таҳсилотиро ҳолати равонии таҳсилгиранда, ки абадан ӯро дар ҷараёни таълим ва тарбия ҳамроҳӣ мекунад, ташкил медиҳад. Моҳияти

иттилоотии хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар чунин хусусиятҳояш ошкор мегардад: 1) Характери иттилоотии хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар раванди амалигардонӣ ва гузаронидани фаъолияти донишандӯзӣ тасдиқ мегардад; 2) Моҳияти хизматрасониҳои таҳсилотиро пешкаш намудани иттилооти муҳим дар шакли дониш, хирад ва малака ба таҳсилгирандагон ташкил медиҳад, ки дар асоси дархости фармоишгар дар доираи муайяннамудаи талаботи стандарти давлатии таълим сурат мегирад; 3) Бо талаби фармоишгар иҷрокунанда иттилооти муҳимро дар доираи муайяннамудаи талаботи стандарти давлатии таълим ҷамъоварӣ ва омӯхта, онро ба таҳсилкунандагон меомӯзонад; 4) Бо интиқоли (пешкаш кардан, додан) иттилооти муҳим иҷроиши ӯҳдадорӣ ба анҷом мерасад; 5) Манбаъҳои иттилоот дар хизматрасониҳои таҳсилотӣ китобҳо, дастнависҳо, ҳуҷҷатҳо ва дигар маводҳое, ки ба таҳсилгирандагон омӯхта мешаванд, мебошанд; 6) Раванди расонидани хизматҳои таҳсилотӣ тавассути фаъолияти ахлоқӣ ва зеҳнӣ амалӣ мегардад; 7) Натиҷаи хизмати расонидашуда, яъне дониш, малака, илм, ҷаҳонбинӣ, ақидаҳо ва арзишҳои ахлоқӣ, ки таҳсилкунандагон дар раванди таҳсилот азбар намудаанд, то охири умрашон ба манфиати худ истифода менамоянд; 8) Хизматрасониҳои таҳсилотӣ ихтиёран ё иҷборӣ амалӣ мегарданд.

Ҳамин тариқ, ба фикри мо хизматрасониҳои таҳсилотӣ гуфта, фаъолияти касбии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии иттилоотӣ оиди расонидани иттилооти муҳим дар шакли дониш, илм, хирад ва малака бо дархости фармоишгар дар доираи талаботи муқаррарнамудаи стандарти давлатии таҳсилот фаҳмида мешавад, ки меҳвари ин хизматрасониҳоро таълим ва тарбия ташкил медиҳад.

Ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасониҳои таҳсилотӣ –як намуди ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасониҳои иттилоотӣ мебошад, ки моҳияти онро расонидани иттилооти муҳим дар шакли дониш, илм, хирад ва малака бо дархости фармоишгар дар доираи талаботи муқаррарнамудаи стандарти давлатии таҳсилот ба таҳсилкунандагон ташкил медиҳад.

**4. Ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасониҳои ҳуқуқӣ**. Ҳаёти муосири инсоният имрӯз аз зиддиятҳо, падидаҳои номатлуб иборат аст, ки одамонро бевосита ба мушкилиҳои гуногун водор месозад. Аз нуқтаи назари мантиқ мушкилот аз ҷараёни ҳаёти инсон ба вуҷуд омада, рушд менамояд ва ҳар кас барои ҳал намудану бартараф кардани он роҳҳои қонуниро ҷустуҷӯ менамояд. Аз ин лиҳоз, барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои хеш тарафҳо бо бастани шартнома дар бораи расонидани хизмати ҳуқуқӣ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мутақобила гирифта, дар муҳлати қайду зикршуда ӯҳдадориро иҷро мекунанд.

Одатан ёрии ҳуқуқиро адвокат дар асоси шартнома ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мерасонад, аммо тибқи қонун (мод.3 Қонуни адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ) ӯ метавонад бе бастани шартнома низ хизмати ҳуқуқӣ расонад. Ин аз характери мустақил доштани ӯҳдадории мазкур шаҳодат медиҳад.

Ба ақидаи Ш.К. Гаюров «мавзӯи хизматрасониҳои ҳуқуқӣ коркарди ақидаи объективӣ оиди ҳолати фармоишгар ё гирандаи хизмат аз нуктаи назари қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ, интихоби воситаи ҳуқуқии ҳифзи манфиатҳои қонунии ӯ ва ҳуқуқшарҳдиҳӣ мебошад» [11, с.127].

Бояд қайд намуд, ки хизматрасониҳои ҳуқуқӣ хосияти машваратӣ доранд, яъне зимни расонидани хизмати ҳуқуқӣ иҷрокунанда (ҳуқуқшинос) ба муштарӣ (фармоишгар) машварат медиҳад, ин ё он меъёри санадҳои меъёрии ҳуқуқиро шарҳу тафсир медиҳад, инчунин ба ташаккули ақидаи шахсии муштарӣ таъсир мерасонад.

Ба ақидаи мо ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасониҳои ҳуқуқӣ як намуди ӯҳдадориҳо

оиди хизматрасониҳои иттилоотӣ буда, мувофиқи он як тараф –иҷрокунанда ӯҳдадор мешавад, ки тибқи супориш ё талаби тарафи дигар –фармоишгар дар вақти муайян иттилооти муҳимро тайёр ва пешкаш намояд (менамояд), фармоишгар ӯҳдадор аст ба иҷрокунанда маблағи дар шартнома пешбинигардидаро пардозад.

Нақш ва манзалати хизматрасониҳои ҳуқуқиро ба инобат гирифта, Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» аз 04.07.2020 сол қабул гардид. Ин иқдоми бениҳоят устувор дар амалигардонии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар кишвар хоҳад буд, чунки Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» на ҳамаи паҳлӯҳои ҳуқуқии хизматрасониҳои ҳуқуқиро фарогир буда, дар он ҳатто мафҳумҳои асосии ба хизматрасониҳои ҳуқуқӣ алоқаманд дарҷ нагардидаанд.

**5. Ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасониҳои детективӣ**. Қайд намудан бамаврид аст, ки хизматрасониҳои детективӣ дар ҶТ то ҳоло на дар КГ ҶТ ва на дар қонуни махсус мавқеи ҳуқуқӣ пайдо накардаанд. Аз ин рӯ, ин намуди хизматрасониҳои иттилоотӣ аз ҷониби олимон кам омӯхта шуда, дар ин самт ягон тадқиқоти алоҳидае дар ҶТ гузаронида нашудааст. Хизматрасониҳои детективӣ як намуди хизматрасониҳои иттилоотӣ буда, нишонаҳои фаъолияти оперативӣ –ҷустуҷӯиро доранд, лекин дар тафовут аз охирин онҳоро шахси хусусӣ иҷро менамояд. Бо ибораи дигар, хизматрасониҳои детективӣ аз тарафи агентҳои хусусии ҷустуҷӯкунанда бо супориши шахсони вокеӣ ва ҳуқуқӣ пешкаш карда мешаванд. Хизматрасониҳои мазкур ба мисли фаъолияти оперативӣ –ҷустуҷӯӣ характери махфӣ доранд.

Ба фикри мо хизматрасониҳои детективиро бо як қатор сабабҳо ҳамчун намуди хизматрасониҳои иттилоотӣ маҳсуб медонанд: 1) Бо талаби фармоишгар иҷрокунанда (детектив) иттилооти муҳимро оиди объекти таъқибшаванда, ҳодисаи муайян ҷамъоварӣ менамояд; 2) Ба таври махфӣ видео –аудио ва расмҳо гирифта, дар ашёҳои моддии дорандаи иттилоот ба фармоишгар онҳоро пешкаш менамояд; 3) Бо пешниҳоди иттилооти ҷамъовардашуда иҷроиши ӯҳдадорӣ ба анҷом мерасад; 4) Ба мисли дигар намудҳои хизматрасониҳои иттилоотӣ, хизматрасониҳои детективӣ, ки дар пешниҳоди иттилоот ифода меёбанд, характери ягонагӣ –махфият доранд. Яъне, иттилооти ҷамъовардашуда танҳо ба фармоишгар пешкаш мегардад ва ба умум эълон карда намешавад; 5) Манбаъи иттилооти детектив одамон ва ҳуҷҷатҳо мебошанд, ки дар навбати худ дорандаи иттилооти муҳим дар хизматрасониҳои детективӣ мебошанд.

Инчунин характери иттилоотии хизматрасониҳои детективӣ дар раванди гузаронидани фаъолияти детективӣ падидор гашта, он аз тарафи детектив амалӣ намудани пурсиши шифоҳии шаҳрвандон бо розигии номбурдагон, ҷамъоварӣ ва омӯзиши ҳуҷҷатҳо, азназаргузаронии зоҳирии биноҳо, иморатҳо ва объектҳо, мушоҳиданамоӣ барои гирифтани маълумоти зарурӣ бо мақсади расонидани хизмати детективиро дар назар дорад.

Ба андешаи мо зери мафҳуми хизматрасониҳои детективӣ кофтуков, ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти муҳим дар бораи шахсон, ашёҳо, чизу чора, ҳуҷҷатҳо бо мақсади расонидани натиҷаи ин амалҳо ба фармоишгар дар асоси шартномаи басташуда фаҳмида мешавад, ки меҳвари онро махфияти хизматрасонии зикршуда ташкил медиҳад.

Аз он хотир, ки дар ҶТ санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои мазкур мавҷуд нест, бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои субъектони ҳуқуқи гражданӣ ва эҳтиёҷоти аҳолии кишвар ба ин намуди хизматрасонӣ пешниҳод менамоем, ки Қонуни нахустин ва нав «Дар бораи фаъолияти детективии хусусӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**6. Ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасониҳои баҳодиҳӣ (нархгузорӣ)**. Ин ӯҳдадорӣ низ яке аз намудҳои ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасониҳои иттилоотӣ ба шумор рафта, муносибатҳои ҳуқуқиро дар ин самт Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» ба танзим медарорад. Асос барои гузаронидани баҳодиҳии объект шартнома оиди гузаронидани баҳодиҳӣ, ки дар байни нархгузор ва фармоишгар ба расмият дароварда мешавад, мебошад (мод. 9 Қонуни зикршуда). Дар Қонуни мазкур ин шартнома ҳамчун шартнома оиди гузаронидани баҳодиҳӣ ном бурда шудааст, лекин агар мантиқан ба моддаи 10 ин Қонун нигарем, вай ҳамчун намуди шартномаи хизматрасонии пулакӣ баррасӣ мешавад (боби 37 КГ ҶТ). Мувофиқи шартномаи хизматрасонии пулакӣ бо супориши фармоишгар иҷрокунанда вазифадор аст хизмате расонад (амали муайяне ё фаъолияти муайянеро анҷом диҳад), ки дорои шакли ашёӣ набошад ва фармоишгар ӯҳдадор аст арзиши онро пардозад (моддаи 797 КГ ҶТ), ки ба мазмуни нархгузорӣ мухолифат мекунад. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки номи ин шартнома бояд ба шартнома оиди расонидани хизмати баҳодиҳӣ иваз карда шавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ вобаста ба характери иттилоотӣ доштани ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасониҳои баҳодиҳӣ ақидаҳои асоснок пешниҳод гардидаанд. Масалан, В.В. Гушин қайд менамояд, ки амали нархгузор аз ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда, маълумот, пешгӯӣ ва гаронии объекти нархгузоришаванда, маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, тавсифи техникӣ ва истифодабарӣ, шуморавӣ ва сифатнокӣ, инчунин дигар иттилооти эҳтимолӣ оиди объекти нархгузоришаванда иборат аст [12, с.20], ки аз табиати иттилоотии хизматрасониҳои баҳодиҳӣ шаҳодат медиҳад.

О.М. Залавская характери иттилоотии хизматрасониҳои баҳодиҳиро инкор накарда, ҷараёни нархгузориро ҳамчун муоина (таҳқиқот) муайян мекунад. Номбурда қайд мекунад, ки фаъолияти баҳодиҳӣ –ин раванде аст, ки бо табиати рафтории худ муоина (таҳқиқот) мебошад ва зарур аст ҷиддиян дар асоси илмӣ ва таҷрибавӣ амалӣ карда шавад [13, с.10]. Ин ақидаи муаллиф аз характери машваратии хизматрасониҳои баҳодиҳӣ гувоҳӣ медиҳад, чунки ба назари мо муоина (таҳқиқот) зимни расонидани хизмати нархгузорӣ муайяннамоии ҳақиқат, воқеият ва дурустии объекти нархгузоришавандаро фаро мегирад. Барои муқаррар намудани нархи объектҳои нархгузоришаванда ба нархгузор иттилооти пурра ва саҳеҳ зарур аст, аммо бе ин вай ягон вақт иттилооти муҳимро оиди арзиши объекти нархгузоришаванда омода карда наметавонад ва наметавонад ақидаи худро ба фармоишгар изҳор намояд, яъне вобаста ба ин масъала машварат дода наметавонад.

Бояд зикр кард, ки он иттилооте, ки нархгузор оиди арзиши амволи соҳибмулк месозад, новобаста аз он, ки ба фармоишгар дар равандаи расонидани хизмати баҳодиҳӣ расонида мешавад, он дар хотираи иҷрокунанда нақш мебандад. Ин аз хусусиятҳои зерини ӯҳдадориҳо оиди хизматрасониҳои баҳодиҳӣ бармеояд: – нигоҳдошташавӣ (иттилоот оиди нархи объекти нархгузоришаванда аз хотираи нархгузор тоза намегардад); *тағйирёбии сифат* (сифати хизматрасониҳои баҳодиҳӣ бо гузашти вақт тағйир меёбад, яъне вақт дар хизматрасониҳои баҳодиҳӣ нақши муҳим мебозад, чунки бо мурури замон нархи объекти нархгузоришаванда низ иваз мешавад); иҷроиши фардӣ (хизматрасонии баҳодиҳиро шахсан нархгузор –коршинос иҷро мекунад); манбаъҳои иттилоот дар хизматрасониҳои баҳодиҳӣ ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ахборот, пешгӯӣҳо, ки тавассути онҳо нархгузор арзиши воқеии объекти нархгузоришавандаро муайян менамояд.

Характери иттилоотии хизматрасониҳои баҳодиҳӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар раванди расонидани хизмат вазифаи таъминоти иттилоот, яъне таъмини дастрасӣ ба ҳамаи ҳуҷҷатҳо, ки барои нархгузории объектҳои нархгузоришаванда муҳиманд, ба зиммаи фармоишгар вогузор гардидааст. Дар ҳамбастагӣ ба ин, дар вақти гузаронидани фаъолияти баҳодиҳӣ ба нархгузор масъалаи ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда, маълумотҳо, хабар ва пешгӯиҳо вогузор карда мешавад, ки дар натиҷа нархи воқеии объекти нархгузоришаванда муайян карда мешавад.

Ба фикри мо хизматрасониҳои баҳодиҳӣ як намуди хизматрасониҳои иттилоотӣ мебошанд, ки моҳияти онҳо дар сохтани (офаридан) иттилооти муҳим оиди нархи воқеии объекти нархгузоришаванда ва изҳори ақидаи мустақил вобаста ба ин масъала дар асоси дархости фармоишгар аз тарафи нархгузор мебошад.

**7. Ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасониҳои маркетингӣ**. Дар ҶТ қонуни махсус оиди батанзимдарории муносибатҳо вобаста ба расонидани хизмати маркетингӣ мавҷуд намебошад, аз ин рӯ дар таҷриба ҳар гуна мушкилот оиди батанзимдарории ин муносибатҳо пайдо мегарданд. Хизматрасониҳои маркетингӣ устуворан ба муомилоти гражданӣ даромада истодаанд, бинобар ин зарур аст, ки онҳоро дар қатори номгӯи хизматҳо дар КГ ҶТ ҷойгир намуда, мисли дигар намуди хизматрасониҳо дар асоси шартномаи хизматрасонии пулакӣ ба танзим даровард.

Вожаи маркетинг аз англ. «market» гирифта шуда, маъноят бозор аст, яъне фаъолият оиди муқаррар кардани ҳолат ва пешрафти инкишофи бозор, ки талаботи истеъмолкунандагонро қонеъ менамояд, фаҳмида мешавад.

Агар маркетингро аз нуқтаи назари иқтисод баррасӣ намоем, ҳамаи он масъалаҳое, ки ба хариду фурӯш алоқамандӣ доранд, ба доираи амали маркетинг дохил мешаванд. Унсурҳои асосии маркетинг инҳо мебошанд: омӯзиши истеъмолкунандагон; таҳлили рафтори онҳо дар бозор; таҳлили бозор; таҳлили маҳсулот; таҳлили шаклу усулҳои фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ; омӯхтани рақибон ва рақобатпазирӣ; таҳлили фаъолияти рекламавӣ; муайян кардани воситаҳои пешрафти молу маҳсулот дар бозор.

Мақсади хизматрасониҳои маркетингӣ ин расонидани иттилоот оиди ҳолат ва пешрафти эҳтиёҷот ва талабот ба молу маҳсулоти муайян, кор ва хизмат ба фармоишгар дар фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Дар воқеъ, иттилоот дар хизматрасониҳои маркетингӣ мавкеи хосро ишғол мекунад, чунки ҷамъоварӣ, коркард, таҳлил ва расонидани иттилооти муҳим оиди ҳолат ва пешрафти эҳтиёҷот ва талабот ба молу маҳсулоти муайян, кор ва хизмат ба фармоишгар ӯҳдадории маркетолог (иҷрокунанда) мебошад. Субъектҳои хизматрасониҳои маркетингӣ аз як тараф маркетологҳо ва аз ҷониби дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба пешомади молу маҳсулот, кору хизматрасонии худ эҳтиёҷ доранд, шуда метавонанд. Аз ин рӯ, махсусан масъалаи ҷамъоварӣ, коркард, таҳлил ва пешниҳод намудани иттилооти муҳим (хизматрасонии маркетингӣ) дар байни маркетолог ва фармоишгар, ки онҳо субъекти фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд, дар илми ҳуқуқи гражданӣ афзалиятнок эътироф гардидаанд. Дар робита ба ин С.К. Ризоева дуруст қайд менамояд, ки «иттилоот дар фаъолияти соҳибкорӣ дарбаргирандаи маълумотҳо оиди ҳолати низоми иқтисодӣ, ки соҳибкор амал менамояд ва нисбати омилҳое, ба самти фаъолияти ӯ таъсири мусбӣ ё манфӣ мерасонанд, фаҳмида мешавад» [14, с.57].

Моҳияти маркетинг дар он ифода меёбад, ки тавассути омӯзиш ва таҳлили бозори мол, кор ва хизматрасонӣ иттилооти босифати иқтисодӣ расонида мешавад.

Бинобар ин, хизматрасониҳои маркетингӣ намуди хизматрасониҳои иттилоотӣ буда, иттилооти муҳими иқтисодиро ба фармоишгар барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти истеъмолӣ ва талаби ӯ аз тарафи маркетолог дар асоси шартнома оид ба расонидани хизмати маркетологӣ дар назар дорад.

Хизматрасониҳои маркетингӣ тавассути шартнома оиди расонидани хизмати маркетингӣ доир ба ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилооти муҳим аз ҷониби мутахассисони касбӣ (маркетологҳо) дар асоси супориши фармоишгар амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, унсурҳои дигар шартномаҳо, ки дар батанзимдарории ин муносибатҳо дида мешаванд, масалан, пудрат бояд ҳамчун қисми ёрирасони шартномаи хизматрасонии пулакӣ ба ҳисоб гирифта шавад.

Ба акидаи мо хизматрасониҳои маркетингӣ гуфта, ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ, таҳлил, коркард ва расонидани иттилооти муҳим оиди ҳолат ва наздиктарин пешомад ба эҳтиёҷот ва талабот ба мол, кор ва хизматрасонии муайян аз тарафи мутахассиси касбӣ (маркетолог) ба фармоишгар фаҳмида мешавад.

**8. Ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасониҳои муҳосибӣ**. Дар шароити рушди босуръати бозори хизматрасониҳои иттилоотӣ ташкил ва бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ муҳимияти хос пайдо намудааст. Маълум аст, ки иттилооти муҳосибӣ ба сифати манбаъи асосии ахборот барои гузаронидани таҳлили субъекти хоҷагидории иқтисодӣ баромад менамояд. Асоси ҳуқуқӣ барои батанзимдарории муносибатҳо дар самти гузаронидани баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» мебошад. Дар меъёри қ.1 моддаи 2 Қонуни мазкур моҳияти баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, ҷамъбасти иттилоот дар бораи молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва сармояи ташкилот, ки аз рӯи шаклҳои муқарраршуда тартиб дода шудаанд инъикос гардидааст.

Тибқи моддаи 5 Қонуни зикршуда вазифаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ  таъмин намудани шахсони манфиатдор бо иттилооти пурра ва дақиқ оид ба ҳолати молиявӣ, натиҷаи фаъолият ва тағйироти вазъи молиявии ташкилотҳо мебошад.

Дар меъёрҳои дар боло додашудаи қонун нишонаҳои табиати иттилоотии хизматрасониҳои муҳосибӣ ба мисли расонидани иттилооти пурра ва саҳеҳ оиди ҳолати молиявии фармоишгар; иттилооти зарурӣ оиди натиҷаи фаъолияти ин субъект; иттилооти муҳим оиди тағйирёбии ҳолати молиявии фармоишгар ва ғ., дида мешаванд. Ҳамзамон дар меъёрҳои мазкур табиати иттилоотии объектҳои хизматрасониҳои муҳосибӣ ва тавсифи фаъолият оиди ба онҳо расонидани чунин роҳу воситаҳо, мисол, ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъбасти иттилоот ба назар мерасанд.

Табиати иттилоотӣ доштани хизматрасониҳои муҳосибӣ дар дигар санадҳои дахлдор низ дида мешаванд. Масалан, тибқи „Дастурамали намунавии мансабии сармуҳосиб" сармуҳосиб ӯҳдадор аст: пеш бурдани ҳисоби дурусти натиҷаи фаъолияти молиявӣ –хоҷагии ташкилот; санҷиши баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар ташкилот ё сохторҳои истеҳсолии он, инчунин дар истеҳсолот ё хоҷагидорӣ, ки тавозуни алоҳида доранд, саривакт расонидани навиштаҷот ва дастур оиди масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, назорати ҳисоботи молиявӣ ва таҳлили иқтисодӣ; тартиб додани ҳисоботи муҳосибии саҳеҳ дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалия ва навиштаҷотҳои муҳосибӣ, расонидани он дар вакти муайянгардида ба мақомотҳои дахлдор таъмин намояд [15].

Ҳамин тариқ, ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасониҳои муҳосибӣ  дар асоси бастани

шартнома оид ба расонидани хизмати муҳосибӣ дар байни муҳосиб ва фармоишгар – чӣ шахси воқеӣ ва чӣ шахси ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд.

Ба ақидаи мо, хизматрасониҳои муҳосибӣ як намуди хизматрасониҳои иттилоотӣ вобаста ба расонидани иттилооти пурра, мӯътамад ва саҳеҳ оиди ҳолати молиявии фармоишгар дар асоси шартномаи расонидани хизмати муҳосибӣ мебошад.

**9. Ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасониҳои коршинос, мутахассис ва тарҷумон, ки хизмати худро бо ташаббус ва аз ҳисоби фармоишгар мерасонанд.** Перомуни ин намуди хизматрасониҳои иттилоотӣ то айни замон ягон тадқиқоти алоҳида гузаронида нашуда, монография низ оиди онҳо навишта нашудааст. Ин хизматрасониҳо табиати махсуси мурофиавӣ дошта, онҳоро ҳам шахсони хусусӣ, ташкилотҳо ва ҳам муассисаҳои давлатӣ амалӣ мекунанд.

Барои ҳалли дуруст ва ҳарчӣ зудтари парванда дар мурофиа барои расонидани иттилооти зарурӣ (хулоса, ақидаи мустақил) коршинос ва мутахассис ҷалб карда мешавад. Ин шахсон субъектони муносибатҳои мурофиавӣ буда, ҳукуқу ӯҳдадориҳои мурофиавии муайян дошта, аз иштирок намудан ба натиҷаи парванда манфиатдор нестанд. Барои таҳқиқи далелҳо ва муқаррар намудани ҳолатҳои ба парванда аҳамиятдошта -гирифтани иттилооти муҳим нисбати воқеият ва ҳолатҳои кор фармоишгар ба хизмати мутахассисони касбӣ ниёз дорад. Коршинос ва мутахассис бо дархости фармоишгар ва аз ҳисоби ӯ таҳқиқи объектҳо, ашёҳо ва ҳодисаҳоро, ки барои муқаррар кардани ҳақиқат ва воқеияти кор заруранд, мегузаронад. Коршинос ва мутахассис чун қоида ба саволҳои пешакӣ омоданамудаи фармоишгар посух медиҳанд.

Дигар иштирокчии хизматрасонии мазкур тарҷумон мебошад, ки хизматрасониҳои иттилоотиро бо супориши фармоишгар ва аз ҳисоби вай тавассути транслитератсияи матн аз як забон ба дигар забон мерасонад. Аз ин рӯ, тарҷума мумкин айнан (калима ба калима) ва ё маъноан расонида шавад. Сифати тарҷума аз дониш ва қобилияти эҷодии тарҷумон вобастагӣ дорад. Яке аз хусусиятҳои хизматрасонии тарҷумон дар он ифода меёбад, ки ӯ бояд саъй намояд, ки бадеияти асари тарҷумашавандаро нигоҳ дорад. Махсусан бадеияти матни тарҷумашаванда онро хонданӣ ва машҳур мекунад. Ин сифати хизматрасонии тарҷумонро таҷассум мекунад.

Характери иттилоотии ин хизматрасониҳо дар он зоҳир мегардад, ки одатан иҷрокунандагони ин ӯҳдадорӣ зимни расонидани хизмат аз рӯи ақида ва нуқтаи назари худ, малака, таҷриба, фазилат, ҷаҳонбинии васеъ ва инкишофи ҳаматарафа, идрок, сифатҳои баланди маданӣ ва одобӣ –ахлоқӣ, инчунин аз ҷиҳати дониш ва идроки худ дар бахши илм, техника, санъат ё ҳунар иттилооти муҳимро тайёр (ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, хулосабарорӣ, таҳқиқ, таҳлил ва коркард) мекунанд.

Ба фикри мо зери таърифи хизматрасонии коршинос, мутахассис ва тарҷумон хизмате фаҳмида мешавад, ки мувофиқи он коршинос, мутахассис ва тарҷумон бо ташаббус ва аз ҳисоби фармоишгар хизмати худро оиди ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, хулосабарорӣ, таҳлил ва таҳқиқи объектҳо, ашёҳо ва ҳодисаҳои зарурӣ барои муқаррар намудани ҳақиқат ва воқеияти ҳолати кор ба иҷро мерасонанд, ки натиҷаи он ба фармоишгар дар шакли ақидаи мустақил ва хулоса пешниҳод карда мешавад.

Дар интиҳо бояд қайд кард, ки рушди намудҳои алоҳидаи хизматрасониҳои иттилоотӣ ва бартараф намудани норасоиҳои дар қонунгузорӣ мавҷудбуда, инчунин

қабули қонунҳои нав дар ин самт барои ҳалли мушкилиҳо кӯмак намуда, дар ниҳоят ба пешрафти иқтисодиёти кишвар такони ҷиддӣ мебахшад.

**Адабиёт**


1. Мансурзода Б.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳо доир ба хизматрасониҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. №2 (45), Душанбе. 2015 (бо забони русӣ). С. 90-97.
2. Randomly Мородумов Р.Н. Договор возмездного оказания информационных и консультационных услуг: дис. … канд. юрид. наук. Волгоград. 2004. -190 с.
3. Северин В.А. Услуги информационного характера, обеспечивающие коммерческую деятельность. // Законодательство. 2000. №1. С. 32-39.
4. Копылов В.А. Информационное право: вопросы теории и практики. – М., 2003. -623 с.
5. Дорохова Н.А. Договоры по поиску, обработке, хранению и (или) передаче информации: дис. … канд. юрид. наук. Москва. 2011. -247 с.
6. Кузнецова О.Б. Правовое регулирование отношений, возникающих в области рекламы: автореф. дисс. ... к. ю. н., М. 1999. -24 с.
7. Жилинский С.Э. Предпринимательское право (Правовая основа предпринимательской деятельности) Учебник для вузов 3-е изд., изм. и доп. М. Изд-во Норма (Издательская группа НОРМА-ИНФРА-М) 2002. -661 с.
8. Мавлоназаров О.А. Право потребителей на надлежащую рекламу и его защита по законодательству Республики Таджикистан. Автореф. дис. … канд. юрид. наук. Душанбе. 2017 г. -23 с.
9. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, бо фармони Президенти Тоҷикистон аз 06.02.2018 сол, №1005, тасдиқ шудааст. [Маводи электронӣ]- mmk. tj (санаи дастрасӣ: 25.08.2018 с.).
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ /зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. (иборат аз 2 ҷилд), ҷилди 1. Душанбе. 2008. -950 с.
11. Гаюров Ш.К. Соотношение юридической помощи и юридической услуги в гражданском праве // Правовая жизнь. №2 (10). Душанбе. 2015. С. 120-127. 12. Гущин В.В. Правовое регулирование оценочной деятельности // Право и экономика. №10. 2004. С. 12-20.
13. Залавская О.М. Правовое регулирование оценочной деятельности: дис. … канд. юрид. наук. Самара, 2005. -251 с.
14. Ризоева С.К. Проблемы защиты гражданских информационных прав индивидуальных предпринимателей по законодательству Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. Душанбе. 2015. -183 с.
15. Типовая должностная инструкция главного бухгалтера в редакции постановления Правительства РТ от 28.10.2016 года, №469, утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 мая 2015 года, № 359. [Электронный ресурс], //АДЛИЯ: Централиз. банк правовой информации Республики Таджикистан. Версия 7.0.


## СОВРЕМЕННЫЕ ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ОТДЕЛЬНЫХ ВИДОВ ОБЯЗАТЕЛЬСТВО ПО ОКАЗАНИЮ ИНФОРМАЦИОННЫХ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**МАНСУРЗОДА БАХОВАДДИН МАНСУР,**

соискатель Института философии, политологии и права
имени А. Баховаддинова
Национальной академии наук Таджикистана,
город Душанбе, пр. Рудаки, 33.
Тел.: (+992) 933-04-03-09. E.mail: Rahimovbahovaddin-86@mail.ru

*В данной статье рассматриваются и анализируются современные тенденции развития отдельных видов обязательств по оказанию информационных услуг в Республике Таджикистан. Также автором даны определения всех видов информационных услуг, и указаны их особенности.*

***Ключевые слова:*** *обязательство, услуга, информация, информационные услуги, обязательств по оказанию информационных услуг, виды обязательств по оказанию информационных услуг.*

## MODERN TRENDS OF DEVELOPMENT OF CERTAIN TYPES OF OBLIGATIONS ON PROVIDING INFORTION SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**MANSURZODA BAHOVADDIN MANSUR**,
applicant of the Institute of Philosophy, Political Sciences
and Law named after A.M. Bahovaddinov of
National Academy of science of Tajikistan,
Dushanbe, 33, Rudaki ave.,
Phone: (+992) 933-04-03-09. E-mail: Rahimovbahovaddin-86@mail.ru

*The article discuses and analyzes modern trends of development of certain types of obligations on providing information services in the Republic of Tajikistan. Also, the author gives definitions of all types of information services and their features.*

***Key words:*** *obligation, service, information, information services, obligations on providing information services, types of obligations on providing information services.*

УДК: 347.1

# ОТВЕТСТВЕННОСТЬ КРЕДИТОРА ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РТ

**ХАУТОВ ГЕОРГИЙ МУРАТОВИЧ,**
Преподаватель кафедры предпринимательского права
Российско-Таджикский (Славянский) университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, Ул. М. Турсунзаде, 30
Тел.: (+992)555595553. E-mail: g.khautov@mail.ru

*В данной статье, автором рассматриваются вопросы, связанные с проблемами и тенденциями развития потребительского кредитования в Республике Таджикистан, а также вопросы, возникающие в рамках ответственности. Исследуя законодательную базу Республики Таджикистан, автор приходит к выводу об отсутствии определения понятия потребительского кредита и механизмов его реализации. По итогам автор делает ряд выводов, связанных с популяризацией потребительского кредита в Республике Таджикистан и заимствование опыта зарубежных государств для создания собственной нормативной базы для регулирования данного вопроса.*

***Ключевые слова:*** *заем, потребительский кредит, тенденции потребительского кредитования, перспективы развития, ответственность, кредитор.*

Последние 5 лет в Республике Таджикистан для большинства таджикистанцев стал наиболее востребован договор потребительского кредитования. Это связано с тем, что в последнее время экономика Республики Таджикистан претерпела значительные изменения, связанные с кризисными периодами произошедших в Таджикистане в последнее десятилетие, также это связанно с распространением короновирусной инфекцией. Эти периоды, в свою очередь, привели к снижению уровня жизни большей части населения. Так среднемесячный уровень заработной платы работника в Республике Таджикистан на 2020-2021 год составляет 1000-1500 сомони [1.]. Такой уровень заработной платы явно недостаточен для решения бытовых и жизненных условий граждан. Оформляя договоры потребительского кредитования, заемщики не всегда могут обеспечивать на должном уровне взятые на себя обязательства. Также на сегодняшний день в этой отрасли существует ряд и иных юридических проблем. К ним можно отнести недостаточность правовой регламентации, низкий уровень правоприменительной практики и низкой культуры потребительского кредитования. Существенной проблемой является неосведомленность населения и как результат вышеизложенного, недобросовестное потребительское кредитование со стороны кредитных организаций в виде действий на грани с мошенничеством. Несмотря на это рассматриваемая отрасль активно развивается.

Само понятие «кредит» имеет межотраслевое значение, как и правовом, так и экономическом значении. Причем «имеется немало отношений, которые могут быть рассмотрены экономической наукой в качестве кредитных, однако с точки зрения права они таковыми не являются. С точки зрения права правоотношения между заемщиком и поручителем (гарантом) не рассматриваются как кредитные, хотя экономическая наука квалифицирует их именно таким образом» [2, 496]. В свою очередь, кредитный договор охватывает не только отдельный гражданско- правовой институт, но и правовое понятие которое включает в себя всеобъемлющее «системообразующее влияние на отрасль банковского права, объединяет общественные отношения, складывающиеся в процессе банковского кредитования, в единый комплекс» [3, 189].

Под кредитным договором понимается такой договор, по которому одна сторона - банк или иная кредитная организация (кредитор) обязуется предоставить денежные средства (кредит) другой стороне (заемщику) в размере и на условиях, предусмотренных договором, а заемщик обязуется возвратить полученную денежную сумму и уплатить проценты на нее. ( ч.1ст 839 ГК РТ.).

В свою очередь потребительский кредит выступает специфической разновидностью кредитного договора. Это объясняется предметом рассматриваемого договора. Так предметом договора потребительского кредитования являются денежные средства, предоставленные банком в кредит заемщику для целевого назначения. Заемщик в свою очередь, обязуется в процессе пользования кредитом соблюдать принципы кредитования: срочности, возвратности, платности.

Недостаточность правовой регламентации связана, прежде всего, с отсутствием в Республике Таджикистан целенаправленного законодательства для правового регулирования потребительского кредитования. На сегодняшний день взаимоотношения между заемщиком и кредитором выстраиваются на общих нормах таджикского банковского и гражданского законодательства. Некоторые вопросы правового регулирования также рассматриваются в потребительском законодательстве. Для решения рассматриваемой проблемы необходимо рассмотреть европейскую практику решения данного вопроса. Так, к примеру, практически во всех европейских странах приняты специальные законы регулирующие вопросы потребительского кредитования. Помимо вышеизложенного рассматриваемый вопрос рассматривается на уровне Европейского союза. В праве Европейского союза были приняты специальные акты, относящиеся к защите прав потребителей: в частности, Директива Европейского совета 87/102/EWG от 22 декабря 1986 г. «Об унификации правовых и административных положений государств — членов ЕЭС о потребительском кредите» [4, 211], Директива 93/13/ЕЕС от 5 апреля 1993 г. «О нечестных условиях в контрактах с потребителями», Директива 2002/65/ЕЕС «Об унификации законодательства в области потребительского кредита» [5].

Важно отметить, что защита прав потребителей в сфере потребительского кредитования это достаточно сложная проблема. Это объясняется тем, что процедура потребительского кредитования несколько отличается от банковских услуг, а банковские услуги в целом, отличаются от услуг иных финансовых организаций. Поэтому нынешнее состояние законодательства о защите прав потребителей не в должной мере обеспечивает сферу оказания банковских услуг, так как степень специфики банковских услуг настолько существенна, что практически делает «обычные» нормы о защите прав потребителей недействующими. Данный вопрос должен рассматриваться как шаг к специальному правовому регулированию отношений связанных с потребительским кредитованием.

Следующими юридическими проблемами сферы потребительского кредитования выступает небольшое количество правоприменительной практики и уровень социальной культуры в сфере потребительского кредитования. Согласно результатам социального исследования проведенного в сентябре 2016 года Роем Пратом, важными проблемами в вопросе потребительского кредитования является отсутствие правовой грамотности населения по отношению к кредитным операциям, что в свою очередь достаточно часто может приводить к нарушению прав субъектов правоотношений. Трудно не согласиться с тем, что в основе нарушения права субъекта

правоотношения лежит уверенность второго субъекта в не наступлении негативных последствий.

При этом одной из причин такого «ненаступления» является правовая пассивность второго субъекта. Что касается потребительского кредитования, то информационно-правовая неосведомленность заемщиков о реальной стоимости кредита, которую кредиторы, за редким исключением, специально культивируют, низкая культура потребительского кредитования населения Таджикистана являются сложной юридической проблемой. Ведь финансовая и правовая грамотность потребителя-заемщика в области кредитования позволят на начальном этапе развития кредитного правоотношения исключить даже саму возможность кредитору для безответственного и недобросовестного кредитования.

При предоставлении кредита банк, следует совокупности принципов, которые могут отразиться на возможных условиях предоставления кредита должнику, так возможная цель получения кредита, срок для его предоставления, также банк обращает внимание на срочность получения кредита и т.д. Банк как организация осуществляющая выдачу кредита, базируясь на принципах своей деятельности, а именно благоприятных принципов для кредитной организации, в случае возникновения условий препятствующих для реализации возврату средств либо иным обстоятельствам которые банк посчитает возможной угрозой для реализации кредита может, пользуясь своим "доминантным" положением в этом договоре не выдать кредит либо отозвать его, конечно же в рамках законов установленных в Республике Таджикистан.

Признаки банковской деятельности обладают особой правовой закрепленностью, без юридической силы данные принципы не имели бы такого главенствующего значения для кредитных организаций. Основа их закрепления встречается в законе Республики Таджикистан "О банковской деятельности".

Особый интерес для рассмотрения, представляет собой пример, потребительского кредитования в Республике Таджикистан, базисные принципы осуществления данного вида кредита еще не прописаны в законодательстве республики, но кредитные организации, осуществляющие его выдачу, базируются на общих правилах кредитования, установленных в Гражданском кодексе Республики Таджикистан и в иных законах, регулирующих деятельность кредитных организаций. Потребительский кредит в Таджикистане — это совокупность реализации принципов залогового права (залог как основа гарантии кредитной организации для получения суммы долга должника в случае его неуплаты) и поручительства, как дополнительной возможности возврата долга в случае возникновения ситуации, когда залог не может покрыть долг должника или залог был поврежден либо уничтожен и не может покрыть стоимость полученного долга.

Банк должен заранее выявить для себя возможные последствия, при которых залог, который оставляет должник, потеряет в ценности, будет уничтожен или сломан и т.д. Поэтому возможность увеличение процентной ставки в зависимости от состояния заложенного объекта является весьма актуальной для компенсации возможных потерь кредитной организацией. Для оценки возможной стоимости для залога внутри банков создаются особые комиссии, которые определяются возможные риски при принятии объекта в залог и выдаче под него кредита [6, 45-48].

Размер выдаваемого кредита для должника определяется из возможной стоимости залога предоставляемого должником и кредитной истории должника в

которой отражается совокупность и временной промежуток выплат, осуществляемых должником в прошлых кредитах.

Рассматривая принципы потребительского кредитования, важно рассматривать способы (методы) регулирования потребительского кредитования.

Такими методами могут быть, возможность банка вести надзор за целевым использованием средств выданных под кредит, контроль над способами их возвращения и т.д.

Под методами кредитования необходимо иметь ввиду способы выдачи кредита, а также способы погашения кредита в соответствии с основными принципами кредитования и в соответствии с законодательством. В Республике Таджикистан при выдаче кредитов коммерческие банковские организации используют два метода кредитования.

Первый метод состоит в том, что вопрос о выдаче ссуды решается в индивидуальном порядке каждый раз. Ссуда дается на удовлетворение определенной потребности в средствах. Данный метод применяется при срочных ссудах, а также является основным при кредитовании новых клиентов, которые не имеют в данном банке кредитной истории.

Суть второго метода проявляется в том, что ссуда предоставляется в рамках заранее определенного банком для клиента максимального предела кредитования, который употребляется им по мере необходимости, при оплате платёжных документов в определенный период времени. Данный метод (форма) выдачи кредита называется еще открытием кредитной линии. Данная форма кредита дает возможность оплатить за счёт кредитного займа любые расчётно-платежные документы, которые предусмотрены в кредитном договоре. Чаще всего кредитная линия открывается на срок до одного года.

Метод кредитования определяет форму ссудного счёта, который используется для отражения пути хода кредита, открываемый банком заемщику. Это осуществляется за счет его выдачи и за счет его погашения.

Заемщику может быть предоставлено одновременно несколько обычных ссудных счетов, в том случае если он использует кредиты под разные объекты и, как следствие, ссуды выдаются под различные условия, под разные сроки, а также под разные процентные ставки [7, 67].

Таким образом, под общими условиями выдачи кредита понимаются такие требования, предъявляемые к базовым элементам кредитования, то есть к субъектам, объектам и способам обеспечения кредита, а под методами кредитования понимаются такие элементы как вид ссудного счёта, формы и порядок осуществления контроля над целевым использованием кредитных средств и их своевременным возвратом.

Автор считает, что существующая законодательная база Республики Таджикистан недостаточна, для реализации всего потенциала потребительского кредита в обществе и государстве, и выдвигает предложение о создании особой комиссии по анализу опыта иностранных государств, с целью создания уникального нормативного акта "О потребительском кредите в Республике Таджикистан".

По мнению ученых в области гражданского и банковского права, развитие потребительского кредита, это жизненная необходимость, без разработанной правовой базы, государства оставляет без внимания защита прав потребителей, которые желают воспользоваться данной услугой, но в ходе её реализации сталкиваются с правилами, которые определяет не законодательство Республики Таджикистан, а собственная

интерпретация понятия потребительского кредита кредитными организациями, так, отсутствие механизмов защиты для физических лиц может привести к негативным последствиям для общества и государства.

В случае отсутствия установленного правила о потребительском кредитовании следует обратиться к статье 1, закона "О банковской деятельности" от 30 апреля 2009 года, где дается понятие кредита [8]:

- кредит — это денежные средства, предоставляемые заёмщику кредитной организацией на условиях выплаты процента и возвратности в определённый срок. Если банковские организации при реализации потребительского кредита ссылаются на общие правила кредитования, то это в корне отличается от зарубежного опыта, где цель и субъект потребительского кредита строго определены, и выход за границы, которые установлены в иностранных нормативных актах, видоизменяет вид кредита и он перестает быть потребительским.

Исходя из вышеизложенного, можно выделить три основных принципа потребительского кредита, которые в своей совокупности определяют и отражают саму сущность кредитования, а именно платность, возвратность и фиксированность. Также под дополнительным принципом, благодаря которому кредит можно выделить как потребительский можно определить, как целенаправленность, так как потребительский кредит всегда имеет цель потребления объекта кредитования. Примером может послужить потребительский кредит на бытовую технику, которую в дальнейшем после его взятия в кредит мы используем в бытовой жизни.

В Республике Таджикистан, помимо традиционной банковской системы, также распространена Исламская банковская система.

Исходя из закона Республики Таджикистан «Об исламской банковской деятельности» под Исламским банком – исламская кредитная организация, которая осуществляет исламскую банковскую деятельность на основании лицензии [9]. Иными словами, вся деятельность такого рода банков регулируется нормами шариата.

Исламская банковая система — это деятельность банков, которая соответствует определенным требованиям шариата, иными словами деятельность банков, придерживающихся системе исламского банкинга основана на принципах шариата [10]. Система Исламских банков основывается на следующих принципах:

- следование нормам шариата, указанным в Коране и Сунне Пророка Мухаммада (мир ему);

  Так, как в священных источниках мусульманского права закрепляется что, человек лишь временно проживает на земле, и вся его собственность лишь временно принадлежит ему, поэтому распоряжение материальными ценностями должно происходить по указаниям, оставленным в священных писаниях и по нормам шариата.

- запрет процентов;

  Исходя из прагматической значимости, данный принцип является наиболее привлекательным для клиентов данного кредитного направления, запрет на "риба", который запрещает налагать процент на возможную кредитную ссуду, является основным направлением в исламском кредитовании. Интересным фактором осуществления кредитования без наложения процентной задолженности по кредиту является социальная цель, а именно обеспечения потребностей общества в осуществлении своих целей без дополнительных переплат кредитным организациям. С точки зрения реализма, банки,

осуществляющие свою деятельность вопреки канонической банковской системе не смогу долго просуществовать, но инвестиции, которые они получают, оправдывают риски, также стоит учитывать религиозную направленность данных банков, а именно систему морали, нравственности которым должны быть привержены представители данной религии.

- запрет на финансирование неисламских кредитных организаций, а также проектов, связанных с алкогольной индустрией, свиноводством, развлекательной индустрией и всего подобного, что противоречит правовым и этическим нормам Ислама.

Таким образом, банки, действующие на исламских принципах, не имеют одного из основных источников прибыли обычных коммерческих банков (разница между процентом по выданным ссудам и процентом по привлеченным средствам). Основным источником получения дохода для исламских банков являются совсем иные операции, но непременно не противоречащие шариату.

Одним из важных различий традиционной банковской системы от исламской заключается в том, что традиционный банк, по сути, покупает и продает денежные средства, получая выгоду за счет ссудного процента. Исламский же банк переводит кредитную основу финансового бизнеса на инвестиционную. Это все реализуется посредством того что банк открывает счета, на которых аккумулирует средства вкладчиков. Этими средствами он финансирует предпринимателя.

По итогам автор делает следующие выводы:

- Отсутствие понятия "потребительского кредита" негативно сказывает на практике его реализации в Республике Таджикистан, дозволяя кредитным организациям устанавливать собственные условия его выдачи основываясь на общих правилах в Республике Таджикистан.
- Получение потребительского кредита всегда ассоциируется с целевым указанием на цель получения кредита, то есть ограниченная возможность на реализацию данного кредита связана только с удовлетворением бытовых потребностей.
- Наличие в Республике Таджикистан двух банковых направлений, традиционного и исламского кредитования может стать новым этапом в развитии потребительского кредитования, даже сейчас получение кредита в исламском банке является наиболее благоприятным, так как не несёт негативных последствий для должника.

**Литература**

1. Конституция Республики Таджикистан (принята 6 ноября 1994 года путем всенародного референдума с изм. и доп. 26 сентября 1999, 22 июня 2003 и 22 мая 2016г.) [Электронный ресурс]. — Режим доступа: http://www.mmk.tj/ru/ . (дата обращения: 13.09.2021 г.)

2. Закон Республики Таджикистан "О банковской деятельности" (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2009 г., №5, ст.331; 2010 г., №7, ст.555; 2011 г., №12, ст.846; 2013 г., №11, ст. 786; Закон РТ от 27.11.2014 г., № 1154). [Электронный ресурс]. — Режим доступа: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=14579 . (дата обращения: 13.09.2021 г.)

3. Закон Республики Таджикистан от 26 июля 2014 года, № 1108 "Об исламской банковской деятельности" [Электронный ресурс]. — Режим доступа: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=122181 (Дата обращения: 12.09.2021 г.)
4. Бармин Ю. Исламский банкинг в период кризиса и возможности развития в России [Электронный ресурс] //MuslimEco. - 2019. - URL: https://www.muslimeco.ru/page3232325.html (дата обращения: 10.09.2021).
5. Бараненков, В.В. К вопросу о правовом регулировании потребительского кредитования / В.В. Бараненков, М.В. Телюкина // Цивилист, 2010. – № 4. – 250 с.
6. Витрянский В.В. Кредитный договор: понятие, порядок заключения и исполнения. М., 2005. С. 211.
7. Ефимова Л.Г. Банковские сделки: право и практика. М., 2001. С. 496.
8. Казакова, Е.Б. Проблемы потребительского кредитования в России / Е.Б. Казакова, К.А. Ермолаев // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. – Волгоград, 2012. – № 11. – 321 с.
9. Тосунян Г.А., Викулин А.Ю., Экмалян А.М. Банковское право Российской Федерации. Общая часть. / под общ. ред. акад. Б.Н. Топорнина. М., 1999. С. 189.
10. Пристансков Д. Кредит для потребителя // ЭЖ-Юрист. 2005. № 39. [Электронный ресурс]. — Режим доступа:http:// www.lawmix.ru/comm.php?id=311 (дата обращения: 10.09.2021).
11. Средний размер заработной платы в Таджикистане [Электронный ресурс]. — Режим доступа:https://visasam.ru/emigration/pereezdsng/zarplata-v- tadzhikiastane.html (дата обращения: 10.09.2021)

# ҶАВОБГИРИИ КРЕДИТОР ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ҲАУТОВ ГЕОРГИЙ МУРАТОВИЧ,**
устоди кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ
Донишгоҳи славянии Россия ваТоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. М.Турсунзода, 30
Тел.: (+992) 555595553, почтаи электронӣ: g.khautov@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаҳои марбут ба мушкилот ва тамоюлҳои рушди қарздиҳии истеъмолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор додааст. Инчунин саволхое, ки дар доираи масъулият ба миён меоянд. Муаллиф заминаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, ба хулосае меояд, ки мафҳуми қарзи истеъмолӣ ва механизмҳои татбиқи он мафҳуми қарзӣ мавҷуд нест. Муаллиф дар асоси натиҷаҳо доир ба оммавӣ гардонидани кредити истеъмолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гирифтани таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ барои ташкили заминаи меъёрии худ оид ба танзими ин масъала як қатор хулосаҳо баровард.*

***Калидвожаҳо*** *қарз, қарзи истеъмолӣ, тамоюлҳои қарзи истеъмолӣ, дурнамои рушд, масъулият, қарздиҳанда.*

# CREDITOR'S RESPONSIBILITY UNDER THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**HAUTOV GEORGY MURATOVICH,**
Lecturer of the of Entrepreneurial Law Department,
Russian-Tajik (Slavonic) University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 30, M. Tursunzade str.,
Phone: (+992) 555595553, E-mail: g.khautov@mail.ru

*In this article, the author examines issues related to the problems and trends of the development of consumer lending in the Republic of Tajikistan, as well as issues arising within responsibility. Exploring the legislative framework of the Republic of Tajikistan, the author comes to the conclusion that there is no definition of the concept of consumer lending and the mechanisms for its implementation. Based on the results, the author made a number of conclusions related to the popularization of consumer lending in the Republic of Tajikistan and borrowing the experience of foreign countries to create its own regulatory framework to regulate this issue.*

***Key words:*** *Loan, consumer lending, consumer lending trends, development prospects, responsibility, lender.*

УДК: 347.6

# ҶАНБАҲОИ СИЁСИЮ ҲУҚУҚИИ ТАШАККУЛИ НИҲОДИ ҲУҚУҚИ КӮДАК: ХУСУСИЯТҲО ВА ТАМОЮЛҲОИ ОН

**УМАРОВА ГУЛҶАҲОН САТТОРОВНА,**
унвонҷӯйи Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
734025, Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 33.
Тел.: (+992) 987-97-97-83. E-mail: guljahon1973@mail.ru

*Мақолаи мазкур ба таҳлили ҷанбаҳои сиёсию ҳуқуқии ташаккули ниҳоди ҳуқуқи кӯдак бахшида шудааст, ки дар раванди он заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии он муайян ва асоснок карда шудаанд. Ниҳоди ҳуқуқи кӯдак ба сифати механизми мукаммале баромад мекунад, ки дар самти таъмини ҳуқуқи кӯдакон дар ҷомеаҳо нақши бориз дорад. Асосноккунии ниҳоди ҳуқуқи кӯдак аз диди мавҷудияти эҳтиёҷоти иҷтимоӣ низ муҳим буда, дар доираи он як қатор масъалаҳо, аз қабили ташаккули шахсияти кӯдак ва ҳифзи фардияту ҳувияти ӯ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд. Муайян гардид, ки аз диди ҳуқуқӣ дар ҷаҳони муосир масъалаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ба пуррагӣ танзим гашта, он ҷавобгӯ ба талаботи тамоми меъёрҳои башардӯстона мебошад. Вале ҳамзамон бо ин, ҷанбаи татбиқи амалии муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳанӯз баҳснок ва пуртазод боқӣ мемонад.*

***Калидвожаҳо:*** *ниҳоди ҳуқуқи кӯдак, Конвенсия, Эъломия, ҳуқуқҳои фитрӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, фардияти кӯдак, ҳуввияти кӯдак, механизми ҳуқуқӣ, давлат, чораҳои қонунгузорӣ, ниҳодӣ ва сохторӣ.*

Рушди ҷомеа дар марҳилаҳои гуногуни худ ҷиҳати ташаккули ниҳодҳои муайяни иҷтимоию сиёсӣ талабот пеш мегузорад. Ин бесабаб нест. Зеро ҳар як марҳилаи рушд дорои хусусиятҳои худ буда, дарки ниёзи иҷтимоӣ ба ҳалли масъалаҳои пайдошавандаи дорои вижагиҳои сиёсию иҷтимоӣ давлатро водор месозад, ки механизмҳои нав ва саривақтии ҳалли онҳоро пешниҳод намояд.

Таърихи рушди ҷомеаи инсонӣ собит намудааст, ки яке аз масъалаҳои муҳимми дар назди дилхоҳ давлат ва ҷомеа истода ин масъалаи такомули шахсият ва дарёфти роҳу василаҳои амалӣ намудани мақсади гузошташуда мебошад. Вобаста ба ин яке аз мавзӯъҳое, ки дар рӯзномаи кулли мулоқоту вохӯриҳо истодааст, масъалаи ҳуқуқи инсон мебошад.

Ҳуқуқи инсон ба сифати ченаки арзёбии сатҳи гуманизми сиёсат баромад намуда, давлатҳоро водор менамояд, ки ғояи мазкурро ҳамчун ғояи марказӣ дар фаъолияти худ қарор диҳанд. Дар ҳамин замина ҳуқуқи инсон ба сифати ниҳоди заминавие баромад мекунад, ки таъсири бевоситаи худро ба шаклгирии сиёсати давлатҳо мерасонад.

Маънидодкунии ҳуқуқи инсон ҳамчун масъалаи муҳимми давлатдорӣ ҷанбаҳои гуногуне дорад, ки ҳар кадоми онҳо таҳлили мушаххаси худро тақозо менамоянд. Дар ин радиф ҳуқуқи кӯдак мақоми хоссаи худро соҳиб буда, аҳамияти муҳимми сиёсию иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дорад.

Ҳамчун ниҳод маънидоднамоии ҳуқуқи кӯдак ҷанбаи қавии сиёсию ҳуқуқӣ дорад. Зеро сухан сари ҳуқуқу манфиатҳои узви хурдтарини ҷомеа меравад.

Таҳлили ҷанбаи иҷтимоии масъалаи ниҳоди ҳуқуқи кӯдак тақозо менамояд, ки ба он аз нуктаи назари шинохти шахсият муносибат дошта бошем. Кӯдак, пеш аз ҳама, инсонест, ки бо тавлиди худ дорои доираи муайяни ҳуқуқҳои табиӣ мешавад. Ҷомеа вазифадор аст, ки ин ҳуқуқҳои кӯдакро эътироф ва эҳтиром намояд. Тафовутҳои ҷинсӣ,

иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динию эътиқодӣ ва ғайраҳо набояд монеи эътирофи ин ҳуқуқҳо гарданд. Дар натиҷа кӯдак ба доираи муносибатҳои иҷтимоӣ ворид мешавад.

Ниҳоди нахустине, ки дар доираи он муносибатҳои иҷтимоии кӯдак оғоз мегарданд, оила мебошад.”Дар баробари ин хусусияти хоси ҳама ниҳодҳои иҷтимоӣ ин мавҷудияти мавқеъ ва нақшҳои аъзои онҳо мебошад, ки сохтори онро комил мегардонанд. Оила низ дорои чунин хусусиятҳо буда, ҳар як аъзои он соҳиби мавқеи муайяни иҷтимоист,ки дар ин доира маҷмӯи муайяни нақшҳоро иҷро мекунад. Чуноне ки ҷомеашиносон қайд мекунанд, мавқеи иҷтимоӣ ифодакунандаи ҳуқуқу ухдадориҳои муайянест, ки шахс онҳоро бояд дар доираи ин ё он муҳит иҷро кунад.Мавқеи аъзои оила аз якдигар сахт вобаста мебошад. Дар баробари ин шахси дорои мавқеи муайян якчанд нақшҳоро дар оила иҷро карда метавонад”[1]. Вобаста ба ин кӯдак дар муҳити оилавӣ нақши фарзанд, набера, додар, хоҳар, апа, акаро иҷро мекунад, ки ҳар кадоми онҳо доираи муайяни вазифаҳоро низ пеш мегузоранд.

Ба ақидаи олими рус А.В.Сазонова “қонеъ намудани эҳтиёҷоти кӯдак дар оила ва таъмини ҳуқуқи ӯ иҷтимоишавии оилавӣ вазифаи чунин ниҳодҳо, аз қабили оила, давлат, ниҳодҳои ташкили ҳаёти кӯдакон, ки бе сарпарастии волидайн мондаанд, чи давлатӣ бошанд чи ғайридавлатӣ, маҳсуб меёбанд”.[2] Аз ин ҷо ду хулосаи муҳим баровардан мумкин аст:

-якум ин ки эътирофи масъулияти оила ҷиҳати таъмини ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак, ки барои таъмини ҳаёти арзанда заруранд муҳим мебошад;

- дуюм, оила вазифадор аст раванди иҷтимоишавии кӯдакро дар муҳити оила таъмин намояд. Маҳз оила ба сифати ниҳоде баромад мекунад, ки кӯдакро ба ҷомеа ва ҷомеаро ба кӯдак муаррифӣ менамояд.

Ин ду нукта аҳамияти хоси назаривию амалӣ доранд. Зеро кӯдак дар доираи муносибатҳои иҷтимоии дар муҳити оилавӣ пайдошаванда аллакай соҳиби нақши муайяни иҷтимоӣ мегардад, ки мо дар бораи онҳо болотар зикр намудем.

Маҳз дар муҳити оила кӯдак аз нишонаҳои аввалини ҳаёти иҷтимоии ҷомеа хабардор гашта, ба низоми муносибатҳо ворид мегардад. Маҳз ҳамин муҳит ба ӯ меомӯзонад, ки ӯ дорои имкониятҳои муайянест, ки баҳри беҳбуд гардонидани вазъи худ аз онҳо истифода барад. Дар баробари ин маҳдудиятҳое низ мавҷуданд, ӯ бояд онҳоро риоя кунад. Аз ҳамин ҷост, ки шинохти ҳалқаҳои занҷири иҷтимоӣ барои ҳар як фард хусусияти ҳатмӣ пайдо мекунад ва минбаъд шумораи ин ҳалқаҳо дар ҷомеа зиёд гашта, рафтори шахсро дар доираи муайяни муносибатҳо назорат мекунанд. Яъне, аз шинохти мавқеи худ дар ин муҳит аввалин қадамҳои иҷтимоишавӣ оғоз ёфта, минбаъд ин ба шинохти ҷойи худ дар ҷомеа мубаддал мегардад.

Ҳамзамон бо ин қайд намудан зарур аст, ки ниҳоди оила дорои имконият ва хусусиятҳоест, ки фақат хоси он мебошанд. А.В.Сазонова барҳақ қайд мекунад, ки: “Функсияҳои оила ва нақши онро дар иҷтимоишавии муваффақона ва омода намудани кӯдак ба ҳаёти мустақилона ба таври пурра ягон ниҳоди дигар ҷуброн карда наметавонад. Рушди ҳамоҳанги кӯдак, азхудкунии таҷрибаи мусбии ҳаётӣ фақат дар муҳити оила имконпазир аст. Таҷрибаи иҷтимоии самараноки пешгирикунандаи ташкилнамуда имконият медиҳад, ки оқибатҳои манфии таъсирҳои деструктивии ба

[1] Хидирзода М.У. Истиқлолият ва стратегияҳои муваффақ./М.У.Хидирзода // [Матн] – Душанбе, 2017. – С.114.
2 Сазонова, А.В. Социальные институты обеспечения права ребенка на семью//А.В.Сазонова/ Автореферат дисс. на соиск. учен.степени канд. соц.наук. – М., 2008. [Электронный ресурс] https://www.dissercat.com/content/sotsialnye-instituty-obespecheniya-prava-rebenka-na-semyu (дата обращения: 10.12.21)

оила расандаро муътадил гардонида, баҳри устуворгардонӣ ва нигоҳдории он барои кӯдак мусоидат карда шавад”[1]. Бо ақидаи муаллифи зикршуда метавон ба пуррагӣ розӣ шуд, зеро ивази ҷойи оила бо ниҳоди дигар аслан номумкин аст. Таҷрибаи иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки ниҳоди дигари таъминкунандаи ташкили ҳаёт ва зиндагию камолоти кӯдак метавонад аз диди моддӣ эҳтиёҷоти онро то ҷойе қонеъ гардонад, вале ниёзҳои маънавии кӯдак қонеънашуда боқӣ мемонанд. Ҷанбаи манфии масъала дар он аст, ки ниёзҳои қонеънашуда дар марҳилаҳои минбаъдаи ҳаётӣ ба ташаккули шахсияти кӯдак таъсири худро мерасонад.

Бо назардошти муҳиммияти масъала моддаи 9.1. Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак муқаррар намудааст, ки: “Давлатҳои аъзо таъмин менамоянд, ки кӯдак хилофи хоҳишаш аз волидайни худ ҷудо карда нашавад, ба истиснои ҳолатхое, ки мақомоти салоҳиятдор тибқи қарори суд мутобиқи қонун ва расмиёти истифодашаванда муқаррар менамоянд, ки чунин ҷудокунӣ ба манфиати кӯдак хоҳад буд. Чунин муқарраротметавонад дар ин ё он ҳолати мушаххас зарур шавад, масалан, ҳангоме ки волидайн ба кӯдак муносибати дурушт мекунанд ё ба ӯ ғамхорӣ намекунанд ё ҳангоме ки волидайнд ҷудо зиндагӣ мекунанд ва дар мавриди ҷойи истиқомати кӯдак қарор қабул намудан зарур мебошад”[2]. Дар ин ҳолат ҳам ҳама гуна амал бо мақсади ҳифзи манфиатҳои кӯдак амалӣ карда мешавад.

Ҷанбаи сиёсии ниҳоди ҳуқуқи кӯдак унсурҳои гуногуни мазмунӣ ва сохторию функсионалиро дар бар мегирад. Моҳияти унсури мазмунӣ дар он аст, ки эътирофи ҳуқуқи кӯдак ба масъалаи шинохти ҳуқуқи субъекти сиёсат алоқамандии бевосита дорад.

Вобаста ба ин метавон якчанд нуктаро исбот намуд. Масъала сари шинохти кӯдак ҳамчун субъекти сиёсат меравад. Оё кӯдак субъекти сиёсат шуда метавонад? Масъала баҳснок аст. Таҳлил ва асосноккунии масъала тақозо менамояд, ки ба он аз нуктаи назари иштироки сиёсӣ ва дастгирии сиёсӣ муносибат намоем. Агар аз нуктаи назари иштироки сиёсӣ арзёбӣ намоем, пас муайян намудан мумкин аст, ки дар равандҳои сиёсӣ иштироки бевосита надорад. Зеро дар кулли кишварҳои дунё синни иштирок дар интихобот, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар шаклҳои фаъолияти сиёсӣ аз 18 боло муқаррар шудааст. Аз ин нуктаи назар кӯдак субъекти фаъоли сиёсат нест.

Вале аз нуктаи назари муносибатҳои сиёсӣ ва дастгирии сиёсии давлат, он ҳамчун субъекти ин муносибатҳо баромад мекунад.Нуктаи назари мо вобаста ба ин масъала ба асосҳои зерин такя мекунад:

- кӯдак аз рӯзи таваллуд шаҳрвандии кишварро ба даст меорад ва соҳиби ҳама ҳуқуқу вазифа ва уҳдадориҳое мегардад, ки Конститутсияи кишвар онҳоро ба шаҳрвандони худ кафолат додааст. Мутобиқи принсипи 3 Декларатсияи ҳуқуқи кӯдак: “кӯдак аз рӯзи таваллуд ҳуқуқ ба ном ва шаҳрвандӣ дорад”[3] .Ӯ таҳти ҳимояи давлат қарор мегирад;
Дар асарҳои пири афғонистоншиносони тоҷик Ҳ.Н.Назаров[15;16;17] масъалаҳои таърихи сиёсӣ ва афкори иҷтимоии Афғонистон ҳаматарафа таҳқиқи холисонаи худро ёфтаанд. Махсусан дар нуҳ боби асари бунёдиаш “Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон” [17] таърихи сиёсӣ, афкори иҷтимоӣ ва ҷойгоҳи тоҷикон дар таҳаввулоти ин сарзамин пурра бо нигоҳи нави таърихнигорӣ таҳқиқ гардидааст.

Таҳқиқоти дигаре, ки масъалаи таърихи сиёсӣ ва афкори иҷтимоии Афғонистонро дар илми ватании афғонистоншиносии тоҷик равшан месозад, аз ҷониби доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Р.Ш.Нуриддинов анҷом дода шудааст. Мавсуф дар мавзӯи “Муборизаи ғоявии нерӯҳои чапи демократӣ ва рости исломӣ дар Афғонистон”[18]  таҳқиқот анҷом додааст. Ба андешаи мо баррасии мавзуъ ба муаллифи он имкон додааст, ки “...масъалаҳоеро. ба монанди хусусиятҳои ташаккули низоми ҳизбию сиёсии Афғонистон, пайдоиш, рушд ва муборизаҳои ғоявии ҳизбҳо ва созмонҳои чапи демократӣ ва рости исломӣ, қонуниятҳои ҷаҳонбинии таҳаввули сиёсӣ ва мафкуравии ин ҳизбҳои сиёсӣ, таносуби омилҳои иҷтимоӣ-синфӣ, қавмӣ-миллӣ, анъанавӣ ва динӣ дар раванди тақсимоти дохилӣ-сиёсии ин ҳизбҳо ва созмонҳо, душвориҳое, ки дар натиҷаи дахолати як қатор кишварҳо дар қазияи Афғонистон ба миён омадаанд ва саъю кӯшиши роҳбарони кишварро барои таъмини сулҳ ва тараққиёти Афғонистон мавриди пажӯҳиш қарор диҳад” [18,30].

Муҳаққиқ Қ.Искандаров таҳқиқоти худро дар самти афғонистоншиносӣ идома дода, соли 2004 рисолаи докторию худро дар мавзуи “Ҷунбишҳои иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои (1945-2001)” [10;11;12] ҳимоя намуд, ки таҳқиқоти бунёдии таърихнигорӣ маҳсуб меёбад.

Таърихи зуҳур ва таҳаввули маҷмуи васеи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ҷараёнҳо ва ҷунбишҳои Афғонистон баъд аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ дар маркази таҳқиқоти

профессор Қ.Искандаров қарор гирифтааст. Муаллиф дар асоси маҷмуи зиёди сарчашмаҳои аввалин вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ дар Афғонистонро, ки дар заминаи он ташаккул ва рушди аҳзоби сиёсӣ ва ҷунбишҳо шакл гирифтанд, таҳлил намудааст. Ҳамчунин мавсуф омилҳои беруние, ки ба ташаккул ва фаъолияти ҷунбишҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ба равандҳои сиёсӣ дар Афғонистон таъсири назаррас расонидаанд, мавриди баррасӣ қарор додааст. Таҳаввули ҷунбишҳои иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон баъд аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ як қатор вижагиҳои хоси худро доро мебошанд, ки дар таҳқиқоти профессор Қ.Искандаров натиҷагирии холисонаи худро ёфтаанд [10,45-47; 12, 442-457].

Умуман, таҳқиқоти профессор Қ.Искандаров ба таври маҷмуӣ таърихи зуҳур, фаъолият ва таҳаввули ҷунбишҳои иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистонро аз нахустин ҷунбиш, ки баъд аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ба миён омад, яъне “Виш залмиён” “Ҷавонони бедор” то ҷунбиши “Толибон”-ро дарбар мегирад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо гузориши масъала, методология ва амалияи ҳалли он аз ҷониби профессор Қ.Искандаров худ навгонии таҳқиқоти ӯро ташкил медиҳад.

Пажуҳишгар Ҳ.С.Саидов бошад, дар таҳқиқоти худ бештар рӯи масъалаи “Ҷомеаи чандқавмиятии Шарқ: равандҳои умумӣ ва хоси этномиллӣ дар Афғонистон ва Эрон” [19] диққат намудааст.

Ба қавли профессор Ҳ.С.Саидов “Монандиҳои умумии асосҳои геофизикӣ, таърихӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар равандҳои этномиллӣ дар Афғонистон ва Эрон шаҳодат медиҳад, ки равандҳои умумитаърихӣ ба он алоқаманд мебошанд, ки дар давоми асрҳои зиёд халқҳои Эрон ва Афғонистон ба ташкилотҳои калони давлатӣ дохил гардида, асосҳои ягонаи динию фарҳангиро доро буданд” [19,47].

Ҳамин тариқ, дар таърихнигорииии тоҷик таърихи сиёсӣ ва афкори иҷтимоии Афғонистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ холисона таҳқиқ гардидааст. Афғонистоншиносони тоҷик заҳмату талоши зиёде намудаанд, ки инъикоси воқеъбинонаи таърихи сиёсӣ ва афкори иҷтимоии Афғонистонро дар асоси сарчашмаҳои асили шарқшиносони Россия, ИҶШС ва пасошӯравӣ, ғарбӣ, осиёӣ ва худи афғонҳо, мушоҳидаҳои шахсии онҳо аз сафарҳо ба ин кишвар мавриди баррасии том қарор диҳанд. Бемуболиға саҳми ҳар як афғонистоншиноси тоҷик ва асару мақолаҳои онҳо дар бозтоби таърихи сиёсӣ ва афкори иҷтимоии Афғонистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва умуман гиреҳи афғонӣ бузург аст. Зимнан, таърихи сиёсӣ ва афкори иҷтимоии Афғонистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби афғонистоншиносони тоҷик самтҳои гуногуни он дар рисолаҳо, монография ва дигар осори илмӣ мавриди пажӯҳиши жарф қарор гирифта, вобаста ба ин пажӯҳишҳо консепсияи мушаххаси ин масъала аз ҷониби онҳо ироа гардидааст, ки аз афғонистоншиносии ҷаҳонӣ ҳеҷ камие надорад.

**Адабиёт**


1. Асадуллоев Қ. Таърихи нав ва навтарини мамлакатҳои Шарқи миёна [Матн] /Қ. Асадуллоев, Ҳ. Назаров, Т.Муҳиддинов /Муҳаррири масъул Д. Саидмуродов; Ун–ти. давл. Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин. Фак. таърих.– Душанбе, 1973.– 260 с.
2. Гульджанов М. Положение духовенства и модернизация ислама в монархическом Афганистана. [Текст] /М.Гульджонов- Душанбе: Андалеб-Р, 2015.-192 с.
3. Гульджанов М. Положение духовенства и основные направления модернизации ислама в современном Афганистане [Текст] автореф. дисс. ... канд. ист. наук:

07.00.03. -Всеобщая история (Новая и новейшая история) /М.Гульджонов.-М., 1971.-20 с.

4. Гульджанов М. Страницы из политической истории Афганистана XX века.(Краткая история НДПА) [Текст] /М.Гульджонов- Душанбе: Эр-граф,, 2013.-112 с.
5. Имомов Ш.З. История общественной мысли Афганистана во второй половине XIX — первой половине XX века [Текст] автореф. дисс... д-ра. ист. наук: 07.00.03. -Всеобщая история (Новая и новейшая история) /Ш.З.Имомов.-М., 1996.-56 с.
6. Имомов Ш.З. Общественная мысль Афганистана в первое десятилетие после восстановления независимости (1919 - 1929 гг.) [Текст] автореф... канд. ист. наука 003.01.01. - Всеобщая история /Ш.З.Имомов.-М., 1984.-20 с.
7. Имомов Ш.З. Общественная мысль Афганистана в первой трети XX в. [Текст] /Ш.З. Имомов.-М.:Наука, 1986.-111 с.
8. Искандаров К. Молодежное движение в Афганистане (1945-1988 гг.). [Текст] /К.Искандаров- Душанбе: Дониш, 1992.-148 с.
9. Искандаров К. Молодежное движение в Афганистане: 1945-1988 гг. [Текст] дисс ... канд. ист. наук : 07.00.03-Всеобщая история (Новая и новейшая история) / К.Искандаров / МГУ им. М. В. Ломоносова. Ин-т стран Азии и Африки. - Душанбе, 1989. - 200 с.
10. Искандаров К. Общественно–политические движения в Афганистане (1945–2001гг.): [Текст] автореф. дисс … д–ра. ист. наук: 07.00.02- Отечественная история; 07.00.03-Всеобщая история /К.Искандаров /АН. Респ. Таджикистан. Ин–т. востоковедение и письменного наследие– Душанбе, 2004.–50 с.
11. Искандаров К. Общественно–политические движения в Афганистане (1945–2001гг.): [Текст] дисс… д–ра. ист. наук: 07.00.02-Отечественная история; 07.00.03-Всеобщая история /К.Искандаров /АН. Респ. Таджикистан. Ин–т. востоковедение и письменного наследие– Душанбе, 2004.– 381 с.
12. Искандаров К. Политические партии и движения Афганистана во второй половине XX века [Текст] /К.Искандаров. -Душанбе: Ирфон, 2004. -500 с.
13. Каюмов С. Социально-экономические преобразования в Афганистане (1955-1965) [Текст] автореф. дисс... канд. ист. наук: 07.00.03. -Всеобщая история (Новая и новейшая история) /С.Каюмов.-М., 1966.-16 с.
14. Назаров Ҳ. Афғонистони навин [Матн] /Ҳ. Назаров, С. Мерганов – Душанбе: Ирфон, 1982.– 176 с.
15. Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начала XX веков) [Текст] /Х.Назаров / Отв. ред. Б.И. Искандаров; Тадж. гос. ун-т. им. В.И. Ленина– Душанбе: Ирфон, 1976.– 262 с.
16. Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане [Текст] /Х.Назаров /Отв. ред. А.Г. Слонимский; АН Тадж. ССР. Ин-т востоковедения. – Душанбе: Дониш,1989.–265 с.
17. Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон. [Матн] /Ҳ.Назаров – Душанбе: Дониш,1998.– 656 с.
18. Нуриддинов Р.Ш. Идейная борьба лево-демократических и право-исламистских сил в Афганистане [Текст] дисс.. д-ра полит. наук: 23.00.04-Политические проблемы международных отношений и глобального развития (по политическим

наукам) /Р.Ш.Нуриддинов /АН. Респ. Таджикистан. Ин–т. востоковедение и письменного наследие– Душанбе, 2003.–371с.

19. Саидов Х.С. Полиэтнические общества Востока:общее и особенное в этнонациональных процессах в Афганистана и Ирана [Текст] автореф. дисс … д-ра. полит. наук: 23.00.02- Политические институты, процессы и технологии /Х.С.Саидов – М., 2010.–50 с.

# ПОЛИТИЧЕСКАЯ ИСТОРИЯ И ОБЩЕСТВЕННАЯ МЫСЛЬ АФГАНИСТАНА ПОСЛЕ ОБРЕТЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ И ЕГО ИССЛЕДОВАНИЯ В ТАДЖИКСКОЙ ИСТОРИОГРАФИИ

**КОДИРОВ ДОВАР САИДАЛЛОВИЧ,**
кандидат исторических наук, старший преподаватель
кафедры государственного управления и экономического права
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003 Республики Таджикистан г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 987-10-36-25. E-mail: Dovar7061988@gmail.com

*В данной статье автор исследует политическую историю и общественную мысль Афганистана после обретения политической независимости (1919) и его исследование в таджикской историографии в бывшем Советском Союзе и в независимом Таджикистане. Было отмечено,что несмотря на то, что большинство аспектов политической истории и общественной мысли Афганистана были рассмотрены и обсуждены рядом востоковедов бывшего Советского Союза и современного Таджикистана, тем не менее, этот вопрос нуждается в новом рассмотрении в отечественной науке историографии. Также по мнению автора, при изучении политической истории и общественной мысли Афганистана после обретения политической независимости, таджикские афганисты опирались на первоисточники российских, советских и постсоветских, западних, азиатских, самих афганских историков и личных наблюдениях от своих поездок в эту страну, предложили конкретную концепцию изучения данного вопроса, отличающуюся от других афганистов мира. С другой стороны, анализ работ таджикских афганистов свидетельствует о том, что они исследовали политическую историю и общественную мысль Афганистана с момента обретения независимости до наших дней. Одна из отличительных черт работ таджикских исследователей по этому вопросу заключается в том, что во время Советского Союза исследование происходило в интересах этого государства, которое с распадом Советского Союза и обретением независимости обрело новое видение в таджикской историографии.*

***Ключевые слова:*** *Афганистан, Советский Союз, политическая история, таджикская историография, общественная мысль, государственная независимость, политические партии, НДПА, движение Талибан*

# THE POLITICAL HISTORY AND PUBLIC THOUGHT OF AFGHANISTAN AFTER GETTING STATE INDEPENDENCE AND ITS RESEARCH IN TAJIK HISTORIOGRAPHY

**KODIROV DOVAR SAIDALLOVICH,**
Candidate of History, senior lecturer of the Department of
Public Administration and Economic Law of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003 Republic of Tajikistan Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 987-10-36-25. E-mail: Dovar7061988@gmail.com

*In the article, the author explores the political history and social thought of Afghanistan after gaining political independence (1919) and its research in tajik historiography in the former Soviet Union and in independent Tajikistan. It was noted that despite the fact that most aspects of the political history and social thought of Afghanistan were considered and discussed by a number of orientalists of former Soviet Union and modern Tajikistan, nevertheless, this issue needs a new consideration in domestic science of historiography. Also, according to the author, when studying the political history and social thought of Afghanistan after gaining political independence, Tajik Afghanists relied on the primary sources of Russian, Soviet and post-Soviet, Western, Asian, Afghan historians themselves and personal observations from their trips to this country, proposed the specific concept studying this issue, different from other Afghans in the world. On the other hand, analysis of works in Tajik afghans studies shows that they have studied the political history and social thought of Afghanistan from the moment of gaining independence to the present day. One of the distinguishing features of the work of tajik researchers on this issue is that in the space of the former Soviet Union, the study took place in the interests of this state, which, with the collapse of the Soviet Union and gaining independence, acquired a new vision in tajik historiography.*

***Key words:*** *Afghanistan, Soviet Union, political history, tajik historiography, social thought, state independence, political parties, PDPA, Taliban movement*

УДК: 316.446

# ҶАНБАҲОИ ГЕНДЕРӢ ДАР НИЗОМИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ: ВАЗЪИ МУОСИР ВА ДУРНАМОИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТ

**НОСИРОВА ФАРЗОНА ИЗАТУЛЛОЕВНА,**
муаллими калони кафедраи
идораи давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
Тел.: (+992)901-03-13-87. E-mail: farzona.did@mail.ru

*Дар мақола муаллиф ҷанбаҳои гендерии рушди хизмати давлатиро ҳамчун рукни таркибии фаъолият асоснок намуда, қайд менамояд, ки дар замони соҳибистиқлолӣ эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, зарурати андешидани чораҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба ҷалби неруи занон дар хизмати давлатӣ муассир гардонида шудааст.*

*Ҳамзамон, ҷиҳати устувории заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба танзими муносибатҳо дар самти таъмини баробарии гендерӣ ташаккул ёфта, инчунин зиёд гардидани теъдоди занон дар мансабҳои гуногуни идоракунӣ мавриди таҳлили илмӣ ва оморӣ қарор додааст. Ин нишондиҳанда гувоҳи он аст, ки дар Тоҷикистон сиёсати мутавозини гендерӣ амалӣ гашта, мақом ва сатҳи фаъолнокии занон дар идоракунии давлатӣ баланд гашта истодааст. Ин тамоюл хусусияти тағйирёбанда дошта, вобаста ба соҳа ва самтҳои гуногун фарқ мекунад, ки дар мақолаи мазкур оварда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *гендер, хизмати давлатӣ, Тоҷикистон, сиёсати гендерӣ, идоракунӣ, занон, ҳалли мушкилот, низом.*

Ҷомеаи муосир дар раванди идоракунӣ истифодаи усулҳои наву замонавиро тақозо менамояд, ки кодиранд муваффақияти субъектҳои идоракуниро дар сатҳҳои гуногун таъмин намоянд.

Воқеияти таърихӣ собит месозад, ки коршоямии иҷтимоию сиёсии ҳокимияту тамоми низоми сиёсӣ аз бисёр ҷиҳат аз идоракунии оқилона ва татбиқи мақсадноки амалӣ намудани иродаи сиёсӣ вобаста мебошад. Мавҷудияти зиддиятҳо, сар задани бӯҳронҳо ва низоъҳо ҳолати табиии тамоми низомҳои сиёсӣ буда, маҳз онҳо боиси пешравӣ ва такмили муно-сибатҳои ҷамъиятӣ мегарданд. Вале нозукии масъала дар он аст, ки ба вуҷуд омадани чунин ҳолатҳо институтсионаликунонии муносибатҳоро тақозо менамояд [1. С.22].

Фаъолияти сиёсӣ дар низомҳои гуногуни сиёсию ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, ба соҳибият ва нигоҳдории нуфуз дар раванди қабули қарори сиёсӣ ва ширкати бавосита ва ё бевосита дар идоракунии ҳокимият равона карда шудааст.

Ҳамзамон бо ин, дар баробари ҳама дигаргуниҳое, ки айни ҳол дар хизмати давлатӣ ба амал бароварда шуданд, як қатор мушкилиҳои ҷиддӣ низ дар ин самт ҷой доранд, ки метавонанд ба раванди рушди иқтисодию иҷтимоии давлат таъсири манфӣ расонанд. Таҳлили вазъи имрӯза ва барномарезиҳо барои оянда нишон медиҳанд, ки ин масъала ҳамчун масъалаи меҳварӣ дар сиёсати давлат боқӣ мемонад ва таҷассуми худро дар ҳуҷҷатҳои стратегии мамлакат ёфтааст. Масалан, дар "Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" вобаста ба рушди хизмати давлатӣ нишон дода шудааст, ки баланд бардоштани ҷолибияти хизмати давлатӣ барои кормандони баландихтисос ва таҳким додани бартариятҳои рақобатнок барои корфармо нисбат ба бахши хусусӣ, таъсиси низоми самараноки тайёркунӣ ва бозомӯзии кадрҳои роҳбарикунанда ва ташкили неруи кадрӣ ҳамчун

захираи муҳимтарини зеҳнию касбӣ, баланд бардоштани нақши зан дар раванди қабули қарорҳо дар сатҳҳои гуногуни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва зиёд кардани шумораи ҷавонон дар мақомоти давлатии ҳокимият ҳамчун самтҳои афзалиятнок баромад мекунанд.

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” дар қатори дигар мушкилоте, ки ба раванди рушди иқтисодию иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонанд, масъалаи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дарҷ шудааст, ки гузаронидани ислоҳоти ҷиддиро талаб мекунанд. Аз ҷумла, дар Стратегия омадааст, ки «...дар самтҳои мушаххаси идоракунии давлатӣ мушкилоти зерин мавҷуданд:

Дар самти рушди хизмати давлатӣ:

- низоми хизмати давлатӣ бо мушкилоти сифатнок пур намудани сафи худ рӯ ба рӯ шудааст ва сабаби он дар сатҳи пасти ҷолибияти хизмати давлатӣ ҳамчун корфармо дар бозори меҳнат ба ҳисоб меравад;
- дар мақомоти давлатӣ усулҳои интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар сатҳи зарурӣ истифода намешаванд, низоми идоракунии захираҳои инсонӣ такмилдиҳиро талаб мекунад;
- низоми ҳавасмандгардонӣ ҷиҳати нигоҳдорӣ ва ҷалби мутахассисони баландихтисос мавҷуд нест;
- низоми нави пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ мутобиқи ҷадвали ягонаи тарифи сатҳи кофии подоши мутахассисони босалоҳиятро таъмин намекунад ва бо механизми арзёбии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ суст алоқаманд карда шудааст;
- дастрасии нобаробари мардону занон ба хизмати давлатӣ, хусусан дар сатҳи қабули қарорҳо;
- ҳавасмандкунии хизматчиёни давлатӣ дар дастгирии шаффофияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи паст қарор дорад;
- феҳристи автоматикунонидашудаи вазифаҳои давлатӣ ба такмил додан эҳтиёҷ дорад [2].

Вобаста ба мушкилоти дар ин ҳуҷҷати роҳнамои стратегӣ муайяншуда қайд намудан зарур аст, ки дастрасии нобаробари мардону занон ба хизмати давлатӣ, хусусан дар сатҳи қабули қарорҳо, яке аз масъалаҳои муҳимми дорои аҳамияти иҷтимоию сиёсӣ ба шумор меравад. Зеро, раванди муосири рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ тақозо менамоянд, ки дастрасии баробари тамоми қишрҳои демографӣ, аз он ҷумла занон дар идоракунии давлатӣ таъмин карда шавад.

Дар ин замина дар соҳаи такмили идоракунии давлатӣ такмили ниҳодҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои бунёдӣ ҷиҳати дахлнопазир будани моликият ва рушди сармояи инсонӣ, дастрасии баробари занону мардон ба раванди қабули қарорҳо, ки фаъолияти устувор ва рушди иқтисодиёти миллиро таъмин мекунанд, [2] ҳамчун афзалият муайян карда шудаст.

Вобаста ба ин, дар самти рушди хизмати давлатӣ такмил додани механизмҳои зиёд намудани шумораи занон дар мансабҳои роҳбарӣ дар сатҳи гуногуни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳамчун самти муҳимми сиёсати иҷтимоӣ зарур мебошад.

Масъалаи ҳамкории сиёсии занону мардонро дар ҷомеа ҳанӯз  дар соли 1792 Олимпия де Гуж, муаллифи "Эъломияи ҳуқуқи зан-шаҳрванд" мавриди баррасӣ қарор дода буд. Матн имрӯз ҳам воқеист: "Миллат аз ҷомеаи мардону занон иборат аст, ки бар пояи он давлат пойбарҷост; қонунгузорӣ бояд баёнгари иродаи ин ҷомеа бошад. Ҳамаи шаҳрвандони зану мард бояд  бо таваҷҷуҳ ба тавоноии худ дастрасии яксон ба тамоми мансабҳои ҷамъиятӣ дошта бошанд; фақат як тафовут дар фазоил ва истеъдоди

онҳо метавонад чун меъёр барои интихобашон хизмат кунад. Конститутсия эътибор надорад, агар дар эҷоди он аксарияти афроде, ки аз он миллат иборат аст, кор накарда бошанд..." [3]. Дар муроҷиати худ ба занон вай хитоб мекард: "Магар ҳоло вақт нарасидааст, ки дар байни мо – занон низ инқилоб оғоз гардад? Оё мо ҳамеша дар ташаккули ҷамъият ширкати фаъол намеварзем?" [3].

Ин Эъломия нишонаи пайдоиши эътирози иҷтимоӣ вобаста ба мавқеъҳои нобаробарии иҷтимоӣ байни занону мардон маҳсуб меёфт ва нишондиҳандаи он буд, ки:

- нобаробарии иҷтимоӣ дар заминаи мансубияти ҷинсӣ заминагузори тамоми дигар намуди нобаробариҳо ва поймолкунии ҳуқуқҳои шаҳрвандон мебошад;

- мавҷудияти муносибати ноодилона дар заминаи тафовутҳои гендерӣ боиси пайдоиши беадолатӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ гардида, ҳамгироии иҷтимоиро заиф мегардонад;

- тафовути гендерӣ ва муносибати беадолатона ба он, ҷонибдорӣ аз меъёрҳои иҷтимоии табъизӣ ва стереотипҳои мавҷуда боиси эътирози шадиди иҷтимоӣ гашта, хусусияти равандҳои сиёсиро тағйир медиҳанд [4,С.34].

Баробарҳуқуқии мардону занонро Конститутсияи кишвар кафолат дода, баҳри татбиқи самараноки ин принсипи конститутсионӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шудаанд, ки раванди амалишавии онҳо ба пешрафти иҷтимоии занон, устуворшавии мавқеъ ва мақоми онҳо дар ҷомеа такони ҷиддие дода истодааст. Аз он ҷумла, Нақшаи миллии тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба баланд бардоштани нақшу мақоми занон барои солҳои 1998-2005», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» аз 3.12.1999, №5, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1.03.2005, №89, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8.08.2001, №391 “Дар бораи барномаҳои давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010», “Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2007-2015”, “Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023” бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, №229, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2015, №548 “Дар бораи Нақшаи амали “Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2015, №801 “Дар бораи Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2017-2023” тасдиқ ва қабул шудаанд, ки нишонаи амиқи иродаи сиёсии роҳбарияти давлат дар самти боло бурдани мавқеъ ва нақши занон мебошанд.

Дар соли 2005 дар парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занҳо як нафар ба сифати муовини раис ва ду нафар ба сифати раисони Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият менамуданд. Дар он вақт 4 нафар занон узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Дар ҳайати Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як зан дохил буда, 5 нафар занон ба ҳайси раисони судҳо фаъолият доштанд.

Дар шашмоҳаи аввали соли 2015 вакилони Маҷлиси намояндагон 12 нафарро ташкил дода, ҳайати роҳбарикунанда дар сатҳи соли 2005 қарор дошт. Фақат дар солҳои 2011-2013 роҳбарии фраксияи Ҳизби Ҳалқии Демократии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагони Мҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳдаи зан вогузор шуда буд. Дар ҳамин давра 2 нафар зан аъзои Ҳукумат, чор нафар роҳбарони мақомоти назди Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 нафар занон дар вазифаи раисони шаҳру ноҳияҳо фаъолият доштанд.

Дар интихоботи вакилони халқ дар соли 2020 вазъият ба куллӣ тағйир ёфта, дар марҳилаи пешбарии номзадҳо аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ тавассути рӯйхатҳои ҳизбӣ 73 нафар ва дар ҳавзаҳои якмандатаи интихобот 204 нафар пешбарӣ шуда буданд. Аз инҳо дар марҳилаи бақайдгирӣ аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ тавассути руйхатҳои ҳизбӣ 65 нафар ва дар ҳавзаҳои якмандата 177 нафар ба қайд гирифта шуданд. Дар натиҷа, дар маҷмӯъ 241 нафар номзадҳо ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуданд. Инҳо аз ҳавзаҳои якмандатӣ 176 нафар мебошанд: Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон – 6 нафар занон нестанд; вилояти Суғд – 52 – 10 нафар зан; вилояти Хатлон – 67 – 7 нафар зан, шаҳри Душанбе – 19 – 5 нафар зан; шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳӯрӣ – 32 – 5 нафар зан мебошанд. Аз теъдоди умумии 241 нафар 48 нафарашон занон мебошанд.

Аз ҳисоби пешниҳоди ҳизбҳо тавассути конференсияҳои ҳизбӣ бошад Ҳизби аграрии Тоҷикистон – 12 номзад, Ҳизби Ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон – 12 номзад, Ҳизби Сотсиалистии Тоҷикистон – 3 номзад, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон – 41 номзад, Ҳизби Демократии Тоҷикистон – 1 номзад, Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон – 8 номзад ва ба тартиби худпешбарӣ – 99 номзад ба қайд гирифта шудааст.

Аз 63 нафар вакилони даъвати нави Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 48 нафар мард ва 15 нафар ё 23,8% занон мебошанд.

Аз теъдоди умумии вакилон 32 нафар ё 50,7% дорои унвонҳои илмӣ, аз он ҷумла 2 нафар узви вобастаи АИ ҶТ, 16 нафар доктори илм, профессор ва 15 нафар номзади илм мебошанд. Аз 15 нафар занони вакил интихобшуда 1 нафар Узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 нафар доктори илм, 2 нафар номзади илм мебошанд.

Аз 22 нафар вакилоне, ки аз руйхати ҳизбҳои сиёсӣ интихоб шудаанд, 15 нафар дорои унвонҳои илмӣ, аз ҷумла 1 нафар узви вобастаи АИ ҶТ, 7 нафар докторони илм, профессорон ва 7 нафар номзадҳои илм мебошанд. Аз ҲХДТ – 24 нафар, аз инҳо 1 нафар узви вобастаи АИ ҶТ, 15 доктори илм, 8 номзади илм, аз ҲАТ – 2 нафар номзади илм, аз ҲИИТ – 1 нафар доктори илм ва 3 номзади илм, аз ҲСТ – 1 нафар номзади илм ва аз ҲДТ – 1 нафар номзади илм мебошанд.

Барои беҳтар намудани сифати омодасозии кадрҳо, аз ҷумла занон, аз соли 2009 донишкадаи магистратура дар назди Раёсати хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. То 1 январи соли 2019 176 зан магистратураро хатм намуда, ба вазифаҳои гуногун дар сохторҳои ҳукуматӣ, вазоратҳо ва идораҳо таъйин шуданд. Дар айни замон боз 16 нафар зан таҳсил карда истодаанд. Дар ҳамаи сохторҳои ҳокимиятӣ, ҳам дар мақомоти марказӣ, ҳам дар мақомоти маҳаллӣ 4441 занон кор карда, аз онҳо 1041 нафар мансабҳои роҳбариро ишғол намуда, 4 нафар занон роҳбарони ноҳияҳо, 67 нафар занон – муовинони раисони ноҳияҳо мебошанд. Инчунин, шумораи занон дар хизмати давлатӣ то 1 январи соли 2019 дар мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ 4441 нафар ё 23,2%–ро ташкил медод. Шумораи кадрҳои роҳбарикунанда аз

ҷумлаи занон дар мақомоти маҳаллӣ ва сохторҳои онҳо - 511 нафар ё 16,4%, дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ - 982 нафар ё 25,9%, дар мақомоти худидоракунии шаҳракҳо ва деҳот - 536 нафар ё 16,0%–ро ташкил медод. Шумораи занон – роҳбарон дар вазифаҳои муовинони роҳбарони вазоратҳо ва идораҳо (категорияи олӣ) 93 нафар, дар вазифаҳои сардорони сарраёсат ва раёсат - 84 нафар, дар вазифаҳои ҷонишинони сардори раёсат - 126 нафар, дар вазифаи сардори шуъба - 482 нафар ва дар вазифаи мудири бахш - 323 нафар занро ташкил медиҳад. Дар муқоиса бо соли 2014 шумораи онҳо ба 67 нафар афзоиш кардааст.

Дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди занон аз 4,1% соли 2019 ба 14% дар соли 2020 расонида шуд, ки нишонаи татбиқи самараноки сиёсати гендерӣ дар кишвар мебошад.

Мувофиқи таҳлилҳои омории ҳолати хизмати давлатии шаҳрвандӣ ба санаи 1 январи соли 2020 аз 18520 нафар хизматчиёни давлатие, ки фаъолият доранд, 4407 нафар ё 23,8 % -ро занон ташкил медиҳанд.

Кадрҳои роҳбарикунанда, ки аз мансабҳои сиёсӣ, категорияи олӣ, якум, дуюм, сеюм ва чорум иборат мебошанд, 5646 нафар ё 30,4%-ро ташкил дода, аз онҳо 1047 нафар ё 18,5% занон мебошанд.

Ин нишондиҳанда дар соли 2015 7,6 фоизи ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти идоракунии давлатӣ, 8,1 фоизи кормандони вазоратҳо ва кумитаҳои давлатӣ, 13,8 фоизи ҳайати роҳбарикунандаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медод.

Дар ҳайати хизматчиёни давлатии мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи онҳо 11563 нафар, аз ҷумла 2855 нафар ё 24,7% занон фаъолият дошта, аз 3067 нафар ишғолкунандагони мансабҳои роҳбарикунанда, 519 нафар ё 16,9% занон мебошанд. Таҳлили вазъи мазкур дар нимсолаи соли 2015 нишон медиҳад, ки аз 18582 нафар хизматчиёни давлатӣ 4431 нафар ё 23,6 фоизро занон ташкил медоданд. Дар мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи он аз 11457 нафар 2822 нафар ё 24,9 фоиз, аз онҳо 535 нафар ё 18,8 фоизро кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занон ташкил медоданд.

Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз 3743 нафар хизматчиёни давлатии фаъолияткунанда 1021 нафар ё 27,2% занон мебошанд. Ҳиссаи занон дар ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти маҳаллӣ бо 21,6% баробар гардидааст. Ин нишондиҳанда дар соли 2015 дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ чунин буд: аз 3614 нафар 978 нафар ё 27 фоиз, дар мансабҳои роҳбарикунанда 308 нафар ё 21,7 фоизро занон ташкил медоданд.

Дар ҳайати сохторҳои ҳокимияти иҷроия ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот - ҷамоатҳо соли 2005 чор нафар занон раисони шаҳр ва ноҳияҳо шуда кор мекарданд. Дар ин самт 26,9 фоизи раисони ҷамоатҳо ва 27,4 фоизи муовинони раисони шаҳру ноҳияҳоро низ занон ташкил медоданд.

Дар сатҳи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҳиссаи занон ба 16,5% ва дар сатҳи роҳбарикунандаи мақомоти зикргардида ба 19% расидааст. Соли 2015 аз 3525 нафар дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҳиссаи занон ба 599 нафар ё ба 16,4 % баробар буд. Аз онҳо 250 нафар ё 6,5% дар мансабҳои роҳбарикунанда фаъолият менамуданд.

Ҳиссаи занон дар Кумитаи кор бо занон ва оила 81,8%, Саридораи бойгонӣ - 60%, Вазорати адлия - 59,4%, Кумитаи забон ва истилоҳот - 56,2%, Дастгоҳи Суди конститутсионӣ - 53,3%, Хадамоти алоқа - 50,8%, Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон - 50%, Агентиҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа -39,7%, омор - 39,6%, хизмати давлатӣ -

39,5%, Кумитаҳои рушди сайёҳӣ - 36,6%, Кумитаи телевизион ва радио назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон -34,3%, вазоратҳои фарҳанг - 36%, маориф ва илм 34,5%, Агентии захираҳои моддии давлатӣ - 34,4%-ро ташкил додааст.

Ин нишондиҳанда дар соли 2015 дар Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 48,2 фоиз, Агентии хизмати давлатӣ 42,5 фоиз, Агентии омор 40,4 фоиз, Вазорати адлия 35,9 фоиз, Кумитаи кор бо занон ва оила 80,0 фоиз, Кумитаи забон ва истилоҳот 61,5 фоиз, Кумитаи телевизион ва радио 41,3 фоиз, Хадамоти алоқа 40,3 фоиз, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 40,5 фоиз, Саридораи бойгонӣ 60,6 фоиз ва Саридораи геология 43,7 фоизро занон ташкил медиҳанд.

Таҳлилҳои қиёсӣ нишон медиҳад, ки пешравиҳо дар самти боло бурдани теъдоди занон якхела набуда, онҳо вобаста ба самтҳои муайян фарқ мекунанд. Дар маҷмуъ, тафовути ҷиддӣ дар ин самт эҳсос карда мешавад.

Татбиқи механизми квотаҳои президентӣ барои ҷалби духтарони манотиқи кӯҳистон ба муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дар самти болоравии мавқеи ҷамъиятии занон нақши муассир гузошт. Тибқи маълумоти расмӣ, аз 4407 нафар заноне, ки дар соҳаи хизмати давлатӣ фаъолият доранд, 106 нафар ё (2,4%) тибқи квотаи президентӣ соҳибмаълумот шудаанд. Аз 106 нафар бонувони зикргардида, 30 нафар ё 28,3% дар мансабҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ фаъолият намуда, 18 нафар ё 60% аз онҳо занони то 35 –сола мебошанд.

Яке аз омилҳои таъсиррасон ба болоравии мансабии занон дар хизмати давлатӣ ин пайваста такмил додани сатҳи донишу малакаҳои корӣ мебошад. Дар ин самт раванди бозомӯзии хизматчиёни давлатӣ аҳамияти хосса дорад.

Фақат дар соли 2019 Агентии хизмати давлатӣ дар ҳамкорӣ бо Донишкадаи идоракунии давлатӣ ва мақомоти давлатӣ 1780 нафар хизматчиёни давлатиро ба курсҳои омӯзишӣ ҷалб намуданд, ки дар байни 429 нафар ё 24,1 фоизи шунавандагонро маҳз занон ташкил медоданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳоро оид ба таълим ва омодасозӣ барои пешбарии занон ба вазифаҳои роҳбарии хизмати дипломатӣ, аз ҷумла дар вазифаҳои сафирҳо ва роҳбарони маъмуриятҳо дар хориҷа, андешида истодаанд, зеро дар айни ҳол занон чунин мансабҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол намекунанд.

Яке аз дастгириҳои ҷиддӣ дар самти дастгирии занон дар хизмати давлатӣ ин додани холҳои иловагӣ, аз он ҷумла 3 холи иловагӣ ҳангоми иштирок дар озмун барои ҷавондухтаронест, ки бори аввал ба хизмати давлатӣ қабул мешаванд. Ин имтиёз баҳри ҳавасмандии занону духтарон ҷиҳати фаъолгардонии нақши онҳо дар хизмати давлатӣ таъсири амиқ расонида метавонад.

Ҳамин тариқ, бо такя ба таҳлили қиёсии оморӣ мо кӯшиш намудем, ки раванди муосири фаъолнокии занонро дар мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи марказию маҳаллӣ ҷамъбаст намуда, сатҳи талоши худсозӣ ва худмуаррифии занон ва самаранокии фишангҳои ҳавасмандгардонии ташаббусҳои онҳоро вобаста ба ширкат дар раванди идоракунии давлатӣ арзёбӣ намоем.

Ҳамзамон бо ин, қайд кардан зарур аст, ки барои ҳалли пурраи мушкилоти мазкур анҷом додани як қатор амалҳои зарурӣ ногузир аст. Дар байни онҳо чораҳои зерин афзалият доранд:

- рушди низоми банақшагирӣ ва такмили ҳамоҳангсозии сиёсат дар сатҳи марказӣ ва маҳаллии идоракунии давлатӣ ҷиҳати ҷалби ҳарчи бештари занон ба хизмати

давлатӣ ва бо ҳамин роҳ аз байн бурдани тафовути миқдории мавҷуда дар сатҳи марказӣ ва маҳаллӣ;

- баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти хизмати давлатӣ ва андешидани чораҳои тақвияти ҳифзи иҷтимоӣ барои занон, то ин ки онҳо тавонанд уҳдадориҳои оилавӣ ва мансабии худро баробар иҷро намоянд;

- татбиқи мунтазами сиёсати кадрӣ, ташкили низоми самараноки таълим, бозомӯзии кадрҳои роҳбарикунанда ва ташаккули захираи кадрӣ ҳамчун заминаи муҳимтарини зеҳнию касбӣ аз ҳисоби занон;

- татбиқи чораҳои амалӣ ҷиҳати бартараф намудани монеаҳои сунъӣ, аз қабили қолабҳои гендерӣ, ки ба фаъолнокии занон монеа мешаванд.

Метавон хулоса намуд, ки таносуби гендерӣ дар хизмати давлатӣ яке аз нишондиҳандаҳои таъминкунандаи баробарии воқеии мардону занон вобаста ба масъалаҳои ширкат дар идоракунии давлат ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин такмили муносибатҳо дар ин самт метавонад тавозуни воқеии намояндагии мардону занонро дар соҳаи хизмати давлатӣ таъмин намояд. Масъалаи мазкур дар қатори афзалиятҳои сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон қарор дошта, дастовардҳои дар ин самт бадастомада нишонаи иродаи роҳбарияти давлат дар масъалаи таъмини сиёсати мутавозини гендерӣ дар Тоҷикистон мебошад.

**Адабиёт**

1. Хидирзода, М.У. Рушди ниҳоди сарварӣ (таҳлили ҷанбаҳои иҷтимоию фарҳангӣ) [матн]/ М.У. Хидирзода. – Душанбе, 2015. – 59 с.
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [матн]. – Душанбе, 2016. – С.132.
3. Олимпия Де Гуж «Декларация прав женщины и гражданки» [манбаи электронӣ]. URL: http://ravnopravka.ru/2011/03 (санаи муроҷиат: 20.12.2020)
4. Нақши занон дар идоракунии ҷомеа [матн]. Мураттиб Хидирзода М. У. – Душанбе, 2017. – 213с.

## ГЕНДЕРНЫЕ АСПЕКТЫ В СИСТЕМЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЫ: СОВРЕМЕННАЯ СИТУАЦИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ РЕШЕНИЯ ПРОБЛЕМ

**НОСИРОВА ФАРЗОНА ИЗАТУЛЛОЕВНА,**
старший преподаватель кафедры государственного
управления и экономического права
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33,
Тел.: (+992) 901-03-13-87. E-mail: farzona.did@mail.ru

*В статье автор обосновывает гендерные аспекты развития государственной службы как составной части деятельности, отмечая, что в период независимости были оптимизированы социальные потребности, необходимость принятия правовых и политических мер по привлечению женщин на государственную службу.*

*При этом в целях укрепления нормативно-правовой базы относительно регулирования отношений в сфере гендерного равенства, а также увеличение количества женщин на различных руководящих должностях проводит научно-статистический анализ. Данный показатель свидетельствует о том, что Таджикистан проводит взвешенную гендерную политику и повышает статус и уровень участия женщин в государственном управлении.*

*Эта тенденция носит переменный характер и меняется в зависимости от отрасли и различных направлений, представленных в данной статье.*

***Ключевые слова:*** *гендер, государственная служба, Таджикистан, гендерная политика, управление, женщины, решение проблем, система.*

## GENDER ASPECTS IN THE CIVIL SERVICE SYSTEM: CURRENT SITUATION AND PROBLEM SOLVING PERSPECTIVES

**NOSIROVA FARZONA IZATULLOYEVNA,**
Senior Lecturer, Department of Public Administration and Economic Law,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 901-03-13-87. E-mail: farzona.did@mail.ru

*In the article, the author substantiates the gender aspects of the development of the civil service as an integral part of the activity, noting that during the period of independence social needs and the need to take legal and political measures to attract women to the civil service were optimized.*

*At the same time, in order to strengthen the legal framework regarding the regulation of relations in the field of gender equality, as well as to increase the number of women in various leadership positions, conducts scientific and statistical analysis. This indicator shows that Tajikistan is pursuing a balanced gender policy and is raising the status and level of participation of women in public administration. This trend is variable and varies depending on the field and the various areas presented in this article.*

***Key words***: *gender, civil* service, Tajikistan, gender policy, governance, women, problem solving, system.

УДК: 379.85 (575.3)

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ -- БУНЁДГУЗОРИ СОҲАИ САЙЁҲӢ

**МАҲМАДИЕВ РАҲМОНАЛӢ САФАРАЛИЕВИЧ,**
омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи давлатии Данғара,
735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, к. Марказӣ 16.
Тел.: (+992) 907-90-64-70. E-mail: rahmonali311081@gmail.com
**ОЛИМИЁН САБРИНА ШАМСУЛЛО,**
аспиранти кафедраи матбуоти
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 908-87-88-74. E mail: journalist2020@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур оиди саҳми бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон хело ба маврид қайд гардидааст. Инчунин муаллиф дар мақолаи худ оиди ҷазобияти мавзеҳои сайёҳӣ, табиати нотакрор, обҳои шифобахш, кӯҳҳои сарбафалак, доштани фазои амну ором, сиёсати дарҳои кушод, сарзамини дорои таъриху фарҳанги бой ва мардуми меҳмоннавози тоҷикро тавсиф намудааст. Дар заминаи чунини захираҳои туристии фаровони мамлакат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018-ро “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”, инчунин солҳои 2019-2021-ро“Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон намуданд. Дар ин давра, дар саросари кишвар бунёди муассисаҳои хизматрасонӣ ба сайёҳон, корхонаҳои истеҳсоли маҳсулотҳои ҳунармандӣ ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ хеле назаррас мебошад, ки ин ҳама аз дастуру супоришҳои Асогузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегиранд.*

*Муаллиф дар мақолаи худ иброз медорад, ки бо талошҳои Пешвои миллат, Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Ташкилоти Умумиҷаҳонии Туристӣ гардида, дар ин самт ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо бахшҳо ва кишварҳои узви ин созмон ба роҳ мондааст. Инчунин, бо дастуру ҳидоятҳои Асогузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳудуди кишвар якчанд истироҳатгоҳҳо, осоишгоҳҳо ва иншоотҳои марбут ба ин соҳа бунёд ва таҷдид карда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Паём, Пешвои миллат, сайёҳӣ, дастуру ҳидоятҳо, инфрасохтор, сайёҳон, хизматрасонӣ, иқтидор, мардумӣ, ҳунармандӣ.*

Тоҷикистони офтобруяву куҳсори мо бо табиати дилфиребу нотакрор, дашту саҳро, иқлими мусоид, куҳҳои осмонбӯс, таъриху тамаддуни қадима ва мардуми бофарҳангу меҳмоннавозаш дар тамоми дунё машҳур гаштааст. Табиати зебои он диққати сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб намуда, ташрифи теъдоди шаҳрвандони хориҷӣ ҳамасола ба ҳудуди кишвар зиёд шуда истодаанд. Соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои даромадноки хоҷагии халқи ҷаҳон ба ҳисоб рафта, дар рушди иқтисодиёти мамлакатҳо саҳми арзанда мегузорад. Ин падидаи иқтисодӣ дар кишвари мо низ рушд намуда истодааст ва метавон дар солҳои наздик соҳаи сайёҳии кишварро ба яке аз соҳаҳои даромаднок табдил дод, ки дар сурати рушд намудани ин соҳа тавлиди ҷойҳои нави корӣ, баланд гардидани вазъи иқтисодию иҷтимоии аҳолӣ ва муаррифии кишвари мо ҳамчун кишвари сайёҳӣ дар арсаи байналмиллалӣ кафолат дода мешавад. Барои ноил шудан ба рушди устувори ин соҳа, зарур аст, ки аз тамоми имкониятҳо аз ҷумла захираҳои табиӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва дигар омилҳои рушддиҳандаи соҳаи сайёҳӣ самаранок истифода бурда, аз ҳисоби ин соҳа ба буҷаи мамлакат даромад ворид намоем. Имрӯз кишварҳоеро ном бурдан мумкин аст, ки қисми даромади буҷаи

давлатиро аз ҳисоби сайёҳон ба даст меоранд. Масалан: соли 2019 ИМА 214 млрд$, Испания 74 млрд$, Фаронса 67 млрд$ ва Непал аз ҳисоби туризми кӯҳнавардӣ, Ливия, Алҷазоир, Мароко, Тунис, Миср, Яман аз ҳисоби туризми сафарӣ (туризми биёбонгардӣ) ва соҳилӣ (пляж) садҳо миллион доллари америкой даромад гирифтанд[9].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд будани мероси бои таърихию фарҳангӣ ва захираҳои нотакрори табиию фароғатӣ барои эҳё ва рушди минбаъдаи туризм, аз ҷумла туризми экологӣ, туризми фарҳангӣ, туризми рекреатсионӣ, туризми кӯҳӣ ва ғайраҳо, ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти мамлакат шароити мусоид фароҳам меоварад.

Вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми хеш ба Маҷлиси Олии кишвар иброз доштанд, ки "*Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ, ба ҳисоб меравад"[10]*.

Бо мақсади ҷалби бештари сайёҳон ва ширкатҳои туристӣ бо дастгирии ҳукумати ҷумҳурӣ ва таваҷҷӯҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чандин санадҳои дахлдор ва барномаҳои давлатӣ, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи туризм"[7], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2009-2019"[3], қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Дар бораи Барномаи рушди туризм дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017" қабул гардидаанд. Дар дохили кишвар ва берун аз он низ мунтазам намоишҳои байналмилалӣ ва чорабиниҳои сатҳи ҷаҳонӣ ташкил карда мешаванд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зимни ироаи Паёми наавбатии хеш, ки рӯзи 22 декабри соли 2017 ба Маҷлиси Олӣ баргузор гардида буд, соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шуд.

Эълон гардидани соли 2018 бо унвони "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" ва солҳои 2019-2021 ҳамчун, "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, худ заминаи бузург дар таҳкими соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар дунёи ҷаҳонишавӣ ва зуҳури дигаргуниҳои куллӣ дар вазъи сиёсию амниятӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷаҳон доштани сарзамини амну ором ва соҳибистиқлоле бо номи Тоҷикистон, воқеъ дар харитаи сиёсии ҷаҳон ва минтақаи Осиё, худ баёнгари саодат ва сарбаландии миллати соҳибфарҳангу соҳибтамадуни тоҷик дар ҷаҳони муосир ба шумор меравад.

Имрӯз, ки Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони Ҷаҳонии Сайёҳии Созмони миллали Муттаҳид мебошад, ин имкон фароҳам меоварад, ки Тоҷикистон бо иншоотҳои таърихию фарҳангӣ ва минтақаҳои сайёҳии худ дар китоби харитаи сайёҳии ҷаҳон ворид гардад ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ин ҳама минтақаҳои дороии аҳамияти сайёҳӣ дошта, кӯҳҳои баланду обҳои мусаффо ва мардуми меҳмоннавозу башардӯсташ оламиён бишносанд.

Дар ҷомеаи пешрафтаву мутамадини асри XXI-ум, соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаи сердаромади иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ва фарҳангии миллатҳо ва давлатҳои ҷаҳон маҳсуб

мегардад. Рушд ва таҳкими туризм ва ҷаҳонгардӣ бахши муҳиме аз раванди ҷаҳонишавиро дар бар гирифта кишварҳое, ки дар он соҳаи туризм рушди устувор дорад, бешак танзимкунандагони корвони ҷаҳонисозӣ мебошанд. Тибқи нишондодҳои сомонаи байналмилалӣ www.international index.org кишварҳое, ки дар бахши туризм ва ҷаҳонгардӣ ба дастовардҳои бузург ноил гаштаанд, аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта ва мавқеи геополитикӣ ва геостратегии онҳо низ бузугр аст[1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар меҳвари рушди муносибатҳои минтақавӣ ва байнамиллалӣ узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, рушди соҳаи сайёҳӣ ва туризмро бахши бузурге аз сиёсати иҷтимою фарҳангӣ, боҳамгироию башардӯстӣ бо ҷомеаи мутамаддини ҷаҳон медонад. Рушди соҳаи сайёҳӣ пулест, ки барои иртибот ва василаи бузурге дар роҳи ҷаҳонишавии фарҳангу маънавиёт ва ҳунарҳои мардумии тоҷикон дар арсаи байналмиллалӣ маҳсуб мегардад. Тоҷикистон давлати дунявӣ, мустақилу ягона [4] буда сулҳу ороми ва амнияту суботи сиёсии он дар қаламрави минтақаи Осиё беназир аст. Сулҳу оромӣ ва амнияту субот дар Тоҷикистон заминаи мусоид барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба қаламрави мамлакат ба ҳисоб рафта, он имкон фароҳам меоварад, ки хориҷиён бидуни душворӣ ва мушкилот аз Тоҷикистон дидан кунанд ва бо фарҳангу тамаддун ва анъанаву оини бостониву ҳунарҳои мардумии ҳазорсолагони он баҳраманд гарданд.

Бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии кишвар дар дохил ва арсаи байналмиллалӣ, эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ, беҳтар гардидани симои сайёҳии ватанамон ва ҷалби сармоя барои рушди инфрасохтори соҳа, соли сипаригашта яъне соли 2018-ум ҳамчун “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”[10] эълон гардида буд, ки тибқи нақшаи чорабиниҳои соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои миллӣ чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ гузаронида шуд. Дар натиҷа соли 2018 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 1миллиону 155ҳазор шаҳрвандони хориҷӣ ворид шуданд, ки аз ҳисоби онҳо ба буҷаи давлат 23млн $-и ИМА даромад шуд[16]. Барои рушди соҳаи сайёҳӣ корҳои назаррасро анҷом додан зарур аст, ки барои ин вақти зиёд лозим аст, то ин соҳа дар мамлакат ба яке аз соҳаҳои афзалятноки иқтисодӣ табдил ёбад.

Дар соли 2018 75 ширкати нави сайёҳӣ таъсис ва ба бозори сайёҳии мамлакат ворид шуданд ва дар маҷмӯъ теъдоди ширкатҳои сайёҳӣ ба 145 адад расид, 247 субъекти хизматрасонии сайёҳӣ (меҳмонхона, осоишгоҳу истироҳатгоҳ, ҳостел, маҷмааҳои сайёҳӣ) ба сайёҳони дохиливу хориҷӣ хизмат расониданд, шумораи миёнаи кормандони субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ 4265 нафарро ташкил дод. Шумораи меҳмонхонаҳо дар ҷумҳурӣ – 297 адад, аз ин шумора 37 адад дар соли 2018 бунёд шудааст[16].

Мукаммал гардонидани заминаи меъёриву ҳуқуқӣ соҳаи сайёҳӣ ва рушди инфрасохтор дар паи имтиёзҳо ва дастгириҳои пешбинӣ намуда, ҳавсмандии бахши хусусӣ нисбати фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ зиёд гардида дар ин давра ба 75 ширкати сайёҳӣ иҷозатномаи фаъолияти соҳаи сайёҳӣ дода шуда ба бозори сайёҳии мамлакат ворид шуданд. Дар маҷуъ шумораи ширкатҳои сайёҳӣ дар қаламрави кишвар ба 145 адад расид, ки онҳо ба меҳмонону сайёҳони дохиливу хориҷӣ хизматрасонӣ намуда истодаанд.

Барои рушди соҳаи сайёҳӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ ва бунёди инфрасохтори муосири сайёҳӣ аз тарафи давлату ҳукумат ва дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ

пешниҳод шудааст. Дар ин замина бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 2018 таҳти №189 лоиҳаи қарори махсус оид воридоти таҷҳизоту техника ва масолеҳи сохтмонӣ, ки барои бунёди иншоотҳои сайёҳӣ, ки аз хориҷи кишвар ворид карда мешаванд, тасдиқ гардид ва воридоти он аз боҷои гумрукӣ ва пардохт аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда шуданд[5]. Бо истифода аз имтиёзҳои фароҳамовардаи Пешвои миллат, ҷиҳати воридоти таҷҳизоту техника ва масолеҳи сохтмонӣ барои сохтмони иншоотҳои инфраасохтори соҳа 10 лоиҳа, аз ҷумла бунёди меҳмонхонаҳо, маҷмуаи сайёҳӣ, боғҳои фароғатӣ ва роҳи танобӣ мавриди татбиқ қарор дода шудаанд, ки имрӯзҳо дар қаламрави кишвар бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ бунёди иншооти хурду бузурги сайёҳӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ ва инфрассохтори ҷавобгӯи стандарҳои ҷаҳонӣ дар асоси стратегияи рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 идома дорад. Айни замон бошад, лоиҳаи чорабиниҳои марҳилаи якуми стратегия барои солҳои 2019-2022 бо ҷалби сармояи бахши хусусӣ ва шарикони рушд таҳия гардидааст. Бо истифода аз имтиёзҳои пешбинишуда дар шаҳрҳои Исфара, Ҳисор, Душанбе, ноҳияи Данғара ва мавзеи сайёҳии Сари Хосори ноҳияи Балҷувон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаи туризми байналмиллалӣ эълон шудааст [6], сохтмони инфрасохтори сайёҳӣ идома дорад .

Бо назардошти имтиёзҳои мавҷуда ва фазои мусоиди соҳаи сайёҳӣ дар соли 2018 дар кишвар шумораи субектҳои хизматрасонии сайёҳӣ ба 255 адад (меҳмонхонаҳо, осоишгоҳу истироҳатгоҳ, ҳостел, маҷмааҳои сайёҳӣ) расонида шуд. Шумораи меҳмонхонаҳо дар ҷумҳурӣ ба 297, аз он ҷумла дар ВМКБ 137 адад, дар вилояти Хатлон 75 адад, дар вилояти Суғд 8 адад, дар НТМ 25 адад, ки аз ин 37 адад меҳмонхонаҳо дар соли 2018 бунёд шудаанд ва шумораи меҳмонхонаҳои дар ҷараёни сохтмон қарордошта 41 ададро ташкил медиҳанд[16].

Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоқикистон иброз доштанд “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани соли 2018 ба дарки аҳамияти самтҳои мазкур дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мардум такони ҷиддӣ бахшид, вале барои расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда, муарифии пурраи имкониятҳои сайёҳии кишвари мо, эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ як сол басанда нест”. Аз ин рӯ зимни ироаи Паём Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон карданд[12]. Дар ин давра, боз ба ҳадафҳое, ки ҳукумати ҷумҳурӣ ва Пешвои миллат дар самти рушди соҳа муайян намудаанд, барои ноилшавӣ ба ин ҳадафҳо як қадами устуворе хоҳад буд.

Бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо давлатҳои ҳамшарик дар самти рушди сайёҳӣ дар давраи сипаришуда: Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Узбекистон ва ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ байни Кумитаи рушди сайёҳӣ ва ширкати миллии “Қазақтуризм”-и Ҷумҳурии Қазоқистон ба имзо расонида шуданд, ҳамчунин лоиҳаи созишномаҳои байниҳукумати оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо Федератсияи Россия, давлати Исроил, давлати Ҷопон, Ҷумҳурии Федеративии Бразилия, Ҷумҳурии Словения, давлати Қатар ва ёддошти ҳамкории байнисоҳавӣ бо ҷумҳурии Озорбойҷон таҳия шудаанд, ки татбиқи амалии ин созишномаҳо дар роҳи табдил гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишвари пешқадам дар соҳаи сайёҳӣ мусоидат хоҳад кард[19].

Муаррифии имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Пекин, Боку ва Брюсел, иштирок ва имкониятҳои сайёҳии кишварро дар самтҳои сайёҳиии экологӣ, кӯҳнавадиву шикор, табобативу солимгардонӣ муарифӣ шуданд. Инчунин бо мақсади муарифии имкониятҳои сайёҳии ҷумҳурӣ, дар арсаи байналмиллалӣ, дар ҳама шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ маводҳо ба воситаи видеороликҳо пешкаши хориҷиён гардонида шудааст ва ҳамзамон дар назди Кумитаи рушди сайёҳӣ соли 2018 портали итилоотии миллии сайёҳӣ бо 7 забон таҳсис додашуд, ки ба шабакаи Созмони Ҷаҳонии Сайёҳӣ пайваст карда шуд.

Аҳамияти муҳими эълон гардидани солҳои 2019-2021 ҳамчун "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" аз тарафи Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ин пеш аз ҳама рушди инфрасохтор дар деҳот мебошад, чунки сайёҳоне, ки ба Тоҷикистон ворид мешаванд, онҳо ба маҳалҷойҳо ташриф меоранд Чун дар сатҳи байналмиллалӣ муарифии имкониятҳои сайёҳии кишвар ба роҳ монда шудааст, бояд дар деҳаҳо шароитҳои аввалиндараҷа муҳайё карда шавад ва сатҳу сифати хизматрасониҳо ба талабот ҷавобгӯ бошад ва бо ин роҳ диққати сайёҳонро ба кишвар ҷалб намоем. Инчунин, эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ таҳти мавриди таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои миллат қарор дошта, истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ дар хонаҳо ва фуруши он аз 1-уми январи соли 2018 аз андозҳо озод гардиданд, ки ин татбири хиратмандона ниҳоят муҳим буда, метавонад ба зиёд намудани ҷойҳои нави корӣ ва ҳамзамон барои эҳёи ҳунарҳои мардумӣ мусоидат намояд. Тибқи маълумотҳои омории Кумитаи рушди сайёҳӣ дар қаламрави кишвар 6805 нафар ҳунармандон ва 105 адад нуқтаҳои фуруши армуғон ва маҳсулотҳои ҳунармандӣ ба қайд гирифта шудаанд[20].

Солҳои 2019-2021, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунаршои мардумӣ" эълон гардидааст, ин имкон медиҳад, ки дар ин соҳа таҳовулоти ҷиддие ба миён омада, ҳама мушкилоти ҷойдоштаи соҳаи туризм бартараф карда бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ Тоҷикистон ба як давлати қавиву тавонно дар самти сайёҳӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ табдил гардад. Дар ин роҳи дуру дароз ба умеди ояндаи дурахшони Тоҷикистон дар асри 21-ум ва замони ҷаҳонишудан, бояд тамоми бахшҳои хоҷагии халқи мамлакат, соҳибкорону донишмандон, ходимони давлативу омӯзгорон ва ширкатҳои сайёҳии кишвар саҳмгузор бошанд.

Котиби генералии Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ дар робита ба эълон гардидани соли 2018 ҳамчун "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", ки бо ташабуси бевоситаи Пешвои миллат эълон гардид, чунин иброз медорад: "Ман аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои ташабуси ниҳоятан муҳим барои тамоми ҷаҳон, ки ба мероси фарогири фарҳангии Тоҷикистон, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда ба рушди бахши сайёҳӣ, махсусан соҳаи ҳунармандии Тоҷикистон боис мегардад, миннатдорам"[21].

Қобили зикр аст, ки дар замони муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон аст ва тавсияи созмонҳои бонуфузи байналмиллалӣ бахри муарифии соҳаи сайёҳии кишвар дар арсаи ҷаҳон ва баланд гардидани эътимоди сайёҳон барои сафар ба ватани маҳбубамон мусоидати ҳамаҷониба менамояд. Тавре аз таҳлилҳои омори бар меояд дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат, ташрифи сайҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон рӯз аз рӯз зиёд мегардад. Аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷӣ ба ҷумҳурӣ ташрифоварда соли 2018 1миллиону 155 ҳазор нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2017-ум 2,6 маротиба зиёд аст.

Инчунин, солҳои 2019-2021, ки ҳамчун “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон гардидааст, ин иқдоми беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, имконият фароҳам меоварад, ки тоҷикистониён ва ҳама ниҳодҳои дахлдор ва сохторҳои давлатӣ барои рушди устувори соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат саҳми арзишманди худро гузоранд. Ширкатҳои сайёҳиву сармоягузорӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ дар роҳи ислоҳот ва рушди устувору таҳкими инфрасохтори сайёҳӣ содиқона кор кунанд ва Тоҷикистони ободу озод боз ҳам рушду нуму биёбад ва насли имрӯзу фардои Ватан дар зери сояи рафоҳият ва саодати ҷаҳон зиндагии зебо дошта бошанд.

**Адабиёт**


1. Гузориши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. – №1.
2. Доклад Всемирной туристической организации «Барометр мирового туризма». – http://www.mcds.ru.
3. Консепсия рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2009-2019. – 2 апрели соли 2009. – № 202
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 2018. – №189
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 2001. – №461
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи туризм". – 3 сентябри соли 1999. – № 824.
8. Мамадризохонов. А. А. Экотуризм дар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон / А. А. Мамадризохонов. – Душанбе 2013.– 484с.
9. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.–Бахши илмшои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.–2019. –№10. – Қ1.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,22 декабри соли 2017, шаҳри Душанбе
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 декабри соли 2017, шаҳри Душанбе.
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2018, шаҳри Душанбе.
13. Тоҷикистон-сарзамини сайёҳӣ ва макони ҳунарҳои мардумӣ / Маҷмӯи мақолаҳо дар доираи Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ. – ҶДММ: Истиқлол, 2019.


**Манбаҳои истифодашуда**


14. www.jumhuriyat.tj Туризми Тоҷикистон: дастовардҳо ва мушкилот. [Манбаи электронӣ] (санаи истифодабарӣ 15.05.2021)
15. www.unwto.org [Манбаи электронӣ] (санаи истифодабарӣ17.05.2021)
16. www.khovar.tj [Манбаи электронӣ] (санаи истифодабарӣ 21.05.2021)
17. www.ozodi.org [Манбаи электронӣ] (санаи истифодабарӣ 09.06.2021)
18. www.president.tj[Манбаи электронӣ] (санаи истифодабарӣ 09.06.2021)
19. www.traveltajikistan.tj
20. www.tvt.tj
21. www.traveltajikistan.tj

## ЛИДЕР НАЦИИ - ОСНОВАТЕЛЬ СФЕРЫ ТУРИЗМА

**МАХМАДИЕВ РАХМОНАЛИ САФАРАЛИЕВИЧ,**
преподаватель кафедры гуманитарных наук
Дангаринского государственного университета,
735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Центральная, 16.
Тел.: (+992) 907-90-64-70. E-mail: rahmonali311081@gmail.com
**ОЛИМИЁН САБРИНА ШАМСУЛЛО**
аспирантка кафедры печати
Таджикского национального университета.
734025, Душанбе, пр. Рудаки 17,
Тел.:+992-908-87-88-74. E mail: journalist2020@mail.ru

*В данной статье освещается непосредственный вклад Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона в развитие сферы туризма в Республике Таджикистан. Автор также описывает в своей статье привлекательность туристических объектов, уникальную природу, целебные воды, величественные горы, безопасную и мирную атмосферу, политику открытых дверей, страну с богатой историей и культурой и гостеприимным таджикским народом. Основываясь на таких богатых туристических ресурсах страны, Лидер нации Эмомали Рахмон объявил 2018 год «Годом туризма и народных промыслов», а 2019-2021 годы «Годами сельского развития, туризма и народных промыслов». В этот период большое значение имеет создание объектов туристического обслуживания, ремесленных предприятий и развитие туристической инфраструктуры, и все это вытекает из указаний Основателя мира и национального единства, лидера нации Эмомали Рахмона.*

*В своей статье автор отмечает, что благодаря усилиям Лидера нации Республика Таджикистан стала полноправным членом Всемирной туристской организации и наладила двустороннее и многостороннее сотрудничество с секторами и странами-членами этой организации. Также по поручению Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в стране построен и отремонтирован ряд санаториев, курортов и объектов относящихся к этой сфере.*

***Ключевые слова:*** *Послание, Лидер нации, туризм, поручения, инфраструктура, туристы, услуги, потенциал, народный, ремесло.*

## LEADER OF THE NATION - FOUNDER OF TOURISM SPHERE

**MAHMADIEV RAHMONALI SAFARALIEVICH,**
Lecturer of the Departament of Humanities,
Dangara State University,
735320, Republic of Tajikistan, Dangara, 16, Central str.,
Phone: (+992) 907-90-64-70. E-mail: rahmonali31108@gmail.com
**OLIMIYON SABRINA SHAMSULLO,**
Postgraduate student of the Department of Printing of the
Tajik National University.
734025, Dushanbe, 17, Rudaki ave.,
Phone: (+992) 908-87-88-74. E mail: journalist2020@mail.ru

*This article highlights the direct contribution of the Leader of the Nation Emomali Rahmon to the development of tourism in the Republic of Tajikistan. The author also describes in his article the attractiveness of tourist sites, unique nature, healing waters, majestic mountains, a safe and peaceful atmosphere, an open door policy, a country with a rich history and culture, and the hospitable Tajik people. Based on such rich tourism resources of the country, the Leader of the Nation Emomali Rahmon declared 2018 as the Year of Tourism and Handicrafts and 2019-2021 as the Years of Rural Development, Tourism and Handicrafts. During this period, the creation of tourist service facilities,*

*handicraft enterprises and the development of tourism infrastructure are of great importance, and all this follows from the instructions of the Founder of Peace and National Unity, the Leader of the nation, Emomali Rahmon.*

*In his article, the author notes that through the efforts of the Leader of the Nation, the Republic of Tajikistan has become a full member of the World Tourism Organization and has established bilateral and multilateral cooperation with the sectors and member countries of this organization. Also, on the instructions of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, a number of sanatoriums, resorts and facilities related to this area have been built and renovated in the country.*

***Key words:*** *Message, Leader of the nation, tourism, instructions, infrastructure, tourists, services, capacity, people, crafts.*

УДК: 323.22

# НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР РОҲИ СУБОТ ВА ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ

**МУЗАФАРЗОДА ФАЗЛИДДИН,**
муаллими калони кафедраи
идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқӣ иқтисодии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 987-93-71-71. E-mail: muzafarzoda95@mail.ru
**КАРИМОВ РАҲМАТУЛЛО РАМАЗОНОВИЧ,**
ассистенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
Тел.: (+992) 881-88-80-41.E-mail: roma–jum@mail.ru

*Дар мақола масъалаи муҳимтарини манфиатҳои миллӣ барраси гардида, он ҷавҳари муҳимтарини муносибатҳои миллию сиёсӣ дониста шудааст. Манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи бақои он унсури ҳаётан муҳими ҷомеа ба ҳисоб рафта, нигаронии тамоми давлатҳо ба он равона гардидааст. Муаллиф ишора менамоят, ки Пешвои миллат дар тадбиқи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши ҳаётан муҳим дошта, маҳз талошҳои пайгиронаи он устуворию бақодории манфиатҳои миллии Тоҷикистонро дар системаи муносибатҳои геополитики устувор гардонидааст.*

*Талошҳои ҳамешаги ва пайгиронаи сарварӣ давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи устувори ва ҳифзи бақои манфиатҳои миллии Тоҷикистон аввалиндараҷа буда, дар пайки муваффақона тадбиқ намудани манфиатҳои бақодории давлату ҷомеа саҳмпазир мебошад. Кӯшишҳои ҳамешагии Пешвои миллат дар ташаккулёбии давлати миллӣ ва барқароршавии сулҳи тоҷикон далели ин гуфтаҳост. Ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити равандҳои муосири сиёсии ҷаҳонӣ басо мушкил буда, ҳифзи бақои он устувории ҳамешаги ва зиракии сиёсиро талаб менамояд. Дар асри муосир хавфу хатарҳои саёра имрӯзҳо механизмҳои ҳимоятшавандагии манфиатҳои миллиро дучанд намуда истодааст, ки он роҳу воситаҳои ҳифзи самараноки ва устувории ҳамешагии манфиатҳои миллиро талаб менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *манфиатҳои миллӣ, идоракунӣ, давлатдорӣ, қувва, консепсияи манфиатҳои миллӣ, давлатдории миллӣ, дахлнопазирӣ, моддӣ, сиёсӣ, маънавӣ, иқтисодӣ, милию этникӣ, хавфу хатар, истиқлолияти сиёсӣ, маънавиёт, барқароршавӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, амнияти миллӣ, иҷлосияи тақдирсоз.*

***Дар вазъи зудтағйирёбии ҷаҳони имрӯза ва таҳаввулоти олами муосир таъмини озодиву истиқлол, тамомияти арзӣ ва суботи сиёсӣ, амнияти сарзамин ва дар маҷмӯъ татбиқи манфиатҳои миллӣ аз умдатарин вазифаҳои мо буда, дар ин росто бо возеҳтар шудани раванди шиддатёбии рақобати қудратҳои бузург барои таҳкими нуфузи худ дар манотиқи мухталифи олам, ҷӯстуҷӯ ва пайдо намудани роҳу василаҳои беҳтарини ҳимоят ва татбиқи манфиатҳои миллӣ ташаббусу ибтикороти тоза ба тозаеро тақозо мекард.***

***Эмомалӣ Роҳмон***

Ҷаҳони муосир тарзе шакл гирифта истодааст, ки касро водор менамояд, то дар бораи равандҳои муосири сиёсӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми сиёсии олам андеша намояд. Равандҳои муосири сиёсӣ, ки имрӯз бо шиддат дар ҳолати

авчёбӣ қарор дорад, таъсири зиёди манфии худро ба манфиатҳои миллӣ мерасонад. Имрӯз масъалаҳои амалияи ҷамъиятӣ далели он аст, ки муҳандисони низоми нави ҷаҳонӣ, равандҳои муосири сиёсиро ба хотири ҳифзи манфиатҳои миллии хеш ва умумиҷаҳонӣ намудани арзишҳои миллии худ ва ҳифзу бақои он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, омодаи ҳама намуди қурбониҳо буда, аз байн бурдани патриотизми миллӣ, фарҳангу маданият ва дигар арзишоти давлатҳои миллиро мақсади хеш қарор медиҳанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати хавфу хатарҳои низоми сиёсии оламро ба манфиатҳои миллӣ ишора намудаанд: «Дар шароити зудтағйирёбанда ва вазъи шиддатноки равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем»[1].

Мақсаду ҳадафи ниҳоии ҳар як давлату миллат ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таҳкими бақодории он буда, он ба сифати унсури ҳайётӣ ва омили меҳварии рӯшди давлатдорӣ пазируфта мешавад. Манфиатҳои миллӣ омили меҳварии рушди давлатдорӣ буда нигаронии тамоми давлатҳо ба он равона шудааст, зеро мавҷудияти давлат, ҳадафу мақсад ва низоми идоракунии он дар асоси ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар раванди ташаккул ва инкишофи истиқлолияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба яке аз ҳадафҳои асосии стратегияи давлатдорӣ қарор гирифтааст. Ҳоло ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба сифати асоси фаъолияти ҳар як давлат баромад менамояд. Пӯшида нест, ки манфиатҳои миллӣ дар низоми илмҳои сиёсӣ яке аз масъалаҳои меҳварӣ мансуб меёбад ва дорои аҳамияти бузурги илмию назариявӣ ва амалию сиёсӣ мебошад.

Омӯзиши масъалаҳои мухталифи манфиатҳои миллӣ, бахусус, барои кишвари мо, ки даврони рушди истиқлолият ва давлатдории навинро аз сар мегузаронад, ҳукми бартарӣ ва зарурати хоссаро пайдо намудааст. Зеро мақом ва нақши манфиатҳо дар ташаккул ва инкишофи ҷомеа, дар раванди гузариши сиёсӣ аз як тамаддун ба тамаддуни дигар хеле барҷаста намудор гаштааст. Аз тарафи дигар, манфиатҳои миллӣ дар инкишофи муносибатҳои байналхалқӣ мақом ва нақши муассирро соҳибанд.

Ҳифзи манфиатҳои миллӣ асоси музаффариятҳои давлатдориро ташкил менамояд. Аз ин лиҳоз, зарурат ба амал омадааст, ки паҳлӯҳои асосии манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намоем, то он аз мадди назари шаҳрвандон дур нагардад: психологияи шахс ва ҷомеа, маърифати ҳуқуқию сиёсӣ ва динии шаҳрвандон, густаришёбии илм ва эҳёи маънавӣ, тараққиёти иқтисодӣ ва бозоргонӣ, мавҷудияти тафаккури солим ва бунёдкорию созандагии кишвар, кафолати давлатии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ваҳдати миллӣ, истиқлолияти сиёсӣ, амнияти миллӣ, асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳифзи ватан ва монанди инҳо ба сифати манфиатҳои миллӣ баромад менамояд.

Маълум аст, ки имрӯзҳо дар низоми сиёсии олам давлати муосирро бе хусусиятҳои хоси ташаккул ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ тасаввур кардан ғайри имкон аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки моҳият ва хусусиятҳои манфиатҳои миллӣ пеш аз ҳама дар талаботҳо ва манфиатҳои даркшудаи давлат зоҳир мегарданд, ки аз талабот, муносибатҳои иқтисодӣ ва геополитикӣ дар замири инкишофи давлат бармеоянд ва анъанаҳои таърихию маданӣ, стратегияи таъмини бехатарию амнияти миллӣ, ҳифзи

аҳолӣ аз таҳдидҳои берунӣ ва бенизомиҳои дохилӣ, фалокатҳои экологӣ ва инчунин вазифаҳои пешомади геостратегии инкишофи давлат, институтҳои дигари сиёсии ҷомеа ва ғайраҳоро фаро мегирад.

Дар раванди ташаккул ва инкишофи давлат талаботҳои сиёсӣ ва иқтисодию молиявӣ ҳар замон метавонанд тағйир ёбанд ва дар баробари он манфиатҳо, мақсадҳо, воситаҳо ва инчунин тағйироти сифатӣ дар сиёсати давлатӣ, аз ҷумла дар сиёсати хориҷии он низ ба амал меоянд. Тағйири талабот ва манфиатҳои давлат, аввалан, дар замири  манфиатҳои сиёсати хориҷӣ ва баъдан, дар асоси манфиатҳои махсус ба амал меоянд. Тағйирот дар асоси манфиатҳои сиёсати хориҷӣ аз таъмини амнияти кишвар ва ҳамчунин аз яклухтии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, истиқлолияти миллию таърихии давлат вобастагӣ дорад. Вобаста ба ин давлат манфиатҳои асосии худро тавассути воситаҳои ҳарбӣ, иқтисодӣ, дипломатӣ ва идеологӣ ҳимоя менамояд.

Дар замони муосир барои ташаккул ва рушди Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ҳифзи манфиатҳои миллӣ нақши бузург дорад. Дар даврони оғози соҳибистиқлолии мамлакат як қатор монеаҳои ҷиди дар самти ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба вуҷуд омаданд.

Бояд ёдовар шуд, ки бо ба даст овардани истиқлолияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дохили мамлакат равандҳои сиёсӣ, плюрализм, демократияхоҳӣ, фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои гуногун, ки онҳо даъвои ҳокимиятхоҳӣ карданд, як раванди бенизомиро дар кишвар ба вуҷуд овард. Дар натиҷа майдонишинию намоишҳо ва роҳпаймоиҳои беҳуда миллатро бо гурӯҳҳои бо ҳам муқобил ҷудо кард. Ин ҳолат ба он оварда расонид, ки миллат ба вартаи моҷарои мусаллаҳонаи ҳамватанӣ кашида шуд. Моҷаро паёмадҳои зиёдеро ба бор овард, ки он ҳамчун таҳдид ба манфиатҳои миллӣ гардид ва рушду инкишофи давлатро даҳсолаҳо қафо бурда ба маънавиёт ва ҷони инсонҳо таъсири ҷиддии манфие расонид, ки онҳо ҳаргиз барқарорнашаванда буданд.

Дар чунин ҳолати хавфу хатарҳо ва таҳдидҳои пай дар пай Эмомалӣ Раҳмон раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон интихоб шуд. Аввалин сухане, ки аз минбари иҷлосия садо дод «Ман ба шумо сулҳ меорам ва мо ҳама бародар ҳастем…» [6,60]. Мусаллам аст, ки интихоб воқеан ҳамеша ва аз ҳар ҷиҳат ҳам барои марҳилаи кунунӣ ва ҳам барои ояндаи давлати мо нақши сарнавиштсоз дорад. Хусусан барои халқи дар гузашта ранҷдидаи тоҷик, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ лаҳзаҳои фоҷиавиро аз сар гузаронидааст, сарвар нақши ҳалкунанда мебозад. Сулҳу субот дар хонадон, беҳбудии мардум, шукуфоии давлат маҳз аз ҳамин интихоб вобаста буд [4,4].

Он суханони дар Иҷлосия ироанамудаи раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон Эмамалӣ Раҳмон ба мардум, аз ҷумла ба гурезаҳо, боварию эътимод бахшид. Эмамалӣ Раҳмон дар суханрониҳояшон чунин ишора намуданд, ки  то як фирорӣ берун аз марзи кишвар аст, ман худро ором ҳис намекунам. Санъати роҳбарӣ, истеъдоди худодод ба ӯ имкон дод, ки амалиётҳои мусалаҳонаро дар минтақаҳои гуногуни кишвар дар муддати кӯтоҳ хомӯш намояд, Тоҷикистонро аз фалокат наҷот диҳад [3,6]. Халқи тоҷик ва оламиён шоҳиди онанд, ки кӯшишҳои пайвастаи Пешвои миллат, заҳматҳо, афкори нав дар ҳаллу фасли проблемаҳо самар дод ва боварии пурраи тарафайн ҳосил шуд.

Дар замоне, ки оташи ҷанги шаҳрвандӣ пайкари ватанро месӯхт, ба зимма гирифтани масъулияти роҳбарӣ ва наҷоти давлат кори босо мушкил буд. Аз ин рӯ, вақте Иҷлосияи тақдирсози Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд баргузор мешуд, бисёриҳо на танҳо масъулияти сарварии давлат, балки ҳатто масъулияти роҳбарии вазорату идораҳои давлатиро низ ба зимма гирифтан намехостанд [3,7].

Хушбахтона дар натиҷаи талошҳои пайвастаи Пешвои миллат ва ҳимояи устувори мардуми шарифи кишвар муясар гашт, ки ин масъулияти муқаддасу таърихиро ба уҳда гирем ва давлатдории миллиро аз вартаи нестӣ наҷот диҳем.

Бояд зикр кард, ки маҳз бо шарофати Пешвои муаззами миллат устувори ва татбиқи манфиатҳои миллии Тоҷикистон ба миён оварда шуд, ки он арзиши муҳимтарини даврони истиқлол дар таърихи давлатдории тоҷикон арзёбӣ мегардад.

Яъне бояд гуфт, ки ҳифзи содиқонаи манфиатҳои милливу давлатӣ, аз тамоми манфиатҳои дигар афзал донистани манофеи давлату миллат, саъю талоши пайваста ба хотири мустаҳкам намудани пояҳои давлати миллӣ, ҳифзи соҳибистиқлолии Ватан, суботи иҷтимоӣ, амнияти давлат ва ҷомеа, ваҳдати миллӣ ва иқтидори иқтисодии давлат вазифаи шаҳрвандӣ ва масъулияти фарзандии тамоми халқи Тоҷикистон мебошад.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ ба маҷлиси Олӣ иброз намуданд, ки “Мардуми шарифи Тоҷикистон масъулияти имрӯзу фардои кишвар, аз ҷумла ҳифзи истиқлолият, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими минбаъдаи пояҳои давлатдорӣ, таъмини амнияту оромии давлату ҷомеа ва ободиву пешрафти кишвари азизамонро ба зиммаи мову шумо вогузор намудаанд” [2].

Ҳимояи манфиатҳои миллӣ ҳамчун ҳадафи асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳанӯз дар ибтидои истиқлолияти давлатӣ дар асоси усули муносибатҳои баробарӣ ва дӯстӣ бо тамоми кишварҳои ҷаҳон муайян ва поягузорӣ гардида буд ва то ба имрӯз боқи мондааст.

Ҳамчунин хотирнишонбояд сохт, ки ба хотири посдории арзишҳои миллӣ ва махсусан манфиатҳои миллии Тоҷикистон аз хавфу хатарҳои низоми сиёсии олам ва дигар равандҳои сиёсии муосир моро зарур меояд, ки манфиатҳои миллии Тоҷикистонро асоси музаффариятҳои давлат шуморида, сарватҳои маънавии миллиро баланд бардорем, то ки он аз мадди назари шаҳрвандон дур нагардад. Ба хотири мавҷудият ва бақодории манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои рушди он ишора намудан зарур аст, ки муҳаққиқи ҳаққиқӣ ҳамонест, ки дар доираи манфиатҳои миллии мамлакати худ ҳарф мезанад. Зеро ки раванди бо суръат глобаликунонии сайёра метавонад таҳдиди бузурги худро ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон ваояндаи рушди он расонад.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26.01.2021 12:15, шаҳри Душанбе. http://prezident.tj/node/25005
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2016 12:06, шаҳри Душанбе, http://www.president.tj/node/13739
3. У. Ғаффоров, Ф. Каримов. Иҷлосияи тақдирсози миллат. – Душанбе, 2012
4. Ш. Абдуфаттоҳ, U. Абдулло. Наҷотбахши миллат. – Душанбе, 2012
5. Шаъбонов Н. Н. Ташаккули падидаи маданияти сиёсӣ ҳамчун раванди сиёсӣ дар шароити дигаргунсозии ҷомеа. - Душанбе, 2014.


# РОЛЬ ЭМОМАЛИ РАХМОНА НА ПУТИ СТАБИЛЬНОСТИ И ЗАЩИТЫ НАЦИОНАЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ

**МУЗАФАРЗОДА ФАЗЛИДДИН,**
старший преподаватель кафедры государственного
управления и экономического права
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33,
Тел.: (+992) 987-93-71-71. E-mail: muzafarzoda95@mail.ru
**КАРИМОВ РАХМАТУЛЛО РАМАЗОНОВИЧ,**
ассистент кафедры управления человеческими ресурсами
Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан.
734003, г. Душанбе, улица Саида Носира 33,
Тел.: (+992) 881-88-80-41. E-mail: roma–jum@mail.ru

*В статье рассматривается важнейший вопрос национальных интересов, который считается важнейшей основой национально-политических отношений. Национальные интересы и сохранение их ценности являются жизненно важными элементами общества и заботой всех стран. Авторы отмечают, что Лидер нации играет жизненно важную роль в реализации национальных интересов Республики Таджикистан, и именно его последовательные усилия укрепили стабильность национальных интересов Таджикистана в системе геополитических отношений.*

*Постоянные и последовательные стремления главы государства уважаемого Эмомали являются приоритетом на пути стабильности и защиты национальных интересов Таджикистана, и способствуют успешной реализации интересов государства и общества. Об этом свидетельствуют постоянные усилия Лидера нации в формировании национального государства и восстановлении мира в Таджикистане. Защита национальных интересов очень сложна в контексте современных глобальных политических процессов, а сохранение ее стабильности требует постоянной стабильности и политической рассудительности. В современном веке угрозы и опасности планеты удваивают механизмы защиты национальных интересов, которые требуют способов и средств для эффективной и постоянной защиты национальных интересов.*

***Ключевые слова:*** *национальные интересы, управление, государственность, силы, концепция национальных интересов, национальная государственность, неприкосновенность, материальные, политические, духовные, экономические, национальные и этнические, опасность, политическая независимость, духовность, восстановление, права и свободы человека, национальная безопасность, судьбоносная сессия*

# THE ROLE OF EMOMALI RAHMON ON THE PATH OF STABILITY AND PROTECTION OF NATIONAL INTERESTS

**MUZAFARZODA FAZLIDDIN,**
Senior Lecturer of the Department of
Public Administration and Economic Law of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 987-93-71-71. E-mail: muzafarzoda95@mail.ru
**KARIMOV RAKHMATULLO RAMAZONOVICH,**
Assistant of the Department of Human
Resources Management
of the Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.

734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 881-88-80-41; E-mail: roma–jum@mail.ru

*The article examines the most important issue of national interests, which is considered the most important basis of national-political relations. The national interest and the preservation of its value are vital elements of society and the concern of all countries. The authors note that the Leader of the Nation plays a vital role in realizing the national interests of the Republic of Tajikistan, and it was his consistent efforts that strengthened the stability of Tajikistan's national interests in the system of geopolitical relations.*

*The constant and consistent aspirations of the head of state Emomali Rahmon are a priority on the path of stability and protection of the national interests of Tajikistan, contribute to the successful implementation of the interests of the state and society. This is evidenced by the constant efforts of the Leader of the Nation in the formation of a nation state and the restoration of peace in Tajikistan. Protection national interests are very difficult in the context of modern global political processes, and maintaining its stability requires constant stability and political prudence. In the modern century, the threats and dangers of the planet are doubling the mechanisms for protection national interests, which require methods and means for effective and permanent protection of national interests.*

***Key words:*** *national interests, governance, statehood, power, the concept of national interests, national statehood, inviolability, material, political, spiritual, economic, national and ethnic interests, danger, political independence, spirituality, restoration, human rights and freedoms, national security, decisive session.*

УДК: 321.1(575.3)

# САҲМИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАШАККУЛИ ДАВЛАТИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

**САИДЗОДА БАҲРУЛЛО ХОЛ,**
доктори фалсафа Phd аз рӯйи ихтисоси психология,
муаллими калони кафедраи психологияи факултети фалсафаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
704025, Ҷумхурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Тел.: (+992) 987-95-70-70. Email: bahrullo_90@mail.ru

*Барои шинохти давлат ва миллат дар арсаи ҷаҳон чеҳраҳо ва сарвароне пештоз мешаванд, ки бо заҳматҳои шабонарузӣ ва ҷоннисории бесобиқа, давлату миллати хешро ба қуллаи фатҳ мерасонанд. Сарварон ва пешвоёни ҷомеаҳои гуногун бо доштани қобилияти махсуси идоранамоӣ, давлату миллати худро дар замони порокандашавӣ, ки вақти башумор мондааст аз вартаи нобудшавию ноумедӣ ба самти муайяни инкишофи бо суръат раҳсипор менамоянд. Дар ин замина онҳо ба як элитаи сиёсии ҷомеа мубаддал мегарданд. Зеро онҳо аз мардуми таҳҷоӣ буда, хештаншиносу худогоҳ ва мардумдӯсту ватандӯст мебошанд, ки ба сатҳи олитарин мақом «Пешво» рафта мерасанд. Яке аз чунин чеҳраҳо президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Эмомалӣ Раҳмон бо заҳматҳо ва ҷонфидоиҳо аз оғози раванди истиқлолиятхоҳӣ, аз буҳрони сиёсӣ раҳо намудани миллати тоҷик ва барои ташкил кардани бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ корҳои беназирро анҷом додааст.*

*Файласуфи Юнони қадим Афлотун дар асри худ «Давлат» қайд карда буд, ки «дар давлат бояд ҳикмат, шуҷоат, иффат ва адолат ҳукмфармо бошад». Ба ақидаи Афлотун сиёсат санъатест, ки донишу маҳорати хоси идоракуниро тақозо менамояд. Донишу маҳорати идоракунии ба худ хос ин яке аз ҷиҳатҳои муҳими сарварии сиёсии Эмомалӣ Раҳмон ба шумор меравад, ки дар меҳвари асосии он хирад ва зеҳни амиқи сиёсӣ мебошад. Инчунин, дар зимоми давлатдорӣ ҳикмат, шуҷоат, иффат ва адолатеро, ки Афлотун дар асри худ «Давлат», қайд карда буд Эмомалӣ Раҳмон дар давлати мустақил ва демократии тоҷикон дар амал тадбиқ намуд.*

***Калидвожаҳо:*** *миллат, давлат, сулҳ, пешво, ҷанг, сиёсат, чеҳраҳо, сарварон ва пешвоёни ҷомеа, буҳрони сиёсӣ, миллати тоҷик, бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ.*

Барои шинохти давлат ва миллат дар арсаи ҷаҳон чеҳраҳо ва сарварone пештоз мешаванд, ки бо заҳматҳои шабонарузӣ ва ҷоннисории бесобиқа, давлату миллати хешро ба қуллаи фатҳ мерасонанд. Сарварон ва пешвоёни ҷомеаҳои гуногун бо доштани қобилияти махсуси идоранамоӣ, давлату миллати худро дар замони порокандашавӣ, ки вақти башумор мондааст аз вартаи нобудшавию ноумедӣ ба самти муайяни инкишофи бо суръат раҳсипор менамоянд. Дар ин замина онҳо ба як элитаи сиёсии ҷомеа мубаддал мегарданд. Зеро онҳо аз мардуми таҳҷоӣ буда, хештаншиносу худогоҳ ва мардумдӯсту ватандӯст мебошанд, ки ба сатҳи олитарин мақом «Пешво» рафта мерасанд. Яке аз чунин чеҳраҳои мондагор президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Эмомалӣ Раҳмон бо заҳматҳо ва ҷонфидоиҳо аз оғози раванди давлатсозӣ, аз буҳрони сиёсӣ раҳо намудани миллати тоҷик, бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ корҳои беназирро анҷом додааст. Аз ин рӯ, ӯ меъмори давлати демократӣ ва сулҳу ваҳдати тоҷикон ба ҳисоб меравад. Бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ба эътидол овардани вазъи сиёсии милати тоҷик, эҳё намудани давлати мустақил ва демократии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11- уми декабри соли 1999 унвони олии «Қаҳрамони

Тоҷикистон» дода шуд. Инчунин, бо қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат», соли 2016 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, барои баркарор нумудани суботи сиёси, баргардонидани гурезагон, бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва дигар хизматҳои бузургу беназираш ба ҳайси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат эътироф гардид.

9-уми сентябри соли 1991 дар харитаи сиёсии ҷаҳон Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол пайдо гашт. Барои давлати мустақили тоҷикон марҳилаи эҳё ва созандагӣ оғоз гардид. Вале ҳеҷ кас гумон намекард, ки ин марҳилаи таърихи навини тоҷикон, ки таърих ва фарҳанги қадима доранд ба бухрони сиёсии солҳои 90-уми қарни XX ба ном «драмаи миллӣ» дучор мегардад. Низои сиёсии тоҷикон ҳамчун таҳавулоти шаклҳои ҷустуҷӯӣ аз байн бурдани фазои зиндагӣ, айният бо муносибатҳои давлатҳои навтаъсисёбанда қаламдод карда мешавад [7,20].

Бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ фазои сиёсии Тоҷикистон солҳои 90-ум тағйир ёфт. Тоҷикистон ҳамчун давлати собиқи Шуравӣ, низоми сиёсии куҳнаро мерос гирифт, ки ба талаботи давлати демократӣ ҷавобгӯ набуд. Тараққиёти сусти иқтисодии минтақаҳо, дар сатҳи паст ҷалб намудани инвеститсияи хориҷӣ, ислоҳоти сусти низоми сиёсӣ, рақобатҳои геополитикии давлатҳои абарқудрат ва ҳамсоягӣ бо кишвари ҷангзадаи Афғонистон боиси сар задании низои сиёсии тоҷикон гашт. Он солҳо (1992 -1997) ҳеҷ кас андеша намекард, ки ин «драмаи миллӣ» роҳи ҳалли худро дорад, аксар сиёсатмадорон ба он назар буданд, ки на лидери сиёсӣ ҳаст ва на қуввае, ки халқро орому аз гурезашудан боздошта ва ба ваҳдату ҳамдилӣ даъват намояд. Ба ин масъала олимон ва рӯзноманигорон танҳо баъди имзо шудани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (27 июни соли 1997) дар шаҳри Москва баҳои сиёсии худро доданд. Дар ин ҷо сухан дар бораи ҷонфидоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меравад [1,49-53] .

Котиби Генералии созмони СММ Кофи Аннан дар маҷаллаи махсуси русии «Огонёк» соли 2001 ҳамчун дӯсти тоҷикон навишта буд: «Тоҷикистон намунаи хоси ҳалли мунокишаи дохилиро пешниҳод намуд. Фикр мекунам, ки ин ҳиссаи Тоҷикистон дар таърихи истиқрори сулҳ ба ҳисоб меравад». Ибтидои фаъолияти сарварии сиёсии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон дар шаҳри бостонии Хуҷанд ба шумор мерафт, ки аз ҷумла он вақт ҳамчун раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон чунин суханҳои таърихиро баён намуда буданд: «Ман ҳамчун сиёсатмадор аз рӯи тақдир ба шароити таърихии худ ба сарварии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар лаҳзаҳои душвор ба муқовимат омадам, ки ҳар рӯзи ҷангро аз байн бурдан, ба Ватан ҳар чӣ зудтар сулҳ ва созиш овардан, ин мақсади олии ман буд, ки барои ба даст овардани он ҳеҷ чизро дареғ намедоштам» [11].

Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин ба сарварии сиёсии Эмомалӣ Раҳмон чунин баҳо дода буд: «Эмомалӣ Раҳмон дар байни сиёсатмадорони давлатҳои мустақил яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд ва ин тасодуфӣ нест. Тамоми кӯшишҳои вай шаҳодати он мебошад, ки дар Тоҷикистон ҷараёни сулҳ мегузарад, ки монанди он дар дигар кишварҳои ба низоъ дучоргашта вуҷуд надорад. Он чизе, ки дар Тоҷикистон мегузарад ин намунаи хуб барои бисёр халқҳо ва кишварҳо ба шумор меравад» [5,3 ].

Файласуфи Юнони қадим Афлотун дар асри худ «Давлат» қайд карда буд, ки «дар давлат бояд ҳикмат, шуҷоат, иффат ва адолат ҳукмфармо бошад» [6, 20]. Ба ақидаи Афлотун сиёсат санъатест, ки донишу маҳорати хоси идоракуниро тақозо

менамояд. Донишу маҳорати идоракунии ба худ хос ин яке аз ҷиҳатҳои муҳими сарварии сиёсии Эмомалӣ Раҳмон ба шумор меравад, ки дар меҳвари асосии он хирад ва зеҳни амиқи сиёсӣ мебошад. Инчунин, дар зимоми давлатдорӣ ҳикмат, шуҷоат, иффат ва адолатеро, ки Афлотун дар асри худ «Давлат», қайд карда буд Эмомалӣ Раҳмон дар давлати мустақил ва демократии тоҷикон дар амал тадбиқ намуд.

Дар Иҷлосияи 52-юми Маҷмааи Генералии СММ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чандин бор бо дарки сиёсии амиқ изҳор намуд:

«Дар байни низоъҳо ва ҳолатҳои буҳронӣ, баъди анҷоми «ҷанги сард» аз масъалаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дида муҳимтар масъала нест, ки ба паҳншавии ярок, маводи мухаддир, терроризм ва ифродагароӣ дар минтақа мегардад» [8, 30]. Мутаассифона ин пешгӯиҳои сиёсии Эмомалӣ Раҳмонро чандон ба назари эътибор нагирифтанд.

Воқеаи 11-уми сентябри соли 2001 амали терроризми байналмилалӣ дар ИМА исбот намуд, ки то кадом дараҷа андешаҳои сиёсии Эмомалӣ Раҳмон ба таҳлил ва баррасии масоили сиёсии минтақа ва ҷаҳон кодир аст. «Ташаккули муносибатҳои сиёсӣ ба ақидаи сотсиологи рус Кравченко А.И. дар заминаи институти сиёсии ҷомеа, ки яке аз институтҳои асосӣ ба шумор рафта, таъиноти асосии он амният ва тартиботи ҷамъиятӣ мебошад, баррасӣ мегардад».

Бинобар ҳамин, ба ақидаи мо, сарварии сиёсии Эмомалӣ Раҳмон то ба арсаи сиёсати бузург омадани ӯ ба ҳайси намояндаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон оғоз гардида, ба марҳилаҳои зерин ҷудо мешавад:

- марҳилаи якум, солҳои 1990-1991 то қабули Эъломияи Истиқлолияти давлатӣ ва эълон шудани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (24.08.1990. – 9.09.1992);
- марҳилаи дуюм – даъвати Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ибтидои муттаҳидшавии халқи тоҷик (16.11.1992 – 6.12.1994);
- марҳилаи сеюм - ташаккули муносибатҳои нави сиёсӣ бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоби Президенти ҷумҳурӣ (06.11.1994. – 27.6.1997);
- марҳилаи чорум – имзои Созишномаи истиқрори сулҳу ризоияти миллӣ ва фазои баъдиҷангӣ (27.06.1997 – 11.03.2002);
- марҳилаи панҷум – имзои ризояти миллӣ аз ҷониби ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии ҷумҳӯрӣ (11.03.2002 – 22.06.2003);
- марҳилаи шашум - гузаронидани райъпурсии умумихалқӣ ва ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1999-2003);
- марҳилаи ҳафтум – интихоби умумихалқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2006);
- марҳилаи ҳаштум - гузаронидани райъпурсии умумихалқӣ ва ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.05.2016).

Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик З. Мамадҷонова «бисёр олимон чунин ақида доранд, ки равандҳое, ки дар ҷомеаи тоҷикон мегузаранд, ин давраи қонунии бунёди шууру худогоҳии ҳар як халқ, аз ҷумла тоҷикон ба ҳисоб меравад, ки дар онҳо тағйиротҳои дарднок дар муносибатҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба вуҷуд меояд» [3].

Яке аз ин бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёди Тоҷикистон аст, ки ба марҳилаи таърихи навини худ дар арсаи ҷаҳон вориди корзори сиёсӣ шудааст. Баъд аз ҳазорсолаҳо бо талошу ҷоннисориҳои Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давлати миллӣ

ва демократии тоҷикон дубора эҳё шуд. Низоми давлатдории кунунии тоҷиконро «Маданияти давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» ё худ «Мактаби сиёсии Эмомалӣ Раҳмон» ташкил медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон борҳо хусусияти демократӣ ва башардӯстии афкори сиёсии худро эълон намудааст. Ӯ чунин андеша дорад: «Мо ба ягон кас модели демократияи худро бор намекунем, ки решаҳои худро дошта, бо системаи дунявӣ ҷомеа асос ёфтааст. Аммо ҳуқуқи демократии мост, ки моделҳои таҳмилшавандаи дигаргунсозии давлати худро қабул надорем, ки метавонанд вазъиятро дар кишвар ноором гардонида ба ҷудоандозӣ, бухрони сиёсӣ, аз даст рафтани истиқлолият оварда расонанд [10].

Дар ҷаҳон мактабҳои сиёсӣ, аз қабили мактаби америкоӣ, англисӣ, олмонӣ, франсавӣ ва ғайра зиёд мебошанд, лекин то ҳол мактаби сиёсии тоҷикон, бахусус мактаби сиёсии муосири он ба пуррагӣ тадқиқ нагаштааст. Аз ин лиҳоз, мактаби сиёсии тоҷикон аз замони Абунасри Форобӣ, Ибни Сино, Низомулмулк ва Эмомалӣ Раҳмон хеле пурқувват буда, бахри санъати идоракунии давлат намуна мебошанд.

Абунасри Форобӣ - яке аз мутафаккирони асримиёнагии тоҷик буд, ки хусусият ва хислатҳои сарварии сиёсиро пешниҳод намуд, ки қимати сиёсии худро то ҳол гум накардаанд:

1. Сарвар бояд аз ҷиҳати табиӣ мутлақо ҷисми мустаҳакам, қобилияти узвҳои бадан барои ҳаракатҳои заруриро дошта бошад.

2. Аз нигоҳи табиӣ ба таври аъло табиати шӯх дошта, гуфтаҳои худро дарк намояд.

3. Хотираи мустаҳакам дошта бошад, ҳамаи он чизҳоеро, ки ба ӯ мегӯянд, тасаввур карда тавонад.

4. Ақл ва зеҳни чуқур дошта бошад.

5. Нутқи бурро ва тафаккури равшан дошта бошад.

6. Муҳаббат ба таълим ва маърифат дошта бошад.

7. Ҳақиқатро дӯст дорад ва тарафдори он бошад, дурӯғ ва дурӯғгуёнро бад бинад.

8. Дили кушод дошта, шаъну шарафро қимат донад.

9. Дирам, динор ва дигар нишондодҳои ҳаёти моддиро нафрат кунад.

10. Аз табиат адолатро дӯст дорад.

11. Беадолатӣ ва зулмро бадбинӣ намояд.

12. Ба одамони худӣ ва бегона адолатнок бошад, дар назди адолат якравӣ накунад.

13.Ҷасур бошад ва зуд қарор барорад, тарсу буздилӣ надошта бошад.

14. Ба таври хуб санъати идоракуниро донад [2, 190-196].

Сифатҳоеро, ки Абунасри Форобӣ барои сарвари сиёсӣ хос донистааст, якояк ба шахсияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мувофиқ буда, борҳо дар раванди душвори идоракунии давлат дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ исбот намудааст.

Ба ақидаи муҳаққиқи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон Одиназода А.Ш. барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ шароитҳои муайяни иҷтимоӣ зарур аст, ки ба ин шароитҳо дохил мешаванд:

- шароитҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ;
- шароитҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ;
- шароитҳои фарҳангӣ.

Барои ҳамаи ин шароитҳо сарварии сиёсии Эмомалӣ Раҳмон идеяҳои конструктивӣ пешниход намуда, равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро омили муҳими давлатдорӣ меҳисобад.

Барномаҳои гуногуни рушди иқтисодӣ (бунёди роҳҳо, сохтмони азими НБО – «Роғун», корхонаҳои саноатӣ, рушди кишоварзӣ ва ғ.), рушди демократия дар Тоҷикистон (бисёрҳизбӣ, озодии матбуот, дину виҷдон, иштироки васеи мардум дар идоракунии давлатӣ, баробарии гендерӣ), Стратегияи кам кардани сатҳи камбизоатӣ, ҳимояи қишрҳои ниёздоштаи ҷомеа, танзими расму оинҳо, барномаҳои фарҳангӣ (2006-бузургдошти соли тамаддуни ориёӣ, 2500-солагии Истаравшани бостонӣ, 2700-солагии шаҳри бостонии Кулоб, 3000-солагии Ҳисори шодмон, соли 2009-соли бузургдошти Имоми Аъзам), сиёсати берунии бисёрвектораи давлати Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, робитаҳои қавӣ бо кишварҳои гуногуни ҷаҳон бидуни низоми сиёсии онҳо ва дигар барномаҳои муштараки инкишофи иқтисодӣ–иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа, аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки самтҳои асосии сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Рахмонро муайян месозанд.

Имзои намояндагони як қатор ҳизбу созмон дар «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон» низ иқдоми наку ва боэътимодест барои таъмини якпорчагӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу осоиш ва якдигарфаҳмӣ дар сар то сари кишваре бо номи Тоҷикистон» [9,15].

Дар маҷмӯъ хусусиятҳои муҳими сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумхури Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон инҳо мебошанд:

- фароҳам овардани фазои мӯътадил дар ҷомеа барои рушди ояндаи бемайлони он;
- ҷонибдории арзишҳои демократӣ бо назардошти фарҳанг ва психологияи хос миллӣ;
- гуногунандешагӣ, озодии виҷдон, матбуот;
- таҳаммулпазирӣ, эътирофи ҳуқуқи халқҳои сокини Тоҷикистон ва расму русуми онҳо;
- институти бисёрҳизбӣ ва манъи ҳизбҳои хусусияти ифродгароӣ дошта;
- нигаҳдории принсипи дунявияти давлат;
- равобити гуногунвекторӣ бо кишварҳои хориҷӣ, сиёсати дарҳои боз;
- пойдории ваҳдати миллӣ, якпорчагӣ ва дӯстии халқҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ;
- рушди босуботи иқтисоди миллӣ, ҳимояи бозори дохилӣ, асъори миллӣ;
- давра ба давра кам намудани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар;
- ҳимояи қишрҳои камбизоати ҷомеа ва ғамхорӣ дар ҳаққи онҳо;
- танзими оила ва ҳимояи иҷтимоии он аз ҷониби давлат;
- танзими расму оин, кам намудани хароҷотҳои зиёдатӣ ва бо ин роҳ ғанӣ гардонидани буҷаи оилавӣ;
- самти афзалиятнок эълон намудани рушди маориф ва наздикшавӣ ба ҷомеаи технологӣ;
- ҳимояи манфиатҳои геополитикии Тоҷикистон ва амнияти дохилӣ ва берунии он;
- танзими равандҳои муҳоҷират ба бозори меҳнати дохилӣ ва ҷалб намудани шаҳрвандон;

- ҳимояи ҳаёт, тандурустӣ, ташкили фароғати мусоиди шаҳрвандон бо нигоҳдории хусусиятҳои миллӣ – этникӣ (табдили Тоҷикистон ба яке аз кишварҳои демократии тараққикардаи озод, соҳибихтиёр ва ҷолиби сайёҳӣ).

Эмомалӣ Раҳмон қайд менамояд «Бо боварӣ гуфта метавонем, ки давраи нави инкишофи бо суръати иқтисодӣ–иҷтимоии кишвар фаро расидааст, ки муносибати комплексиро дар бунёди низоми инкишофи миллӣ талаб менамоянд» [4, 9-10].

Таҳлил ва тадққи адабиёти илмӣ ва илмӣ–оммавӣ нишон медиҳад, ки масъалаи мазкур актуалӣ буда, то ба ҳол паҳлуҳои равшаннашуда дорад. Моҳият ва паҳлуҳои гуногуни сарварии сиёсии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва заҳматҳои беназири ин шахсияти таърихӣ дар наҷот ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол тадқиқоти пурраи фундаменталиро дар илмҳои сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ тақозо менамояд.

**Адабиёт**


1. Асламов Б.С. Осори илми Академияи ВКД ҶТ/ Б.С. Асламов, С.Т. Маҳмадов// Саҳми Эмомалӣ Шарипович Раҳмон ҳамчун пешвои сиёси дар истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ. – 2002. С. 49-53
2. Джураев Р.З. Труды Академии МВД РТ/ Р.З. Джураев// Необходимый качество и свойство политического лидера. – 2002 – №5. –. С. 190-196
3. Мамаджонова З. Национальные отношения в Таджикистане. Этносы Таджикистана: Реальность и перспективы развития. Бизнес и политика, № 6. 2002
4. Международный журнал о лидерах и для лидеров. №7-8, Москва, 2008. С. 9-10.
5. Огонёк. Специальный выпуск, 2001. С.3.
6. Сайфуллоев Н.М. Таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат/ Н.М. Сайфуллоев, П.М. Раҷабов. – Д.: 2006. С. 20.
7. Семененко О.Ю. Политически конфликты и механизмы разрешения (опыт Таджикистана) Автореферат диссертации на соискания ученой степени кандидат политических наук. Душанбе, 2002. С. 20.
8. Сухомлинов В. Дорога к согласие: Эмоали Рахмон человек и политик/ В. Сухомлинов, Г. Шолаев. – М.: 2002. С. 30.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих/ Эмомалӣ Раҳмон. – Д.: 1997. – С. 15
10. Эмомалӣ Раҳмон. Республика Таджикистан: на пороге XXI века. Независимая газета, 8-декабря, 2000.
11. Раҳмон Э.Ш. Таджикистан уникальный опыт мира и согласия. Народная газета, 2002. №26.


## ВКЛАД ЭМОМАЛИ РАХМОНА В СТАНОВЛЕНИИ ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО ГОСУДАРСТВА


**САИДЗОДА БАХРУЛЛО ХОЛ,**
доктор философии Phd по психологии,
старший преподаватель кафедры психологии факультета философии
Таджикского национального университета,
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17,
Тел.: (+992) 987-95-70-70. E-mail: bahrullo_90@mail.ru


*Для признания государства и нации на мировой арене, есть лица и лидеры, которые с беспрецедентным трудом и самоотверженностью приведут свое государство и нацию к*

*вершине завоевания. Главы и лидеры различных обществ, обладающие особой способностью управления, ведут свое государство и нацию в момент распада, когда остается мало времени, от разрушения и отчаяния к определенному направлению быстрого развития. В этом контексте они становятся политической элитой общества. Поскольку они являются коренным народом, самосознательным и патриотичным, достигших наивысшего уровня статуса «Лидер». Одной из таких фигур является Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон. Эмомали Рахмон неустанно и самоотверженно работал с самого начала процесса независимости, чтобы освободить таджикский народ от политического кризиса и построить правовое, демократическое и светское государство.*

*Древнегреческий философ Плутон отмечал в своем труде «Государство», что «в государстве должны царить мудрость, отвага, целомудрие и справедливость». По мнению Плутона, политика - это искусство, требующее особых знаний и управленческих навыков. Особые знания и управленческие навыки считаются одной из важнейших сторон политического лидерства Эмомали Рахмона, в основе которой лежит глубокая политическая мудрость и интеллект. Также при управлении государством Эмомали Рахмон претворил в жизнь в независимом и демократическом государстве таджиков мудрость, отвагу, целомудрие и справедливость, отмеченные Плутоном в своей книге «Государство».*

***Ключевые слова:*** *нация, государство, мир, лидер, война, политика, лица, главы и лидеры общества, политический кризис, таджикский народ, построение правового, демократического и светского государства.*

# THE CONTRIBUTION OF EMOMALI RAHMON TO THE FORMATION OF THE TAJIK NATIONAL STATE

**SAIDZODA BAHRULLO KHOL,**
Doctor of philosophy PhD in psychology,
senior lecturer of Psychology Department of the Faculty of Philosophy,
Tajik National University,
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki ave.,
Phone: (+992) 987-95-70-70. Email: bahrullo_90@mail.ru

*To recognize the state and nation on the world stage, there are individuals and leaders who with unprecedented work and dedication will lead their state and nation to the top. The heads and leaders of various societies, who have a special ability to govern, lead their state and nation at the moment of disintegration, when there is little time left, from destruction and despair to a certain direction of rapid development. In this context, they become the political elite of society. Because they are an indigenous people, self-aware and patriotic, having reached the highest level of the status of "Leader". One of the such figures is the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon. Emomali Rahmon worked tirelessly and selflessly from the very beginning of the independence process to liberate the Tajik people from the political crisis and build a legal, democratic and secular state.*

*The ancient Greek philosopher Pluto noted in his work "The State", that "wisdom, courage, chastity and justice should reign in the state". According to Pluto politics is an art that requires special knowledge and governing skills. Special knowledge and governing skills are one of the most important sides of Emomali Rahmon' s political leadership, the main focus of which is deep political wisdom and intelligence. Also when governing the state, Emomali Rahmon implemented the wisdom, courage, chastity and justice noted by Pluto in his work "The State" in the independent and democratic state of the Tajiks.*

***Key words:*** *nation, state, peace, leader, war, politics, persons, heads and leaders of the society, political crisis, Tajik people, building a legal, democratic and secular state.*

УДК: 339.9

# РАВИШҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ ТАЪСИРИ ҶАҲОНИШАВӢ БА АМНИЯТИ МОЛИЯВӢ

**ИЗАТУЛЛОИ ҲАБИБЗОД,**
докторанти (PhD)-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5, 33.
Тел.: (+992) 918-70-80-30. E-mail: izatullo_90@mail.ru

*Дар мақола равишҳои назариявии таҳқиқи таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Омӯзиши муфассали равишҳои ҷойдоштаи мафҳуми ҷаҳонишавӣ ба роҳ монда шуда усулҳо ва равишҳои он дар бахши молия мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мафҳумҳои ҷойдоштаи ҷаҳонишавии молиявӣ гурӯҳбандӣ карда шуда хусусиятҳои хоси он ошкор карда шудааст. Қайд мегардад, ки раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёти миллӣ пайваста боиси пайдоиши бозорҳои нав, ба вуҷуд омадани объектҳои нави инфрасохтори бозори ҷаҳонӣ, таҳияи қоидаҳои нави танзими муносибатҳои байналмилалӣ дар шакли созишномаҳои бисёрҷониба оид ба ҳамкорӣ мегардад. Собит карда шудааст, ки бисёр унсурҳои ҷаҳонишавии молиявӣ дар натиҷаи рушди худи бахши молиявӣ пайдо шуданд, ки ба афзоиши сармояи озоди пулӣ ва ҳаракати он дар байни кишварҳо алоқамананд. Аз тарафи муаллиф таърифи нави ҷаҳонӣ пешкаш карда шуда, самтҳои асосии он ошкор, вазифаҳояш мушахас карда шудаанд. Оқибатҳои мусбӣ ва таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ ба низомҳои молиявии иқтисодиётҳои миллӣ мушаххас карда шуда тавсияҳои илмию методӣ барои вокуниши кишварҳо ба он бо дарназардошти мутобиқгардонии бахши молиявишон ба ин раванд бо дарназардошти истифодаи имкониятҳои байналмилаликунонии иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод карда шудаанд.*

***Калидвожаҳо**: ҷаҳонишавӣ, байналмилалишавӣ, ҷаҳонишавии иқтисодиёт, ҷаҳонишавии молиявӣ, молия, низоми молия, амнияти иқтисодӣ, амнияти беруниқтисодӣ, амнияти молиявӣ.*

Дар замини муосири рушди муносибатҳои хоҷагидорӣ давлатҳои ҷаҳон дар алоҳидагӣ фаъолият намуда, бештар ба ҳамдигар вобаста ба мубодилаи омилҳои муайяни истеҳсолот алоқаманд гардидаанд. Чунин алоқамандӣ марҳила ба маҳила авҷ гирифта, доираи он васеъ мегардад, ки аз байналмилалишавии ҳаёти хоҷагидорӣ то ҷаҳонишавии он оварда расонидааст. Ҷаҳонишавӣ аллакай ҳамчун раванде қабул карда мешавад, ки қодир аст ҳаракати номаҳдуди молҳо ва хизматрасониҳоро миёни кишварҳои гуногун аз нуқтаи назари иқтисодӣ таъмин намояд. Сармоягузориҳои хориҷӣ имрӯз ба як унсуре табдил ёфтаанд, ки ба гардиши байналмилалии молу хизматрасонӣ «пайванд» шуда, ҳиссаи худро дар ин муомилот бо суръати тез афзоиш медиҳанд. Воқеияти мазкур пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ба вуҷуд омада, дар солҳои 80-уми қарни гузашта доираи боз ҳам васеътарро пайдо кард. Омӯзишҳо нишон доданд, сармоягузории хориҷӣ дар кишвар бояд дар сатҳе бошад, ки самаранокии иқтисоди кишварро таъмин карда тавонанд.

Дар 20 соли охир ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба таври назаррас суръат гирифт. Инро ҳамчун фишори кишварҳои мутараққӣ барои баланд бардоштани суръати афзоиши тақсимоти байналмилалии меҳнат шарҳ медиҳад, ки ин ба ширкатҳои бузург имкон медиҳад, бо роҳи зиёд кардани истеҳсолот ва истисмори қувваи кории арзон бозорҳоро васеъ намоянд. Бе шубҳа он сифати муҳаррики ҷаҳонишавии тағйироти технологӣ баромад мекунанд. Дар 20 соли охири асри XX дастрасии бештар ба технологияҳои нав якбора васеъ шуд. Паҳншавии навовариҳои технологӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ

воқеан субъектҳои хоҷагидорро маҷбур сохт, ки бо ҳамдигар бо тарзҳои нави сифатӣ аз усулҳои қаблӣ муошират кунанд. Яъне ҷаҳонишавиро метавон марҳилаи нави рушди инсоният эътироф кард [14, с.45].

Яке аз хусусиятҳои муҳимтарини тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар замони муосир тағйирёбии сохтории иқтисодиёти миллии бисёр давлатҳо дар натиҷаи пурзӯр гардидани номутаносибии ҷаҳонии иқтисодӣ мебошад. Ҷамъияти илмӣ ба номутаносибии иктисодӣ, пеш аз ҳама, зиддиятҳои молиявӣ ва таъсири онҳо ба иқтисодиёт дахл мекунад. Аз ин ҷиҳат мушкилоти номутаносибии иқтисодӣ ҳамчун номутавозинии назаррас байни ҳаҷми захираҳои молиявӣ ва маҳсулоти истеҳсолшавандаи бозорӣ баррасӣ мешавад. Нобаробарӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ махсусан дар зиддиятҳои афзояндаи байни давлатҳои мутараққӣ ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз як тараф ва давлатҳои рӯ ба инкишоф, аз тарафи дигар, ба таври амиқ ва равшан зуҳур мекунанд. Зиддиятҳои мазкур на танҳо табиати объективӣ, балки субъективӣ, яъне хусусияти ғайрииқтисодӣ низ доранд.

Ҳамин тариқ объективияти тамоюлҳои асосӣ, пеш аз хама, бо нобаробар тақсим шудани неъматҳои моддию захираҳо, нобаробарҳуқуқии кишварҳо ва минтақаҳои гуногун, бахшҳо, соҳаҳои гуногун, инчунин тағйирёбии марказҳои вазнинии иқтисоди ҷаҳон алоқаманд аст. Дар ин шароит зарурати омӯзиши муфассали усулҳо ва равишҳои ҳалли масъалаҳои ҳамкории молиявию иқтисодии байни кишварҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ ба миён меояд.

Раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёти миллӣ пайваста боиси пайдоиши бозорҳои нав, ба вуҷуд омадани объектҳои нави инфрасохтори бозори ҷаҳонӣ, таҳияи қоидаҳои нави танзими муносибатҳои байналмилалӣ дар шакли созишномаҳои бисёрҷониба оид ба ҳамкорӣ мегардад.

Ҷаҳонишавӣ- як раванди хеле зиддиятнок ва нобаробар буда, шакл, усул ва механизмҳои зуҳури худро пайваста тағйир медиҳад. Падидаи ҷаҳонишавӣ қариб ҳамаи самтҳои асосии фаъолияти иҷтимоӣ, аз ҷумла сиёсат, ахлоқ, фарҳанг, тарзи зиндагӣ ва шароити ҳастии инсониятро фаро мегирад.

Вобаста ба ин В.Иноземтсев чунин менависад: «...дар паси зуҳуроти гуногунҷанбаи раванди ҷаҳонишавӣ моҳияти амиқи он чунон ниҳон аст, ки онро амалан муайян кардан ғайриимкон аст. Одатан мегӯянд, ки ҷаҳонишавӣ «раванди иҷтимоӣ аст, ки дар он сарҳадҳои ҷуғрофии системаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз байн меравад ва аҳолӣ аз нест шудани марзҳои мазкур ҳарчи бештар огоҳ мешавад» [4,76].

Олимони зиёде равандҳои дар ҷаҳон ба амаломадаро ҳамчун ҷузъи гузариши тӯлонии таърихӣ аз давраи байналмилаликунонии ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ба ҷаҳонишавӣ, аз паҳншавии муносибатҳои байни кишварҳои мустақили рушдёбанда то ташаккули сатҳи нави системавии ҷомеаи инсонӣ бо шаклҳои комилан нав, қувваҳои пешбаранда ва механизмҳои батанзимдарорӣ баррасӣ мекунанд.

Д.Белл кайд менамояд, ки иқтисодиёти ҷаҳонӣ аз иктисодиёти байналхалқӣ куллан фарқ мекунад. Низоми ягонаи иктисодӣ, муттаҳидшавии бозорҳои сармоя, асъор ва молҳо ва афзоиши онро аз тарафи Д. Белл «ба таври пароканда ҷойгир шудани истеҳсолот» шарҳ дода шудааст. Иқтисоди байналмилалӣ бешубҳа вуҷуд доштанро идома медиҳад. Ширкатҳои бузург ва ҳатто корпоратсияҳои фаромиллӣ то ҳол асосан дар як кишвар ҷойгиранд ва ҳамчун такягоҳҳои иқтисоди ҳамон кишвар ба ҳисоб мераванд, гарчанде ки онҳо дар тамоми ҷаҳон ба фурӯши мол ва хизматрасониҳо машғуланд. Аммо онҳо низ ногузир ба иқтисоди ҷаҳонӣ ҷалб мешаванд» [2, с.104].

Олими амрикоӣ Т.Левиттро асосгузори истилоҳи «ҷаҳонишавӣ» медонанд, ки соли 1983 дар бораи муттаҳидшавии бозорҳои маҳсулоти алоҳидаи истеҳсолкардаи корпоратсияҳои бузурги фаромилалӣ навишта буд. Гузашта аз ин, як муддат падидаи ҷаҳонишавӣ дар назарияҳои иҷтимоию сиёсӣ низ асосан аз мавқеи марказикунонии иқтисодӣ инъикос ёфтааст. Баъдан дар таърифи ин падида равишҳои дигар ташаккул ёфтанд, ки боиси ошкоршавии паҳлӯҳои гуногуни ҷаҳонишавӣ гардиданд. Ҳамин тавр, ба андешаи К. Момдҷон, «ҷаҳоншавӣ равандест, ки дар он ҳамаи мо на танҳо ҳамчун субъект, балки ҳамчун объект ҳам, иштирок дорем; ҷаҳонишавӣ на танҳо он равандест, ки шахсонӣ воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба роҳ мемонанд, балки раванде мебошанд, ки нисбати онҳо ба вуқуъ мепайвандад ва ба анҷом расонида мешавад» [10, с. 39].

Таърифи ҷаҳонишавӣ дар асоси равиши интегралӣ аз ҷониби олими рус Уткин А.И.дода шудааст: «Ҷаҳоншавӣ як силсилаи тағйироти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ мебошад, ки монеаҳои байни давлатҳоро коҳиш медиҳад, қонунҳо ва хусусиятҳои нави ҳамкории байнидавлатиро ба вуҷуд меорад» [15, с. 8].

Ба ғайр аз ин метавон як қатор таърифҳои дигар, ки аз ҷиҳати шакл гуногун, вале моҳияташон ба ҳам монанд, таърифҳои мафҳуми таҳқиқшавандаро номбар кардан мумкин аст ва аксари онҳо муносибати муаллифонро ба худи раванди ҷаҳонишавӣ инъикос мекунанд.

Раванди ҷаҳонишавӣ дар бахши молиявӣ ҳам аз ҷиҳати миқдорӣ ва ҳам сифатӣ пеш рафтааст. Барандагони ҷаҳонишавӣ бозорҳои молиявӣ, ҳаракатҳои байналмилалии сармоя, қарзҳо ва асъорҳо ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, ҳамчун яке аз унсурҳои ҷаҳоншавии иқтисодӣ ҷаҳонишавии молиявӣ ҷудо карда мешавад, ки раванди муттаҳидшавии тадриҷан ба бозори ягонаи молиявии ҷаҳонӣ ва ҳамгироии бозорҳои молиявии миллӣ ва минтақавӣ, инчунин афзоиши вобастагии мутақобилаи байни бозорҳои воситаҳои молиявии алоҳида мебошад [14, с.46].

Ҷаҳонишавии молиявӣ ҳамчун натиҷа ва қисми ҷудонашавандаи ҳамгироии иқтисодӣ ба вуҷуд омад, ки дар ниммаи дуюми асри 20 босуръат инкишоф ёфт. Аммо бисёр унсурҳои ҷаҳонишавии молиявӣ дар натиҷаи рушди худи бахши молиявӣ пайдо шуданд, ки дар ин қатор мисол овардан мумкин аст: афзоиши сармояи озоди пулӣ ва ҳаракати он дар байни кишварҳо, пайдоиши воситаҳои нави молиявӣ, ташаккули асъорҳои коллективӣ ва ғайра [11, с.146].

Муҳаққиқон истилоҳи «ҷаҳонишавии молиявӣ»-ро ҳамчун тавзеҳдиҳандаи тағирёбӣ хеле кам истифода мебаранд; дар адабиёт синонимҳое аз қабили «озодкунии савдо», «кушодагии иқтисод» ё «ҳаракати озоди сармоя» бештар маъмуланд. Илова бар ин, нишондиҳандаҳо ба ҳисоби сармоя асос ёфтаанд, иттилооти Хазинаи Байналмилалии Асъор махсусан - Ҳисоботи солона дар бораи созишномаҳои мубодила ва маҳдудиятҳои мубодила (Annual Reporton Exchange Arrangementsand Exchange Restrictions) бештар истифода мешавад.

Ҳамчунин ҷаҳоншавии молиявиро марҳилаи баландтарини байналмилаликунонии фаъолияти бозорҳои молиявӣ дар ҳама шаклҳояш бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти рушди муносибатҳои пулию молиявӣ медонанд.

«Низоми молиявии ҷаҳонӣ моҳиятан ба конгломерати ҷаҳонии ҳаннотӣ табдил ёфт, ки на ба манфиати тараққиёти иқтисодиёти миллӣ, афзоиши истеҳсолоти саноатӣ ва дараҷаи некуаҳволии халқ, балки ба манфиати мустаҳкам намудани мавқеъҳои давлатҳои «миллиарди тиллоӣ»-и ҷаҳон амал мекунад» [9,с.32].

Ҷаҳонишавии молиявӣ - падидаест, ки бо афзоиши гардиши байналмилалии молиявӣ тавсиф мешавад ва аксар вақт ҳамчун сабаби як қатор бӯҳронҳои харобиовари

иқтисодӣ номида мешавад, ки дар охири солҳои 1980-ум дар Амрикои Лотинӣ ва солҳои 1990-ум дар Мексика ва якчанд кишварҳои дигари Осиёро бо бозорҳои рушдёбанда такон доданд [7, с.9].

Дар зери мафҳуми «ҷаҳонишавии молиявӣ» бояд ҳамчун ҳамгироии афзояндаи бозорҳои молиявии миллӣ ба бозори ягонаи молиявии ҷаҳонӣ фаҳмида шавад.

Ҷаҳонишавии молиявӣ (ё ҷаҳонишавӣ дар бахши молиявӣ) натиҷаи фаъолияти байналмилалӣ ва махсусан сармоягузории корпоратсияҳои фаромилалӣ мебошад. Агар дар марҳилаҳои ибтидоии ҷаҳонишавӣ бозорҳои молиявии байналмилалӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт хизмат карда, хавфи асъориро суғурта намуда, муомилоти кутоҳмуддатро маблаггузорӣ мекарданд, пас бо мурури замон ҳаракати сармояи хориҷӣ аҳамияти мустақил пайдо кард [12, с.9].

Ҷадвали 1.1.1 Равишҳо ба тафсири мафҳуми «ҷаҳонишавии молиявӣ» *

| Муалифон | Мафҳуми ҷаҳонишавии молиявӣ | Сарчашма |
|---|---|---|
| Рудольф В.Д. | Ҷаҳонишавии молиявӣ - раванди муттаҳидшавии тадриҷии бозорҳои молиявии миллӣ ва минтақавӣ ба бозори ягонаи молиявии ҷаҳонӣ, инчунин раванди афзоиши вобастагии байниҳамдигарии бозорҳои воситаҳои молиявии алоҳида мебошад. Ҳамчунин ҷаҳоншавии молиявӣ марҳилаи олии байналмилаликунонии фаъолияти бозорҳои молиявӣ дар ҳама шаклҳояш ба ҳисоб меравад. | Рудольф В.Д. Финансовая глобализация: сущность и последствия Башкирский государственный аграрный университет // NovaInfo 46, с.151-155 |
| Смирнова И. | Мафҳуми ҷаҳонишавии молиявӣ бояд ҳамчун қисми ҷаҳонишавии умумии иқтисоди ҷаҳонӣ, ки бо ташаккул, фаъолият ва рушди низоми қарзӣ, асъорӣ ва молиявӣ дар шароити ҳаракати баланди сармоя дар бозорҳои дахлдор алоқаманд аст, фаҳмида шавад. | Смирнова И. Финансовая глобализация: понятие, характерные черты и негативные последствия. Электронный ресурс. Режим доступа: https://spravochnick.ru/finansy/finansovaya_sistema/finansovaya_globalizaciya/ |
| Абрасова М.А. | Ҷаҳонишавии молиявӣ «инкишофи бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ, афзоиши гардиши сармояи фаромарзӣ ва афзоиши фаъолияти муассисаҳои молиявии байналмилалӣ мебошад. | Деньги, кредит, банки. / Г. А. Аболихина [и др.] ; под общей редакцией М. А. Абрамовой, Л. С. Александровой. — 2-е изд., испр. и доп. — Москва : Издательство Юрайт, 2018. — 436 с. |

| | | |
|---|---|---|
| Абрасова М.А. | Ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ ҳамчун ҳамгироии афзояндаи бозорҳои молиявии мавҷудаи миллӣ баррасӣ мешавад, ки ба таҳкими пайвастаи мубодилаи сармояи фаромарзӣ ва фаъолияти байналмилалии муассисаҳои молиявӣ баробар аст. | Деньги, кредит, банки. / Г. А. Аболихина [и др.] ; под общей редакцией М. А. Абрамовой, Л. С. Александровой. — 2-е изд., испр. и доп. — Москва : Издательство Юрайт, 2018. — 436 с. |
| | Ҷаҳонишавии молиявӣ – ин раванди коҳиш додани монеаҳо байни бозорҳои молиявии кишварҳои мухталифи ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд, пасандозҳо ва сармоягузорӣ фаромарзӣ мешаванд. | Словарь экономических терминов |
| Майдан Т.Н. | Ҷаҳонишавии молиявӣ яке аз оқибатҳо ва ҷузъи ҷудонашавандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ номида мешавад. Он муттаҳидшавии бозорҳои молиявии кишварҳои гуногунро дар як бозори ягонаи молиявӣ ифода мекунад; ташкили низоми молиявии ҷаҳониро инъикос менамояд. | Майдан Т.Н.Финансовая глобализация: pro и contra // Вектор экономики. 2018– №: 6 (24). С. 41-46 |
| Заполских Ю.А. | Ҷаҳонишавии бозори молиявӣ дар шакли ҷаҳонишавии сармояҳо, воситаҳои молиявӣ, муассисаҳои молиявӣ, қонунгузорӣ, инчунин, муҳимтар аз ҳама, бозори мутахассисони соҳибихтисос дар соҳаи молия зоҳир мешавад. [2] | Запольских Ю.А. Кредитный риск и основные способы его минимизации. Экономика и социум. 2014. № 2-2 (11). –С. 126 -128 |

*Аз тарафи муаллиф аз рӯи сарчашмаҳои нишондодашуда тартиб дода шудааст.

Мутобиқи назарияи анъанавии неоклассикӣ, ҷаҳонишавии молиявӣ тавассути афзоиши сармоя ба рушди иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонад. Тибқи назарияи мазкур, интегратсияи молиявӣ боиси аз иқтисодҳои дорои сармояи зиёдатӣ ба иқтисодҳое мегардад, ки дар он ҷо норасогии сармоя ба чашм мерасад, зеро дар гурӯҳи давлатҳои дуюми зикргардида даромади сармоя бояд бештар бошад. Модели мазкур тахмин мекунад, ки дар гардиши сармояи байнидавлатӣ ва байнисоҳавӣ ягон маҳдудият вуҷуд надорад. «Беҳбудиҳо»-и охирини модели номбурда инчунин таъсири мусбати интиқоли технология ва таҷрибаи идоракуниро дар бар мегирад, ки бояд ба рушди иқтисодии кишварҳои сарватманд ҳаматарафа мусоидат кунанд. Баррасии адабиёте, ки ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд, асарҳои Коуз М., Прасад И., Рогофф К.ва Вей С.Тс. «Ҷаҳонишавии молиявӣ ва сиёсати иқтисодӣ» ба шумор меравад [7].

Ҳамин тариқ, равандҳои ҷаҳонишавии бахши молиявӣ на танҳо боиси аз сарҳадҳои миллӣ берун рафтани бахши бузурги пул ва ташаккули бозори ҷаҳонии молиявӣ, балки боиси тағйир ёфтани вазифаҳои пул дар иқтисоди ҷаҳонӣ гардид [6].

Молияҳои ҷаҳонӣ ба як бахши алоҳидаи иқтисоди ҷаҳонӣ табдил меёбад, ки дар муқоиса бо бахши воқеӣ даромаднокии баландтар дорад, як қисми сармояи

истеҳсолиро ба самти дигар равона мекунад, пулҳои виртуалӣ ва ӯҳдадориҳои қарзиро ба вуҷуд меорад .

Дар тафсири мо, ҷаҳонишавии молиявӣ – ин синтези равандҳои ҳамгироӣ, ягонашавӣ, ташаккули бозорҳои нави молиявии ҷаҳонӣ, инчунин низоми институтҳои касирулмиллӣ ва миллӣ мебошад, ки назорат ва фаъолияти танзимкунандагиро амалӣ мекунанд. Истилоҳи «ғайриҷаҳонишавӣ» одатан бо тағйири самти рушди он алоқаманд аст, аз ҷумла: канда шудани робитаҳо, танг кардани фаъолияти молиявӣ то ҳудуди сарҳадҳои миллӣ, пурзӯр кардани танзим дар сатҳи миллӣ [1, с.41].

Ҷаҳонишавии бахши молиявӣ дар се самти асосӣ сурат мегирад:

- байналмилаликунонии хизматрасониҳои молиявӣ бо ворид шудан ба иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ, бонкҳои хориҷӣ ва дигар муассисаҳои молиявӣ;
- афзоиши гардиши сармояи байналмиллалӣ бо назардошти сармоягузории мустақими хориҷӣ, ки вақтҳои охир нисбат ба гардиши қарзҳо бештар буд;
- таҳкими гардиши ӯҳдадориҳои қарзӣ, ки нишондиҳандаҳои асосии онҳо сатҳи фоизҳо ва қурби асъор ба ҳисоб меравад [8, с. 305].

Тибқи нуқтаи назари анъанавӣ, манфиатҳо аз ҷаҳонишавӣ ва мутаносибан ҳаракати озоди сармоя ба манфиатҳои тиҷорати байнивақтӣ, яъне табодули молу хизматҳо барои ӯҳдадориҳои пешниҳоди молу хизматрасонӣ дар оянда мувофиқат мекунанд. Ҳамин тариқ, агар кишварҳо барои маблағгузории воридоти таҷҳизот аз хориҷ қарз гиранд, пас онҳо дар савдои байнимарҳилавӣ иштирок мекунанд. Мамлакате, ки қарз медиҳад, дар навбати худ фоида мегирад, зеро вай дороиҳоеро харидорӣ мекунад, ки даромади бештареро ба даст меоранд. Даромаде, ки нисбат ба маҳсулоти бозори миллӣ бештар ба даст меояд. Илова бар ин, сармоягузории хориҷӣ бо дигар манфиатҳои алоқаманд ҳамроҳ аст: воридшавии технологияҳои нав, афзоиши рақобат дар бозори дохилӣ ва ғайра.

Боз як бартарии дигари ҳаракати озоди сармоя дар он аст, ки вай имкон медиҳад, коҳиши якбораи истеъмоли миллӣ аз ҳар гуна осебҳои беруна ва дохилӣ пешгирӣ карда шавад. Дар давраи ноороммиҳои иқтисодӣ кишвар ба ҷои харҷ кардани пасандозҳои худ, метавонад мувaққатан пасандозҳои ғайрирезидентҳоро ҷалб кунад.

Дар баробари ин, дар заминаи иттилооти нопурра ва асимметрии сармоягузорони ғайрирезидентӣ (қарзгирандае, ки қарз мегирад, одатан нисбат ба қарздиҳанда дар бораи хавфе, ки бо сармоягузории ӯ ҳамроҳӣ мекунад, беҳтар огоҳ аст), ҳаракати озоди сармоя метавонад таҳрифҳоро афзоиш диҳад, ки аллакай дар иқтисодиёти миллӣ мавҷуданд. Гузашта аз ин, маълумоти нопурра, ҳам пеш аз муомилот ва ҳам пас аз он мушкилиҳо эҷод мекунад.

Бӯҳрон - далели асосии мухолифони ҷаҳонишавӣ аст. Аммо агар кишваре дорои низоми мутараққии молӣ ва танзими хуб (институтҳо) бошад, ҷаҳонишавӣ тавассути таъсир ба тақсими дурусти манобеъи молӣ ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад. Бинобар ин метавон гуфт, ки рушди молиявӣ кафили ноил шудан ба натиҷаҳои мусбӣ мебошад.

Дараҷаи рушди низоми молиявӣ бо самаранокии он, ки низоми мазкур вазифаҳои худро иҷро мекунад, тавсиф карда мешавад:

- дар бораи имкониятҳои сармоягузорӣ ва маҳаллисозии сармоя маълумот тавлид мекунад;
- сармоягузориҳоро назорат мекунад ва ба идоракунии корпоративӣ пас аз татбиқи маблағгузорӣ таъсир мерасонад;
- идоракунии хавфҳоро осон мекунад;

- пасандозҳои субъектҳои хоҷагиро ҷамъ ва азнав тақсим мекунад;
- ба алоқаи байни системаҳои воқеӣ ва пулӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, ҷаҳонишавии молиявӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, аксар вақт бо охирин яксон ҳисобида мешавад. Хусусиятҳои муҳимтарини он чунинанд:

-таъсири назарраси пешрафти илмию техникӣ ба рушди иқтисодӣ, озодкунии бахши молиявӣ, афзоиши рақобат ва ҳаракати сармоя, афзоиши муттаҳидшавӣ ва харид, афзоиши бесобиқаи хавфҳо дар низоми байналмилалии молиявӣ, далели номувофиқ будани оқибатҳои иқтисодӣ барои системаҳои иқтисоди миллӣ.

Дар ҷаҳон низомҳои молиявие вуҷуд доранд, ки вазифаҳои мазкурро нисбат ба дигарон беҳтар иҷро мекунанд ва ба шарофати ҷаҳонишавӣ метавон тавассути раванди қарзгирӣ низоми пешрафтаро (ё унсурҳои онро) ворид кард. Дар ҳамин ҳол, бархе аз гурӯҳҳои манфиатдор метавонанд ба рушди молӣ таваҷҷуҳ надошта бошанд, зеро бо ҷаҳонишавӣ онҳо дар натиҷаи рақобат бо иштирокчиёни хориҷӣ, ки мехоҳанд низоми молиявиро барои беҳтар кор кардан дар бозори дохилӣ беҳбуд бахшанд, қудрат, имтиёз ва дахлнопазирии худро аз як кишвари дигар аз даст медиҳанд.

Инчунин интизор меравад, ки соҳибкорони хориҷӣ дар баробари сармоягузорӣ технология ва навоварӣ ворид мекунанд.

Бо дарназардошти ҳар як вазифаи асосии низоми молиявӣ (такмилдиҳии он сатҳи рушди онро баланд мебардорад) як қатор таъсирҳоро метавон тахмин кард [13, с.37]:

1. Ҷаҳонишавӣ огоҳии имтиёзноки гурӯҳи манфиатҳоро дар бозори молиявӣ аз байн мебарад, зеро низоми молиявӣ бояд ба талаботи иштирокчиёни беруна ҷавобгӯ бошад (ки боиси рақобати миёнаравӣ мегардад), ки барои ба даст овардани иттилооти боэътимод ва амиқтар мусоидат мекунад. Аммо агар иштирокчиёни беруна ба кор бо гурӯҳҳои манфиатдор барои нигоҳ доштани дастрасии маҳдуд ба иттилоот манфиатдор бошанд, на дар рақобатпазирии бозори молиявӣ, он гоҳ дар низоми огоҳонии беҳтар ба назар намерасад.

2. Ҳангоми ҷаҳонишавии молиявӣ миёнаравҳо метавонанд таҷрибаҳои беҳтарини маъмурӣ ва усулҳои молиявиро ворид кунанд ва ба ин васила идоракунии корпоративиро беҳтар созанд. Дар бисёр кишварҳо гурӯҳҳои калони манфиатдоре ҳастанд, ки аз ҷониби сарватмандтарин оилаҳо ташкил карда мешаванд, ки дар якҷоягӣ бо ҳукумат қарорҳоро дар бораи тақсимоти захираҳо дар бозори молиявӣ назорат мекунанд.

Аммо онҳо наметавонанд иштирокчиёни берунро назорат кунанд, ки чӣ гуна мустақилона тақсими сармояро ҳал мекунанд ва фаъолияти ҷамъиятҳои саҳҳомиро назорат менамоянд. Аз тарафи дигар, бо ҷаҳонишавӣ пардохтпазирии бештар ба даст овардан мумкин аст, ки ба иштирокчиёни молиявӣ имкон медиҳад, роҷеъ ба идоракунии пурсамари корпоративӣ имкониятҳои нав пайдо кунанд.

3. Ҷаҳонишавии молиявӣ ба тақсимоти хавф мусоидат мекунад, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ аён аст. Аммо ин дар ҳар як кишвари алоҳида низ рӯй медиҳад, зеро сармояи миллиро метавон ба хориҷа содир кард, то хатарро паҳн кунад. Кишвар метавонад дар ҳолатҳои барзиёдатии сармоя қарз диҳад ва дар ҳолатҳои норасоии он қарз гирад, бинобар ин тағйироти сармоягузорӣ, истеъмол ва даромад зиёд нахоҳад буд. Ҷаҳонишавӣ ба гузариш аз сармоягузории портфелӣ бо хавфи кам ва даромади кам ба сармоягузории портфели дорои хавфи баланд ва даромади баланд мусоидат мекунад. Илова бар ин, шартномаҳои молиявӣ, ки ба тақсимоти хавф мусоидат мекунанд, дар ин

ҳолат ба кишварҳое таъсир мерасонанд, ки қаблан вуҷуд надоштанд. Аммо агар иштирокчиёни молиявӣ дороиҳо ва молҳои дохилиро дар бозори дохилӣ афзалтар донанд ва савдои байналмилалӣ бо хароҷоти баланди транзаксионӣ тавсиф мешавад, пас ҳеҷ гуна ангеза барои гуногунрангии хатарҳои байналмилалӣ вуҷуд нахоҳад дошт.

4. Ҳаракати байналмилалии сармоя барои ҷалб ва ҷамъ кардани пасандозҳо дар миқёси ҷаҳонӣ кӯмак мекунад. Имконияти сармоягузорӣ кардани пасандозҳои дохилӣ берун аз кишвар барои ҷустуҷӯи даромади беҳтар кори агентҳои молиявиро барои муттаҳид кардани сармояи дохилӣ фаъол мекунад. Тахмин карда мешавад, ки пасандозҳои беруна пасандозҳои дохилиро иваз намекунанд. Аммо агар ҷаҳонишавии молиявӣ аз номуайянӣ дар бозорҳои молиявӣ муҳофизат кунад, пас пасандоз кардан лозим нест ва метавон бидуни афзоиши назарраси пасандозҳо як низоми пешрафта бунёд кунад.

5. Ҷаҳонишавии молиявӣ хароҷоти муомилоти байналмилалиро коҳиш медиҳад ва ба ин васила робитаи байни бахшҳои молиявӣ ва воқеии иқтисоди байналмилалиро пеш мебарад [16, с.736].

Рушди бозори молиявӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ на танҳо дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва ё кишварҳои дар давраи гузариш қарордошта боиси нигаронии хеле ҷиддии як қатор мутахассисон гардидааст. Ҳамин тариқ, тарафадорони равандҳои ҷаҳонишавӣ дар Фаронса бар ин назаранд, ки таъмини озодии ҳадалимкони ҳаракати сармояи ҳаннотии кӯтоҳмуддат дар чаҳорчӯби низоми ҷаҳонии бозорҳои молиявӣ ва дар маҷмӯъ, тамоми сохтори иҷтимоии ҷаҳониро афзоиш додааст.

Барои як қатор субъектҳои бозор, ҷаҳонишавии молиявӣ бо бесарусомонӣ, озодии аз ҳад зиёд барои ҳаннотӣ алоқаманд аст, дар ҳоле ки дигар субъектҳо, баръакс, мутмаинанд, ки бозорҳои ҷаҳонишудаи сармоя ба таври муассир фаъолият доранд.

Дар ҷадвали зер далелҳои мусбӣ ва манфии равандҳои ҷаҳонишавии молиявӣ оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Далелҳои мусбӣ ва манфии равандҳои ҷаҳонишавӣ

| Омилҳои мусбии ҷаҳонишавии бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ | Далелҳо ба тарафдории ҷаҳонишавии молиявӣ | Таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ барои бахши молия |
|---|---|---|
| -гузариш ба стандартҳои байналмилалиии арзёбии сифати хизматрасониҳо, фаъолияти иттилоотӣ ва ҳисоботдиҳӣ;<br>-дастрасӣ ба маблағгузории иловагӣ барои идоракунии дороиҳо;<br>-ташаккулӣ бозорҳои иловагӣ мол, хизмат ва сармоя;<br>- дараҷаи баланди диверсификатсияи иқтисодиёт;<br>- пардохтпазирии хеле мусоиди субъектҳо;<br>- мавҷудияти имкониятҳо барои самараноктар тақсим | -қобилияти ҳифзи пасандоз аз тағирёбии ғайричашмдошт ва ногаҳонӣ дар қурби асъор ва фоизҳо;<br>-қобилияти зуд мутобиқ шудан ба шокҳои молиявӣ;<br>- кафолати баъзе интизомҳо дар рафтори иқтисодии субъектҳои гуногуни бозор,<br>-пешгирии татбиқи сиёсати таваррум ва сиёсати зиёд кардани қарзи давлатӣ | - эҳтимолияти муфлисшавии баъзе бонкҳо дар натиҷаи рақобатпазирии пасти онҳо;<br>-зиёдшавии норавшании фаъолияти баъзе бонкҳои тиҷоратӣ, брокерҳо, ширкатҳои суғуртавӣ, фондҳои сармоягузорӣ;<br>- суст шудани робитаи «бонк-муштарӣ»;<br>- берун рафтани мизоҷони нисбатан боэътимоди миллӣ аз бозори молиявии дохилӣ;<br>- авҷгирии рақобати шадид;<br>- эҳтимолияти нигоҳдории пасандозҳои пулӣ берун аз муассисаҳои бонкӣ ва ғайра. |

| | | |
|---|---|---|
| кардани сармоя;<br>- идоракунии бехтари хавфҳо, самараноккунии низоми идоракунӣ ва ғайра. | | |

*Аз тарафи муаллиф таҳия карда шудааст.

Ҳамин тариқ, ҷаҳоншавии молиявӣ ҳамчун падидаи норавшан аз рӯи мазмунаш, ҳам натиҷаҳои мусбат ва ҳам манфӣ дорад, на танҳо ба тезонидани рушди иқтисодиёт мусоидат мекунад, балки хатарҳои бухронҳои маҳаллиро зиёд карда, доираи таъсири онҳоро васеъ мегардонад. Ҷаҳонишавии молиявӣ як падидаи объективӣ ва комилан ногузири замони мост, ки онро бо роҳи сиёсати иқтисодӣ суст кардан мумкин аст, аммо боздоштан ё бекор кардан мумкин нест, зеро ин талаботи ҳатмии ҷомеаи муосир ва пешрафти илмию техникӣ мебошад. Мо чунин мешуморем, ки кишварҳо бояд ба равандҳои ҷаҳоншавӣ вокуниши кофӣ дошта бошанд, то ба шароити нав мутобиқ шаванд ва аз имкониятҳои байналмилаликунонии иқтисодиёти ҷаҳонӣ истифода баранд. Агар кишвар дорои низоми пешрафтаи молиявӣ ва танзими хуб бошад, пас ҷаҳонишавӣ тавассути таъсир ба тақсимоти дурусти захираҳои молиявӣ ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Рушди бахши молиявӣ, аз ҷумла, яке аз омилҳои асосии мизони рушди иқтисодӣ ва манфиатҳои субботе ба ҳисоб меравад, ки ҷаҳонишавии молиявӣ меорад. Ҳар қадар бахши молиявии кишвар рушд кунад, ҳамон қадар фоидаи воруди сармоя барои рушди иқтисодӣ бештар мешавад ва осебпазирии кишвар дар баробари бӯҳронҳо, ҳам мустақим ва ҳам бавосита камтар мешавад.

**Адабиёт**


1. Архипова В. Мировая финансовая система: глобализация или деглобализация? // Мировая экономика и международные отношения. 2016. –Том 60. – № 5. –С. 40–49.
2. Белл Д. Грядущее постиндустриальное общество. Опыт социального прогнозирования: Пер. с англ. – М.: Academia, 1999. – 944 с.
3. Давлатов И. Х. Экономическая природа глобализации и ее влияние на банковскую систему Таджикистана // Век глобализации. –М. Из-во. «Учитель» 2015. – №2. –С. 170-182
4. Иноземцев В.Л. Расколотая цивилизация: Научное издание. – М.: “Academia”–“Наука”, 1999. 589с.
5. Каюмов Н.К., Назаров Т.Н., Махмудов И.И., Рахимов Р.К., Умаров Х.У. Глобализационные процессы и экономические проблемы Таджикистана. //Экономика Таджикистана: стратегия развития. Душанбе. –2003. №4. –С.5-64.
6. Козьменко С.Н. Финансовая глобализация и перспективы банковских структур. Электронный ресурс. Режим доступа: https://essuir.sumdu.edu.ua/bitstream-download/123456789/60278/5/Kozmenko.pdf
7. Коуз М. Э, Новый подход к анализу финансовой глобализации позволяет пересмотреть ее издержки и выгоды // Финансы и развитие / М. Э Коуз, И. Прасад, К. Рогофф , Ш.Ц. Вей. МВФ. 2007. –С. 9-13
8. Кулишов В.В. Финансовая глобализация: сущность и последствия // Бизнес информ. 2013. –№ 3. –С. 303-307.
9. Львов Д.С. Экономический манифест – будущее российской экономики. – М.: ОАО “НПО “Изд-во “Экономика”, 2000. – 54 с.

10. Момджан К. Об одном многократно упоминаемом процессе // Сумерки глобализации. –М.: АСТ; Ермак, 2004. –С. 38-45.
11. Рудольф В.Д. Финансовая глобализация: сущность и последствия // NovaInfo. –М. –С.151-155
12. Румянцева О. Влияние финансовой глобализации на денежно-кредитную политику // Банковский Вестник. Липень – С.9-15
13. Товар Гарсиа Э. Д. Влияние глобализации на финансовое развитие формирующихся экономик // Финансовый журнал. 2012. –№1 –С.37-48
14. Трифонов Д.С. Финансовая глобализация как современный этап интернационализации мирового хозяйства // Вестник Саратовского государственного социально-экономического университета. Саратов 2014. № 5 (54). –С. 45-48.
15. Уткин А.И. Глобализация: процесс и осмысление. М.: ЛОГОС, 2001. 271с.
16. Naceur S. B., Ghazouani S., Omran M. Does Stock Market Liberalization spur Financial and Economic Development in the MENA Region // Journal of Comparative Economics. 2008. –P. 673–693.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ К ИЗУЧЕНИЮ ВЛИЯНИЯ ГЛОБАЛИЗАЦИИ НА ФИНАНСОВУЮ БЕЗОПАСНОСТЬ

**ИЗАТУЛЛОИ ХАБИБЗОД,**
докторант (PHD) Международный университет туризма
и предпринимательства Таджикистана,
734055, г.Душанбе, проспект Борбад,48/5.
Тел.: (+992) 918-70-80-30. E-mail: izatullo_90@mail.ru

*В статье исследуются теоретические аспекты оценки влияния глобализации на финансовую безопасность страны. Проводится литературный обзор существующих подходов к раскрытию понятие глобализации и уточняются методы и подходы его охвата в финансовой сфере. Автором сгруппированы существующие концепции финансовой глобализации и выявлены ее специфические черты в современных условиях. Отмечается, что процесс глобализации национальной экономики постоянно приводит к возникновению новых рынков, появлению новой глобальной рыночной инфраструктуры, выработке новых правил, регулирующих международные отношения в виде многосторонних соглашений. Доказано, что многие элементы финансовой глобализации возникли в результате развития самого финансового сектора, что связано с увеличением свободного денежного капитала и его потоков между странами. Автор дает новое определение финансовой глобализации, уточняет ее функции и раскрывает ее основные направления. Выявлены положительные последствия и угрозы глобализации для финансовой системы национальной экономики и даны научно-методические рекомендации странам по реагированию к вызовам глобализации и адаптации их финансового сектора к этому процессу.*

***Ключевые слова:*** *глобализация, интернационализация, экономическая глобализация, финансовая глобализация, финансы, финансовая система, экономическая безопасность, внешнеэкономическая безопасность, финансовая безопасность.*

## THEORETICAL APPROACHES TO STUDYING THE IMPACT OF GLOBALIZATION ON FINANCIAL SECURITY

**IZATULLO HABIBZOD,**
PHD student of the International University of Tourism
and entrepreneurship of Tajikistan,
734055, Dushanbe, Borbad avenue,48/5.

Phone: (+992) 918-70-80-30. E-mail: izatullo_90@mail.ru

*The article examines the theoretical aspects of assessing the impact of globalization on the financial security of the national economy. It carries out a literary review of existing approaches to the disclosure of the concept of globalization specifies the methods and approaches for its coverage in the financial sector. The author grouped the existing concepts of financial globalization and identified its specific features in modern conditions. It is noted that the process of globalization of the national economy constantly leads to the emergence of new markets, the emergence of a new global market infrastructure, the development of new rules governing international relations in the form of multilateral agreements. It is proved that many elements of financial globalization arose as a result of the development of the financial sector itself, which is associated with an increase in free movement of capital and its flows between countries. The author gives a new definition of financial globalization, clarifies its functions and reveals its main directions. It also identifies the positive consequences and threats of globalization for the financial system of the national economy and provides scientific and methodological recommendations to the countries on responding to the challenges of globalization and adapting their financial sector to this process.*

***Key words***: *globalization, internationalization, economic globalization, financial globalization, finance, financial system, economic security, foreign economic security, financial security.*

УДК: 321.022

# СИЁСАТИ ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

**СУЛАЙМОНЗОДА МАСЪУД МУМИН**,
докторанти (PhD) кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
737025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992)988-16-98-98. Email: Sulaymonov-94@inbox.ru

*Дар шароити тавсеаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ҳифзи арзишҳои миллӣ ва фарҳанги миллӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини давлатдории миллиро ташкил медиҳад. Бо дарназардошти ин рушди сиёсати фарҳангии давлат дар шароити ҷаҳонишавӣ тақозои давру замон мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ба масъалаи ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ ва эҳёи фарҳанги миллӣ диққати махсус дода мешавад. Махсусан, баъди имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ бо ташаббуси давлату ҳукумат ва бо сиёсати оқилонаю хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати фарҳангии Тоҷикистон дар сатҳи миллию давлатӣ ва арсаҳои сиёсати хориҷии давлат дар сатҳи баланд ба роҳ монда шуд. Дар ин давра таҷлили санаҳои таърихӣ, бузургдошти фарзандони фарзонаи миллат, ташкил намудани ҷашнҳои миллию фарҳангӣ, баргузор намудани рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар кишварҳои дигар, таъсис додани марказҳои фарҳангии тоҷикон дар хориҷи мамлакат ва монанди инҳо чорабиниҳое мебошанд, ки барои ҳифзи хотираи таърихии миллат ва эҳёи арзишҳои фарҳангӣ нигаронида шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати фарҳангӣ, рушди фарҳангӣ, ҳувияти фарҳангӣ, муҳити фарҳангӣ, муассисаҳои фарҳангӣ, мероси фарҳангӣ, истиқлолияти фарҳангӣ, фарҳанги миллӣ.*

Дар шароити давлатдории миллӣ эҳёи фарҳангӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва дар маҷмуъ, пешбурди сиёсати фарҳангӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятӣ ва кафили рушди минбаъдаи давлату миллат ба шумор меравад. Асолати таърихии ҳар як қавму миллат ва дар маҷмӯъ, башарият аз рӯйи фарҳанги вай шинохта ва эътироф карда мешавад. Фарҳанг шиносномаи ҳама дастовардҳои моддиву маънавии башарият ва муаррификунандаи ҳастии он дар раванди таърих аст. Ин аст, ки фарҳангро "хотираи иҷтимоии ҷомеа" меноманд. Махсусан, дар шароити вусъатёбии равандҳои ҷаҳонишавӣ, таъсири фарҳангҳои бегона ва зери хавфу хатар қарор гирифтани фарҳанги миллӣ ҳифзи арзишҳои миллиро зарур мегардонад. Дар чунин шароит самаранокии сиёсати фарҳангӣ ва ҳифзи фарҳанги миллӣ аз дарки вазъият ва коркарди консепсияҳои рушди фарҳанг вобаста мебошад. Дар чунин шароит қабули стратегияҳои рушди фарҳанг ва ҳифзи арзишҳои миллӣ зарурати давру замон аст. Ҳарчанд Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 сол қабл истиқлолияти сиёсӣ ба даст оварда бошад ҳам, то ҳанӯз дар илмҳои сиёсии ватанӣ масъалаи сиёсати фарҳангии давлат ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст. Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ сарҳади фарҳангии давлатҳои миллиро аз байн бурда истодааст. Дар ин раванд аксари фарҳангҳои миллӣ зери таъсири фарҳанги бегона қарор гирифта, аз лиҳози сиёсию иҷтимоӣ барои таҳкими суботи сиёсӣ ва пояҳои давлатдории миллӣ мушкилиҳои нав ба нав эҷод намуда истодаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши фарҳанг дар раванди глобалии замони муосир аз зумраи муҳимтарин масъалаҳои рушди давлатдории миллӣ, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва дар руҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ тарбия намудани насли наврас мебошад. Дар чунин шароит ҷиҳати

ҳифзи симои фарҳангии ҷомеа коркарди механизмҳои нави сиёсати фарҳангӣ ва ба таври самаранок дар амал татбиқ намудани он хеле муҳим ва бо мавриди аст.

***

Фарҳанг ҳамчун соҳаи сарнавиштсоз ва такягоҳи боэътимоди маънавии ҷомеа дар ташаккули давлатдории миллӣ нақши муҳим бозида, ҳимояи он дар низоми сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи муҳиму афзалиятнок ба шумор рафта, баҳри таъмини рушди устувори он аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба ташаккулу тарғиби арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, рушди маънавии ҷомеа, эҳё ва ҳифзи осори фарҳанги ниёгон, худшиносӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ ва дигар масъалаҳои ба ин алоқаманд пайваста таваҷҷӯҳ ва ғамхории хоса зоҳир мегардад. Фарҳанг падидаи иҷтимоиест, ки ба инкишофи иқтисодиёт, тараққиёти илму техника, ҳифзи муҳити зист, истеҳсолот ва сиёсат робитаи ногусастанӣ дошта, ба пешрафти онҳо таъсири амиқ мегузорад.

Дар оғози асри XXI нақши илму фарҳанг дар пешрафти ҷомеа ва қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни инсоният моҳияти аввалиндараҷа пайдо мекунад, рақобати илмию кашфиётҳои техникӣ байни давлатҳо авҷ мегирад, дастовардҳои тафаккури ақлонӣ ва нерӯи илмию фарҳангӣ моҳияти нави сиёсӣ касб карда, ба яке аз омилҳои асосии ҳифзи истиқлолияти сиёсиву иқтисодии ҳар давлату миллат табдил меёбад [9, с. 2-8].

Дар ин самт иҷро намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва андешидани чораҳои зарурӣ дар татбиқи сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тамоми имкониятҳо истифода намуда, барои иҷрои саривақтии онҳо дар ҳамбастагӣ бо мақомоти марбута фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ва китобдорию иттилоотӣ корҳои зарурӣ анҷом дода мешаванд.

Раванди рушди фарҳангӣ моҳиятан ба манфиати шахс, ҷамъият, давлат ва табиат нигаронида шуда, яке аз мақсадҳои асосии он тарбияи инсонест, ки дар руҳияи суннату анъанаҳои халқи худ, хештаншиносию ватанпарастӣ, фарҳанги миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ ба камол расида, дар заминаи донишу малака ва маҳорати андӯхта ворисият ба ҳувияти миллӣ, арзишҳои волои ахлоқию фарҳангиро ба даст меорад [2, с. 8].

Ғояи асосӣ ва стратегии сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андешаи хеле дақиқи Президенти Ҷумҳурии Точикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - «фарҳанг ҳастии миллат аст» маншаъ мегирад, ки тибқи он фарҳанг дар самти ташаккули арзишҳои маънавӣ ва такомули нерӯи зеҳниву ақлонии аҳолии кишвар саҳми арзанда гузошта, омили муҳими пешрафти тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа дониста мешавад.

Қобили тазаккур аст, ки дар даврони Истиқлолияти давлатӣ бо талошу кӯшиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибати мардум ба фарҳанг куллан дигаргун гардида, муносибаташон ба тамоми чорабиниҳои фарҳангӣ тағйир ёфт. Инчунин, дар ин давра симпозиум, конфронс ва ҳамоишҳои байналмилалӣ, санаҳои бузурги таърихию фарҳангӣ бахшида ба фарзандони фарзонаи миллати тоҷик доир гардида, бо ин роҳ суннат ва анъанаҳои миллиро аз нав эҳё намуда, ёдгориҳои таърихию фарҳангиро барқарор ва таҷдид намудем. Дар баробари ин тарғиби фарҳанги пурғановати миллӣ дар киншварҳои хориҷиро васеъ ба роҳ монда, тавассути баргузории чорабиниҳои байналмилалӣ, рӯзҳои фарҳангӣ ва сафарҳои ҳунарӣ мақом ва манзалати фарҳанги миллиро баланд бардоштем [10, с. 267].

Бо фарорасии вазъи муътадили сиёсӣ шинохти арзишҳои умумимиллии таърихиву фарҳангӣ, худогоҳиву худшиносӣ, ватандӯстию ватанпарварӣ, ифтихори

